АТО ҲАМДАМ

# Ф И Ғ О Н

Ҳикояҳо
Қиссаҳо
Драмаҳо

Душанбе
«Адиб» – 2003

ББК 84 тоҷик 7
А – 87

ИН КИТОБ БО ДАСТГИРИИ ПРЕЗИДЕНТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МӮҲТАРАМ
ЭМОМАЛӢ ШАРИФОВИЧ РАҲМОНОВ
БА ТАБЪ РАСИДААСТ.

Муҳаррир
Ю.Аҳмадзода

Мусаввир
С. Пирумшоев

Ато Ҳамдам. Фиғон (Ҳикояҳо, қиссаҳо, драмаҳо).
Наширёти «Адиб», 2003, 400 саҳ.

Ато Ҳамдам адиби маъруф ва сермаҳсул аст. Беш аз бист маҷмӯаи ӯ, аз қабили қиссаву ҳикояҳо, новеллаҳо, хосса, асарҳои саҳнавӣ дар солҳои гуногун ба табъ расидаанд. Инак, боз як китоби нависандаи пуркор бо номи «Фиғон» ба хонандагони гиронқадр тақдим мешавад, ки навсанда ба жанрҳои дӯстдоштаи худ содиқ монда, аз мавзӯоти мухталифи рӯзгори муосирони мо гоҳе ба дард ва гоҳе бо фахру умед ҳикоя мекунад.

4702502010
А ———————— – 2003
М 503 – 2003

© Ато Ҳамдам, 2003

ҲОЛНОМАИ АДИБ

Узви иттифоқи нависандагони СССР (с.1979), узви иттиҳоди рӯзноманигорони СССР (с.1970), узви иттиҳоди арбобони театрии Тоҷикистон (с.1997), нависанда, тарҷумон ва драматурги шинохтаи тоҷик Ато Ҳамдам 13 июни соли 1948 (аниқаш 5 декабри сол 1949) дар деҳаи Тошбулоқи ноҳияи Ҳисор ба дунё омада, пас аз хатми мактаби 8-сола, омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии фарҳангро дар ноҳияи Ленин, факултаи филологияи ДДТ (с.1973), мактаби олии сиёсии шаҳри Тошкентро (с.1977) бомуваффақият хатм намудааст. Дар рӯзномаи ноҳияи Ленин «Ҳақиқат» (1966-1970), рӯзномаи ҷумҳуриявии «Тоҷикистони Советӣ» (1970-1975), дар идораи радио ва телевизиони тоҷик (с.1988-1990) дар вазифаҳои гуногун кор кардааст.

Номи ӯ кайҳост, ки дар қаламрави Тоҷикистон ва берун аз он маълум аст. Вай муаллифи бист маҷмӯаи очерку қисса, ҳикояву новелла ва даҳҳо асарҳои саҳнавӣ мебошад. Асарҳояш таҳти унвони «Заркор», «Меҳр» (бо ҳамроҳии И. Насриддин – 1973), «Хандаи бахт» (1974), «Маънии умр» (1977), «Давоми роҳ» (1978), «Ду ҳафта дар БАМ» (бо ҳамроҳии Ҳ.Файзиев, 1979), «Дастони тиллоӣ» (1982), «Соҳибони замин» (1983), «Баландӣ» (1984), «Роҳ дилҳо» (1985), «Ба истиқболи субҳ» (1987), «Подвиг» (1989), «Пеш аз борон» (1992), «Цветок прощания» (бо ҳамроҳии Қ.Файз, 1997), «Хезед, суд меояд!» (1997), «Дар қалби мо, дар ёди мо» (с.1999), «Панди рӯзгор» (2000), «Мегӯянд, ки Файзалӣ...» (2001), «Зиндагиномаи Чжан Тсян ё худ Шоҳроҳи Абрешим» (бо ҳамроҳии Л.Чигрин, 2001, бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва хитоӣ) «Второй муж» (2002), «Покорение Согдианы», «Убийство в Майна-Сити» (бо ҳамроҳии Л.Чигрин бо забони русӣ, с.2003, «Нақше ба ёдгор» (с.2003) нашр шудаанд. Алҳол чор маҷмӯаи нави асарҳояш омодаи чопанд. Асарҳои алоҳидаи Ато Ҳамдам дар чил маҷмӯаҳои дастҷамъӣ ба табъ расидаанд. Асарҳояш ба бисёр забонҳо тарҷумаву нашр шудаанд ва ба ин восита дар аксари ҷамоҳири собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, Эрон, Покистон, Чехословакиё, Лаҳистон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо ному осораш хуб ошноянд.

Ато Ҳамдам тайи зиёда аз сӣ соли охир дар сабки душвори

адабиёт – драматургия заҳмат мекашад ва дар ин ҷода ба комёбиҳои назаррас ноил шудааст. Аввалин асари драмавиашро ӯ дар синни понздаҳсолагӣ, ҳангоми дар курси дуввуми омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии фарҳанг таҳсил карданаш навишта буд.

Нахустасари калонҳаҷмаш «Писари Ватан» соли 1981 дар саҳнаи театри мазҳакаи шаҳри Қӯрғонтеппа бомуваффақият рӯи саҳна омад. Намоишномаи «Ибтидо» бошад, соли 1982 аз тарафи коллективи ҳунарии театри давлатии академии драмаи ба номи устод Лоҳутӣ манзури тамошобинон гардид. Театр мавсими 55-умини худро бо ҳамин намоишнома оғоз намуд. «Ибтидо» аввалин асари калонҳаҷми саҳнаи тоҷик дар мавзӯи синфи коргар буд ва аз ҷониби тамошобинон ва мунаққидон хуш пазируфта шуд. Дар бораи намоишнома матбуоти Тоҷикистон, ҳамчунин рӯзномаҳои марказӣ – «Правда», «Советская культура» тақризу гузоришҳои ҷолиб ба табъ расониданд.

Баъдан асарҳои калонҳаҷми Ато Ҳамдам «Пеш аз борон», «Бори кач», «Хезед, суд меояд!» «Сафармахсум», «Барзуи шуғнонӣ», «Сафармахсум дар Қаратоғ», «Барзу ва Рустам», «Саргузаштҳои нави Сафармахсум», «Як танга тилло» тавассути театрҳои касбии Тоҷикистон ба саҳна гузошта шудаанд.

Мазҳакаи халқии «Сафармахсум» дар озмуни ҷумҳуриявии «Парасту-93» ба гирифтани «Гран-при» ва дар озмуни байналмилалии «Наврӯз-93» дар пойтахти Туркманистон – шаҳри Ашқобод ба дарёфти ҷоизаи аввал сазовор гардид. Офарандагони ин намоишнома дар ду фестивал соҳиби ҳашт мукофот гардиданд. 5 нафар офарандагони намоишнома бо фармони Президент ба гирифтани унвонҳои олии ифтихории мамлакат сазовор гаштанд. Соли 1994 театри академии драмаи ба номи Муллонепеси шаҳри Ашқобод ин асарро бо забони туркманӣ таҳия намуда пазироии гарму самимии мухлисонашро сазовор шуд.

Намоишномаи бисёрпардагии «Кори Рашид...» дар озмуни Умумииттифоқӣ (соли 1988) ба гирифтани дипломи махсуси Вазорати фарҳанги СССР, иттифоқи нависандагони СССР ва КМ ВЛКСМ сазовор гардид.

Ато Ҳамдам ҳамчун тарҷумон ҳам дар доираҳои адабӣ маълум аст. Вай асарҳои адибони машҳури дунё Азиз Несин, Тавфиқ – ал-Ҳаким, Георгий Марков, Василий Сапаев, Сотимҷон Санбаев, Бобониёз Қаюмов, Самуил Алёшин, Ги де Мопассан,

Темур Пӯлодов, Мақсуд Қориев ва амсоли инҳоро ба забони тоҷикӣ гардонидааст. Комёбиҳои ӯ дар тарҷумаи асарҳои саҳнавӣ назаррасанд. Қаҳрамонони асарҳои драмавии Александр Вампилов «Латифаҳои деҳот», Борис Равенских ва Михаил Анчаров «Суруди зиндагӣ», Ҷон Голсуорси «Виҷдон», Феликс Тошмуҳаммадов «Найи сеҳрнок», Геннадий Соловский «Афғонписар», Рамзи Озчелик «Бодоми дандоншикан» (бо ҳамроҳии Саиди Сиддиқ) дар саҳнаҳои театрҳои тоҷик маҳз бо тавассути қалами Ато Ҳамдам ба забони тоҷикӣ ҳарф заданд. Ин намоишномаҳо бо муваффақият рӯи саҳна омаданд. Масалан, «Латифаҳои деҳот»-ро тамошобинони тоҷик бештар аз ҳазор маротиба тамошо кардаанд.

Ато Ҳамдам инчунин муаллифи бештар аз 40 намоишномаи якпардагӣ, 100 миниатюра ва интермедия аст, ки солҳои гуногун саҳнаҳои театрҳои мардумии шаҳру навоҳии ҷумҳуриро зиннат доданд, аз тариқи симо нишон ва ба воситаи садо шунавонда шуданд. Аз ҷумла, «Самар» ва «Қурбонии охирин» дар озмунҳои Умумиттифоқӣ ҷоизаҳо ба даст оварданд ва ба бисёр забонҳо тарҷума шудаанд.

Соли 1998 нашриёти «Шарқи озод» китоберо бо номи «Атои худо, Ҳамдами мардум» аз чоп баровард, ки он ба 50-солагии зодрӯз ва 30-солагии фаъолияти эҷодии ӯ бахшида шудааст.

Ато Ҳамдам аввалин нависандаи тоҷик, нахустин қосиди фарҳанги тоҷик аст, ки барои хизматҳои хоксоронааш дар роҳи густариши муносибатҳои фарҳангӣ байни Тоҷикистону Покистон моҳи октябри соли 1994 ба гирифтани мукофоти олии адабии Покистон мушарраф гардид. Ин мукофотро дар ҷаласаи бошукӯҳ ба ӯ Президенти ин кишвар ҷаноби Фаррух Аҳмадхон Лоғарӣ супурд. Моҳи сентябри соли 1999 бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дарёфти Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор гардид.

Ато Ҳамдам дар кори роҳбарӣ низ масъулияту истеъдоди шоистае аз худ нишон додааст. Дар таърихи рӯзноманигории тоҷик солҳои 1977-1988, яъне солҳои роҳбарии ӯ ба рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон») солҳои эҳёи нуфуз ва эътибори рӯзномаи ҷавонони тоҷик шинохта хоҳад шуд. Дар ин солҳо бинобар ба кори рӯзнома ҷалб карда шудани як зумра қаламкашони чирадаст ва пурҳунар савияи касбии ин

рӯзнома ва зимнан мақому мартабаи сухани рӯзноманигор баланд баромад ва мактаби эҷодии собиқ кормандони рӯзнома, устодон Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Мутеъулло Наҷмиддинов ва дигарон аз нав зинда гардид. Воқеан дар байни сармуҳаррирони рӯзномаи ҷавонон Ато Ҳамдам аз ҳама беш кор карда, нақши неке боқӣ гузоштааст. Дар давраи роҳбарии ӯ тиражи газета аз 80 ҳазор ба 180-190 ҳазор нусха расид.

Ато Ҳамдам ҳангоми сармуҳаррири Иттиҳодияи эҷодию бадеии телевизиони Тоҷикистон буданаш соли 1990 депутати халқии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид ва солҳои 1990-1992 ба ҳайси муовини раиси Кумитаи Шӯрои Олии мамлакат оид ба масоили фарҳангӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ ифои вазифа намуд ва моҳи феврали соли 1992 Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва узви Ҳукумати мамлакат тайин гардид.

Дар давраи Вазири фарҳанг будани Ато Ҳамдам, ки ба солҳои барои ватан басо вазнин рост омад (феврали соли 1992-декабри соли 1994) маданияту ҳунари Тоҷикистон сарфи назар аз авзои буғранҷи ҷомае бештар тавсиа ёфт, бо бисёр мамлакатҳои дунё робитаҳои фарҳангӣ барқарор гардиданд, шартномаҳо ба имзо расиданд, барои равнақи минбаъдаи фарҳанги тоҷик тадбирҳои муҳим анҷом дода шуданд. Маҳз ба тавассути кордонӣ ва азму талоши ӯ мардумони бисёр мамлакатҳои дунё аз қабили Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Покистон, Эрон, Афғонистон, Туркия аз фарҳангу ҳунари бою ғании мо аз наздик ошно шуданд.

Ато Ҳамдам муддати ҳашт сол аст, ки дар идораи Президенти мамлакат ба ҳайси мушовири калон ифои вазифа ва пайваста эҷод мекунад.

*Декабри соли 2002*

## ҲИКОЯҲО

## ЁДИ ДИЛ

Резаборон меборид...

Қатраҳои шаффоф болои роҳ афтида чун алмоспораҳо медурахшиданд. Олимҷон – сардори идораи бинокорӣ – ҷавонмарди мӯи сараш барвақт сафедшуда, дар нишастгоҳи пеши мошин нишаста, бо хаёлҳои дарҳам – барҳами худ банд буд. Ронанда – марди миёнаумри мӯи сараш мошубиринҷ, ботанутӯш, кушодачеҳра чашм аз роҳ намеканд. Гоҳ-гоҳ, вақте, ки пастию баландӣ ва гардишгоҳҳо пеш меомаду суръати мошин сусттар мешуд, вай ноайён ҷониби сардор менигарист, мазмун донистан мехост, ки мабодо ба тори андешаҳои вай нохун зада бошад. Вале Олимҷон бепарво буд. Гӯё фармон ба ихтиёри ӯ бошад, чашм аз роҳ намеканд, нигоҳаш ҳамоно дар дуриҳои роҳ буд. Умед – писарбачаи панҷ-шашсолаи ҷингиламӯ бо бозичаҳои худ, ки падар аз мағозаи сар роҳ харида буд, андармон. Бозичаҳо нишастгоҳи ақибро банд карда буданд. Умед падар ва амаки шофирашро ба тамом фаромӯш карда, бозичаҳои хешро «насиҳат» медод.

– Қишлоқи Саричашма, – ба лавҳаи сари роҳ нигариста, оҳиста, то ба сардор халал нарасонад, зери лаб пичиррос зад ронанда. – Панҷ километр.

– А? – ба баданаш барқ расидагӣ барин якбора ба худ омада суол кард Олимҷон. – Чӣ гуфтед?

– Саричашма мегӯям, панҷ километр будааст. Номи зебо, – такрор кард ронанда.

– Истед! – Якбора бонг зад Олимҷон.

Мошин истод. Ронанда бо таҳайюр ба рӯи Олимҷон зеҳн монд. Авзои вай беҷо, лабонаш пир-пир мепариданд.

– Ба шумо чӣ шуд, раис?!

– Мошинро гардонед!

– Ба куҷо?

– Ба Саричашма меравем.

– Ба Саричашма?

– Ҳа, ҳа, ба Саричашма.

Ронанда ба соаташ нигариста бо эҳтиёт гуфт:

– Ба маҷлис дер мемонед.

– Ҳеҷ гап не. Ягон баҳона мекунем. Мошин вайрон шуд,

мегӯем.

– Хайр, ихтиёратон. Чизе, ки фаромед...

Ронанда газро баланд карда, сари мошинро ақиб гардонд. Тахмин панҷсад метр роҳ рафта, баъд ба тарафи чап тоб хӯрд. Асфалтроҳ ақиб монд, роҳи сангфарши дағар-буғур пеш омад. Ларзон-ларзон пеш рафтани мошин ба Умед нафорид, ки рӯй турш карда пурсид:

– Дадаҷон, куҷо меравем?

– Ба қишлоқи мо, писарам.

– Қишлоқи мо дар шаҳр-ку, дада.

– Дуруст мегӯӣ, шаҳр қишлоқи ту таваллуд шудагӣ, лекин мо ба қишлоқи ман таваллуд шудагӣ меравем.

– Ба хонаи кӣ, дада?

– Ин ҷо як каси наздик дорам, писарам. Надида равем, хафа мешавад, сахт хафа мешавад – Олимҷон суханҳои охирро аз умқи дил, сӯхта-сӯхта бадар кард.

Умед дигар савол надод. Дар кабина хомӯшии тӯлоние ба вуқӯъ пайваст. Дар дили ронанда чунин суханҳо радду бадал мешуданд: «Чаро раис якбора ин хел кард? Аз маҷлисҳо ҳеҷ вақт дер намемонд-ку. Дар куҷое, ки бошад, сари вақт ҳозир мешуд... Шунида будам, ки дар ҳамин қишлоқ зоида шудааст. Баъд, даҳ-дувоздаҳ сол пеш аз ин, ким-чӣ кор шудаасту сарашро гирифта баромада рафтааст ва дигар наомадааст. Дили одам, ки хунук шуд, душвор... Инак, имрӯз... Намедонам, офтоб аз кадом тараф баромад. Аз чеҳраи раис на хурсандиша мефаҳмаму на хафагиша. Наздикаш кӣ бошад? Ба шунидам дар қишлоқ ягон хеш надорад... Боз кӣ медонад?...»

– Дадо, дадо! Нигоҳ кунед! Чӣ хел гули бисёр! Чӣ хел бисёр! – Умед, бозичаҳояшро фаромӯш карда, ҷониби дашт, ки бо лолаҳои арғувонӣ оро ёфта буд, нигариста, фарёд зад.

– Рост, писарам, лолаи бисёр, хеле бисёр! Ғулом – ака, мошинро доред, – Олимҷон аввалин бор номи ронандаро ба забон гирифт.

Падару писар аз мошин фаромада, ҷониби лолазорон рафтанд ва ҳамоно худро ба дами оташи лолазор андохтанд.

– Надав, писарам, монда мешавӣ, дур нарав, – гуфт падар, ҳарисона ба лолаҳо нигариста ва хаёлолуд ба лолачинии фарзандаш нигариста, зери лаб пиичиррос зад, – Умед, Умед ман! Чӣ ка-

дар ту лолаҳоро дӯст медорӣ. Вай ҳам дӯст медошт...

Баъди чанде онҳо бо ду даста гули лола аз дашт берун шуданд. Олимҷон ба теппаи баланде, ки дар канори қишлоқ воқеъ гардида буд, дуру дароз нигариста, оҳи сард кашид.

– Акнун ба болои ҳамон теппа меравем, – гуфт вай ба Умед.

– Ҳӯ, ба ҳамон баландӣ? – пурсид Умед.

– Бале, ба ҳамон баландӣ.

– Чӣ хел нағз. Он ҷо ҳам гулҳо бисёранд, дада?

– Не, писарам. Он ҷо гул нест. Он ҷо мазори ошиқони гулҳост.

Умед, маънии ин суханҳои падарро нафаҳмид, китф дарҳам кашид.

– Ба қишлоқ намедароем, дада?

– Не, писарам.

– О, он ҷо ким-кии наздикам ҳаст гуфтед-ку?

– Каси наздики ман дар ҳамон баландист, писарам. Ин дастаи гул барои ӯ. Вай ин гулҳоро бисёр дӯст медошт.

– Ман ҳам гулҳоямро ба вай диҳам, майлаш, дада?

– Майлаш, писарам, майлаш...

– Оҳҳо, як қиёмат гул чидед-ку, раис, – ҳайрон шуд ронанда. – Аз афташ, рӯзи таваллуди шиноси наздикатон. Акнун фаҳмидам. Набошад, кори муҳима монда, ин ҷо намеомадед.

– Дуруст гуфтед, Ғулом-ака. Имрӯз – зодрӯзи дӯсти ҷавонмарги ман, вай ҳамин рӯз сисола мешавад.

– А? – даҳон во кард ронанда, аз гапи гуфтагиаш пушаймон шуда.

Олимҷон хомӯшона ба мошин нишаст.

– Раис, мебахшед, ман. Ман... – ронанда намедонист барои аз хиҷолат баровардани худ дигар чӣ гуяд.

– Хиҷолат накашед, Ғулом-ака. Шумо аз куҷо медонед? Ҳар зоғеро доғе гуфтаанд. Ҳай кунед. Ман ба шумо ҳамаашро нақл мекунам.

Мошин дар роҳи пасту баланд нолида-нолида пеш мерафт. Олимҷон, дастаки дарро дошта, ба теппаи махуф нигариста ва ба хаёл рафт. Ронанда чашм аз роҳ намеканд, вале аён буд, ки нақли Олимҷонро интизор аст...

– Ман дар хамин деҳа таваллуд шудаам, – оҳиста ба сухан оғоз намуд Олимҷон. Чунон ки мегӯянд, бачаи бе паю қадам ома-

дам, волидонам дар садамаи нақлиёт ҳалок мешаванду ман бо «розигии Худои таъоло» зинда мондам. Нақл мекунанд, ки мани дар парпечбастаро аз буни санге ёфтаанд. Аввал хостаанд ба сағирхона супоранд, чунки дар деҳа каси наздик надоштам. Падару модарам дар хонаи бачаҳо калон шуда, баъди хатми донишгоҳ ба ин деҳа роҳхат гирифта будаанд.

Дар поёни деҳа чолу кампири бефарзанде умр ба сар мебурданд. Ҳамонҳо маро ба тарбия мегиранд. Кампирро бо меҳр «оча» мегуфтаму пирамардро бо шавқ «ота». Солиёни зиёд намедонистам, ки волидайни ман нестанд онҳо. Инро вақте фаҳмидам, ки пирамард дар дами марг буд. Як бегоҳ, маро наздаш хонда, баъди андешаи тӯлонӣ ҳамаашро гуфт.

– Агар аз ҷонам рамақе монда бошаду сари по шавам, албатта, писарам, хокҷои он шаҳидонро нишонат медиҳам...» ваъда дод дар охир.

Вале ӯ ба ваъда вафо накард – марги бемурувват халал расонд. Гумон доштам, ки пиразан – модархондам ин нияти амалинагаштаи пирамардро ба ҷо меорад. Вале вай дасткӯтоҳ буд – дар куҷо хок шудани волидайни маро намедонист ва бо алам гуфт, ки дар ҷойҳои онҳо ба сари кабр рафтани занон расм набудааст.

Ман аз ин малӯл нашудам, чунки бовар доштам, ёфт мешавад касе, ки қабри падару модари нокоми маро донад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Бо мадади мӯйсафедони деҳа манзили он шаҳидонро, ки кайҳо фурӯ рафта ба хок яксон шуда буданд, пайдо кардам ва зуд ба ифоқа овардам. Мадфанашон зиёратгоҳи доимии ман буд акнун.

Дар мактаб аълохон будам ман. Умеда ном ҳамсинфе доштам, ки дар ҳамсоягии мо умр ба сар мебурд. Ману ӯ бисёр вақт якҷоя дарс тайёр мекардем. Ин ҳамдамиҳои мо дар аввалӣ муқаррарӣ, бе ягон ният буд. Ҳини дар синфи даҳ таҳсил кардан пай бурдам, ки нигоҳи Умеда ба рафтору гуфтори ман бефарқ нест. Ман низ ба ӯ дил баста будам ва лаҳзае аз ӯ ҷудо шудан намехостам. Агар бо амри тасодуф рӯзе ӯро набинам, худро бетамом аз даст медодам, чизи аз ҳама гуворои зиндагиро гум кардагӣ барин мешудам. Мо ҳамдигарро дӯст доштем. Қарор додем, ки баъди хатми мактаб ҳамроҳ ба мактаби олӣ меравем – ман ба доншкадаи политехникӣ, вай – ба омӯзгорӣ.

Вале... соли аввал бахтамон омад накард. Ҳарду ҳам аз

имтиҳони сеюм ғалтидем. Ман ба сафи армия даъват шудам. Умеда гуфт, ки вай имсол албатта дохил мешавад.

– Беҳтараш, маро нигарон шав, оям, ҳамроҳ дохил мешавем, – гуфтам ба ӯ.

– Чаро? Агар имсол наравам, маро ба шавҳар хоҳанд дод. Худат дида истодаӣ-ку, раис ааллакай чанд бор ба хонаамон одам монд, – гуфт ӯ маҳзунона.

– Аз даҳонат шамол барад, – гуфтам бо табассум ва афзудам: – Майлаш, ҷони ширин, орзу дорам, ки дохил шавӣ...

– Хавотир нашав, туро интизор мешавам. – Ин суханҳои Умеда умеди калони дилам шуданд.

Дар ибтидои хизмат аз Умеда ду-се нома гирифтам. Номаҳои аз муҳаббат саршор. Вале чӣ шуду дар нимсолаи дуюм номанависӣ қатъ гардид. Ба номаи аввал... дуюм... сеюм... посух нагирифтам.

Тобистон рухсатӣ омада... ӯро пайдо накардам. Чанд бор ноаён ба ҳавлиашон дуздида нигоҳ кардам, бо умед он ки ... шояд... шояд лаҳзае ӯро бубинам. Вале Умедаро не, занҳои кабутпӯшро дидаму дилам таҳ кашид. Кӣ мурда бошад? Падараш? Не, ӯро дина аз дур дидам.

Тоқатам тоқ шуду аз модарандарам пурсон шудам. Вай, ба суолам посух надода, аз таги курпаҳои рӯи сандуқ вараҷи чорқатшудаеро берун кашида ба дастам қапонд.

– Инро кӣ дод? – намедонам, барои чӣ, ки бо ҳарос пурсон шудам.

– Умеда.

– Худаш куҷост? Чаро наменамояд?

– Вай... – модарам ба сукут рафта ва ниҳоят ба баландии деҳа шора карда афзуд. – Вай дар он ҷо.

– Нафаҳмидам.

– Хон, номаашро хон, мефаҳмӣ.

Худро базӯр ба даст гирифта, варақро бо дастони ларзон во кардам. «Олимҷони азиз! – менавишт Умеда. – Муҳаббати аввалину охиринам. Алвидоъ! Чӣ хуш, ки дар ин лаҳзаҳои талхи умр ту дар ин ҷо нестӣ. Набину насӯз. Мехоҳам дар дилу дар ёди ту, чуноне ки будам, бимонам. Маро ба бадӣ ёд накун. Бубахш, ки номуси хешро ҳифз карда натавонистам, оҷиз будам. Барои ҳамин маргро авлотар донистам. Азизам, бош умре дар амонӣ,

манат рафтам, ту ҷовидон бимонӣ.

Умедаи ноумеди ту.»

Ин сатрҳоро хондаму дунё лаҳзае пеш назарам торикистон шуд. Мехостам бо тамоми овоз фиғон кашам, вале... Худоё, ин чӣ бераҳмист, ки ба фарзанди инсон раво дидӣ? Чаро мани сағира, бекасу кӯйро бадбахт гардондӣ? Чаро ин қадар сангдилу бераҳмӣ? Рӯи падару модарамро сер надида... Ба сад орзую ҳавас дӯст дошта... Аз ҳамаи неъматҳои зиндагӣ бенасибам гардондӣ. Бигӯ, поён дорад ин ҳама ҷабру ҷафои ту? Бигӯ, эй фалак қаҷрафтор? Чӣ кор кунам?...

Аз байн чанд рӯз сипарӣ гашт. Ман қариб ҳар рӯзи худо дар сари қабри Умеда будам. Тасодуфро бинед, ӯро низ паҳлӯи волидайни ман ба хок супурдаанд. Бисёр лаҳзаҳо бидуни ихтиёр сар ба болои турбати ӯ гузошта ӯро садо мекардам. Вале ... ба худ омада мушти маломат ба сар мезадам. Аз ин фарёди ҷонкоҳ чӣ суд. Дигар ӯ ҳеҷ гоҳ садо намедиҳад, намеояд, ҷониби ман табассуми ширин намекунад...

Рӯзе аз модарандарам пурсон шудам.

– Кӣ ӯро ба ин ҳол овард?

– Писари раис, – кӯтоҳ посух дод вай.

– Баро чӣ?

– Мегӯянд, ки вай умуман ба Умеда нияти хонадор шудан надоштааст. Мехостааст бар қасди ту, ятимча, ӯро... беномус кунад. Барои ҳамин гирди хонаи онҳо парвона будааст. Чун мефаҳмад, ки Умеда сайди ромшаванда нест, зӯрӣ ба кор мебарад. Шабона ӯро баста мебараду нисфи шаби дигар оварда ба назди хонаашон партофта меравад. Баъди ин Умеда...

Пиразан хомӯш монд.

– Разилон! – дандонҳоям ғичиррос заданд.

– Духтар банангу номус, ки буд, маргро авлотар донист – модарандарам гапашро бо ҳамин суханҳо хулоса кард.

– Ӯро ҷазо надоданд? – пурсидам боз.

– Ҳҳ. Ҷазо куҷо, писарам? Шоҳид надорад гуфта... Писари раис-да, бачем...

Ман дигар чизе напурсидам. Ба хаёл рафтам. Дар дилам андешае пайдо шуд, ки он парвандаи сарнашударо ман худам кушоям ва то ба охир расонам, ба хотири рӯҳи поки дилбарам. ...Вале чӣ афсӯс, ки то анҷоми рухсатиам рӯзҳо башумор монда

буд. «Хайр, – гуфтам дар дил ба рухи Умеда мурочиат карда, – қасоси туро мегирам, Умедаи ман, Умедаи нокоми ман... Ман ин корро накарда наметавонам».

Хизмат тамом шавам – нашавам хабар расид, ки модарандари меҳрубонам тарки дунё кард. Зарбаи нави зиндагӣ бар сарам омад. Охирин умедам, соҳиби сарам, даргоҳи умедам аз дорулфано ба дорулбақо рахти сафар баст.

То ҳисобӣ карда ба диёр баргаштам, ки кампирро ҳаққу ҳамсояҳо ба хок супурданд. Ҳафту чилу соли модарандарамро додам.

Вақте донишҷӯи донишкадаи политехникӣ шудам, ҳамсояи тарафи чапамон пеш аз ҳама ба табрикам омад. Ин сабаб дошт. Вай кайҳо ҳавлии моро аз худ кардан мехост. Медонист, ки ман дар ин деҳа дигар дилкашолие надорам, чаро ки ҳама азизони хешро ба хок супурда будам. Имрӯз ё фардо деҳаро аҷаб не, батамом тарк намоям. Ӯ баъди табрик худ хонаро нарх монд. Ҳоло ёд надорам. Лекин ман ҳавлиро бо нархи арзон ба ҳамсоя додам. Як қисми пулро ба падари Умеда дода, хоҳиш кардам, ки дар рӯзи иду маросимҳо фотиҳа гирифта арвоҳи гузаштагонро шод кунанд.

– Наход тамоман биравӣ? – бо ҳайронӣ пурсид амаки Назар.

– Ман боз меоям. Албатта, хабаргирӣ меоям. Наомада наметавонам. Ман бояд қасоси ӯро гирам – инро гуфтаму худам ҳам намедонистам, ки чӣ сон қасос мегирам, дар куҷо, ба чӣ ранг?

– Худатро ба дами бало наандоз, бачам. Кори шудагӣ шуд. Дигар Умеда барнамегардад. Худо худаш зӯру тавоност, албатта ба нобакор ягон рӯз не, ягон рӯз ҷазо медиҳад. Ту аз рӯзи худат намон, накунӣ, ки бо вай ноинсофҳо сар ба сар шавӣ. Аз дасти онҳо ҳама кор меоянд... Лекин ба деҳа биё. Ҳарчи ки набошад, хуни нофи ту дар ин ҷо рехтааст...

Ана, ҳамин тавр деҳаро, зодгоҳамро тарк гуфтам. Инак, аз байн даҳ сол гузашт. Бисёр вақт хумори деҳа мегирифт. Кимкадом қуввае маро ба ҷониби деҳа мехонд. Вале боз, ким-кадом қуввае садди роҳ мешуд: «Ба куҷо меравӣ? Дар он ҷо чиро гум кардӣ? Дар он ҷо туро кӣ интизор аст? Падару модари ту кайҳо хок шуданд. Ба он ҷо равӣ, кӣ дарашро ба рӯ ту боз мекунад? Ҳеҷ кас. Чаро ки ту ба онҳо бегонаӣ. Ҳа, бегонаӣ...»

Ин қувваи ғайр ҳамеша ба ман ғолиб меомад.

... – Дигар ба ин тарафҳо наомадам, гӯед, – ниҳоят риштаи суханро ба даст гирифт ронанда.

– Не, не, чаро? Ман омадам, як бор не, ду бор не, чанд бор. Лекин ба қишлоқ надаромада мерафтам. Оромгоҳи азизонамро зиёрат мекардаму ақиб мегаштам. Лекин чор соли охир омада натавонистам.

– Писари раис чӣ шуд? – боз пурсид ронанда.

– Ҳа, ҳа, қариб ӯро фаромӯш кунам. Ман... қасоси Умедаро гирифта натавонистам. Аниқаш... ба ин эҳтиёҷ намонд. Баъди се моҳи марги Умеда ваю ҷӯраҳояш бо мошинашон ба дарёи Зарафшон рафтанд. Мурдаи се нафарашро баъди як моҳ ёфтанд, лекин мурдаи писари раисро наёфтанд. Ҳамин тавр ... вай худаш ба худаш ҷазо дод.

Мошин ба баландӣ, ба майдончаи тахту ҳамвор баромад.

– Ҳамин ҷо истед, – амр кард Олимҷон.

Мошин истод.

Олимҷон дастаи гули лоларо гирифта, аз мошин берун баромад.

– Ман ҳам меравам, – гулдаста дар даст хитоб кард Умедҷон, ки ба ҳикояти падар чандон сарфаҳм нарафта гаранг шуда буд.

Онҳо секаса болотар баромаданд ва баъди фосилае вориди қабристон шуда, аз байни қабрҳои наву кӯҳна роҳ гирифта, ба охири теппа расиданд. Олимҷон истода гуфт:

– Ана, расидем. Мана, дар ин ҷо падару модари ман мадфунанд. Ана, дар паҳлӯи онҳо – Умеда, ҳӯ, ана, он тарафтар падарандару модарандарам.

Олимҷон гулдастаро кушода лолаҳоро болои қабри Умеда пош дод.

Рафтори падар Умедаро ҳайрон сохт.

– Ба дигар қабрҳо чӣ? – пурсид ӯ.

Олимҷон хомӯш монд.

– Соҳиби ин манзил лоларо бисёр дӯст медошт.

– Ман ҳам пош диҳам, майлаш, дада?

– Майлаш, писарам.

Умед ҳамчунин кард.

Ҳар се болои сабзаҳои навруста биншастанд. Ронанда чорзону зад. Олимҷон Умедро амонат ба бағалаш гирифт.

– Аузубиллоҳи минашайтони раҷим... – ронанда оятеро аз

Қуръони маҷид қироат карда, даст ба омин бардошт.

Ҳар се даст ба рӯй кашиданд ва лаҳзае хомӯш нишаста, пас бархостанд.

Олимҷон боз лаҳзае ба қабри азизони хеш нигарист. Дилаш бухс кард, хориаш омад. Ва ногоҳ аз умқи дилаш ин нидо берун шуд: «Кӣ гуфт, ки ин диёр, ин замин ба вай бегона аст? На, ин фикри ботил аст. Охир, беҳтарин, ширинтарин ва бебаҳотарин одамони ӯ дар ин ҷо мадфунанд. Не, вай хато мекунад. Вай вазифадор аст, ҳақ дорад, ки соле ақаллан як бор, ин ҷо ояд, натанҳо ба ин ҷо, ба водии хомӯшон ояд. Вазифадор аст, ба поён фарояд, ба назди зиндагон равад, макони хуни нофаш рехтаро зиёрат кунад. Охир, касе ӯро аз деҳа наронда буд ва ҳоло ҳам касе дар ин ҷо фаромӯшаш накардааст. Бисёр аст ӯро мешинохтагиҳо».

Олимҷон рӯй ба деҳа гардонд ва ғайричашмдошт нидо кард:

– Рафтем!

– Ба куҷо? – аз ин амри ногаҳонӣ ба шигифт монд ронанда.

– Ба деҳа.

– Дуруст мекунед, раис. Охир, роҳатон ба дунё аз ин деҳа сар шудааст. Чӣ хел инро фаромӯш кардан мумкин?

– Дуруст мегӯед, Ғулом-ака. Меравем. Аввал – ба масҷид, сипас – ба ҳавлии мо...

Онҳо аз қабристон берун шуданд.

Мошин рӯнишеб шуд.

Борон меборид...

Борони майда...

Ноябри соли 1989.

## ҲАЙКАЛИ ХОТИРА

Агар бе ишқ будӣ ҷони одам,
Кӣ будӣ зинда дар даврони олам?

*Низомии Ганҷавӣ.*

Дар толори васеву мунаққаши доншигоҳ шаби назм ба вуқӯъ пайваст. Меҳмонон – донишҷӯёни донишкадаи омӯзгорӣ чанд

қатори пешро банд карда буданд. Шоири ҷавон Маннон Муродӣ ҳам ба мушоира таклиф шуда буд. Вай, ҳушу ёдаш ба минбар, шеърхонии ҳамқаламонашро бо тамоми ҳастӣ гӯш мекард...

Ана, ҷавондухтари чашму абрӯсиёҳи бодомқавоқ ба минбар баромад. Аз рӯи гуфти садри мушоира, ӯ Бунафша Ибодова ном дошта, донишомӯзи соли сеюм будааст. Бунафша, то ки ҳаяҷонашро фурӯ нишонад, хомӯшона сомеъонро лаҳзае аз назар гузаронд. Аз нигоҳи маъсум ва чашмони намнокаш аён буд, ки ӯро дар дил дардест ниҳон. Вале дар он лаҳзаҳо инро ба ҷуз худи вай касе пайхас намекард. Бунафша тадриҷан худро ба даст гирифт. Сар боло кард. Дид, ки ҷуфт-ҷуфт чашмҳо ба ӯ, ба ҷониби минбар дӯхта шудаанд. Вай гулӯ афшонда, коғази дар кафаш бударо кушод. Шеърро бо як эҳсоси баланд, самимӣ ва дилошӯб қироат кард. Дар аввал овозаш меларзид. Вале ин лаҳза дер давом накард. Овози фораму ширадори ӯ ҳозиронро бегумон шефтаи худ гардонида буд.

Маннон, то ба ҷояш нишастани Бунафша, нигоҳашро аз ӯ канда натавонист. Шеъри Бунафша, ҳусни расояш ӯро батамом сеҳр карда буд. Шеър сӯгворие буд дар бораи ҷавони ошиқ, ки ба висоли маъшуқа нарасида, баҳори умраш хазон гардидааст.

«Тақдири қаҳрамонаш ба тақдири бародари ман монанд, – аввалин чизе, ки ба хотири Маннон омад, ҳамин буд. – Кӣ бошад каҳрамонаш?»

Ба минбар шоири дигар баромад. Ба гӯшҳои Маннон дигар чизе намедаромад. Аз пеши назараш хотири мағшуш ва чеҳраи ошуфтаи Бунафша дур намешуд.

Чанд бор пайт ҷуста, ба Бунафша, ки андешамандона чор қатор пештар, паҳлӯи дугонааш менишаст, нигарист. Умед дошт, ки духтарак ба ақиб менигарад ва ӯ чеҳраашро беҳтар хоҳад дид. Вале Бунафша банди андешаҳои худ буд...

– Чӣ гуна духтаре буд? – аз хиёбони серсоя оҳиста-оҳиста қадам ниҳода ба худ мепурсид Маннон.

«Соҳибҷамол, шеъраш ҳам пурсӯз. Ба як шунидан дар дили кас ҷо мегирад. Лекин чаро маҳзун аст? Аҷиб! Шеъраш ҳам мисоли қиёфааш ҳузнангез. Чӣ бояд кард, ки аз асрори дили ӯ воқиф шавам? Магар ин саҳл аст? Магар вай хоҳиши шунидани суханони каси бегонаро дошта бошад?»

Маннон дар қайди ҳамин фикрҳои беохир як вақт ҳис кард,

ки аз назди хобгоҳ гузашта рафтааст.

Бегоҳи рӯзи якшанбе. Боғи истироҳати шаҳр чун ҳарвақта серодам. Бунафша, ба хараки таги мачнунбед нишаста, ашъори Лоиқро мутолиа мекард. Шамолаки шух ба кокулони чилбофтаи шабрангаш, ки сари китфонаш ҳамоил буданд, бозӣ дошт. Яктанимта баргҳои зардшудаи маҷнунбед дар панҷаи бед печутоб хӯрда, ба сари китфу рӯи варақҳои китоб меафтиданд.

Бунафша чунон ба мутолиа саргарм буд, ки болои сараш пайдо шудании касеро ҳис накард.

– Бунафшахон! Агар малоли хотиратон наояд... – сухан дар даҳони гӯянда дармонд.

Бунафша баробари шунидании ин овоз, гӯё ба баданаш барқ расида бошад, ларзида, сар бардошт. Онсӯтар Маннон, ки аз ғояти ҳаяҷон чеҳрааш суп-сурх метофт, рост меистод. Духтар он-чунон ба ҳайрат афтод, ки худро гум кард ва лабони нозукаш пир-пир париданд. Ӯ аранге овоз баровардa «Не! Не!» – гӯён фиғон бардошт. Китоб аз дасташ афтод.

Маннон аз ҳолати ногувори духтар ба ташвиш афтод.

– Бунафшахон, ба шумо чӣ шуд? Духтур ҷеғ занам?

– Не, лозим не...

Бунафша чӣ тавр худро аз даст надиҳад? Охир, дар рӯ ба рӯи вай Малики нокоме, ки аз баҳори бисту сеюми умр гул набӯида, риштаи ҳаёташ гусаста шуд, рост меистод. Бунафша ин қаду қомати расо, ин чеҳраи шукуфон ва ин овози шеворо ду сол боз надида ва нашунида буд. Наход?...

Наход ӯ фиреб хӯрда бошад...

Маннон дар бари духтарак амонат нишаст.

– Ба шумо халал расондам? Ман аз шумо як чиз пурсидан мехостам. Бубахшед, шумо маро ба ягон кас монанд кардед? – бо хавоси парешон пурсид ӯ.

Духтар ҷавоб надод. Лаҳзае чанд нигоҳи ҳайратомезашро ба Маннон дӯхт ва баъд хастаҳолона овоз баровард:

– Шумо бародараш мешавед?

– Бародари кӣ? – пурсид Маннон мутаҳайирона.

– Бародари Малик, – чашмони духтар лиққи об шуданд.

– Ҳа, ҳа. Ман бародараш. Наход?.. – Маннон дигар чизе гуфта натавонист. Ба чашмони мешиаш об давид, сухан дар гулӯяш

дармонд.

Хомӯшии гароне ба вуқӯъ пайваст.

Баъд духтар бо кафи дастонаш рӯяшро пӯшонда ҳиқ-ҳиқ гирист.

– Мебахшед, дили шуморо озор додам. Агар ман инро медонистам, ҳаргиз...

– Не, ин тавр нагӯед, – бо овози гиряолуд базӯр садо кард Бунафша.

– Гиря накунед, Бунафшахон – дилбардорӣ кард Маннон. – Қисматаш ҳамин будааст. Раҳматӣ ҷони худро ба ҷони шаш нафар гарав монд. – Маннон ин суханҳоро бо овози ларзон, вале бо як ҳисси ифтихор мегуфт. – Бунафшахон! Боз як бори дигар узр. Шуморо дигар озор намедиҳам, – гуфт ӯ ва аз ҷой базӯр бархоста рафт.

Вохӯрӣ бо Маннон ҳушу ёди Бунафшаро ба рӯзҳои гузашта, ба воқеае бурд, ки ду сол муқаддам ба вуқӯъ омада буд.

* * *

Малик як курс аз Бунафша боло мехонд. Шиносоии нахустин, нигоҳҳои аввалин оҳиста-оҳиста рангу тобиши нав гирифта, ҷои худро ба муҳаббати ҳақиқӣ супурданд.

Таҳсил дар дорулфунун ба мисли оби ҷӯй, бебозгашт гузашта мерафт. Дарахти муҳаббати онон то рафт чуқуртар реша медавонд. Рӯзе расиду Малик донишгоҳро бо дипломи аъло хатм карда, барои кор ба яке аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон роҳхат гирифт. Ин тақозои дилаш буд. Дилдодаҳо ҳангоми хайрбод аҳду паймон бастанд, ки баробари мактабро ба итмом расонидан Бунафша ба кор, ба назди Малик меояд ва тӯй барпо хоҳанд кард.

Аз рӯзҳои аввали кор сар карда Малик мекӯшид, ки дониши андӯхтаашро ба шогирдон бидиҳад, онҳоро аз ҳар ҷиҳат пухта тарбия кунад. Дере нагузашта заҳматҳояш бор оварданд. Хонандагони синфи ҳафтум, ки ӯ роҳбарашон буд, нимсолаи аввалро хеле хуб ҷамъбаст намуданд.

Ин барои муаллими ҷавон бахти калон буд. Вай дар бораи худ, дар бораи дастовардҳои нахустинаш пайваста ба Бунафша менавист. Менавишт, ки ба деҳаи кӯҳистон омада, хато накарда-

аст. Боду ҳавояш, одамонаш барои ӯ аллакай азизу гиромӣ гашта-анд...

Яке аз рӯзҳои баҳорон буд. Шабона Малик худ аз худ таб баровард. Барои он ки соҳибхонаро ба ташвиш наандозад, як-ду навъи дору истеъмол карда, ба кӯрпача печида хобид. То саҳар хобаш набурд. Ҷойгаҳ аз арақ шип-шилта гашта буд. Тамоми узвҳои баданаш зириқ-зириқ месӯхт. Мадори аз ҷой хестан надошт. «Наход, ки имрӯз ба дарс рафта натавонам?, – зери лаб пичиррос зад ӯ ва дар дилаш таҳлука ҷо гирифт. – Бачаҳо интизор мешаванд. Ягон муаллим дарс гузарад, нағз – куя. Ба ҳар ҳол, огоҳ кардан лозим».

Малик нимхез шуд. Аз тиреза ба берун нигарист. Қатра-қатра борон мерехт. «Борони баҳорон...» – гуфт хаёлан. Дид, ки писарбачаи соҳибхона сумка дар даст аз дарвоза баромаданист, аввал садо баровард, тирезаро тақ-тақ кард.

– Маҳмудҷон! ... Ба директор гӯй, ки муаллим бетоб шудааст. Омада наметавонад, – таъин кард ӯ ва худро боз ба ҷойгаҳ партофт. Баъди фосилае ғанабаш бурд.

Як маҳал қиву чуви бачаҳои соҳибхона ӯро ба худ овард. «Чӣ гап, Маҳмуд?» – гӯён аз ҷояш давида хест.

– Маълим, маълим, – бо талвоса ба хона дохил шуд писарбача.

– Дар байни дарё, талабаҳои шумо... Сел омад, сел омад...

Малик, дардашро фаромӯш карда, чолокона аз ҷой бархост, борониашро ба сари китф партофту тозон аз хона баромад. Аз паси одамоне, ки гурӯҳ-гурӯҳ сӯи дара медавиданд, дартоз шуд. Борон шиддат мегирифт, сару рӯйро лесида мегузашт.

Соҳили дарё, ки аз тангнои он ба деҳаи ҳамсоя роҳ мегузашт, пур аз одам буд. Онҳо поёнро нишон дода, байни худ ким-чиҳо мегуфтанд. Малик ҳам ба поён нигарист. Нигаристу ҳангу-манг шуд. Дар миёни селоб, дар болои теппачаи алафпӯш шаш нафар шогирди ӯ тарсону ларзон ба ҳам ҷафс шуда рост меистоданд. Лойоба чор тарафи теппачаро «хӯрда» торафт хурдтар мекард. Аз гузаргоҳ ному нишон намонда буд. Аҷоиботаш дар он ки ҳеҷ кас ҷуръати поён фаромадану аз варта наҷот додани талабаҳоро намекард. Малик аввал ба мардуми ҷамъшуда бо ким-чӣ хел ҳиссиёти барои худаш номафҳум нигариста, сипас худро ба поён партофт. Одамон карахт шуданд. Танҳо, «Муаллим, ба ҷонатон

раҳм кунед»... гуфтани марде ба гӯши Малик расид.

Муборизаи одаму об сар шуд. Малик аввал таги об шуда, баъд ба тезӣ болои об баромад. Қулоч кашида – қулоч кашида ба теппа наздик омад. Рост шуд, об ба маҳанаш мерасид. «Малика, дастатро деҳ! – хитоб кард ӯ. Духтараки хуодҷӯсса ҷонсарак ба тарафи Малик даст дароз кард. Вай, дар як даст Малика, ба дасти дигараш шино карда, ба соҳил наздик омад. Ин дам чор-панҷ нафаре, ки аз ҷасорати муаллим қувват гирифта шерак шуда буданд, поёнтар фаромаданд. Маликаро дасти ба даст боло бароварданд. Малик боз худро ба об андохт.

Ҳамин тавр, панҷ маротиба миёни дарё рафта омад. Инак, бори охирин... Ба пайкараш гармӣ давид «Хайрият, хайрият шуд...» – аз дил гузаронд ӯ хушҳолона. Лекин... Лекин ин дафъа, мардум ҳама баръало диданд, ки теппача ду ним шуда, ана-мана нагуфта Маликро пахш мекунад. Малик ба соҳил наздик шуд.

– Дастатонро диҳед, муаллим, – гуфт марде, ки лаби соҳил меистод.

– Аввал бачаро гиред, – гуфт вай писарбачаи охиринро, ки ба ҳолу вазъе расида буд тарафи пеш тела дода.

Пойҳои писарбача аз об канда шуда буд, ки теппа дукафон шуд ва ҷуссаи Маликро пахш кард.

Оби дамшуда даррандавор ба вай ҳамла овард. Сараш чарх зад. Ин дам пеши назараш Бунафша падид омад, ки гӯё ба тарафи ӯ дасти мадад дароз мекунад. «Бунафша, Бунафшаҷон!» – ин нидо аз қаъри дили ӯ баланд гашт. Дастони бемадораш аз соҳили умед канда шуданд. Мардум ғирев бардошт. Андаке нагузашта диданд, ки Малик гоҳ боло баромадаю гоҳ ғарқ шуда бо шасти сел поён меравад...

Аз он воқеаи мудҳиш ду сол гузашт. Дар ин байн захмҳои дили Бунафша, Бунафшаи дилшикаста андаке ҳам бошад, шифо ёфта буданд. Вале имрӯз баробари дидани Маннон ба қалби садпорааш оташ афтод. «Ӯ куҷо рафт? Чаро гап назада рафт? – аз худ пурсид ӯ. – Аҷабо, одамон ин қадар ба ҳам монанд мешудаанд? Наход, ки дигар ӯро набинам?»

Не, дид. Рӯзи дигар дид. Дар назди бинои дорулфунун дидаш, ки чизеро меҷӯстагӣ барин ба чор тараф менигарад. Чун чашмаш ба Бунафша афтод, аввал тозон, сонӣ чун ҳис кард, ки

баъзеҳо ӯро назора мекунанд, оҳиста ба вай наздик шуд.

– Салом Бунафшахон! Саломатиатон чӣ хел? Бори дигар аз шумо узр пурсиданӣ будам.

– Бад не, ташаккур. Чӣ ҷои узрпурсӣ?...

Маннон шармгинона сар хам кард. Дар воқеъ, вай дурӯғ мегуфт. Вай барои узрхоҳӣ Бунафшаро ҷустуҷӯ намекард.

Охир, ба гуфтан забонаш намегардад. Бунафша ҳамон шаби аввал ӯро шефта ва сеҳр карда буд. Ана, баъд чӣ будани гапу ҳодисаро фаҳмиду дилаш ба якборагӣ фишурда шуд. Ҳар боре, ки дар бораи Бунафша фикр мекард, симои Малик пеши назараш падидор мегашт. Дилаш боз озурда, хотираш парешон мешуд. Он лаҳзаҳо вай мехост, ки ягон каси бегонаро ҳамроҳи Бунафша набинад... Агар бинад, барои вай фоҷиаи калон аст. «Девор афтад, дарун афтад» – мегӯянд. Чаро гузорам, ки ӯ бо одами дигар ҳамхона шавад? Ҳаргиз! Ман ба ин роҳ намедиҳам. Вай бояд азони ман шавад. Лекин инро чӣ тавр ба ӯ фаҳмонам? Агар гӯям, чӣ ҷавоб медода бошад? Лаънат мехонад? Не. Хайр, ҳарчӣ бодо бод».

– Медонед – чӣ, Бунафшахон, – гапашро дона-дона кард Маннон, – имшаб нахобида фикр карда баромадам. Ба хулосае омадам, ки шумо... Не, наметавонам. Агар хоҳед, ба воситаи мактуб ҳамаашро менависам. Чӣ гуфтед?

– Ихтиёратон. Барои ман фарқе надорад...

– Ин тавр бошад, пагоҳ соат панҷ шуморо дар боғи шаҳр, дар ҳамон ҷои пештара интизор мешавам. Ваъда медиҳед?

– Хуб.

– Ташаккур. Хайр, то пагоҳ.

Маннон рафт. Бунафша аз кафо ба ӯ дуру дароз нигарист. Боз Малик ба хотираш расид. Дилаш ба дард омада, чашмони бодомиаш лиқи об гирифтанд.

... Бунафша мактуби Маннонро хонда, то дер фикр кард. Ба ӯ чӣ ҷавоб диҳад? Вай хоҳиш кардааст, ки ҷавобашро тезтар гардонад, ҳарчӣ ки дар дилаш аст, беибо баён созад. Ҳатто агар барои вай гарон бошад ҳам, тоқат мекунад, хафа намешавад.

Бунафша ночор қалам ба даст гирифт ва бо дасти ларзон ин сатрҳоро болои коғаз сабт кард: «Бародари азиз Маннонҷон! (бубахшед, ки ман номаамро ҳамин тавр оғоз кардам). Ҳайронам, гапро аз куҷо сар кунам? Ман шуморо бародар хондаам (хоҳед-

нахоҳед). Шумо навиштед, ки маро дӯст медоред, бе ман зиндагӣ бароятон ҳаром аст. Барои кушоду равшан гуфтан ташаккур. Бале, ман ҳам шуморо дӯст медорам, ҳамчун бародарам дӯст медорам...

Маннон! Медонед – чӣ, ман барои бародари қаҳрамон, барои бародари ҳамхуни шумо ҳайкал гузоштам, ҳайкали хотира, хотираи фаромӯшношуданӣ. Ман ин ҳайкалро болои санги мазори ӯ нагузоштам. Ин ҳайкал дар дилам, дар тамоми вуҷудам аст.

Бубахшед, дигар гапи мегуфтанӣ надорам...»

«Хотира, хотира, – зери лаб пичиррос мезад Маннон. – Мани аблаҳ. Чӣ носипосие кардам. Вай бародари ман, ҷигари маро гуфта ба худ қавл додааст, ки як умр номи ӯро дар лавҳи дилаш нигоҳ дорад. Барояш ҳайкал месозад, ҳайкали хотира, ҳайкал зинда. Ман бошам... Не, не, меравам, узр мехоҳам, сари таъзим мефарорам.»

Маннон бо қатъяти том аз хобгоҳ берун шуд...

Соли 1986.

## СУЛГУН

Алишер соати ҳашту ним ба кор омад. Ба дарбон салом доду шитобон ошёнаи дуюм баромад. Вале ҳанӯз дари утоқро во накарда буд, ки аз поён овози пиразани дарбон ба гӯш расид:

– Писарам, ба номи шумо дута тилигром.

– Ба номи ман?

– Ҳа, ҳа, ба номи шумо. Навакак хаткашон оварда ба ман дода рафт.

– Тинҷӣ бошад? – дар тааҷҷуб монд Алишер ва ақиб гашт.

– Ба фикрам ким-кӣ бо ту шӯхӣ кардааст, писарам. Хайр, боз худат медонӣ. Ман сарфаҳм нарафтам. – Пиразан инро гуфта чойҷӯшро ба даст гирифт. – Якта чой монам. Чой менӯшед?

Алишер посух надода хабарномаҳо дар даст осемасар ба коргоҳаш ворид шуд. Борониашро аз тан накашида росто-рост матни хабарномаҳоро зер лаб ҳиҷҷа кард. Хабарномаи нахуст: «Азизам, Алишер! Рӯзи 23 моҳи ноябр бо рейси 2845 аз Ашқобод

ба Душанбе мепарам. Агар тавонӣ, истиқбол гир. Саломат».

Хабарномаи дуввум: «Мӯҳтарам Алишер! Рӯзи 23 моҳи ноябр бо рейси 2845 аз Ашқобод ба Душанбе мепарам. Бо эҳтиром Сулгун».

«Сулгун!» Ин ном барқвор ба майнаи Алишер зад. «Кадом Сулгун? Аз куҷо? Дар тоҷикӣ чунин ном нест... Пас ӯ кист? Аз кадом миллат аст?»

Ӯ борониашро кашида ба мех овехт ва паси миз гузашт. Сар миёни дастон гирифту ба андеша рафт. «Шояд пиразани дарбон ҳақ аст. Ягон шинос аз Ашқобод омадани занамро фаҳмида, шӯхӣ карда бошад? Намефаҳмам...»

Ин дам дар кушода ва ҳамкору ҳамутоқи Алишер – Далер ворид шуд. Далер пай бурд, ки авзои Алишер беҷост, сабаб пурсид:

– Ба ними дасти чап хестӣ мегӯям.

– Ма, беҳтараш шинос шав. – Алишер хабарномаҳоро пештари Далер тела дод.

Далер сар-сарӣ сатрҳоро хонда табассум гирди лабонаш ҳалқа зад.

– Чӣ механдӣ? – пурсид Алишер ҷигот андохта.

– Набошад гиря кунам буд?

– Сохта набошад?

– Чӣ хел сохта?

– Яъне дидаю дониста ягон кас...

– Ман ҳам дар ҳамин андешаам.

– Росташро гӯй, дар Ашқобод ягон шинос надорӣ? – гӯё чизеро кашф карда бошад Далер рост ба чашмони Алишер нигарист.

– Дорам. Лекин бо ин ном не. Бахусус аз ҷинси латиф.

– Исто, исто... чанд сол пеш ту ба ман дар бораи як ҷавонзани туркман бисёр бо ҳарорат гап зада будӣ. Ёд дорӣ?

– Не, ёд надорам.

– Дурӯғ мегӯӣ. Нақли ту бо ҳама майда-чӯйдаҳояш дар хотири ман аст.

– Хотири ту зӯр бошад, чӣ кор кунам?

– Ман бе шӯхӣ гуфта истодаам. Ту сафаратро бо Чехославакия ба хотир дорӣ?

– Ҳа. Лекин, охир, ин кайҳо буд.

– Бале кайҳо буд.

– Хайр, чӣ шудааст? Он сафар ба ин хабарнома чӣ муносси-бате дорад?

– Шояд муносибате надошта бошад. Лекин ёд дорам, ту сар-гузашти ҷавонзанеро бисёр бо ҳарорат қисса карда будӣ. Гӯй, ҳамин тавр буд ё не?

Алишер ба андеша рафт. Ҳа, ба хотираш омад. Вай ҷавонзанеро, афсӯс, номаш дар хотир намондаст, нағз дар хотир дорад. Ба Далер гуфта буд, ки агар фурсат даст диҳад, дар ҳаққи ӯ ҳикояте рӯи коғаз меорад.

– Бале, ҳамн тавр буд, – ниҳоят яхи хомӯширо шикаста посух дод Алишер. – Дар гурӯҳе, ки ман сарвараш будам, ҷавонписарону духтарон аз ҷумҳурии Туркманистон бисёр бу-данд.

– Масъала равшан. Муаллифи хабарнома ҳамон зан...

– Ту ҳамин хел гумон мекунӣ?

– Набошад чӣ хел гумон кунам?

– Пас чӣ рақам ваю Саломат ба як мазмун телеграмма дода-анд?

– Дар зиндагӣ тасодуфҳои бисёр мешавад, ҷӯраи ҷон. Гумон мекунам, ки онҳо аз мазмуни телеграммаҳои ҳамдигар хабар на-доранд. Ман гуфтаму ту шунав.

– Хайр, инаш фаҳмо. Лекин ба ман гӯй ки чӣ кор кунам?

– Фикр кардан лозим...

– Вақти фикр карда нишастан нест. Ҳар дақиқа ғанимат.

– Набошад, гӯш кун. Маслиҳат ҳамин. Ҳамроҳ ба фурудгоҳ меравем.

– Хайр, ана рафтем. Пас...

– Исто, ки ту ӯро мешиносӣ?

– Намедонам. Шояд шиносам. Шояд не. Охир аз байн як сол не, ду сол не, расо ҳашт сол гузашт.

– Ин тавр бошад, гӯш кун. Агар шиносӣ, аз дур ба ман ишора кун. Ба он тарафаш корат набошад. Зуд ба назди янга раву ӯро гирифта чақонакак гурез. Фаҳмо?

– Фаҳмо. – Чеҳраи Алишер қадре кушода шуд.

– Зиёфат мешавад?

– Мешавад.

Дӯстон дар ҳамин ҷо сӯҳбатро файсал карда худро ба кор ан-дармон сохтанд. Вале кори Алишер пеш намерафт. Номае, ки ба-

рои таҳрир пешаш монда буд, гӯё ӯро мегазид. Қалам пеш намерафт. Вай худро чунон вонамуд месохт, ки гӯё хабар таҳрир мекарда бошад, вале хотираш парешон, як гӯшаи дилаш тира, ҳарчанд дилаш аз Далер пур буд.

«Сулгун. Вай паричеҳра ҳамин хел ном дошт. Чаро нишонии ӯро гум кард? Чаро ӯ зуд фаромӯш шуд? Сулгун, Сулгун... Ҳа, ба хотираш омад. Ин ном калимаи туркманӣ буда маънояш парии обист. Бале, бале, худи худаш. Вай ҳини шиносоӣ номашро гуфта ҳамин тавр маънидод карда буд. Сулгун нишонии ӯро аз куҷо пайдо карда бошад? Ба назараш вай ҳини хайрухуш ба ӯ нишонӣ надода буд. Занҳо бало ҳастанд. Агар хоҳанд, кӣ будану ба чӣ кор машғул буданатро аз ту беҳтар дониста мегиранд. Вай ба Душанбе меояд. Барои чӣ? Ба кадом зарурате? Шояд ба пажуҳишгоҳи биологӣ? Вай гуфта буд, ки унвони номзадӣ дорад ва дар пажуҳишгоҳи биологии Академияи Улуми Турманистон дифои вазифа менамояд. Сафари ӯ шояд корӣ бошад ё аҷаб не, ҳамту... Кӣ медонад. Майлаш, омадан гирад. Душанбе пешкаш. Фақат коре карда Саломат аз ин хабардор нашавад. Феъли завҷаашро хуб медонад. Вай харчанд зани оқилу меҳрубон, поквиҷдон аст, лекин баҳудаю беҳуда рашк мекунад. Агар раваду дар кӯча зане ба Алишер салом диҳад, ҳамон замон авзои Саломат беҷо, осмони рухсорашро абрҳои тира фаро мегиранд. То дар бораи он зан маълумотҳои заруриро нагирад, Алишерро ором намемонад. Ҳамин хел зан дорад вай. Хавотириаш ҳам аз ҳамин хотир, ки мабодо дар фурудгоҳи ҳавоӣ қиссаи Сулгун фош шавад. Он вақт мешавад хонаи замбур вайрон. Нағз кард, ки Далерро дар ҳалли ин муаммо ба худ ёвар гирифт. Вай корчаллон аст, илоҷи корро меёбад.

Мурғи хаёли Алишер оҳиста-оҳиста ба парвоз омада ӯро ба сафари роҳи дур бурд. Вай ба хотир овард, ки ҳашт сол муқаддам бо роҳхати кумитаи марказии комсомол як гурӯҳи калонеро сарварӣ карда, бо поезди «Дӯстӣ» ба мамлакати дӯсту ҳамсоя – Чехославакия азми сафар намуд. Мусофирон дар пойтахти Украина ба ҳам омаданд ва дар хамин ҷо Алишер фаҳмид, ки гурӯҳи ҷавонони туркманиро ҳам ба гурӯҳи онҳо ҳамроҳ карда, ӯро сарвар таъин намуданд. Гурӯҳи онҳо дар як вагон ҷой гирифтанд.

Поезд нисфи шаб ба роҳ баромад. Бо амри тасодуф Алишер ба купэе, ки дар он чор духтари туркман мезистанд, ҳамсоя шуд.

Вай дар роҳрави вагон бор аввал бо Сулгун рӯ ба ру омад. Аниқаш вай эътибор надода гузашта рафтанӣ буд, ки Сулгун гӯё нафаҳмида пои ӯро зер кард.

– Узр мехоҳам, – даст пеши бар гирифт Сулгун ва нигоҳи маънидоре ҷониби Алишер ҳадя намуд. Вале ин ҳадяро Алишер чандон хуш напазируфт. Хомӯш ба купэи шафат гузашт.

– Ҳой, ман ба шумо гуфта истодаам, – аз қафо бонг зад Сулгун, – Бори дигар узр!

– Дод назанед, мешунавам, – гуфт Алишер.

– Аҷоиб мардаке, ин хелашро акнун мебинам, – худ ба худ ғурунгос зада Сулгун ҳам ба купэи худ ворид шуд. – Не, ман инро ҳамин тавр намемонам. – Дар дил қатъӣ қарор дод вай ва ба духтарон ба маънии «Сар кардем» – ишорае кард.

Баъди чанде суруди туркманӣ дар ҳавои вагон танинандоз гардид. Сулгун интизор буд, ки ҳоло не, андактар шояд сардори гурӯҳ омада онҳоро ба хомӯшӣ ҳидоят намояд. Лекин фурсат мегузашту аз Алишер дараке набуд. Дилаш бухс кард. Суруд ба поён расид. «Боз чӣ кор кунем, ки вай берун барояд? Ёфтам». Инро гуфта мушт ба девори купэ куфт. Аз он тараф ҳам ба ҳамин сурат ҷавоб омад. Сулгун сахттар кӯфт, ҷавоб ҳам ҳамин тур буд.

Сулгун ба ин қаноат накард. Берун баромад. «Чӣ бояд кард? Чӣ кор кунам, ки ба ӯ ақаллан як даҳан гап бигӯям?» Вай ба ҳамин андеша бидуни ихтиёр даст ба дари купэ бурда тақ-тақ зад.

– Марҳамат, дароед, – шунида шуд аз дарун овози шинос.

Сулгун надаромад. Фурсате рост истода боз ангушт ба дар бурд. Ин дафъа бе посух дари купэ бошаст кушода шуд ва Алишер оҳиста сар бароварда пурсид:

– Хӯшш, хизмат?

– Ман гуфтанӣ, ки шеф, арӯс барин панаҳ нашавед.

– Кӣ гуфт, ки ман панаҳ шудаам?

– Ман.

– Шумо ҳоло маро хуб намешиносед ва аз ин рӯ ҳақ надоред таҳқир кунед.

– Ман шуморо чӣ гуфта таҳқир кардам?

– Бигӯед, аз ман чӣ мехоҳед?

– Аз шумо? – Сулгун табассум кард. – Ҳеҷ чиз.

– Пас монед, ба роҳам гардам.

– Ягон кас пеш роҳи шуморо нагирифтааст.

– Боз ягон суол доред?

– Ҳа.

– Гӯшам ба шумо.

– Бароед, ба шумо гап дорам. Ё ба дарун таклиф мекунед?

– Ба дарун? Не!

– Меҳмон доред? Метарсед?

– Не. Метавонед тафтиш кунед. Низом! – сар ба ақиб гардонда шарикашро садо кард Алишер. – Худатро нишон деҳ. Тафтишгарон омаданд.

Ҷавони қаддарози лоғарандоме сар аз купэ баровард.

– Мана ман, ако. Ба кӣ лозим?

– Ана, ба ин хонум.

– Гӯшам ба шумо. Метавонед, тафтиш кунед. Дар бағал ягон чиз надорем.

– Шумо ба ҷоятон гузашта шинед, додарам. Ман ба шумо гап надорам, – ҷигот андохта гуфт Сулгун.

– Ман ҳам аз шумо таманно дорам, ки роҳати мардумро халалдор накунед, – инро гуфта Низом шараққӣ дарро пӯшид. Алишер берун монд.

– Хушш..., маслиҳатамон чӣ шуд шеф? – боз пурсид Сулгун гӯё чизе нашуда бошад.

– Кадом маслиҳат? – худро ба гулӣ андохт Алишер.

– Гуфтам-ку, ба шумо гап дорам.

– Гапатон ниҳоят зарур?

– На он қадар.

– Ин тавр бошад, сабр кунед, ба манзиил расем. Баъд ба ягон маслиҳат меоем. Ҳоло беҳтараш рафта хоб кунед.

– Як саволи дигар. Бигӯед, шумо бо ҳама занҳо ҳамин тавр муносибат мекунед?

– На, на ба ҳама. Хирасарҳоро, бубахшед, барои густохӣ, чашми дидан надорам.

– Ва гумон мекунед, ки ман ба он қабилҳо дохилам.

– Ман ин тавр нагуфтам.

– Шумо ин тавр нагуфтед, лекин ман бояд ҳамин хел хулоса барорам. Ҳамин тавр гуфтанӣ ҳастед шумо?

– Намедонам.

– Ба шумо, шеф, як маслиҳат медиҳам. Муносибатро ба зан дигар кунед, бигзор вай хирасар бошад. Ин ба шаъни мардӣ наме-

зебад.

– Ташаккур барои маслиҳат, қабул.

– Намеарзад. Ман ҳоли ҳозир ба рӯи шумо нигоҳ карда аз дилатон чӣ мегузарад, хонда истодаам. Шумо гуфта истодаед: «Худоё, гардам аз одамот. Бо чӣ маҳлуқе сар ба сар кардӣ. Ин хел занро дар умрам бори аввал мебинам». Ҳамин тавр не?

– Намедонам.

– Росташро гӯед.

...

– Чаро хомӯш мондед?

– Ман ҳам фикр мекунам, ки ин лаҳзаҳо аз дили шумо айнан чунин суханҳо гузашта истодаанд.

– Бале, хато накардед. Ман ҳамин хел фикр мекунам. Лекин аз як чиз ҳайронам. Шумо чаро ба худ суол намедиҳед: аз чӣ ин зан ин қадар шилқин? Чаро ин тур аст? Чаро ба дигар занҳо монанд нест? Чаро пардаи шарму ҳаё аз рӯи вай парида? Аз шумо пурсиданӣ ҳастам, чаро ба ин суолҳо посухе намеҷӯед. Тасаввур мекунед, ки дар назди шумо зани тиҳимағзу сабукпое истодааст ва ба шумо ширеш барин часпида гирифтааст. Ҳамин тавр?

– Шумо ин суолҳоро чаро ба ман медиҳед? Каси дигар нест магар?

– Гапатон дуруст. Ман метавонистам, ки ин шилқиниро ба дигар ҷавонмард кунам. Лекин... лекин шумо дигаред. Ман гумон доштам, ки шумо маро мефаҳмед... Лекин... бубахшед. Хато кардам. Қавл медиҳам, мурам, ки дигар ба шумо сухане гӯям.

Сулгун даст афшонда аз ӯ дур шуд. Алишер надид, ки ӯ чӣ сон рафт. Фақат ҳаминашро дарк кард, ки ҷавонзан аз ӯ ранҷид. Аз як тараф дилаш хурсанд буд. Хурсанд буд, ки аз балои ногаҳонӣ ба осонӣ халос хӯрд. Вай дигар ӯро то поёни сафар ғам намедиҳад. Лекин аз дигар тараф як кунҷи дилаш сиёҳ шуд. Ба кадом асос ин зан ӯро ба номардӣ айбдор кард. Ин дашноми қабеҳе буд ба унвони вай, ҷавонмарде, ки то ба ҳол ба зану духтари бегона ба чашми харидорӣ, ба нигоҳи каҷ назаре накардааст. Болокории ин суолҳои қатор андар катори Сулгун ӯро чун торҳои анкабут ба худ печонда гирифита буданд. Ин суолҳо ба назари ӯ посух талаб мекарданд. Чӣ тавр?

Вале вай рафт. Бо қаҳру итоб рафт. Дар гумон аст, ки то поёни сафар вай ба рӯи Алишер нигоҳ кунад. «Нағз нашуд...» –

ҳамин буд хулосаи ниҳоии Алишер.

Вай аз вазиши шаббодаи хунук ба худ омада оҳи вазнине кашида ба купэ ворид шуд.

... Онҳо – Алишеру Сулгун дар яке аз гулгаштҳои шаҳраки Острава, бегоҳирӯзӣ, баъди хӯроки шом «оштӣ» карданд. Алишер аз меҳмонхона берун шуда баъди ду-се кӯчаро гузаштан ба гулгашти зебое баромад. Ногаҳон чашмаш ба Сулгун афтод. Вай танҳо. Болои хараки ба пуштхамида нишаста китоб мехонд. Ӯро дида Алишер миёни роҳ истод. Чӣ кор кунад? Худро нодида ангошта гузашта равад? Хайр, ана рафт. Пас чӣ мешавад? Ҳеч чиз. Хубаш он нест, ки бо ӯ оштӣ кунад. Охир, вай дар ин чанд рӯзи сафар ба хубӣ омӯхт, ки Сулгун зани ганда набудааст. Дигар гапи баланд намезанад. Ҳамеша хомӯш, аз дигарон гурехта мегардад. Ба маъракаҳо ками дар кам ҳамроҳ мешуд.

«Наход, ки ман то ҳамин дараҷа ба иззати нафси ӯ расида бошам?» – аз дил мегузаронд Алишер. «Не, ин нағз не. Илоҷе карда аз дилаш баровардан лозим. Охир онҳо дар ин ҷо муқимӣ нестанд-ку. Баъди чанд рӯз сафар ба охир мерасад. Ва онҳо ба ду гӯшаи ватан мераванд. Кӣ медонад, шояд дигар дида ба дидор нарасад. Наход Алишер бо рафтори бадаш дар дили Сулгун то охир ҳамин хел монад. Не, қомати ғурурро хам бояд кард. Ин ба мард намезебад. Ҳарчӣ набошад, ӯ зан аст. Мард аз зан узр пурсад, ягон ҷояш кам намешавад.

Бо ҳамин андешаҳо Алишер ба Сулгун наздик шуда аввал сохтакорона сулфае кард. Сулгун сари мӯе эътибор надод. Сулфаи Алишер такрор шуд.

– Устухон дармонд? – сар набардошта оҳиста сухан кард Сулгун. «Оҳ, як бар нол рафт. Маълум мешавад, ки чандон сахт наранҷида будааст. Ҳамшаҳриёнаш беҳуда нагуфта буданд, ки Сулгун табиатан ҳамин хел шӯху саркаш аст. Дар як лаҳза метавонад ба чанд тарз дигар шавад».

– Ба назарам, ҳамин хел, – бори дигар аз тахти дил сулфида посух дод Алишер.

– Ёрдам кунам, – бо ҳамон вазъ пурсон шуд Сулгун.

– Кошки. – Алишер шерак шуда паҳлӯи Сулгун нишаст.

– Оҳҳо. Ҳуҷум шерона-ку, – китобро пӯшида ба чеҳраи Алишер нигоҳкунон як табассуми ширин ҳадя намуд Сулгун.

– Як бори дигар таъна кунед, ҳуҷум филона мешавад, –

зарофатгӯӣ кард Алишер.

– Ман таъна накардам. Ман гапи ростро гуфтам.

– Бале, шумо рости гапро гуфтед. Ман инро дертар фаҳмидам. Барои ҳамин мехоҳам, ки маро бубахшед.

– Иродаатон суст будааст.

– Дуруст.

– Ман мардони сустиродаро нағз намебинам.

– Хуб мекунед. Ман ҳам мехоҳам, ки ягон зан маро дуст надорад.

– Не, шумо маро дуруст нафаҳмидед. Ман шуморо дар назар надорам. Дар байни мардони сустирода мардони хуб, пок, беозор, меҳрубон ҳам бисёранд. Лекин ман ҳамонҳоеашро дар назар дорам, ки иродаи сусташон боиси хонавайронӣ, нофаҳмӣ, качравӣ мешаванд. – Инро гуфта Сулгун муҳри хомӯшӣ ба лаб гузошт.

... Онҳо дуру дароз сӯҳбат карданд. Алишер фаҳмид, ки Сулгун дар умри кутоҳи худ рӯзгори талхеро аз сар гузарондаю аллакай се маротиба оила бунёд карда, се маротиба ҳам хонавайрон шудааст.

«Ман духтари яке аз сарварони хукумати ҷумҳурӣ будам, – ҳикоят намуд вай. – Бори аввал ҳини донишҷӯи донишгоҳ буданам ба шавҳар баромадам. Баъди чанде падарам, ки роҳбари ҷавону сахтгир буд, қурбони замони рукут шуд. Ӯро бо тӯҳмат аз кор гирифтанд. Ёд дорам, рӯзе ки ӯро дар бюрои ҳизб аз вазифа озод карданд, мо аҳли хонавода дар хона аз воқеа огоҳ шудем. Вай ба хона даромада бо ханда ҳамаи моро ба оғӯш гирифт. Мо бошем, мегиристем. Падарам ба рӯи мо дуру дароз нигоҳ карда гуфт: «Ҳой, ба шумоҳо чӣ шуд? Ман мурдаам магар? Канӣ, гиряро бас кунед. Сулгун, духтарам, дастархон кушо. Ҳоло мо ин ҳодисаеро мешӯем». Вай бисёр хушчақчақ буд. Коре карда ғубори дар осмони хонаи мо пайдошударо бартараф карданӣ мешуд. Ва ба ин ноил ҳам шуд. Мо ба зудӣ ҳамаашро фаромӯш кардем.

Вале муддате нагузашта чанде аз наздикони падарам аз мо рӯй мегардондагӣ шуданд. Аввалин шуда шавҳарам маро тарк намуд. Пеши роҳашро нагирифтам. Баъди ду сол оилаи нав бунёд кардам. Ҳамкорам буд вай. Ду сол зиндагӣ кардем. Фарзанд таваллуд накарданамро баҳона карда вай ҳам маро тарк кард. Дар интихоби шавҳари саввум худам хато кардам. Вай ба назарам

марди пок, ҳалиму хоксор менамуд. Вале аз хонадориамон як моҳ нагузашта найрангҳояш фош шуданд. Вай ба ман рӯирост хиёнат мекард. Як рӯз дар ҷойхобам ӯро бо зани бегонае лучу урён дарёфтам. Ин дафъа ман хонаи шавҳарро тарк кардам. Ва аз ҳамон дам қарор додам, ки то ба охир умрамро бе шавҳар мегузаронам.

Инак, соли сеюм аст, ки сари танҳо дорам. Зиндагиам хуб. Рисолаи номзадӣ дифо кардам. Аз ҳеҷ чиз камӣ надорам. Фақат гоҳ-гоҳе аз зиндагии талхам, аз бахти нагунгаштаам менолам. Лекин шукрона мекунам. Ман баринҳо дар дунёи дун кам нестанд. Чанд бор волидонам таклиф карданд, ки ғами зиндагиро хӯрам, то ба кай сари танҳо мегардам. Вале ман қатъиян рад кардам. Шавҳардорие, ки хамон хел бошад, аз сад маҳаллаш безорам гуфтам.

– Ман дуо мекунам, ки ин дафъа ба ягон марди баирода, шавҳари вафодор рӯ ба рӯ оед, – гуфт Алишер баъди шундани ҳикояти талхи Сулгун.

– Ташаккур барои орзуи наҷиб, – вай боз як хандаи ширине хадя намуда афзуд. – Дар ин бора дигар фикр намекунам. Дар ҷаҳон бе дӯст будан мушкил аст, – гуфтааст як шоири шумо. Ана, ҳамин мисраъ имрӯз шиори ман аст. Кӯшиш мекунам, ки дӯстонам бештар шаванд. Дигар аз зиндагӣ таманное надорам. Шодам, ки дар ин сафар боз як дӯсти дигар пайдо кардам.

– Наход? Ба ӯ бовар доред?

– Бовар дорам. Шумо дӯсти ҳақиқӣ ҳастед, Алишер, – бори аввал Сулгун ба ҷои калимаи «Шеф» номи асли ӯро ба забон овард.

– О, ин чӣ хел... Ман шуморо...

– Биёед, монед, Алишер. Ба гузашта салавот. Дарвоқеъ, ман аз шумо напурсидам. Зан доред?

– Бале, фарзанд ҳам дорам.

– Шумо хушбахтед, Алишер. Ба шумо ҳасад мебарам. Инро чап нафаҳмед. Ба занатон гӯед, ки ман ба ӯ ҳасад мебарам. Бо шумо барин мард зан албатта хушбахт мешавад.

Алишер хомӯш монд. Намедонист ба ин суханҳо чӣ посухе диҳад.

– Шаб бевақт шуд, Алишер. Маро гусел мекунед?

– Албатта!

Ҳарду бархостанд.

– Аз таги кашатон гирам, майлаш? – пурсид Сулгун.

– Марҳамат.

Сулгун ба Алишер ҷафс шуд. Нафаси гарму гуворо, бӯи атри хушбӯи фаронса ҷисму ҷони Алишерро месӯзонд. «Худоё. Худаш чӣ гап? Ин чӣ ҷабрест, ки ба фарзанди инсон раво мебинӣ? Занеро бо ин ҳусну ҷамол, таровату назокат бадбахт гардондаӣ. Охир вай метавонад як оилаи бутун бунёд кунад, мардеро хушбахт гардонад, бачаву кача карда оламро пур аз хандаи тифлакон гардонад», – аз хаёл мегузаронд Алишер.

– То ба кай танҳо мегардед? – ногаҳон яхи хомӯширо шикаста пурсид Алишер.

– Гуфтам-ку. То охири умр, – бо дили шикаста посух дод Сулгун.

– Танҳоӣ дарди зӯр аст, Сулгун.

– Мефаҳмам, Алишер. Лекин чӣ илоҷ?

– Барои чӣ ин тавр мегӯед?

– Барои ин ки давобахши ин дард нест.

– Ҷӯянда ёбанда аст.

– Дуруст мегӯед Алишер. Кас, ҷӯяд, меёбад. Ман ёфтам. Вале чӣ фоида?

– Барои чӣ ин тавр мегӯед? Ёфта бошед, аз даст магзоред.

– Вай дур аст, дастнорас аст.

– Илоҷаш нест, ки ...

– Бале, илоҷаш нест.

Онҳо боз хомӯш монданд. Ва хамин тавр то ба назди меҳмонхона омаданд. Сулгун оҳиста дасташро аз таги каши Алишер гирифт.

– Мехостам, ки ин даст боз соатҳои дароз аз ҷисми ман канда нашавад.

– Ин тавр нагӯед, дӯсти азиз! Ин оринҷ соҳиб дорад! – инро гуфта Сулгун ба Алишер даст дароз кард. – Хайр, хуш монед. Хобҳои нағз бинед.

– Ман хоб намеравам, – дасти Сулгунро сар надода гуфт Алишер.

– Барои чӣ?

– Шумо хоби маро дуздидед.

– Баргардонам?

– Кошкӣ.

– Наметавонам, қудрат надорам. Илоҷе карда хобатонро ёбед, – Сулгун хост дасташро оҳиста аз дасти Алишер кашида гирад. Вале ҳис кард, ки вуҷудаш месӯзад, худро бемадор ҳис кард. Дасташро бо азобе, бо дили кашол раҳо кард ... ва ба шитоб вориди меҳмонхона шуд.

Аз пас суханони Алишер «Сулгун, хоби маро дуздидед, хобамро баргардонед» ба гӯшаш дилнавоз расиданд...

Вақте ки Алишер дар сари фармони мошин ин лаҳзаҳоро ба ёд меовард, дар тори ҳаво, дар баландии даҳ ҳазор метр андаруни ҳавопаймо байни Саломат – завҷаи ӯ ва ҷавонзани туркман Сулгун сӯҳбати ширине мерафт. Вақте Саломат фаҳмид, ки Сулгун шавҳари ӯро мешиносад, аввал дасту по гум кард. Вале худро ба даст гирифт. Ба ҳикояти ӯ гӯш дод.

Ҳамаашро фаҳмид. Саломат ба хотир овард, ки Алишер баъди бозгашт чанд маротиба номи як ҷавонзани шӯхи туркманро ба хотир оварда буд. «Ман шуморо ҳамин хел шӯху зиндадил ва кушодачеҳра тасаввур мекардам» – гуфт ӯ ниҳоят ба Сулгун рӯ овард.

Онҳо баъд дар хусуси хабарномаҳо сухан карданд, хуб хандиданд ва ба чунин хулоса омаданд, ки Алишерро камтар бозӣ медоронанд.

Ҳавопаймо ниҳоят дар вақти муқарраршуда ба замин фуруд омад. Алишер дар як кунҷ истода чашм аз фурудомадагон намеканад. Ниҳоят Сулгун намудор шуд. Алишер ба Далер ишора кард, ки маънии «Ана, ҳамон аст»-ро дошт. Ниҳоят Саломат ҳам берун омад. Алишер ҷониби ӯ даст афшонд...

Саломат гулдастаеро аз дасти шавҳараш гирифта ӯро бусид. Алишер ҷомадонро бардошта саросема пеш даромад.

– Ин қадар саросема, дадош? – пурсид бо ноз Саломат.

– Туро ёд кардам, – филвар посух дод Алшер, то ки чашми Сулгун ба вай наафтад.

– Камтар сабр кун, ман ҳамроҳ дорам. Вай куҷо шуд? Ҳо, ана! Сулгун! – хитоб кард ӯ.

Алишер як қад парид, ранги рӯяш канд. «Худо зад, сир фош шуд» – филфавр аз дил гузаронд вай.

Сулгун назди онҳо омад. Боадабона ва бо ҳамон нозу адои дилбарӣ салом дод. Вале табассуми малеҳи лабонашро ҷамъ кар-

да натавонист.

– Шинос шав, дугонаи ман, – гуфт Саломат, – номаш Сулгун.

– Алишер, – даст дароз кард Алишер ва суп-сурх шуд.

Хомӯшии гароне ба вуқӯъ омад.

– Ҳа, чиба рост истодем? Канӣ, мардакҷон, ҷомадони Сулгунро бардоред.

– Ба куҷо? – базӯр пурсид Алшер.

– Ба куҷо мешуд? Албатта, ба хонаи мо-дия, дадаҷонакаш. Чӣ, шумо розӣ не?

– Чаро? Маро шарм надорон, Саломат. Марҳамат, нур дида тоҷи сар. – инро гуфта Алишер боз ҳам сурхтар шуд.

– Ба шумо чӣ шуд, мардак? Магар кас дӯсти деринаро ҳамин тавр истиқбол мегирад?

– Чӣ хел дӯст?

– Натарс, мардак. Сулгун ба ман ҳамаашро нақл кард.

– Чиро? – бо ҳарос пурсид Алшер.

– Ҳамаашро. Вай гуфт, ки Алишер барин мардакро як умр тори сар карда гардӣ, кам аст.

Дар лабони рангпаридаи Алишер табассум гул кард. Оҳиста ҷомадони Сулгунро бардошта, пеш даромад.

Далер, ки аз дур ин манзараро тамошо мекард, зери лаб ғурунгос зад:

– Аҷиб шуд-ку! Зиёфат чӣ мешуда бошад?

Июни сол 1990

## САҚИЧФУРӮШ

Акнун ба дафтари корӣ ворид мешавам гуфта будам, ки аз пешам Меҳрӣ – котибаи сардор баромад. Салом доду ишорае кард, ки маънияш чунин буд: «Дароед, хӯҷаин интизор».

– Аҷиб-ку? Каллаи саҳар ба шеф лозим шудаам. Бахайр аст, Меҳриҷон?!

Меҳрӣ китф дарҳам кашид: «Намедонам».

– Андомашон чӣ хел?

– Андоми кӣ?

– Андоми хӯҷаин.

– Чӣ гӯям ба шумо... Умуман,бад не. Рӯяшон уттӣ кардагӣ барин, топ-тоза. Як бор аз барашон гузаред, аз бӯи ЖЗЭ масту ғелон мешавед, – хандон ҷавоб дод Меҳрӣ.

– Маълум, ки кайфияташон аъло!

– Ҳа, Имрӯз ҷопониҳоро қабул мекардааст.

– Фаҳмо.

– Фаҳмо бошад, зуд дароед.

– Лекин боз як чизаш нофаҳмо. Ман ба он кас чаро лозим шуда бошам? Вақтҳои охир гӯё, ки дар ин идора кор намекарда бошам, маро фаромӯш карда буданд.

– Чаро фикр карда шиштед? Зуд борониатонро кашеду марш ба кабинети сардор, – амр кард Меҳрӣ.

– Итоат, рафиқ ҷонишини сардор! – Даст ба чакка бурда вориди дафтари кориам шудам. Борониамро кашида дар оинаи назди тиреза сару рӯямро ба ифоқа овардам. Баъд ба қабулгоҳи сардор рафтам.

Меҳрӣ лаҳзае аз чоп кардан бозистода, «Дароед» гуфт.

Даромадам.

Ростӣ, ним соли охир бори аввал буд, ки ба дафтари кории шеф қадам мегузоштам. Ҷиҳози онро ситоиш намекунам, чаро ки қалам оҷиз аст. Фақат ҳаминашро мегӯям, ки кабинет меҳмонхонаи калони амалдорону сармоядорони имрӯзаро ба хотир меовард. Сардор дар боло, сараш хам, машғули кор. То ними кабинет омадам, ӯ маро пай набурд. Ба мизи кориаш наздик шуда, як сулфаи сохта кардам, то ки натарсад. Сар боло кард. Салом додам. Посух нашуд. Мижаҳои сиёҳи ғафсаш хам нахӯрд. Ҳайрон будам: шинам ё нашинам. Рост истодам.

– Ҳа, чӣ мегӯӣ? – суол кард ӯ.

Худамро гум кардам. Одатан ин суолро ӯ не, ман бояд медодам.

– Котиба гуфт, ки маро ҷеғ задед.

– Ман?

– Ҳа.

– Ту кистӣ? Нашинохтамат, бача.

– Ман... ман аз ҳамин ҷо.

– Аз кадом шӯъба? Ному насабат?

Ному насабамро гуфтам, номи шӯъбаамонро ҳам.

– Ҳа, фаҳмо. Пештар биё.

Пештар омадам.

Вай коғазҳои паҳну парешони рӯи мизро ин сӯ он сӯ тагу рӯ карда, ниҳоят чизи даркориашро пайдо кард.

– Ба номи идораи мо аз қисми ҳарбии Симферополь, аз номи ҳамшаҳриёнамон арза омадааст. Маслиҳат карда, санҷиши онро ба ту месупорем. Агар нағз иҷро шавад, оянда ба ҳисоб мегирем.

– Раҳмат барои боварӣ, муаллим. Кай ба роҳ бароям?

– Метавонӣ аз пагоҳ. Ба Меҳрӣ гӯй, ки ба муддати як ҳафта командировка нависад.

– Ташаккур, муаллим, – хам шуда таъзим карда пуштнокӣ то таги дар омадам. Ба ҳамон минвол аз кабинет берун шуда қариб буд, ки ба бағали Меҳрӣ дароям.

– Ҳамвор, ако, ба Шумо чӣ шуд? – Овози нарми Меҳрӣ маро ба худ овард.

– Ман... Ман, э мебахшед, Меҳрихон...

Ин дам овози хӯҷаин ба воситаи селектор баланд шуд.

– Маячка!

– Лаббай, Қамбар Аслонович!

– Ба ин сағира ба муддати як ҳафта ба Симферополь командировка навис.

– Хуб шудааст!

Меҳрӣ ба ман рӯй овард.

– Кайф-ку.

– Чаро.

– О, мардум соҳили баҳрро орзу мекунанд. Ё Шумо ба Ялта рафтанӣ нестед?

– Не, шунидед-ку, ба Симферополь меравам.

– О, Шумо чӣ хел одам? Ба Симферополь рафта ба Ялта наравед, беҳтараш, умуман наравед. Он тарафаш бо троллейбус се соата роҳ. Ҳатман равед.

– Ё оллоҳ ё насиб!

– Ана, ин гапи дигар. Акбар-ака, аз Шумо як илтимос.

– Хуш, чӣ биёрам.

– Э, ба ман ҳеҷ чиз лозим не. Шумо ба ҳарфи ман гӯш диҳед.

– Хушш.

– Агар тавонед, агар ба Ялта равед, агар...

– Хушш, чӣ кор кунам?

– Ичро мекунед?

– Агар тавонам, агар аз дастам ояд, чаро не. Ту албатта ба ман аз осмон ситора биёр, ё аз бозори Ялта тухми анқо биёр намегуфтагистӣ?

– Не, не, ин чизҳо ба ман лозим не.

– Набошад чӣ кор кунам?

– Шумо бояд як касро ёбед.

– Вай кӣ будааст? Нишонӣ дорад?

– Бале, дорад.

– Ҷавони зебо?

Меҳрӣ табассум кард.

– Ман ӯро намешиносам. То ҳол надидаам.

– Пас ӯ кист ва бо ту чӣ тавр ошно шудааст? Ба воситаи нома?

– Бале, ба воситаи нома.

– Пурсидана айбаш не. Вай туро чӣ хел ёфт? Баъд ин ки ту охир оиладор, дута фарзанд дорӣ...

Меҳрӣ боз фарох табассум кард.

– Мебахшӣ. Меҳрӣ. Муҳаббат сарҳаду хоб надорад, агар бедор шавад, пеши роҳашро на оила гирифта метавонаду на фарзанд. Агар махфӣ набошад, ту ӯро дӯст медорӣ?

– Ба Шумо чӣ хел фаҳмонам, Акбар-ако? Ин барои ман душвор. Ман, охир, меҳру навозиши ӯро ҳеҷ гоҳ надидаам ва намедонам чӣ гуям?

– Аҷаб! Пардадор гап мезанӣ, Меҳрӣ. Оё метавонӣ дурусттар фаҳмонӣ?

Меҳрӣ хомӯш монд. Оҳи сард кашид.

– Майлаш, ихтиёрат. Метавонӣ ба ман дигар чизе нагӯӣ. Фақат бигӯй, ки ӯро ёфта чӣ гӯям? Аз кӣ салом гӯям? Ё ягон нома менависӣ?

– Не, ҳоҷати мактуб не! – Салом гӯед. Аз духтаратон салом гӯед.

– Чӣ? – ман гаранг шудам. – Мебахшӣ, Меҳрӣ. Ман нафаҳмида... Э, ин каллаи ман. Фалак дар чӣ хаёлу ман дар чӣ хаёл. Бори дигар узр.

– Ҳеҷ гап не, Акбар-ако.

– Қиссаи ту аҷиб аст, аз афташ, Меҳрӣ? Бигӯй, падари ту дар он ҷо чӣ кор мекунад? Чаро ту ӯро то ҳол надидаӣ ва намешиносӣ?

– Худатон гуфтед-ку, қиссаи ман аҷаб аст. Фурсат шавад,

нақл мекунам. – Инро гуфта вай аз нав худро ба чопи навиштаи дар пешаш буда андармон сохт ва илова кард: – Агар хоҳед, ин бегоҳ ба хонаи мо биёед, сӯҳбат мекунем.

– Шавҳаратон дар хона?

– Не, дар сафар хизматӣ.

– Ин тавр бошад, намеравам. Бубахш, Меҳрӣ.

– Метарсед?

– Ҳа.

– Аз чӣ?

– Аз ғайбати мардум.

– Ман парво надорам. Шавҳарам ба ман бовар мекунад. Муҳимаш ҳамин. Мардум чӣ мегӯянд – кори онҳо.

– Лекин зани ман бовар намекунад.

– Ихтиёратон, ман Шуморо даъват кардам. Хоҳед, марҳамат. Дари ман ба рӯи одамонии нек ҳамеша кушода.

– Раҳмат. Шавҳаратон ояд, албатта меравам. Ман охир ӯро хуб мешиносам. Хайр, ман дар дафтари корӣ мешавам. Агар шаҳодатномаи сафар тайёр шавад, хоҳишмандам оварда ба ман диҳед.

– Хавотир нашавед, мерасонам.

Ба дафтари корӣ даромада, дар бораи Меҳрӣ фикр кардам. Ман ӯро хуб намешиносам. Дар барааш аз ҳамкорон каму беш шунида будам. Рост буд ё дурӯғ, ҳар хел гапҳо буд дар ҳаққи ӯ.

... Ману Меҳрӣ рӯзе сӯҳбат кардем. Ҳикояти ӯро ман дар дафтари кориам шунидам. Раис ба таври оҷил ба идораи болоӣ рафт ва ӯ назди ман омад...

– Модарам дар синни бистсолагӣ бо ҷавонмарде шинос мешавад. Бекасу кӯй будааст вай. Бобокалонам сағираги ӯро ба ҳисоб гирифта хонадомод мекунад. Баъди чанд моҳи хонадорӣ ман дар қадди модарам пайдо мешавам. Инро фаҳмида шабе он ҷавонмард аз ҳавлӣ ғайб мезанад. Модарам як шаб, ду шаб, як моҳу ду моҳ мунтазир мешавад, вале аз вай ному нишоне намеёбад. Ҳама гумон мекунанд, ки ӯ дар ягон ҷо ба ҳалокат расидааст. Кофтукови милиса ҳам натиҷае намедиҳад.

Баъди шаш моҳи интизорӣ ба номи модарам мактубе меояд. Модарам аз ҳусни хат муаллифи онро мешиносад. Дар рӯи як варақ коғази сафед се ҷумла навишта шудааст: « Аз ман хавотир нашав. Маро фаромӯш кун, метавонӣ шавҳар кунӣ. Рав, се талоқ!

Н.Т.»

Бобокалонам аз мазмуни нома воқиф гашта мегӯяд: «Ман инро пешакӣ медонистам. Гувоҳӣ дода буд дилам. Лекин сағирагӣ ва бекасу бе соҳиб буданаш маро мулоим кард. Беҳуда нагуфтаанд: сағира ба ҷое мерасад, сағирабон не. Илоҳӣ кӯраш кунад нону намаки додаам. Илоҳӣ рӯз набинад. Ту, духтарам, хафа нашав. Ҳоло аз сад гулат як гулат нашукуфтааст. Соқу саломат сабук шуда гирӣ, он тарафаш ягон кор мешавад. Ман зинда бошам, ту хор намешавӣ».

Баъди ба дунё омадани ман боз аз ким-куҷои дигар номае ба номи модарам омадааст: «Фаҳмидам, ки духтардор шудаӣ. Табрик. Лекин ба умеди ман нашав. Маро дар ду дунё ҳам намеёбӣ. Метавонӣ ҳаромиатро ба сағирахона супорию боз думи ягон кӯрдамбали дигарро гирифта равӣ». «Номард! – аз қаъри дил фиғон мекашад модарам. – Беҳуда ба талвоса афтодаӣ. Ман туро дар ду дунё на ёд мекунам, на суроғ! Тифлакамро бо гули қаймоқ калон мекунам. Илоҳӣ ба нохуни фарзанд зор шавӣ!».

Афтидаву хеста калон шудам ман. Модарам ба ваъдааш вафо кард. Маро хор шудан намонд. Падарандарам марди хубе баромад. Онҳо воқеан маро бо гули қаймоқ калон карданд. Хонаамон сербачаву кача шуд. Лекин бо вуҷуди ин хама гоҳ-гоҳе хумори падаре, ки рӯяшро ҳаргиз надидаам, мегирифт. Дар ёди вай дилам гум мезад. Вале боз худро тасаллӣ медодам.

Баъди хатми мактаби миёна ҳуҷҷатҳоямро ба факултаи коргардонии донишкадаи ҳунарҳои зебо супоридам. Донишҷӯ шудам. Таҳсил хуш мегузашт.

Як рӯз дар донишкада ба ман гуфтанд, ки марде туро суроғ кардааст. Чун маро пайдо накардааст, ба дасти шарикдарсам номае дода рафтааст. Ростӣ, номаро бо дастони ларзон кушодам. Зеро то ба он рӯз ман ҳеҷ гоҳ аз марди бегона номае нагирифта будам.

«Салом, духтарам, – менавишт марди ношинос. – Ман ба Душанбе омада пурсида-пурсида ҷои таҳсилии туро ёфтам. Ду рӯз кофтам, наёфтам. Ман шитоб дорам. Дар дастам чиптаи ҳавопаймо. Насиб бошад, вақти таътили ту боз меоям. Ва мо он вақт бофурсат сӯҳбат мекунем. Ба ту тамоми саргузаштамро мегӯям. Нишонаи худро ба ту монда меравам. Шаҳри Ялта, тангкӯчаи Киров, ҳавлии 14, утоқи 19. Тоҳиров Назир. Ба ман

нома навис. Хайр, то боздид, духтари ширинам».

Ҳайрон мондам, ки падари ман пайдо шудааст. Баъди бист сол вай маро суроғ кардааст, «ҳаромии» худро ёд кардааст. Чӣ ӯро ба ин маҷбур карда бошад? Чӣ касе бошад вай? Дар шаҳри дур чӣ кор мекарда бошад? Хайр, он рӯз дур нест, ки дидори ӯ муяссарам мешавад. Ҳоло дар ҳаққи ӯ носазо гуфтан барвақт. Ҳар зоғеро доғе гуфтаанд.

Баъди ин бо нишонии вай чанд нома навиштам. Вале беҷавоб монданд он номаҳо. Ва оҳиста-оҳиста ман ӯро боз аз нав фаромӯш кардам. Гумон кардам, ки касе шӯхӣ кардааст, ё ба торҳои асаби ман нохун заданист.

Ҳамин тавр боз аз байн даҳ сол гузашт. Дигар аз ӯ дараке нашуд. Намедонам зиндааст ё мурда. Дар ин байн ман аз модари ҷонам абадӣ чудо шудам. Падарандарам бемории бистарӣ шуд. Маҷбур шуда донишкадаро тарк кардам. Ба хотири тарбияи фарзандони кӯчаки хонадон аз паи кор шудам. Инак, чунон ки мебинед, ман дар ин ҷо кор мекунам. Шавҳар кардам, фарзанддор шудам, зиндагиам бад не.

Дирӯз, вақте шунидам, ки Шумо ба Симферополь меравед, ногаҳон он мард ба хотирам расид. Шаб дафтарҳои хотираро варақгардон карда, ногаҳон нишонии ӯро дарёфтам. Аз карнайчи як пуф, ако. Агар имкон шавад, суроғаш кунед. Ақаллан бинед, ки вай чӣ касест ва чӣ сурату симо дорад?

– Хуб шудааст, Меҳрӣ. Ман кӯшиш мекунам. Агар ёбам, чӣ гӯям?

– Ҳеҷ чиз нагӯед. Гӯед, ки духтари ширинатон ҳоло ҳам шуморо интизор. Бечораро тӯҳфа ваъда карда будед, то ба ҳол интизор аст. Ин коратон хуб не. – Гапи Меҳрӣ оҳанги тамасхур дошт.

– Хуб шудааст, Меҳрӣ. Ман медонам, ба ӯ чӣ гӯям.

... Ҳамин тавр, ман иҷрои ду супориши муҳимро бар дӯш гирифта, ҷониби Симферополь парвоз кардам.

Баъди саранҷоми корҳо, санҷиши номаи аскарон, мулоқот бо онҳо роҳи Ялтаро пеш гирифтам. Савори троллейбус, баъди тамошои манзараҳои нотакрори атроф ба Ялта расидам. Дар меҳмонхона ҷой гирифтам. Ва аввалин коре, ки мекардам, ин буд, бояд фавран аз паи иҷрои супориши Меҳрӣ шавам.

Бо ҳамин ният аз меҳмонхона берун шуда пурсида-пурсида,

кӯчаи даркориро пайдо кардам. Кӯча қариб дар маркизии шаҳр будааст. Инак, кӯча, ҳавлӣ ва хонаи лозимиро пайдо кардам. Ба ошёнаи дуюм баромада, дар назди хонаи рақами 19 қарор гирифтам. Даст ба занги дар бурдам. Баъди фосилае дар роҳрав садои қадаммонӣ ба гӯш расид. Дарро ба рӯям ҷавонзани малламӯй, болобаланд, тахмин сиву панҷ – сиву шашсола боз кард.

– Ассалому аалейкум.

– Салом. Ба Шумо кӣ лозим?

– Ба ман Тоҳиров Назир. Он кас дар ҳамин хона иқомат мекунад?

– Бале. Шумо ҳамшаҳриаш мешавед? – зан сар то пои маро аз назар гузаронд.

– Ҳа.

– Фаҳмо.

– Он кас дар хона?

– Не, мутаассифона, дар кор.

– Агар бемалол бошад, намегӯед ӯро аз куҷо, чӣ хел пайдо кардан лозим?

– Он кас дар бозор.

– Дар кадом бозор.

– Симферополь як бозори калон дорад.

– Кай дар хона мешаванд?

– Намедонам. Ҳар рӯз ҳар хел меояд. Шумо овора шуда дигар ин ҷо наоед. Беҳтараш телефон кунед.

– Раҳмат, маслиҳати оқилона.

– Ин тавр бошад, хуш монед, – зан хост дарро ба рӯи ман пӯшад, лекин...

– Мебахшед, ман бо кадом рақам ба хонаи Шумо телефон кунам?

Зан рақами телефонро гуфт. Ман ба коғазчае сабт карда бори дигар узр пеш оварда ба поён фаромадам.

Бегоҳирӯзӣ ба хонаи Назир-ако сим задам. Телефонро худи мард бардошт.

– Салом! Ин хонаи Тоҳиров? – пурсидам бо забони тоҷикӣ.

– Ҳа, – бо овози паст садо кард мард.

– Мебахшед. Он касро ба телефон ҷеғ мезадед.

– Ман гӯш мекунам. Шумо кистед?

– Ман аз Душанбе. Шуморо диданӣ будам.

– Ба ман чӣ кор доред?

– Пайғоме дорам аз духтаратон, Меҳрӣ.

– Ҳа, хамин тавр гӯед, – аз афташ сухан дар гулӯи мард дармонд, ки лаҳзае хомӯш гашт.

– Бо Шумо кай вохӯрдан мумкин? – яхи хомӯширо шикастанӣ шуда пурсидам ман.

– Вохӯрданӣ мо зарур?

– Намедонам. Агар нахоҳед, маҷбур намекунам. Лекин...

– Шуд, шуд. Ман тайёрам, ҳар гоҳе ки хоҳед, марҳамат.

– Кай ба хонаатон биёям?

– Ба хона не, беҳтараш дар ҷои кор вомехӯрем.

– Майлаш. Шуморо дар бозор чӣ хел меёбам?

– Ин чандон мушкилӣ надорад, бародар.

– Хушш...

– Маро дар назди дари даромади бозор меёбед.

– Шумо он ҷо чӣ кор мекунед?

– Сақич мефурӯшам. Ёфтани ман осон. Чунки дар даҳани дарвоза ғайр аз ману шогирдчаҳоям каси дигар ҳақ надорад, ки сақич фурӯшад.

– Фаҳмо. Хуб, раҳмат. Ин тавр бошад, пагоҳ ман шуморо пайдо мекунам.

– Марҳамат, ман интизор, – мард бе хайрухуш гӯширо монд.

Рӯзи дигар баъди субҳона ҷониби бозор шитофтам. Ба худ меандешидам: «Дар байни одамони бисёр ӯро чӣ сон меёфта бошам! Рӯз-рӯзи бозор. Ҳа, дарвоқеъ вай гуфта буд, ки дар даҳани дарвоза шоҳи сақичфурӯшҳо манам. Ёфтанам осон. «Насиб бошад, ӯро бе душворӣ хоҳам ёфт. Пас ин ки наход ба Меҳрӣ ягон монандие надошта бошад?»

Ба бозор наздик наздик шудам. Селоби одамӣ ба ду тараф равон буд. Дарвозаи дутабақа калон кушода бошад ҳам, одамон ҳамдигарро тела дода – тела дода даробаро доштанд. Ман аз байни анбӯҳи одамӣ сақичфурӯшро меҷустам. Эҳа, онҳо кам не-ку – се-чор нафар. Кадоме аз онҳо бошад? Ҳо, вай ҳузарбаш? Не, дар чеҳраи вай аз шарқиён осоре нест? Нохост... Чашмаш ба марде афтод... Бовар мекунед, ки ба Меҳрӣ як себу ду тақсим буд. Ҳеҷ ҷои шубҳаву тахмин набуд, вай мард яқин падари Меҳрист.

Бо қадамҳои устувор назди он мард омадам. Бепарво буд, сақич мефурӯхт. Дар дасти чапаш бандчаи пул, дар пешаш, болои

миз қуттичаи сақич меистод. Парвои оламу одам надошт. Чанд лаҳза ӯрову корашро муоина кардам. Дасташ чаққон, бозораш тафсон. Ниҳоят наздик омада, садо додам:

– Салом, акои Назир!

Мард ҷониби ман рӯй гардонд.

– Ман дина шаб ба Шумо телефон карда будам.

– Ҳа, ин шумо? Привет, земляк! – вай ҳатто даст дароз накард. – Хуш, гӯш мекунам.

Ин тавр муомила маро хуш наомад. Лекин худро аз даст надодам. Мехостам то ба охир бифаҳмам, ки ин мард чӣ гуна махлуқест.

– Аз Меҳрӣ, аз духтари ширинатон ба Шумо салом овардам.

– Ҳа, вай ҳаромӣ-мӣ?

– Не, не, акои Назир. Шумо хато мекунед. Вай ҳақикатан духтари шумост.

– Инро шумо аз куҷо медонед?

– Он чӣ ки аён аст, ҳоҷат ба баён нест.

Мард маънии ин суханҳоро аз афташ нафаҳмид, ки даст афшонда нимғурма луқма партофт:

– Ҳа, дар вақташ як беаклӣ кардем-да. Аз куҷо медонистам, ки ин хел мешавад.

– Шумо хавотир нашавед, ако. Меҳрӣ ба шумо бор шуданӣ нест. Вай ҳамту нишонии шуморо дода хоҳиш кард, ки салому пайғомашро расонам.

– Ман медонам, ин салому алейк чӣ маънӣ дорад.

– Хато мекунед, ако. Ман Меҳриро хуб медонам. Вай ба чизи шумо мӯҳтоҷ нест. Ман донистанӣ ҳастам, ки саломатии шумо чӣ хел аст? Зиндагиатон дар ин шаҳрҳои мусофирӣ чӣ тур?

– Бад не, земляк! Дида истодаед-ку, ҷумбида истодаем.

Лаҳзае хомӯш мондам, чаро ки харидорони сақич бисёр шуда буд. Имкон додам, ки мард савдояшро давом диҳад. Гумон доштам, ки мардак ҳоли ҳозир ба худ омада «Меҳрӣ чӣ ҳол дорад? Зиндагиаш чӣ тавр?» – гӯён пурсон мешавад. Вале ҳайҳот. Дидам, ки аз санг садо меояду аз вай не, суол кардам:

– Ман пасфардо ба Душанбе бармегардам. Ба Меҳрӣ ягон гуфтание доред?

– Не, на... медонам, – нимғурма посух дод мард.

– Агар пурсад, чӣ гӯям?

– Гӯед, ки ман нағз. Зану фарзанд, хонаи кори калон дорам.

– Албатта мегӯям. Дигар таъиноте надоред?

– Не, ҳа, дарвоқеъ ба ӯ гӯед, ки барои тӯҳфа харида фиристодан ҳоло имкон надорам. Капитал намерасад. Худо хоҳад, агар ба дастам пул фуромада монад, баъд ягон чиз харида мефиристонам.

– Навакак ман ба шумо гуфтам, ки вай ба ягон тӯҳфа ва чизи шумо ниёз надорад.

– Ин тавр бошад, без беҳтар. Салом гӯед. Ва боз гӯед, ки худо хоҳад, ягон руз ба дидори ҳамдигар мерасем. Дунё ба умед.

– Хайр, хуш монед, падари ширин!

– Хайр, ҳамшаҳр!

Ман бо кароҳат аз назди ӯ дур шуда будам, ки ба нохост чизе ба ёдаш расида бонг зад:

– Ҳой, братан! Ту кай меравӣ?

– Пасфардо! Тинҷӣ?

– Ҳа. Мехоҳам як оши палав бароят пазам. Оши палавро ёд кардагистӣ. Боз рафта нагӯӣ, ки дар мусофирӣ ҳамшаҳрам ба хонааш таклиф накард. Ман шумоҳоро хуб медонам. Як ҷувол ғайбат мебаред.

Ҳайрон шудам. Чӣ ҷавоб диҳам. Ин мард рост мегуфта бошад? Хайр, канӣ як озмуда бинам.

– Хуб шудааст, ако. Ош бошад, ош-да. Рост гуфтед, палави тоҷикиро ёд кардам. Соати чанд телефон кунам?

– Расо соати як. Ман туро интизор мешавам. Боз ба ягон ҷои дигар наравӣ.

– Не, албатта, меоям.

Рафтам ба қароргоҳи худ. Рӯзи дигар мувофиқи ваъда расо дар соати як ба хонаи Назир сим задам. Гӯширо занаш бардошт.

– Салом, хонум, Назир-ако дар хона?

– Не!

– Намегӯед, кай меояд?

– Имрӯзу пагоҳ намешавад.

– Агар махфӣ набошад, ба куҷо рафтаанд?

– Ба Одесса.

– Оҳҳо! Дур рафтаанд-ку. Тинҷӣ бошад?

– Ҳа, тинҷӣ, бор меорад.

– Сақич?

– Бале!

– Пас оши ваъдагӣ чӣ мешавад? Кай мехӯрем?

– Мехӯреду дертар, – бо қаҳр посух дод зан.

– Дуруст гуфтед, хонум. Ошро дар хона мехӯрем. Хайр, хуш монед. Ба Назир-ако, ба падари ширин салом гӯед.

Гӯширо ба ҷояш мондам.

Аҷаб дунёе, аҷаб сару савдое!

Пагоҳ ба ватан бармегардам. Рӯзи дигар пеш аз ҳама Меҳрӣ вориди дафтари кориам мешавад. Албатта, аз падараш, аз падари ширинаш пурсон мешавад. Ба ӯ чӣ гӯям? Рост гӯям? Дурӯғ гӯям?

Ту чӣ маслҳат медиҳӣ, хонандаи гиромиқадр!...

Солҳои 1991-1994

## НОМАҲОИ МЕҲР

Чанд сол муқаддам ба дастам тасодуф ҳамин номаҳо афтоданд. Баъди мутолиа ба чунин хулоса омадам, ки онҳоро бо андаке ихтисор пешкаши хонандагон гардонам.

* * *

Ассалом, шиноси ношиноси ман!

Ба шумо аз пойтахтии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе менависам. Шумо бо гирифтани ин нома шояд дар шигифт монед, ки ман кистам, аз куҷо Шуморо мешиносам. Вале ин ҷои ҳайронӣ надорад. Ба Шумо ҳамаааашро мефаҳмонам.

Ман шуморо ба воситаи бародари ҷониам Ҳафиз ва ҳамсари ӯ Матлубахон ғоибона мешиносам ва эҳтиром дорам.

Саодатхон! Ҳоло дар хусуси оянда сухан рондан, албатта, бармаҳал. Лекин, ҳар чӣ ҳам бошад, ман бовар дорам, ки маро ҳаёти ширин ва рӯзгори нек дар пеш аст. Шумо маро надидаед, ман ҳам шуморо надидаам. Аз ин рӯ, сухане дар хаққи ҳамдигар гуфтан, аз эҳсоси дили ҳамдигар огоҳ шудан ҳоло бемаҳал аст.

Мувофиқи ваъда ва хоҳиши дӯстам Ҳафиз агар ҳаёт бошем, охирҳои апрел ва ҳеҷ набошад аввалҳои моҳи май ба диёри Шумо ба сафари хизматӣ хоҳам рафт. Ин аввалин сафари ман ба шимоли кишвар мешавад. Мехоҳам дар бораи одамони меҳнатии зодгоҳи шумо як силсила очерку мақолаҳо нависам. Тавассути

дуову меҳрубониҳои шумо ин мақсади банда ҷомаи амал хоҳад пӯшид.

Хайр, ғоибона дастатонро мефишурам.

Бо эҳтиром Акбар
Душанбе, 9 апрели соли 1972.

* * *

Дуруд аз Конибодом!

Ассалом, мӯҳтарам Акбар Ҳасанович!

Аз сатрҳои нахустини номаи хеш мехоҳам аз ҳолу аҳвол ва кору бори шумо воқиф гардам. Саломатиатон чӣ тавр, корҳоятон ба чӣ ранг аст?

Нома ва ҳамроҳи он расми шуморо гирифтам ва аз ин хеле сипосгузорам. Бале, Акбар Ҳайдарович! Ман ҳам шуморо ғоибона бо тавассути хоҳарам Матлуба ва язнаам Ҳафиз мешиносам.

Шумо ваъда кардед, ки ба вилояти мо меоед. Марҳамат, нури дида, тоҷи сар. Шумо ҳини сафар имконият пайдо мекунед, ки ба шаҳри начандон калон, вале зебо ва тозаву озодаи мо ошно шавед. Шуморо Сирдарё, кӯҳҳои кабуд ва лолазорони зебо, марғзорони сабзу хуррам истиқбол хоҳанд гирифт. Имрӯзҳо бо фарорасии баҳори оламафрӯз долу дарахтон ҳама қабои рангин ба бар кардаанд. Атрофу акноф ҳама сабзу хуррам, зебову мунаққиш. Он чӣ табиат эҳдо кардааст, гумон мекунам, ба илҳоми шумо беасар нахоҳад монд.

Ба шумо боз чӣ нависам. Дар номаи аввал ҳаминаш кофист.

Аз ин рӯ иҷозат диҳед, бо ҳамин сатрҳои кӯтоҳ номаамро ба анҷом расонам ва ба шумо сиҳатии бардавом ва дар корҳоятон комёбиҳо таманно намоям.

Бо эҳтирому самимият, Саодат.
То боздид!
12 апрели соли 1972

* * *

Салом аз Душанбе!

Саодатхон! Пеш аз ҳама шумо ва аҳли хонаводаатонро ба иди

баҳору шодӣ – иди Якуми Май аз дилу ҷон табрик ва муборакбод менамоям. Иди баҳору зебои муборакатон бод!

Барои номаи ҷавобӣ, барои суханҳои самимӣ як олам ташаккур. Саодатхон, ман аз шумо бахшиш мепурсам. Барои он ки ба номаатон дер ҷавоб навиштам. Ин сабаб дорад. Ман ду ҳафта дар сафари хизматӣ будам. Барои ҳамин имкон нашуд, ки ба Шумо ба зудӣ нома нависам. Боз бубахшед!

Мактубатонро бо як ҷаҳон шавқ мутолиа намудам. Вай маро ба ваҷд овард, дар ҷисму ҷонам гармие ато бинмуд, маро аз олами номуродиҳо раҳоӣ бахшид. Бисёр ташаккур, як олам ташаккур!

Ҳафиз ва Матлуба ба фикрам пагоҳ – яъне 28 апрел аз сафари эҷодӣ хоҳанд баргашт. Баъд маслиҳати рафтанро мекунем. Ман танҳо бо баҳонаи сафари хизматӣ метавонам ҳамроҳи онҳо бираваm. То 15 моҳи май дер накарда, албатта масъалаи рафтанро ҳал мекунем. Ба ман дар бораи корҳоятон, зиндагиатон нависед. Ман бисёрҳо мехостам, ки шумо имсол ба Душанбе омада ба ягон мактаби олӣ (ғоибона ё шабона) дохил шавед.

Дар дил гапҳои бисёре, орзуҳои ширине дорам. Ҳеҷ гап не, агар насиби дидор бошад, он вақт муфассалтар сухан хоҳем ронд.

Саодатхон, боз намедонам чӣ нависам. Ба гумонам ҳоло ҳаминаш кофист. Орзу мекунам, ки иди баҳорро бо хешу табор ва дугонаҳо нағз гузаронед ва моро гоҳ-гоҳе ба хотир биёред.

Хайр, то боздид! Номаи ҷавобиро мунтазирам.

Бо эҳтиром ва самимияти дучандон
Акбари Ҳасан.
27 апрели соли 1972
Агар имконият дошта бошед, ягон аксатонро фиристонед.

* * *

Ассалом, Акбарҷон!
Паёмамро қабул фармо!
Зи сидқи дил хоҳонам,
Ки хушбахти ҷаҳон бошӣ!

Номаатонро гирифтам. Самимона миннатдорам. Мехоҳам донам, сиҳатӣ ва кору бори шумо, сиҳатии волидайн ва хешу ақрабо чи сон аст?!

Агар аз ман пурсед, саломатӣ ва ҳолати рӯҳиам хеле хуб аст.

Зиндагӣ бо маҷрои хеш равонаст. Корҳои хона бисёр, барои зиқшавӣ фурсат нест.

Акбарҷон! Ман шуморо қариб ки ҳар шаб дар хоб мебинам . Хоби ҳархела. Аз ин каме хотирпарешонам. Ҳамин, ки ба рӯхсатӣ баромадед, ба назди мо биёед. Шуморо бесаброна интизорам. Дирӯз аз рӯзномае чанд ғазали ишқӣ хондам. Ба гумонам ин ғазал розгӯи дили мост:

Биё, эй ишқи нав, рӯҳам ҷавон кун,
Биё, ай дарди нав, тармими ҷон кун.
Биё, эй васли нав, аз қабзаи марг
Маро бистону фахри ҷовидон кун.
Биё, эй дасти гарму нарми симин,
Маро бар даст гиру достон кун.
Биё, эй ҳусни нав, ҳузни маро куш,
Биё, эй аҳди нав, охирзамон кун.
Биё, эй фарри яздонии одам,
Замини оҷизамро осмон кун.
Биё, эй ишқи нав, эй марги ширин,
Ҳар он ҳукме, ки медонӣ, ҳамон кун!

Акбарҷон! Мехоҳам, ки бисёр нависам. Лекин метарсам, ки ҳамаи суханҳоямро гуфта тамом накунам. Аз ин рӯ суханҳои дигарро барои номаи дигар мемонам. Ман номаи Шуморо ба модарам хонда додам, аксатонро ҳам нишон додам, чаро ки байни ману модарам ҳеҷ сире нест. Ташаккур барои акс. Ман ин сафар хоҳиши Шуморо ба ҷо хоҳам оварад, албатта акси нави хешро бароятон мефиристонам.

То боздид!
Ҷавобашро бесаброна, ҳар рӯзу ҳар соат мунтазирам.
Саодати шумо.
22 июни соли 1972

* * *

Салому паём аз Конибодом!

Ассалому алейкум, Акбарҷон!

Аз сатрҳои нахустини номаи начандон калон мехоҳам ҳарчӣ тезтар аз ҳолу аҳволи Шумо воқиф шавам. Ҳоли шумо чун аст,

фаъолияти меҳнатиатон ба чӣ ранг ҷараён дорад?

Мехоҳам ба шумо арз кунам, ки ману Ҷамшед сиҳат ва саломат ба манзил расидем. Саломатии волидайн ва хешу ақрабо хеле хуб аст.

Акбарҷон! Ҳар он чиро ки ману Шумо маслиҳат карда будем, ба модарам ҳикоят кардам. Ман бовар доштам, ки модарам хилофи райъи ман намеравад, маро дуруст мефаҳмад. Ва ҳамин тавр ҳам шуд. Вай маро бодиққат гӯш кард ва ваъда дод, ки барои хушбахтии ману шумо тамоми кори аз դасташ меомадагиро мекунад. Бо падарам гуфтугӯ мекунад ва албатта ӯро розӣ хоҳад кард.

Ҳоли ҳозир ман дар хонаам, ба кор набаромадам. Акбарҷон! Бароям басо душвор аст, душвор аст, ки ин лаҳзаҳо ту дур аз бари манӣ. Фақат бо сурати ту нигоҳ карда онро бӯидаву бӯсида худро таскин медиҳам. Ба назарам чунин мерасад, ки атроф ҳама холӣ ва бегона, шаҳр ҳам бароям бегона аст. Ин ҳиссиёт дар ҳаётам бори аввал ба ман рух додааст. Аз худои таъоло талаб дорам, ки туро ҳарчӣ тезтар ба назди ман расонад. Наход ки ишқаш ҳамин бошад? Наход ки алангаи ишқ, ҳамин хел зӯр бошад? Илоҳӣ, оқибаташ ба некӣ анҷомад:

Марав аз ман, ки бо ту меравад дунёи рангинам,
Марав аз ман, ки бо ту меравад ғамҳои ширинам.
Агар бо ман гули рӯят набошад, хор хоҳам шуд,
Марав аз ман, ки бо ту меравад айёми гулчинам.
Агар аз ман гузаштӣ, бигзарад умрам ба нокомӣ,
Марав аз ман, ки бо ту меравад меҳроби оинам.
Чӣ оромист оромии оби мурдаи соҳил?
Марав аз ман, ки бо ту меравад орому таскинам,
Ту бо ман то ғаме аз ишқ дорӣ, ғам махӯр аз ишқ,
Марав аз ман, ки бо ту меравад тӯмори зарринам.
Ту, эй дилхоҳи деринам, ту, эй тадбиру тамкинам,
Марав аз ман, ки бо ту меравад табрику таҳсинам.
Ту бо ман то ҷавонастӣ, ҷавонӣ кун, ҷавонӣ кун,
Марав аз ман, ки бо ту меравад ишқи нахустинам.

Иҷозат деҳ, бо ҳамин сатрҳо номаи навбатиамро ба анҷом расонам. Бо умеди рӯзҳои нек, бо умеди дидори ширин, Саодати ту.

Интизори ҷавоби номаам.

9 июли соли 1972.

* * *

Ассалом, ҷони ширин ва ҳамдами дерин Саодатхон!

Ба шумо аз шаҳри Душанбе менависам.

Ҷони ширин, мувофиқи ваъда мебоист, ки мактуби шуморо гирифта баъд ба он ҷавоб менавиштам. Вале натавонистам. Тоқатам тоқ шуд. Охир ман аз рӯзи душанбеи даҳуми июл то чордаҳуми июл ҳар рӯз ду маротиба ба почтахона меомадам. Вале ҳеҷ не ки номаи ҷавобии шуморо гирам. Ҳайронам, ки чаро ин тавр? Мумкин ному насабамро болои лифофа хато насб карда бошӣ? Не, наход ки ҳамин тавр шуда бошад? Бовар мекунед, ки аз рафтуомад ба почтахона аллакай бо кормандони он шинос шуда мондам. Ҳамин ки маро диданд, ба тарафам нигоҳ карда табассум мекунанд ва байни худ ким-чӣ мегӯянд.

Ҷонам, мана ҳамин сабаб шуду ман мактубатро нагирифта пештар мактуб навиштам. Хайр, ин ҳеҷ гап не. Шояд мактубат имрӯз ё фардо биёяд. Бо вуҷуди ин иҷозат бидеҳ, чанд сухан дар хусуси кору аҳволи хеш иброз намоям.

Чуноне, ки медонӣ, рӯзи шашуми июл соати сеи рӯз худат маро гусел намудӣ. Ман он рӯз қариб буд, ки ба Кӯлоб наравам, чаро ки рейс нашуд. Лекин ман чаққонӣ карда ба рейси ғайримуқаррарӣ савор шуда ҷониби Кӯлоб парвоз намудам. Дар нимаи роҳи парвоз сарамро сахт дард гирифт. Болокории ин тайёра болои ағбаҳо пасту баланд парвоз карда касро нороҳат мекард.

Соати панҷуним ба фурӯдгоҳи шаҳри Кӯлоб фуруд омадем. Аз он ҷо рост ба ноҳияи Восеъ омадам. Шаб дар бошишгоҳи саҳроии яке аз шиносҳоямон, қаҳрамони арсаи меҳнат Ҳасан-ака хобидам. Ман дар бораи вай ба ту ҳикоят карда будам. Тобистони ин ҷо бисёр гарм будааст. Хомӯшакҳо ба кас на дар хона ва на дар сари дашт имкони нафас рост кардан намедиҳанд. Ҳамин буд, ки ин сабилмондаҳо маро дар бошишгоҳ ҳам ором намонданд. Чашмон ва дасту бозӯям варамиданд. Маззаам гурехт. Лекин тоқат кардам.

Рӯзи ҳафтум ҳамроҳи вакилонии ноҳияи хамсоя бисёр

хочагиҳоро аз назар гузарондем. Ҳамон шаб мухбирномаамро навишта рӯзи дигар, яъне ҳаштуми июл соати даҳуним пагоҳӣ ба воситаи телефон ба идора хабар додам.

Саодатҷон! Медонед-чӣ, шаби ҳафтум Шумо ба хобам даромадед. Хафа менамудед. Бисёр зиқ шудам. Дигар тоқатам тоқ шуд. Дар он ҷо истода натавонистам. Ва бегоҳӣ рӯзи ҳаштум ман аллакай дар Душанбе будам. Рост ба хонаи Матлубаино рафтам. Онҳо ҳайрон буданд, ки ман чаро ду рӯз пеш аз сафар хизматӣ баргаштам. Сир бой надода гуфтам, ки маззаам гурехт ва аз ин рӯ барвақт омадам. Аз онҳо шуморо пурсон шудам. Гуфтанд, ки туро пагоҳӣ бо тайёра гусел карданд. Дилам андаке қарор гирифт. Вале аз ваҷҳи он ки шумо дар хона набудед, бисёр ғамгин шудам. Ба назарам чунин мерасид, ки шумо тамоми вуҷуди маро ҳамроҳи худ бурдаеду фақат рӯҳам боқӣ мондааст.

Дар хонаи аҳбоб сӯҳбати мо қӯр нагирифт. Ҷои ту холӣ буд. Ба болин такя карда ногаҳон чашмам ба як тори мӯи дарози нимаш сафеду нимаш сиёҳ афтод. Ман ин хел мӯйро дар сари шумо дида будам. Ва яқин соҳиби мӯй шумо будед. Мӯйро гирифта хеле вақт бӯидам ва баъд бо эҳтиёт ба ҷайб андохтам.

9 июл, рӯзи якшанбе бо ҳамроҳии Ҳафиз ба деҳа, назди падару модар рафтам. То ними шаб бо онҳо дар хусуси зиндагии ояндаи ману ту сухбат кардем. Падару модарам ба хилофи райъи ман чизе нагуфтанд. Баръакс, изҳори шодмонӣ карданд. Ва ниҳоят ба чунин карор омадем, ки баъдии 28 июл ба кор шурӯъ мекунем. Падарам ваъда кард, ки аҷаб не бо ҳамроҳии падари Ҳафиз ва тағоям ба Конибодом хоҳанд рафт. Аз он ҷо ба маслиҳат устодам Ҳалим Салим ва рӯзноманигори шинохта Полвон Ӯроқ ҳамроҳ хоҳанд шуд. Вақте ки рӯзи рафтан аниқ муайян шуд, ба устод тилфон мекунам.

Хайр, дигар чӣ нависам? Аз кору зиндагӣ шикояте надорам. Фақат ин лаҳзаҳо дар кунҷи дил ҷои Шумо холист. Шуморо, хандаҳои беғаши шуморо, каломи шакарини шуморо, навозиш ва қаҳру ғазаби шуморо пазмон шудам, ёд кардам, ҳамдами дерин! Оҳ, ҷудоӣ чӣ қадар мушкил аст! Кошки тезтар он рӯз мерасиду мо бо ҳам меомадем, дигар аз ҷудоиҳо шиква намекардем.

Ҳа, дарвоқеъ, расмҳоро аз суратгирхона гирифтам. Мувофиқи ваъда се донаашро бароят мефиристам.

Хайр, ҷони ширин. Туро ғоибона ба оғӯш мегирам ва нарм-

нарм мебӯсам, мебӯсам, мебӯсам...

Ҷавоби номаро бо беқарорӣ интизорам.

Акбари ту.
14 июли соли 1972.
Илтимос, номаҳоро нобуд накун.
Ягон вақт хонда завқ мебарем.

* * *

Ассалом, нури дида, тоҷи сар Саодатҷон!

Барои ман душвор аст, ки ҳамаи он ҳиссиёту меҳри худро ба воситаи ин нома ифшо созам. Номаи ҷавобии ту ба ман рӯҳи тоза, илҳоми саршор, хотири болида ва завқи беш бахшид. Тасаввур мекардам, ки мактуб не, худат кабутар шудию парвозкунон ба назди ман омадӣ. Ҳа, ин бемуҳобот ҳамин тавр менамуд. Ҳар як сатри номаатро мехондаму симои ту, қомати ту бо ҳама он нозокату малоҳат пеш назарам меомад. Гумон мекардам, ки наздам рост истодаӣ ва сухан мегӯӣ. Бовар кун, ҷонам, ки мактубатро, сатрҳои пурҳарорати аз муҳаббат ва ишқи ҷавонӣ саршоратро мехондаму аз шодӣ ва ифтихор ашки дида мерехтам. Охир, ту дар ин дунё барои ман ягона касе ҳастӣ, ки аз вуҷуди ман, аз ҳастии ман, аз буду нобуди ман ба тезӣ бохабар шудӣ ва кӣ будану чӣ гуна дил доштанамро ба хубӣ эҳсос кардӣ.

Барои ин як олам ташаккур.

Саодатҷон! Медонӣ-чӣ, қаҳрамонӣ ҳар хел мешавад. Масалан, духтаре ҷавонеро, ки аз зиндагӣ дилаш мондаасту ба касеву чизе кор надорад, ба воқеаҳои олам, ба муҳити атроф бо назари сард менигарад, аз ин варта раҳо мекунад, яъне аз дасту бозуи ӯ дошта «бархез, зиндагӣ дар пеш аст», мегӯяду муҳаббати худ, ишқи аввали худ ва ҳастии худро ба ӯ мебахшад. Ин ҳам қаҳрамонист. Ва бешубҳа, агар ман пайкарасоз мешудам, албатта, ба ин қабил духтарон, аз ҷумла барои ту ҳайкал мегузоштам, ҳайкале аз торҳои муҳаббат... Вале ман муҷассамаи туро абадӣ дар майдони замири дилам сохтаам ва ин муҷассама ҳеҷ гоҳ вайрон намешавам.

Саодатҷон! Акнун бо иҷозати ту шеъре ба номат ҳадя мекунам, ки аз девони ба тозагӣ нашршудаи шоири ошиқ Лоиқ интихоб кардаам: Инак, гӯш кун:

Ишқи ту дар синаи ман ҳадяи тақдир буд,
Як ҷаҳон шӯри ҷавонӣ дар ҷаҳони пир буд.
Омадӣ бо ғесӯи чун обшорон рез-рез,
Шодии ҷони ғарибам берун аз тасвир буд.
Ташнагиҳои дилам бишкаст лабҳои тарат,
Дар замоне, ки дилам аз рӯи олам сер буд.
Омадӣ аз роҳи дур, аз хештан бигрехта,
Гӯӣ бахти бад дар он манзил туро пайгир буд...
Омадӣ бо чашмҳои бегуноҳу бепаноҳ,
Ҳар нигоҳат сад ҳазорон фоли бетаъбир буд.
Омадию ман туро бишнохтам бо чашми дил,
Баски дар чашмони ту барқу шарори шеър буд...

Ҷони ширин! Акнун чанд сухан дар иртиботи зиндагӣ ва кору бори хеш. Ҳозир шукр, саломатиам хуб аст. Корҳо нағз. Ҳама чиз мерасад, ба ҷуз як чиз. Худат медонӣ, ки ба ман чӣ чиз намерасад. Хайр, ҳеҷ гап не. Он рӯз дур нест, ки ману ту якҷо шавем. Ин дафъа тамоми умр якҷо хоҳем шуд. Гӯш кун, Ҳофизи бузургвор чӣ мегӯяд:

Эй дил, сабур бошу махӯр ғам, ки оқибат,
Ин шом субҳ гардаду ин шаб саҳар шавад.

Имрӯз 30 июл. Ба фикрам фардо масъалаи рухсатӣ ҳал хоҳад шуд. Агар мусбӣ ҳал шавад, баъди панҷуми август маро интизор шав. Ё ҳамроҳи ду нафар меравам ё баъди рафтани онҳо... Ба ҳар ҳол пеш аз рафтанам туро хабардор мекунам. Масъалаи вохӯриро ҳам ҳал мекунем. Бояд туро бубинам, бояд бубинам. Аз рӯзе, ки аз ҳамдигар ҷудо шудем, расо 25 рӯз бигзашт. Лекин ин мӯҳлат барои ман 25 сол барин менамояд. Гапҳои нав бисёр. Вақте ки вохӯрдем, ҳикоят мекунам. Ҳоло фақат ҳаминашро мегӯям, ки масъалаи хона... Гап-гап ҳаст, ки барвақт мешудааст. Барои ин чӣ бояд кард, худат медонӣ? Хайр, дар ин бора сонитар. Бовар дорам, ки ҳамаи корҳо ба хубӣ анҷом меёбанд.

Канӣ, бигӯй, саломатии модар ва додараку хоҳараконат чӣ тур? Ба онҳо аз номи ман бисёр салом гӯй. Ба бобои меҳрубон ва модаркалони хушкалом ҳам саломи фарзандии маро расон. Ба

онҳо гӯед, ки падару модарам барояшон салому паёмҳои бисёре мерасонанд.

Боқӣ чӣ гӯям? Гап бисёр. Боз аз хатхонӣ монда нашавӣ мегӯям. Худат мегӯӣ, ки мо дар гап усто. Гапат дуруст. Агар нависам гӯям, садҳо саҳифа пур мешаванд.

Хайр, ҷони ширин, ҳамдами розҳои дили ман. Туро ғоибона ба оғӯш мегирам ва нарм-нарм мебусам.

То боздиди наздик!

Акбари меҳрубони ту!

Ҳамин ки номаро гирифтӣ, зуд ҷавобашро навис. Ман дар Душанбе ҳастам ё дар Конибодом, ин фарқе надорад. Лекин нома мемонад. Вай фардо аз боби муҳаббати поку беғубори мо ҳикоят мекунад. Ишқро оғоз ҳасту анҷом нест!!!

30 июли соли 1972.

* * *

Муаллифони ин номаҳо баъди 24 рӯз ба висоли ҳамдигар расиданд. Инак, бисту панҷ сол аст, ки онҳо зиндагии якҷоя доранд. Соҳиби чор фарзанд ва се набера ҳастанд. Илоҳӣ ба умрашон баракат диҳад. Ба шумо ҳам, хонандаи азиз!

Соли 1997.

## «ДӮСТИ ДЕРИНА»

*Дар ин дунё на ман монам, на он шоҳу на он султон,*
*Бимонад ҷовидон меҳру муҳаббат, хубии инсон...*

Ману ӯ дӯстони дерина ва қадрдон будем. Барои чӣ «будем»? Барои он ки, гумон мекунам, имрӯз аз он деринагию қадрдонӣ ҳеҷ чиз намондааст, ба ҷуз хотира, хотираи мағжушу тира. Намедонам, шояд ӯ ин риштаро кайҳо барканда буд, ки мани содда ва зудбовар бехабар мондам. Вале... ман ба ҳамин карибӣ дустиро бо ӯ кандам, аз беху бунаш кандам. Безорам аз дӯстие, ки кундааш ковок аст. Гумон доштам, ӯ ҳамонест, ки ... Вале аз куҷо медонистам, ки мансаб чашми одамро кӯр, муҳаббати инсониро дур

мекардааст. Оҳ, ин мансаб! Бузургворе беҳуда нагуфтааст, ки агар одамро хубтар шинохтан хоҳӣ, ба ӯ мансаб бидеҳ!...

Хубаш, шаф-шаф нагуфта, шафтолуи гапро гӯям.

Ӯ сарвари яке аз корхонаҳои азим буд. Ман бо он коргоҳ ҳини рӯзноманигор буданам борҳо рафта, навиштаҳои зиёдро ба табъ расондам. Вале вай он вақт роҳбар не, ҳамааш шуда устои смена буд. Боре ба тӯҳмате печида шуд, қариб буд, ки аз болояш парвандаи ҷиноӣ кушоянд. Рӯзгору фаъолияти кориашро хуб омӯхта ба қавле мӯйро аз хамир чудо карда очерке навиштам. Ҳамон очерк сабаб шуду аз бори тӯҳмат халос ва обрӯву эътибораш бештар гашт.

Ва ниҳоят баъди даҳ сол мо боз ба ҳам рӯ ба рӯ омадем. Бо амри тақдир ману ӯ дар яке аз ташкилотҳои баобрӯй ба ҳайси намояндагӣ аз мардуми ду маҳал шомил шудем. Дар муҳокима ва ҳаллу фасли бисёр масоили мубрам ширкати якҷоя доштем ва бисёр вақт нуқтаи назарамон ба ҳам мувофиқ меомад. Ҳини мулоқотҳои танҳо, алалхусус сарии як пиёла чой ӯ борҳо мегуфт: «Бародар, агар рухсатӣ бароед, зану бачаҳоро гирифта ба тарафи мо биёед. Шукр, ки бӯстонсарои хуби чор кас ҳавас мекардагӣ дорем. Дар соҳили рӯди Сайҳун, боду ҳавояш тоза. Ду-се ҳафта баҳузур дам гирифта асабҳоро ором карда бо неруи тоза бармегардед».

Ва дар як тобистон, вақте ки ҳаво дар марказ гарму токатфарсо буд, ман рухсатӣ гирифта ба назди дӯстам рафтам, албатта бе зану фарзанд. Андешаи «ба як пуф маҳтал будааст, худаш кам буд, ки боз...» нагузошт, ки ин корро ба худ раво бинам.

Вай маро хуш истиқбол гирифт. Гилагузорӣ кард, ки зану бачаҳоро наовардам. Гуфтам, ки насиб бошад, дафъаи дигар. Дар бустонсаро беҳтарин ҳуҷраро, ки рӯ ба рӯи дарё буд, бароям чудо кард. Чанд рӯзе, ки он ҷо мусофират доштам, саҳару нисфирӯзӣ, бегоҳӣ ҳамроҳам буд, меҳмондорию меҳмоннавозиро ба дараҷаи олӣ ба ҷо овард. «Бародар» ва баъзан «муаллим» гӯён лутфу меҳрубонӣ ва навозиш мекард ва зиқ шудан намемонд.

Ба ростӣ, каме дар ҳиҷолат мондам. Ман, як қаламкаши оддӣ, ин гуна лутфу эҳсон ва меҳрубониро чӣ тавр мегардонда бошам? Ҳарчанд, ки борҳо «Бародар, узр, ки шуморо хеле бесаранҷом кардам, ташвиш накашед» гӯям ҳам, вале вай бо табассум мегуфт: «Ташвиш куҷо, ако. Меҳмон атои худост, рисқаш аз пасаш

кашола шуда меоянд».

Хуллас, он истироҳату дамгирӣ, он мулоқотҳои самимӣ риштаҳои дӯстии моро сахт ба ҳам бупайваст. Ва мо аҳд кардем, ки минбаъд дар куҷое бошем, дар кадом вазифае, ки кор кунем, дӯстиамон бардавом хоҳад монд.

Аз байн муддати мадиде гузашта бошад ҳам, то ҳол суханҳои ҳини гусел ба забоновардаи ӯ дар ёду хотирам сахт боқӣ мондааст: «Муаллим, мансабу вазифа меоянду меравaнд, лекин кори неку амали нек, одаму одамгарии мо мемонад. Инсон бояд дар хар лаҳза пеш аз ҳама инсон монад. Инро мо набояд фаромӯш созем!» «Суханҳои олиҷаноб! Биёед, ба ҳамин гуфтаҳои шумо то ба охир содиқ мемонем! Қонуни бародарӣ ҳам бояд ҳамин бошад!» – гӯён афзудам:

Ҳама чиз пирӣ пазирад, бидон,
Ба ҷуз дӯстӣ, к-он бувад ҷовидон!

Инак, аз байн даҳ сол сипарӣ шуд. Тундбоди зиндагӣ дар ин миён моро ба куҷоҳое, ки напартофт. Ба қавле дар дору хези зиндагӣ афтидему бархостем, хам шудему рост шудем ва, хушбахтона нашикастем. Боди мурод моро боз ба соҳили мурод баровард.

Дӯсти деринаи ман бо ҳукми тақдир соҳиби мансаби баландтаре шуда, ба марказ омад. Банда ҳам бо амри тақдир курсии мансабро иваз намудам. Дӯсти деринаи ман ба идорае омад, ки банда низ дар он ҷо вазифаи назарногиреро ишғол менамудам. Ман аз ин шод шудам. Шод шудам на аз он хотир, ки акнун бо шарофати меҳрубонӣ ва дастгирии дӯсти дерина соҳиби мансаби калоне мешавам. Не, ман аз сад маҳали бо ин роҳ ба мансаби баланд расидан безорам. Табиати ман ҳамин аст. Агар дар зиндагии кӯтоҳ ба мансабе расида бошам, бе ёрӣ, бе ёру ошнобозӣ расидам... Хурсандии ман аз он ваҷҳ буд, ки меҳнати босубот, азму талош ва кордонӣ ӯро ба мансаби воло расонд! (Ин, албатта, андешаи шахсии ман буд, баъзеҳо дигар андеша доштанд).

Баъди шунидании ин хабар баъзе аз ҳамкорон, ки аз дӯстии мо воқиф буданд. гӯшакӣ мекарданд: «Дар гузари мо ҳам худо хоҳад, тӯй мешавад. Имрӯз-пага аз котиба иҷозат пурсида, ё пешакӣ номамонро нависонда сипас назди устод медароем». Ман ба ин гӯшакиҳо посух намедодам. Хомӯшӣ тилло ва онро авлотар

медонистам.

Ҳамкоронам ҳам гумон доштанд, ки ман имрӯз ё фардо ҳатман ба табрики калон – «дӯсти деринаам» меравам. Баъди сечор рӯз диданд, ки ман ҳанӯз хомӯшам ва дар ин ҷода кӯшише ба харҷ намедиҳам, хайрон шуданд. «Ҳа, устод! О, бисёриҳо аллакай ба побӯсии калони нав мушарраф шуданд. Шумо, дӯсти деринааш ҳоло ҳам хапу хомӯш-ку. Ё интизор ҳастед, ки кай худаш даъват мекунад ё ғурур имкон намедиҳад...»

Ба онҳо филфавр посух додам: «На ину на он... Ба ҳузури он кас рафтанро аз рӯи одоб намедонам. Инро атрофиён ба таври худ мефаҳманд. Баъд ин ки табрику муборакбодӣ ҳеҷ гоҳ дер намешавад. Ҳамин ки имконияти рӯ ба рӯ омадан шуд, албатта табрик мекунам». «Оҳанро дар гармиаш мекӯбанд, устод. Муборакбодия дар гармогармиаш кардан лозим. Боз ин рафторатон боиси он нашавад, ки дили калон аз шумо монад. Маро писанд накард гуфта... Аз ҳамин рӯзатон ҳам намонед. Ба калонҳо шӯхӣ карда намешавад». Ин суханҳо маро ба андеша кардан водор намуд. Шояд он рафиқ ҳақ бошад. Кӣ медонад? Лекин ман донистагии худамро мекунам. Фурсат шавад...

Мутаассифона, чунин фурсату имконият ба зудӣ даст надод. Зиндагӣ ба маҷрои хеш равон буд. Ёру ошно ва хамкорон дигар гӯшакӣ намекарданд, луқма намепартофтанд. Ҳама чиз дар гӯшаи хомӯшӣ ва фаромӯшӣ маскан гузид.

«Дӯсти дерина»-и ман ҳеҷ не ки рӯ ба рӯ ояд. Чӣ хел мо рӯ ба рӯ шавем, ки вай дигар пиёда намегашт. Мошини хидматӣ ӯро то таги дар меовард ва ӯ аз мошин фаромадан замон дар иҳотаи чор муҳофиз зуд ба боло мебаромад. Баъд ин ки ман худам кӯшиши бо ӯ рӯ ба рӯ омаданро намекардам. Худо насиб карда бошад, ягон рӯз не, ягон рӯз рӯ ба рӯ мешавем ва албатта дер бошад ҳам, табрикаш мекунам.

Андешаи он ки ӯ аз будан ё набудани ман дар ин даргоҳ воқиф аст, маро заррае ба ташвиш намеовард. Ҳама чиз, хатто вохӯрӣ ҳам бо розигии худо сурат мегирад.

Инак, аз хамкории мо дар ин идора расо ду баҳору ду тирамоҳ гузашт. Аввалии баҳор, омад-омади Наврӯз буд.

Се рӯз қабл аз Наврӯз ба дафтари кориям намояндани шӯъбаи кадрҳо – зани болобаланди бадкавоқ ворид шуда варақчаеро пешам гузошта гуфт: «Шумо рӯзи аввали ид аз соати ҳашти субҳ то

соати сеи рӯз дар қабулгоҳи калон навбатдор. Инҷо имзои муборакатонро гузоред, яъне ки шумо бо фармон шинос шудед ва дигар баҳонае роҳ намеравад». «Чаро баҳона пеш меовардаам, хонум? Дар рӯзи ид, дар қабулгоҳи калон навбатдорӣ кардан – ин ифтихори бузург, бовари калон аст ба ин бандаи фақир» гуфта имзои муборакамро гузоштам ва дар дил хурсанд шудам. «Ана, нагуфтам, ниҳоят, фурсат фаро расид. Иншооллоҳ, ба дидори муборакі дӯсти дерина мушарраф мешавам. Худо кунад, ки он кас ҳамон рӯз дар шаҳр бошанд. Ин ҷо бошанд, албатта ба коргоҳ хоҳанд омад ва дида ба дидор мерасад».

Ниҳоят, он рӯзу он лаҳза ҳам фаро расид. Рӯзи ид, соат ҳашт нашуда ба қабулгоҳи калон ҳозир шудам. Котиба Моҳирахон (ӯро кайҳо боз мешинохтам) аллакай дар ҷои кор буд. Бо ӯ саломy алейк ва ба ид табрик намуда гуфтам, ки «Навбатдорӣ омадам». Вай зуд ба гӯшае, ки курсӣ меистод, ҷой нишон дод ва ба зудӣ ба наздам як пиёла қаҳва ниҳод. Ҳарчанд, ки қаҳванӯшӣ одати ман набуд, ба хотири илтифоти Моҳира-хонум «ташаккур» гуфта пиёларо ба даст гирифтам ва чанд ҷуръа нӯшидам.

Қабулгоҳ ҳоли ҳозир холӣ, танҳо ману ӯ будем. Аз ину он сӯҳбат карда билохир пурсидам:

– Калон меомада бошанд?

– Бале. Бояд биёянд.

– Хайрият, – гуфтам зери лаб.

Моҳира зери лаб табассум карда пурсид:

– Барои чӣ хайрият мегӯяд? Ягон гапи зарур доред?

– Не. Барои он хайрият гуфтам, ки ниҳоят ба дидори дӯсти деринаам мушарраф мешавам.

– О, аҷаб-ку. Шумо бо калон шинос?

– Натанҳо шинос, дӯстони дерина, нону намакхӯр мо.

– Бисёр нағз, бисёр нағз. Худо хоҳад, ман шоҳиди бағалкушоии шумоён мешудаам-да, боз бинед, дар рӯзи Наврӯз. Ин фоли нек бошад, устод!

– Кошкӣ, – гуфтам нигоҳамро ба тарафи дари даромад равон карда.

Лаҳзае сукунат ҳукмрон шуд. Бо мақсади шикастани яхи хомӯшӣ таърихи ошноиамонро бо калон ба Моҳира мухтасар қисса кардам. Вай бо мароқ гӯшу ҳуш шуда буд.

Ба Моҳира ҳикоят мекардаму гоҳ-гоҳе ноаён ҷониби дар ме-

нигаристам. «Мана, ҳоли ҳозир аввал шарфаи пои босуботи муҳофизон шунида мешавад, сипас ду тан дохил шуда ин сӯ, он сӯро бодиққат аз назар мегузаронанд. Қоида ҳамин аст. Сипас калон бояд ворид шавад...»

Дар ҳамин андеша будам, ки ҳақиқатан шарфаи қадамҳои баҳодурона ба гӯш расид. Ду тан ҷавони калонҷӯсса ворид шуда ба ману Моҳира салом дода сипас ба дафтари кории калон даромаданд ва фосилае нагузашта ба қабулгоҳ баромада ба роҳрави мобайнӣ гузаштанд.

Ва... ниҳоят... дӯсти деринаи ман ба қабулгоҳ ворид шуд, аз қафояш ҷавони қадбаланди лоғарандом. Калон чанд қадам ба пеш гузошта ногаҳон чашмаш ба ман афтод. Ман хушҳолона табассум карда, ба истиқболаш кадам монданӣ будам, ки муҳофизи қадбаланд пеш роҳамро гирифта бонг зад: «Неположена!» Шастам гашт. Ақиб гаштам. Калон ба рӯи ман лаҳзае, фақат лаҳзаяке нигариста бе салому алейк, ҷигот андохта, гуё модарашро ман кушта бошам, сарду бенур «Ҳҳ!» – гуфта қош парронд. Бале, фақат ҳамин қадар «Ҳҳ». Ба назарам ин ишораташ чунин маънӣ дошт: «Ҳа, дар ин ҷо чӣ номаъқулӣ мекунӣ?»

Вай дигар чизе нагуфта бо виқор вориди дафтари корӣ шуд, он қаддарози бемаърифат ҳам аз пасаш даромад. Тарбуз аз багалу қалам аз дастам афтод. Помидори нав аз полиз кандагӣ барин сурху беҳаракат будам. Ба гуфтаи бузургон барои аз ин ҷо кашола карда бурдани ман як ароба лозим буд. Оҳиста ба рӯи Моҳира нигаристам. Вай ҳам ҳайрону музтариб. Намедонистам, аз шарм ба ӯ чӣ гӯям? Чӣ хел худро пеши ӯ сафед кунам? Охир, ман дӯсти деринаам, одаму одамгарӣ ва меҳрубониҳои ӯро чунон қисса карда будам, ки...

Аз сарам як сатил оби сард рехтагӣ барин шуд. Оҳиста ба курсие, ки бароям Моҳира муҳаё карда буд, нишастам. Сар миёни дастон гирифтам. Боз хомӯшӣ. Хайрият, ки он дер давом накард. Муҳофизи қаддароз аз дарун берун омада маро дидан замон боз ба ғазаб омада, хитоб кард: «Чӣ, иҷада шиштӣ? Иҷада шиштани ту мумкин не. Ба берун баро! Ҳамуҷада ждат кун!» Ин суханҳо ҳарчанд, ки таҳқиромез садо доданд, вале муддаои дили захмини ман буданд, чаро ки ман дигар инҷо лаҳзае истодан намехостам.

Зуд дафтару қалам ва айнакамро ғундошта берун баромадам. Дар роҳрав, дар кунҷи рост як мизчаи пастакак, болои он аппара-

ти телефон ва назди он курсие меистод. Он ҷо нишастан басо қулай буд, чаро ки касе маро намедид. Агар телефон шавад, аз ҳамин ҷо истода ҷавоб додан ё хабарҳоро қабул кардан мумкин.

Ба курсӣ ба ҳузур нишаста гирифтам. Чанд нафар муҳофизе, ки маро мешинохтанд ё пештар дида буданд, дарову буро карда ва чашмашон ба ман афтода ҳайрон-ҳайрон менигаристанд, аз пурсидани чизе истиҳола мекарданд.

Якеаш, ба назарам вай ёвари калон буд, боадабона пурсид: «Ҳа, устод, инҷо нишастед? Ба қабули калон омадед?» «Не, ман маҷбур омадам, аниқаш баҳри иҷрои вазифаи хидматиам омадам» гуфтам сахт карда ва барои он ки фаҳмотар шавад, афзудам: «Ман навбатдор!».

Вай «ҳмм» гуён дарун даромад ва баъди лаҳзае берун баромада «Марҳамат, устод, дароед. Дар қабулгоҳ шинед» гуфта муроот намуд.

Ман, ки торҳои асабам таранг шуда, ба кафидан моил буданд, қариб ки овоз баланд карда гуфтам: «Раҳмат. Ман аллакай он ҷо будам, маззаи он ҷоро хуб чашидам. Акнун маро ба ин ҷо «бадарға» карданд. Аз ин беҳтар ҷое нест».

Ёвар узр пеш овард: «Устод, узр, ки бачаҳо нафаҳмида... Хоҳиш мекунам, ба он ҷо дароед». Дар дилам чизе таркид. «Хайр, майлаш, муҳофизон маро нашинохтанд, лекин вай... калон...»

Аз олами рӯёъ берун шуда гуфтам:

– Шумо узр напурсед, бародар. Мо фармонбардорем. Фармон доданд, омадем. Фармон доданд, ки он ҷоро тарк кунем, тарк кардем. Дигар чӣ кор кунам?

– Мебахшед, устод, вай муҳофиз шуморо нашинохтааст...

– Нашинохтааст? Инро худи ӯ гуфт? Номаъқул кардааст. Вай маро хуб мешиносад. Охир ин ҳамоне нест, ки чанд рӯз пеш барои барқарор кардани ким-кадом хешаш ба мактаби олӣ ду маротиба дар қабули ман буд.

– Хайр, бачагӣ кардааст. Аз хурдон хато, аз бузургон ато, – ёвар сар доданӣ буду сир не.

– Бародар, – ниҳоят худро ба даст гирифта омирона сухан кардам. – Ман шуморо ҳурмат мекунам. Намехоҳам, ки сухани ноҷое аз ман нисбати шумо берун ояд. Агар хоҳед, ҳамин ҷо нишаста навбатдориамро то ба охир мерасонам. Нахоҳед, иҷозат

диҳед, бираваم.

Вай боз ҳарфе гуфтанӣ буд, ки чизу чораамро ғундошта «Маъзарат. Ман рафтам. Дар дафтари корӣ мешавам. Агар лозим шавам, марҳамат, телефон кунед» гуфтаму аз ҷой бархоста аз поғундаҳои ошёнаи дуюм поён фаромадам.

Дар дафтари корӣ соате нишастам. Дастам ба кор намерафт. Сабил, асабҳо ҳеҷ не ки ором шаванд. Ду дона ҳабб таъсир накард. Дар ин муддат касе сим назад. «Майлаш. Ҳарчӣ бодо бод. Пеш кунанд, аз кор пеш мекунанд. Ҷонамро намегиранд-ку. Ман ин хелин лаҳзаҳоро дар зиндагӣ на як бору ду бор дидаам» гуфтаму бархоста дафтари кориамро маҳкам карда ба берун, ба кӯча баромадам.

Борон меборид, борони баҳор, майда-майда меборид. Чакраҳои он ба сару рӯям зада асабҳои осебдидаамро навозиш мекарданд. Баъди фосилае ба баҳору навбаҳорон ва борони найсони он ҳамоғӯш гашта ҳамаашро фаромӯш кардам.

Аз ин қисса чанд муддат сипарӣ гашт. Рӯзе дар кӯчаи калон ба он «телех» – муҳофизи қаддарози лоғарандом рӯ ба рӯ омадам. Вай аввал як ба рӯям теғ кашида нигоҳ карду сипас гӯё ман аз ӯ қарздор бошам, «Мебахшӣ, братан, нафаҳмидам-ки шумо иқа зудранҷ бден» гуфт.

Ман, ки бо дидани афту андоми ӯ захми чанде пеш бардоштаам боз аз нав рӯ гирифта буд, оҳиста гуфтам:

– Не, ман аз шумо хафа нестам, додар. Аз бехирадон хафа шудан камоли мардӣ нест! Зинда бошӣ!

Вай ба назарам ба маънии ин ҳарфҳо нарафт, чизе нафаҳмид, ки даст афшонду гузашта рафт.

Ман аз қафо ба ӯ боз гуфтанӣ будам, ки «Шефат чи гуна, худат намуна. Ту чи хел махлуқе ҳастӣ, ки аз ту хафа шавам. Шояд туву шефат надонед, ки дар зииндагӣ ҳама чиз мегузарад, вазифа ҳам, мансаби баланд ҳам. Ва ҳамин байти шоир тасаллибахши дили ман буд:

*Бокам аз туркони тирандоз нест,*
*Ғамзаи тироваронам мекушад.*

Марти соли 1999.

# ҒӮССАМАРГ

Мурғи посӯхта барин буд ӯ. Ҷои нишаст намеёфт. Дам ба дам нигоҳ мекард ба берун. Медаромаду мебаромад. Аз шӯру ғалаёни дили вай хабар надоштанд ҳамкорон. Кайҳо ба охир расида буд рӯзи корӣ. Вале ӯ ба хона шитоб надошт. Интизор буд, ки ҳоли ҳозир пас аз лаҳзае ба гӯши ӯ хабари хуш мерасонад. Ва он гоҳ дили ӯ қарор хоҳад гирифт.

Охир...

Инак, интизории ҷонҳавлакӣ поён ёфт. Дар роҳрав садои қадамзании шахсе, ки ин қадар чашмдори роҳаш буд, ба гӯш расид. Лоқайдона суол кард:

– Чӣ хел? Тамом? – ва ба таги гулӯи хеш «корд» кашид.

– Нафаҳмидам.

– Ман пурсиданӣ, ки маҷлис чӣ хел гузашт?

– Ҳа? Маҷлис? Бад не, – нимғурма посух дод шахси омада.

– Чӣ хел бад не? О ягон чиз гӯед! Ман аз шумо хабари хушро нигарон будам.

– Хабари хуш. Не, шуморо хурсанд карда наметавонам.

– Чӣ хел – гиря гулӯгираш шуд. – О ман, умеди калон доштам аз ин маҷлис.

– Умедатон барбод рафт.

– О, ин тавр бошад, «ман мурдам».

– Ба мурдан шитоб накунед. Шефа мувақкатан аз кор дур карданд...

– Чӣ? – вай мирзодикак барин ҷаҳида хест. Мурда буд, зинда гардид.

– Магар нашунидед? Шефа аз роҳбарӣ дур карданд. Шумо хурсанд?

– Нашунидам. Гӯшҳоям ғиб гирифтанд. Як бораки дигар такрор кун, садқат шавам.

– Ше-фа аз кор ги-риф-танд. Фаҳмо?

– Фаҳмо! Ман боз зинда шудам. Биё. Пештаракам биё. Биё, то аз хамон лабҳои сухангӯят бӯса кунам.

– Не, инаш зиёдатӣ. Ягон лаби дигарро бӯса кунед.

– Нахоҳӣ ихтиёрат. Мебӯсам. Албатта мебӯсам. Касе, ки аз

сари роҳам баромад, лабу даҳанаша бӯсаборон мекунам. Охир... Охир... Ман ғалаба кардам. Ман ӯро аз кор гирифтам. Аризаи ман кор дод. Урра! Зинда бод адолат! – инро гуфта тӯппии чустии қуткандаи хешро ба шифт ҳаво дод вай. «Ин калла не, каллаҷонай!» – гуфта сари бемӯи заб-зардашро муддате чанд зад туқ-туқ.

Мард ҳамаро фаромӯш кард. Ду даст ба дуо бардошт ва бадар кард аз умқи дил нидое:

– Худоё! Ба даргоҳат бимирам ман! Ниҳоят оҳи мани бечораро мустаҷоб гардондӣ. Аз номат гардам, Худоё!

Вай бо дастон рӯи сурхи варамидаашро навозишкорона молиш дода ногоҳ ба ёд овард, ки дар наздаш одам истодааст, аз нав ба худ ваҷоҳати ҷиддӣ гирифт ва шунавонда гуфт:

– Э, ин лаънатии бевиҷдона ҳанӯз панҷ сол муқаддам аз кор зада пеш кардан лозим буд. Вай, умуман, агар дангал карда гӯем, дар идораи мо шахси тасодуфӣ буд. Хайрият, ниҳоят бо шарофати бозсозӣ ҳақ ба ҳақдор расид.

– Албатта мерасад! – ногоҳ аз гайб садо омад. – Ба ту ҳам навбат мерасад.

Аз ин садо як қад парид. Бо ҳарос ба атроф нигарист. Ҷӯё буд, ки ин нидоро кадоме аз сина бадар карда бошад. Ҳама хомӯш.

– Ту фаромӯш кардӣ, кӣ будӣ? – садои ғайб боз баландтар шуд. – Ҳини директори мактаб буданат ҳаққи бачаҳоро хӯрдӣ. Охирин себҳои кирмхӯрдаро бо нархи гарон фурӯхта пулашро ба ҷайб зада баъди он ки мисат баромада, гурехта ба ин идора омада паноҳ ёфтӣ? Ёд дорӣ?

– Ҳа? Ё-ёд дорам – ларзону ноҷунбон ғурунгос зад вай.

– Давом диҳам? – боз садо омад.

– Не, не! Илтимос!

– Ин тавр бошад, фосиқиро камтар кун. Аввал гиребони худро бӯй каш.

– Хуб шудааст. Албатта, ҳамин тавр мекунам.

Боз хомӯшӣ.

«Хайрият, – аз дил гузаронд ӯ. – Хаёл будааст. Қариб заҳракаф шавам-е!»

Аз нав ҷони тоза гирифт вай.

– Ҳоло худаш дар куҷо бошад? Намедонед? Монед, паю

қадамаш аз ин даргоҳ тамоман рӯфта шавад. Лекин якта орзӯи ношикаста дорам. Як боракак медидам: «Ассалому алейкум! Аҳволо қалай? мегуфтам. Боз мегуфтам, ки «Аҷаб шудӣ, расво шудӣ. Рӯзат аз ин бадтар шавад». Хайр, акнун ман рафтам. Имшаб бояд бароҳат хоб равам.

Инро гуфта хайру маъзурро ҳам фаромӯш карда берун баромад.

Чанд рӯз сипарӣ шуд. Ин рӯзҳо шояд беҳтарин рӯзҳои ҳаёташ буданд. Дар даҳонаш ях мешуд, оби сарди Душанбе. Ба чанд тан ҳамкораш, ки нисбати шеф меҳру таваҷҷӯҳ доштанд, шунавонда мегуфт: «Ҳа, шербачаҳои мағлубшуда. Даври шумо гузашт. Акнун даври мо омад».

Рӯзе пагоҳӣ дер омад ба кор. Идора даромаду мардумро дид бо авзои дигар. Фоли нек напиндошт инро. Таҳ кашид дилаш. Вале сир бой надод.

– Гапи нав, – ба кабинет ворид нашуда шунид ин овозро.

– Шунавем канӣ!

– Ҳозир хабар расид, ки калонҳо ба шефамон сахт танбеҳ дода, чунин таъкид кардаанд: «Агар минбаъд нисбат ба тобеонат серталаб нашавӣ, калӯши чалласаводону иғвогаронро ҳарчӣ тезтар пеши пояшон нагузорӣ, ин дафъа калӯши худатро пеши поят мегузорем». Ана, ҳамин хел гапҳо рафиқ Мобайнӣ!

– Ина чӣ хелӣ фаҳмем, буродаро! Яъне ки...

– Бале, бале! Дуруст фаҳмидед. Яъне ки масалан он кас боз сарвари мо.

– Акнун мо чӣ кор мекунем?

– Мо не, ман гӯед. Яъне ки масалан, шумо асоятонро ба рӯшноӣ занед.

– Чӣ? – вай чун тубӣ футбол аз зарбаи ногаҳонии футболбоз ҷаҳида боло хест.

– Чизе ки шунида бошед. Дар рӯйхат аввал номи шумо. Ана, ҳамин хел Мобайнӣ. Бармаҳал шодӣ кардед. Дигар, савол нест?

– Ҳаст... О...

Ин дам котиба дари кабинетро кушода, ҳозиронро ба машварат назди сардор хост ва теғ кашида ҷониби Мобайнӣ нигарист. Ин нигоҳ ӯро бе корд кушт.

– Шумо ҳам равед! – гуфт вай бо ғазаб.

– Ба куҷо?

– Ба назди шеф!

– Ман ... ҳозир.

Вай оҳиста ба курсӣ нишаст. Гӯшаки телефонро бардошт. Вале камӣ кард мадораш. Сару рӯяшро арақи сард пахш кард. Сари дилашро дошт.

Дигарон ба ӯ эътибор надода аз кабинет берун шуданд.

... Баъди фосилае омада чунин манзарaро диданд:

Мобайнӣ чӣ тавре ки нишаста буд, ҳамон тавр беҳаракат, сараш болои миз хам, дар дасти чапаш гӯшаки телефон нишастааст. Чашмони кушода. Вале дар онҳо осори зиндагӣ ҳис намешуд. Даст расонда буданд, ки гӯппӣ карда ба фарш афтод.

... Ана, ҳамин тавр ҳамкори мо Мобайнӣ шодимарг нею... ғуссамарг шуд.

Албатта ... кори хуб нашуд. Лекин чӣ илоҷ? Мо гуноҳ надорем ...

Соли 1986

## МАСЛИҲАТ

Ду рафиқи ҳамсол баъди солҳои зиёди ҷудоӣ бо ҳам вохӯрданд. Дар сурат аз ҳамдигар фарқи калон доштанд. Яке кулӯлаи хомфарбеҳ, шикамаш пеш дамида ва манаҳаш овезон. Гӯё кӯҳ каланд карда бошад, ҳаш-ҳаш мекард. Сари дилаш бенизом шишту хез дошт. Дигарӣ навчаи чусту чолок. Ба қавли мӯйсафедон ба қадаш химча намешикаст. Рӯяш тоза, дилкаш ва беғубор. Дидагӣ ҳамсол намегуфтанд онҳоро. Гирди пастак ба тахмин даҳ-понздаҳ сол калон менамуд аз навчаи хушсимо.

– Сафаро ба хайр, ҷӯра! – пурсид навча. – Аз куҷо меоӣ, ба куҷо шитоб дорӣ?

– Э, чияша мепурсӣ, ошно. Ҳоли зоре дорам ман, – лаб ба шикоят кушод кулӯлаи пастак.

– Тинҷӣ ҳаст? – хавотир кашид навча.

– Тинҷӣ, тинҷӣ. Дар суроғи дору дар пом ҳанг намонд. Чор дорухонаи шаҳрамона давр задам. Дар ҳама ҷо «Нест! Нест! Нест!» мегӯянду мемонанд.

– Ҳо, бечорае, канӣ, як назар бинам.

Навча дуру дароз ба дорухат нигариста ниҳоят лабханде кард.

– Ҳа, чиба механдӣ?

– Ҳамту. Намегӯӣ, чӣ хелӣ касал дорӣ?

– Ман, ман ... Э чияша мепурсӣ? Саду як рангу пайвандам зириқ-зириқ дард мекунад. Ягон ҷои сиҳатам нест.

– Ҳа, дарди ту бедармон, ҷӯра.

– Чӣ, чӣ гуфтӣ? – якбора шӯрид пастак.

– Ман гуфтанӣ ки давои дарди ту дар ягон дорухона нест. Бе дарак давида гаштӣ. Худатро ба обу оташ наандоз.

– Чӣ хел нест? Агар набошад, пас чаро дорухат навишта доданд?

– Аз ҷони набаромада умед. Ҳамин гапа ягон бор фаҳмидӣ?

– Сад бор фаҳмидагӣ. Фақат ту монда будӣ ногуфта. Э раве, ба заб одаме арзи дил кардам. – Инро гуфта вай рафтанӣ шуд, ки навча аз оринҷаш дошт.

– Сабӯс барин сабук нашав. Ба ту як маслиҳат медҳам.

– Боз чӣ хел маслиҳат?

– Маслиҳат ҳамин ки дгар аз дорухона ба дорухона камтар дав. Ин даводавро дар дигар ҷо кун, ҳӯ, стадион аст-ку, медонӣ?

– Медонам!

– Ё ягон ҷои дигар, масалан дар пойгаҷо гузарон. Пагоҳӣ, бегоҳӣ ... Баъди як ду моҳ мебинӣ, ки аз касалиҳоят ному нишон намондааст.

– Э, моне, боз масхара мекунӣ. Ба заб одаме арзи дил кардам, – вай даст афшонда рафтанӣ шуд, ки навча боз аз оринҷаш маҳкамтар дошт.

– Ба ту ҳаққи гапро гуфтам, ҷӯра. Гуфтагии мана кун. Агар баъди ду моҳ худат мана кофта ёфта «Ташаккур ба ту, ошно. Акнун фаҳмидам, ки ҳақиқатан дӯстам будаӣ» нагӯӣ, номамро дигар мекунам.

Вай боз даст афшонда халос шуда рафтанӣ шуд, ки навча даст дод:

– Мана дастам. Гапи мард якто. Ту наков, ман туро мекобам. Фақат ҳамин ки гуфтагиамро кун. Хуб?

Кулӯлаи пастак нимшунаво «хуб» гуфту хайрухушро нася карда рафт.

Баъди ду моҳ бо тасодуфе онҳо ба ҳам рӯ ба ру омаданд. Ду навча. Навчаи пешина навчаи ҳолангиро нашинохт. Эътибор надода гузашта рафтанӣ шуд, ки навчаи ҳолангӣ маънидор китфашро ба китфи ӯ расонда гузашт.

– Кӯрӣ, намебинӣ? – бонг зад навчаи пешина.

– Бале, як вақт кӯр будам. Ҳеҷ ҷоро намедидам. Фақат дар ғами шикам будам. Акнун биноям. Ҳама чизро мебинам. Раҳмат, ҷӯра барои дорӯи нағзат.

Навчаи пешина навчаи ҳозираро акнун шинохт.

– О, ин тӯӣ?

– Бале, ман.

– Э, офарин!

– Офарин ба ман не, ба ту офарин!

– Ин тавр бошад, дастатае те.

– Ин дафъа барои чӣ?

– Те гуфтам, те-да.

– Мана, дастам.

– Қасам хӯр.

– Қасам мехӯрам. Барои чӣ?

– Барои он ки ...

– Барои он ки ...

– Дигар ҳеҷ гоҳ пур ...

– Дигар ҳеҷ гоҳ пур ...

– Дигар ҳеҷ гоҳ ... пур ҳам намехӯраму ғам ҳам.

– Нест бод фарбеҳӣ!

– Нест бод фарбеҳӣ!...

– Ана, ин гапи дигар ...

Соли 1985.

## «ДУРУСТТАР НАВИС»

Рӯзи якшанбе ҳаққу ҳамсояҳо суратгири рӯзнома Амриддини Мӯсоро ҳалқасон печонда гирифтанд. Ҳар кадоме дар даст рӯзномаи онрӯзаро нигоҳ медошт.

– Э, офарин!

– Қоил кардед-ку!

Амриддин китф дарун кашид:

– Худаш чӣ гап?

– Худата ба нодонӣ назан, зуд тарафи магазин дав ... – Ин хел қиликҳо ҳам доштию то ҳол ...

– Хоксорӣ-да, хоксорӣ.

– Э, худаш чӣ гап? Тинҷӣ-мӣ охир?

– Ба қавли худат саҳифаро чунон гул кунондӣ, ки ...

– Боз худаша ба нодонӣ мезанад-е. Э, бало ту.

– Заб гап задетон-да. О ман қариб ҳар рӯз тамоми шумораи газетамона гул мекунонам. Газета бе суратҳои ман намебарояд. Ҳамин ҳам కирои воҳима шуду. Ман гумон кардам, ки ягон достонам чоп шудааст.

– Хайр, фарқаш-чӣ? Имрӯз силсила, пагоҳ достон ...

– Боз чӣ хелӣ силсила? – ҳайронтар шуд Амриддин.

– Ана, боз сар шуд. Боз худаша ба нодонӣ андохт.

– Бачаҳо! Беҳуда худатона азоб надиҳед. Аз ин мумсик мӯй канда намешавад. Беҳтараш, биёед шоҳкориҳояшро мутолиа кунем. Канӣ, ин шоири баҷоӣ ба мо чиҳо тӯҳфа кардааст.

– Чӣ? Шеър? Шеъри кӣ?

– Шеърҳои кӣ мешуд? Шеърҳои ту-да.

Ҳамон замон бачаҳо Амриддини лолмондаро ба ҳоли худ гузошта ба газета часпиданд. Садои шарақ-шарақ гӯшҳоро ба қомат меовард. Сарҳо хам, лабҳо ҷунбон, кавоқҳо овезон ...

– Оббо! Заб шеъре чоп кардааст, – гуфт яке. – Ин хели шеъра ман хоҳам агар, ба поям менависам.

– Дупа-дуруст, – гапи ӯро тақвият дод дигарӣ. – Ин шеър не, сафсатта.

– Ҳайфи майдони газета.

– Ҳой бачаҳо. Шумо соқ ё... – Амриддин ангушташро ба чаккаи сар тоб дод.

– Мо-ку соқ, лекин намедонам ба ту чӣ шуд?

– Ба ман ҳеҷ чиз нашудааст. Ман соқ.

– Э, моне. Диламона аз шеър ҳам хунук кардӣ-ку. Пагоҳ ба шефат сим мезанам. Расвогита мебарорам. Шеър менавиштагӣ бошӣ, дурусттар навис. Чӣ лозим ҳам худатаю ҳам хонандая аҳмақ кардан.

– Э, бачаҳо. Илтимос. Дар таги бинbackgroundиям помонак наканед. О,

ман ...

Вале касе Амриддинро гӯш накард.

– Ҳайфи пул, – гуфт яке аз онҳо ва газетаро ба сари Амриддин ғуронд: – Ма, худат хон – гуфту бо қаҳр рафт. Дигарон паи ӯро гирифтанд.

Вай ... ҳоло ҳам нафаҳмида буд ... Чаро бачаҳо дар қаҳр шуда аз ӯ рӯй гардонда рафтанд. «Чӣ шуда бошад?» – гуфта ба газета чашм давонд. Чашм давонду ба ҳамааш сарфаҳм рафт. Дар саҳифаи адабии «Чашмасор» як силсила шеърҳои ҳамкору ҳамномаш Амриддин бо обу ранги махсус (албатта техникӣ) чоп шуда буданд.

– Фаҳмо, – ғурунгид ӯ ва ба димоғи сӯхта хона даромад.

... Пагоҳӣ бо ҳамон табъи гирифта идора омад. Даст ба дастаи дари кабинети якум бурд. Дар он ҷо одаме менишаст, ки дина боиси озор ва шармандагии вай шуда буд. Тахмин кард, ки Амриддини ҳамномаш ҳоло танҳост. Вай ҳамеша пеш аз ҳама ба кор меомаду машқи шеър мекард. Ҳоло медарояду аз набудани дигарон истифода бурда торсакии обдоре ба баногӯшаш мефарорад ва оташи дилашро паст мекунад.

Дарро сахт кашида даромад. Не, шасташ гашт. Кабинет аллакай пури одам буд. Ҳозирон шеърҳои Амриддинро муҳокима доштанд. Амриддини калонӣ ба ҳама дӯғ зада гуфт:

– Ҳой! Канӣ, муҳокимаро ба як тараф монед. Куҷоӣ ин шеърҳоро муҳокима мекунед? Ман ин хел шеърҳоро бо почакам менависам.

Кабинет ҳамон замон ях баст. Дами ҳама ба дарун зад. Ин нидои Амриддин раъди дар осмони соф ба амал омадаро ба хотир меовард.

– Ҳайрон нашав, бародар, – рӯ овард ба ҳамномаш, – ба ту як маслиҳат. Агар шоир шуданӣ бошӣ, дурусттар шав, агар шеър навиштанӣ бошӣ, дурусттар навис. Одама дар пеши дӯсту душманаш шарманда накун.

– Чӣ гап шудааст? – аз ҳар тараф чунин нидо баланд гардид.

– Кори шумо набошад! – инро гуфта Амриддин бо ҳамон шасту бо ҳамон валвала дарро сахт аз берун пӯшид.

Кабинет аз нав ях баст ...

Соли 1985.

## «МУРАНД ИН ХЕЛ ҶӮРАҲО»

Эшмат кайҳо аз Тошмат қасос гирифтанӣ буд. Пайти мувофиқ меҷӯст. Нохост...

Ба Тошмат хабар доданд, ки зуд ба местком равад. Ҳайрон шуд, чаро дигарро нею маҳз ӯро даъват кардаанд.

– Чӣ кор кунам? – пурсид аз Эшмат.

– Рав! – ҷавоб дод Эшмат нимғурма.

– Намедонӣ, барои чӣ маро он ҷо ҷеғ заданд?

– Намедонам. Мабодо-ку аз кор прогул накарда бошӣ?

– Аз куҷо? Ман ҳар рӯз аз устои смена пештар ба кор меоям.

– Ин хел бошад, фолбинӣ карда намешинем.

– Тинҷӣ бошад, хуб-куя. Вақтҳои охир чашми чапам зуд-зуд мепарад.

– Хавотир нашав. Чашми чапи мард нишонаи хуб дорад.

– Ҳамин хел?

– Ҳова! Ман гуфтаму ту шунав. Аз ин ҷо зиқ меравию аз он тараф мебинем, ки лабат ба гӯшат ҳарифона хӯрда меоӣ. Бурутота табар ҳам намебурад. Канӣ, зуд рафта биё. Мо ҳам навигария шуниданӣ.

– Хуб, рафтам.

Тошмат рафт.

Баъди ним соат паси сархорон омад. Чеҳрааш ба соне буд, ки дар он на аломати шодӣ хонда мешуду на маъюсӣ.

– Хайр, чӣ гап? Шер ё рӯбаҳ?

– Э, ман чӣ донам? – гардан каҷ кард Тошмат.

– Чӣ хел? Канӣ, тезтар носа партою гапа зан.

– Э ман даҳанамба нос надорам. Чаро масхара мекунӣ?

– Масхара накардам. Пишак барин минг-минг накуну гапа дангал гӯй.

– Гуфтанд, ки як путёвка омадааст. Онро ба ту ҳамчун коргари пешқадам пешкаш мекунем. Рафта дар лаби баҳри Сиёҳ миёну мангала загаратса карда меоӣ.

– Э, ин навигарии калон-ку. О, пас чаро аз қавоқат ҷола борида истодааст?

– Аз қавоқам ҷола боридагиаш не. Ҳайронам, равам ё нара-

вам гуфта ӯй карда истодаам.

– Э, ӯй-пуя мон. Тайёрии сафара бин.

– Чӣ хел? О, хона кати маслиҳат накарда ...

– Маслиҳат? Бо кӣ?

– Бо очаи бачаҳо.

– Хаёл мекунӣ, ки вай хурсанд мешавад?

– Ман чӣ донам.

– Гӯш кун, кундаи дӯзах. Кадом занак мехоҳад, ки отаи бачаҳо расо 24 рӯз аз канораш канда шавад. Барои ҳамин маслиҳати хоная як тараф мону зуд рафта розигӣ деҳ, набошад, бе путёвка мемонӣ.

– Ҳамин хел гӯям?

– Ҳамин хел гӯй.

– О ...

– Боз чӣ «о, о».

– О, маззаи киса нест. Одам ки роҳи дур рафт, бо кисаи холӣ намеравад.

– Гапат дуруст. Лекин наход ки ягон пасандоз надошта бошӣ.

– Каму беш ҳасту ...

– Ҳа, боз чӣ гап?

– О, вай ба нияти ҷуфт кардани сари писари калонӣ. Баъд ин ки пул дар сандуқи занам. Мурад ки лаби пулро кам кунад.

– Ҳм, фаҳмо! – Эшмат лаҳзае ба андеша рафт. Хаёле ба сараш заду рӯяшро ба як тараф гардонда зери лаб пичиррос зад: «Ҳа, акнун туро боб мекунам. Лаҳзаи ниқор омад».

– Ҳа, чиба ғур-ғур мекунӣ? – пурсид Тошмат.

– Як маслиҳат аст. Аввал гӯй, ки хешу табор, ёру дӯст дорӣ?

– Дорам. Лекин дилам намешавад, ки аз онҳо пул қарз гирам. Қарз ки гирифтӣ, фавран онро баргардондан даркор. Агар худо мана бад бинад, ман одами қарздора.

– Э, ту саросема нашав. Аввал гапа гӯш кун. Агар маслиҳати мана гирӣ, кордат болои равған меафтад.

– Хуш-хуш, – чашмони Тошмат мурғак рафтанд.

– Аввал ба ман гӯй, ки ягон мол-пол дорӣ?

– Дорам. Як ҷувоначая бароии писарам бонӣ карда истодам. Насиб бошад, сари тирамоҳ аз аскарӣ меояд.

– Бисёр нағз! Бисёр нағз! Гӯш кун. Бача гуфта зиқу зардов нашав. Рисқи вай пешопешаш меояд. Медонӣ, ту чӣ кор мекунӣ?

– Намедонам.

– Набошад, маро бадиққат гӯш кун.

– Ду рӯз пеш аз рахти сафар бастанат, хешу табор, ёру ақрабора ба хона таклиф мекунӣ. Мегӯӣ, ки фалон рӯз ба курорт меравам. Ба муроди сафар якта ҷувоначаро ният карда мондагӣ ...

– Э, не! Аз даҳонат шамол барад, – пеши гапи Эшматро зуд қайчӣ кард Тошмат. – Занам худашро фалақ меандозад.

– Э, ба миёни гап лагад назан. Мон аввал ман тамом кунам, ана баъд навбати ту. Маъкул шавад, хуб мегӯӣ, нашавад чор тарафат қибла. Сарату равғанат.

– Хуш, канӣ давомаша гӯш кунем.

– Давомаш ҳамин ки ҷувоначая мекушӣ. Дар се дег алав мемонӣ. Дар якумаш дилу ҷигара мезирбонӣ, ба дуюмаш шӯрбо меандозӣ, ба сеюмаш зирапалав... Меҳмонҳо ки омаданд, зану шӯ «хуш омаданд, хуш омаданд. Ба қадаматон ҳасанот» – гуфта хайра мақдам мегӯед. Омадагиҳо ки ошу зиёфатро хӯрданд, пеш аз бархостан, яъне вақти чойнӯшӣ «Шумоҳо бемалол чой нӯшида истетон, ман ҳозир меоям» – гуфта чанд дақиқа хонаро ба ихтиёри онҳо мемонӣ ва ба ягон тараф шох мешавӣ. Баъди ним соат омада мебинӣ, ки ҳама дар тараддуди хестан. Боз «Хуш омадед, нури дида тоҷи сар, аз курорт биём, боз ҳамин ҷо вомехӯрем» – гуфта то беруни дар гусел мекунӣ.

– Хайр, ана гусел кардем. Аз ин ба мо чӣ фоида? О, хонасалот мешавем-ку.

– Э, намондӣ ки гапама то охир тамом кунам-а. Ин қадар саросема ту. О, чӣ хел дар шиками очаат нӯҳ моҳу нӯҳ рӯзу нӯҳ соату нӯҳ ... тоқат кардӣ?

– Хайр, мебахшӣ. Тезтар тамом кун, ки вақти ношто шуд.

– Гӯш кун. Меҳмонҳоя гусел кардӣ. Хуш, акнун бигӯй. Баъд чӣ кор мекунед?

– Намедонам. Ба гуфти ту чӣ кор кунем?

– Сабр. Ҷои асосишба омадем. Ҳамроҳи янгамулло ба меҳмонхона медароед. Хуш ки бошад, ту ба янга ишора мекунӣ, ки секинакак кӯрпачаҳоро бардошта ба як тараф кат кунад.

– Ин кора бе ту ҳам медонам. Давомаш ...

– Сабр, Тошматҷон. «Собирон аз сабр ёфтаанд». Ҳар гоҳе ки янга кӯрпача мебардорад, ту ба таги он зеҳн мемонӣ. Зеҳн мемонию чиро мебинӣ.

– Хоки хунук, бели нӯгтез...

– Э, не-не, аз таги кӯрпачаҳо ҷо-ҷо садсӯмаю панҷсадсӯмаҳои шарақосиро мебинию оби даҳанат мерезад. Дукаса ҷамъ мекунед. Баъди фосилае дар кафи дастатон як бандча пул. Гӯё ки Хӯҷаи Хизр назар карда бошад. Ҳисоб мекунед, ҳисобаш гум. Нимаша ба кисаи худат мезанию ними дигараша «ин ҳаққи ту, занак» – гуфта ба дасти янгамулло меқапонӣ. Янга ин пулҳоро дида ҳама чизро фаромӯш мекунад, ҷувонаро ҳам, азоби онрӯзаи меҳмондориро ҳам. Эҳе, чияша мепурсӣ, ҷӯра ...

Вақте ки Эшмат ин гапҳоро мегуфт, даҳони Тошмат ба гӯшҳояш ҳарифона мехӯрд, чеҳрааш гул-гул мешукуфт. Дар дил ба ҷӯрааш ҳасанот мегуфт, ки чунин калла дорад. Чаро то ҳол ба ёди ӯ ҳамин гапу кор нарасидааст. О, вай худаш бо ҳамин ду гӯшаш шунида буд, ки ҳама касон: хоҳ калоншаванда бошаду хоҳ майдашаванда пеш аз курорт рафтан ҳамин хел мекунанд ва бо бандча-бандча пулҳои шарақосӣ ба курорт рафта кайфу сафо карда меоянд.

– Офарин ба ту ва ин каллаи пурмағзат, ҷӯра. Ин корро ҳатман мекунам. Занам нуққӣ намегуяд. Исто, ки аввал туя чеғ мезанам. Меоӣ?

– Албатта. Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан.

– Хайр агар кушоду равшан гӯем, чи қадар ҳиммат мекунӣ?

– Кайҳо барои ту як панҷсадсумаи ҳаштқадшударо дар лифаи эзорам баҷо карда мондам. Ҳамон садқаи сари ту.

– Мешавад. Агар аз ту бариин мумсик панҷсад сӯм барояд, дигарон домани ҳимматро васеъ мекушоянд. Шуд, гапамон пухт. Дили занака ёфта хӯрду хӯрокро ду-се бор зиёд мекунам. Хайр, ман рафтам. Боз бе путевка намонам.

Тошмат тирвор тарафи местком давид.

Шаб кайҳо аз нисф гузашта буд. Тошмату занаш дам ба дам ба соат нигоҳ карда ноаён чашмакӣ мезаданд. Нигоҳи онҳо чунин мегуфт: кай мераванд ин хираҳо. Чӣ, хона надоранд магар?

Ниҳоят меҳмонҳо ба дастархон омин гуфтанд. Як-як аз ҷо бархоста берун баромада ба Тошмат орзуҳои зиёде баён карда омодаи рафтан шуданд.

Зану шӯй меҳмони охиринро то беруни дар гусел накарда худро тирвор ба дарун заданд. Дар як дам чанги хона ба шифт

бархост. Кӯрпачаҳо ду-се бор тагурӯ шуданд. Вале ҳайҳот ... Чашми онҳо ҳатто ба ягон тини зардак ҳам дикка нахӯрд. Дар як гӯша варақчае мехобид.

Тошмат бо сару рӯи арақшор ҳаш-ҳашкунон қоғазчаро ба даст гирифт. Дар он чунин сатрҳо навишта шуда буданд «Дӯсти азиз Тошмат! Зиёфат олӣ буд, ташаккур. Ба ту парвози нек, табъи чоқ, истироҳати гуворо ва дидори тоза таманно дорем. Дӯстонат».

Чӣ шӯру қиёме бархост байни зану шӯй. Ба тасвираш қалам оҷиз аст. Аз байни ҷангу хархаша ҳамин суханҳо радду бадал мешуданд. «Муранд ин хел ҷӯраҳо. Обу оши додагим заҳру зуқум шуда тану ҷонашона сӯзонда хокистар гардонад». «Э, мардак нашуда мӯр» ва ғайраву ҳоказо.

Қисса ба он анҷом ёфт, ки путёвкаи Тошмат ба чанд қисм ҷудо шуда, дар фазои ҳавлӣ ба парвоз омаду ӯ рӯзи дигар бо сару рӯи қашқа ҷониби табобатхона роҳ гирифт.

Соли 1988.

## ОВОЗИ «ЯГОНА»

Дар яке аз пажӯҳишгоҳи бузурги илмӣ барои ишғол намудани курсии директорӣ озмун эълон шуд. Муддаии асосӣ шефи пештара буд. Вай то рӯзи овоздиҳӣ тавонист ба бисёриҳо мулоқот орояд, ба таги дилашон ворид шавад. Ба баъзе аз «хатарнокҳо» курсиҳои мулоим ваъда кард. Ҳама ба ӯ чунин қавл доданд: «Домулло! Аз мо дилпур бошед! Даҳта овоз дошта бошем ҳам, ба шумо медиҳем!»

Дилаш пур шуд «Худо хоҳад, ин дафъа ҳам забардаст шуда, боз камаш панҷ сол касе курсии мулоимро аз тагам ҷунбонда наметавонад».

Бо ҳамин нияти нек рӯзи интихоботро бо беқарорӣ нигарон буд. Он рӯз ҳам фаро расид.

Касе, ки аз хонаи овоздиҳӣ мебаромад, ҷониби ӯ бо чеҳраи шукуфон бо аломати «корҳо ванг, ба шумо овоз додам» менигарист. Ин ҳолро дида қабат-қабат гӯшт мегирифт.

Соати ҳисобу китоб ҳам фаро расид. Интихобот ҷамъбаст

шуд. Натиҷа: муддаии мо ҳамааш шуда як (!) овоз гирифт.

Ба фикр фурӯ рафт ӯ. Кӣ бошад он ягона шахси дилсӯзу ғамхор, мутаккои ӯ, ки дар ин лаҳзаҳои ҳассосу тақдирҳалкунанда овозашро ба ӯ додааст? Фикр карду фикр кард, лек ҳеҷ дарк карда натавонист, кӣ бошад ӯ? Ғофил аз он, ки худи ӯст.

## «МУАММО»

Ба Файзалӣ, барои мошинаш кален – вал лозим шуда монд. Худро ин тараф он тараф зад, пайдо карда натавонист. Ба бозор рафт, нархи наворо дида ҳангу мангаш канд.

Рӯзе зиқу малӯл аз назди автобаза мегузашт, ки рӯ ба рӯяш шиноси дерина, ҳамдеҳаву хеши дураш Наҷмиддин пайдо шуд. Онҳо ки ҳамдигарро муддати мадиде надида буданд, оғӯш ба оғӯш шуда сару рӯи ҳамдигарро бӯсаборон намуданд. Роҳравон хеле аз ину он сӯҳбат карданд. Дар интиҳои гуфтугӯи пурмӯҳтаво Файзалӣ пурсид:

– Канӣ, гап занед, дар куҷоҳо мегардед, пайи кадом коред?

– Ман дар ҳамин атроф, ака. Хӯҷаини ҳамин корхона.

– А, ҳа, наход? – лабони Файзалӣ ба гӯшҳояш ҳарифона хӯрд. – Муборак шавад, муборак шавад. Чанд сол шуд?

– Панҷ-шаш сол мешавад ...

– Яъне, ки баъди перестройка?

– Ҳа, худи худаш. Яъне замона дигар гашту мо хам соҳиби ҷой гаштем. Ягон хизмат-пизмат бошад, мо тайёр, ака. Аз таги замин ҳам бошад, ёфта медиҳам.

Файзалӣ маншаи ханда кард.

– Ҳа, чаро механдед, ака? Ё бовар надоред?

– Не, не, чаро. Ман ба қобилияту корбудкунии шумо бовар дорам, додари ҷон. Ҳамин хизмат гуфтию ...

– Бемалол, ака. Гуфтан гиред. Ба шумо накунам, ба кӣ мекунам?

– Нағз намешавад. Боз нагӯед, ки даст дода ...

– Не, не, ин тавр нагӯед ака. Бемалол, як автобусча дорам. Якта қисмчааш намерасад.

– Чӣ хелӣ қисм?

– Кален-вал.

– Ҳмм, ҳеҷ гап не, меёбам. Ҳамин рӯза худаш соати чор ягон каса фиристед, ёфта дода мефиристам.

– Э, балотона гирам, Наҷмиддинҷон. Рост мегӯед? – чашмони Файзалӣ мурғак рафтанд. Бовараш намеомад, ки ... – ба ростӣ, ҳамин хел?

– Бале, ал ваъдаву дайн.

– Бовар намекунам. Ба худо, ки ... Ман хобам ё бедор?!

– Бовар кунед, ака. Шумо бедор. То сухани шумо шикастана гардани шайтон шиканад.

– Ташаккур, додар. Илоҳӣ, ба ҳазор дароед!

– Намеарзад, ака. Хуб, ман соату чор одами шуморо интизор.

– Э, ман худам меоям, Наҷмиддинҷон, худакам меоям. Шумо ин қадар меҳрубонӣ мекунеду ман боз ягон каси дигарро ...

– Марҳамат, ака, марҳамат. Боз беҳтар. Бо ин баҳона коргоҳи мана мебинед, як пиёла чой менӯшед... Агар мабодо набошам, лаҳзае интизор мешавед.

– Э, парво накунед. Лозим шавад, то пагоҳ шуморо интизор мешавам.

– Хуб, то боздид.

Наҷмиддин рафт. Файзалӣ ба ақиб гашта ногоҳ ба фикраш омад, ки «Чаро нархи қисми эҳтиётиро напурсидам. Э, мани бекалла. Аз хурсандӣ ... Хайр, ҳеҷ гап не. Он чанд рубли захиракардаамро соати чор меорам. Агар камӣ кунад, боз мебиёрам мегӯям. Охир мо бегона не-ку...» Файзалӣ бо рӯҳи болида ва табъи саршор расо соати чор ба назди база ҳозир шуд. Аз дарбон директорро ҷӯё шуд. Дарбон гуфт, ки «чоқамба имрӯз директор намешаванд».

Файзалӣ ҳайрон шуд:

– Ягон чиз нагуфт, таъин накард?

– Не. Шояд ба ҷонишинаш таъин кардагист. Вай ҳо, дар он хонача. Ба ҳамон ҷо равед.

– Не, раҳмат. Ба ман худи он кас лозим.

Файзалӣ паси сархорон худро дуртар гирифт. «Шояд меомадагист, камтар маҳтал шавам. Ин дарбон аз куҷо медонад?» Вай бо ҳамин андеша оҳиста-охиста сари роҳ баромад. Рӯзи равшан тадриҷан ҷояшро ба шоми тира мебахшид, вале аз Наҷмиддин ҳанӯз дараке набуд.

Он бегоҳ Файзалӣ бории аваал сардие дар қалб, вазниние бар дӯш эҳсос намуд. «Одами калон. Саду як ташвиш бар гарданаш бор. Ягон кори зарӯраш баромадагист. Худо хоҳад, пагоҳ албатта вомехӯрем. Ва мушкили ман мешавад ҳал ...»

Файзалӣ бо нияти дидор субҳи дигар боз ба база омад. Хушбахтона, Наҷмиддинро пайдо кард.

Сардори база гӯё ҳеҷ чиз нашуда, ваъдае надода бошад, ба Файзалӣ самимона вохӯрд, ҳолу ахвол пурсид, лекин урз пеш наовард. Файзалӣ дид, ки ӯ хомӯш аст, чизи ваъдагиро ёдрас намуд.

– Медонам, ака, медонам. Як кас ваъда карда буд. Бояд ҳамин рӯз биёрад.

Аз дили Файзалӣ филфавр гузашт: «О, агар ҳамин тавр ки буд, чаро ваъдаро ба ин рӯз надодӣ?», лекин аз зикри он худдорӣ кард.

Наҷмиддин афзуд:

– Биёед, ин тур мекунем, ака. Шумо ба ман адреси хонаро диҳед. Телефонатонро монед. Бегоҳ худам бурда медиҳам.

– О, раҳмат додар, – боз шӯълаи умед шамъи хомӯшистодаи замири дили Файзалиро мунаввар сохт: – Каму гамро набинед, додар. Маро аз ташвиши омаду рафт халос мекунед. Раҳмат. Шуморо дар хона мунтазир мешавам. Бо ин баҳона хонаи хоксоронаи моро мебинед, як пиёла чой менӯшед. Исто, Наҷмиддинҷон, як чизро пурсам. Сабил, вай дафъа фаромӯш кардам.

– Хуб, ака.

– Ин запчаст чанд рубл қимат дорад?

Наҷмиддин қоҳ-қоҳзанон хандид:

– Бисёр қимат аст, ако. Зӯри шумо намерасад.

– Наход? Пас...

– Парво накунед, зӯри шумо нарасад, зӯри мо мерасад-ку.

– Ба ҳар ҳол, додар, почака чени кӯрпа дароз кардан лозим. Агар дар ҳақиқат қимат бошад, зӯри ман намерасад...

– Эҳ, ака. Ҳоло ҳам ҳамон соддагии кӯҳистониатон боқӣ мондааст-да. Наход ман аз шумо барои ду пула чиз пул пурсам. Читу шуда дар умратон як бор коратон ба ман афтидааст...

– Раҳмат, додар, дасти камиро набинед. Хайр, ман вақти шуморо намегирам. Бегоҳ интизор мешавам.

Онҳо ба ду тараф ҷудо шуданд.

Вақт вазнин мегузашт. Шом ҳам фаро расид. Файзалӣ то як

ҳисси шаб роҳи Наҷмиддинро поид. Вале вай аз худ дарак надод.

Рӯзи дигар ба автобаза омада фаҳмид, ки Наҷмиддин сари субҳ ба сафари дуру дарози хидматӣ, ба Маскав рафтааст. Корро бало зад, кобу ёбу гир! Дуд аз димоғи Файзалӣ баромад. Латтааш ба об зад.

Вале вай аз он одамоне набуд, ки аз андаке нобарорӣ зиқу зардоб шаваду тахтаву тиракаша ғундошта монад. Вай «сар медиҳаму намедиҳам сир» гӯён бозгашти Наҷмиддинро интизор шуд.

Ниҳоят он рӯз ҳам фаро расид. Наҷмиддин омад. Файзалӣ ӯро дид. Боз ваъда, ваъда, ваъда... Ваъда ба имрӯз, ваъда ба фардою пасфардо. Аз ин ваъдаҳо бағали Файзалӣ пур мешуданд, вале вай аз майдони ҳарб ҳамту мағлуб шуда рафтан намехост. Дар тӯли ду моҳ бо Наҷмиддин кам не, ғам не, расо бист маротиба вохӯрд, сиву панҷ маротиба телефон кард. Вале ҳанӯз ях аз ҷояш намеҷунбид, ваъда ваъда мемонд. Ҳар доим, ҳам ҳини мулоқот, ҳам ҳини телефон Наҷмиддин ӯро меҳрубонона, бо лутфу навозиш, бо чеҳраи кушода истиқбол мегирифт, ваъдаи бегоҳу пагоҳ медод, то таги дар гуселаш мекард. Бо вуҷуд автобусчаи Файзалӣ таги боду борон беҳаракат, дар ҳасрати кален-вали Наҷмиддин мехобиду мехобид.

Бечора Файзалӣ ба чанд суолаш ҳеҷ не ки ҷавоб бигирад: «Чаро ҳар доим Наҷмиддин домани ӯро бо чормағзи пуч пур мекунад? Чаро ба ваъдааш вафо намекунад? Чаро ақалан намегӯяд, ки «ако, ин кор аз дасти ман намеояд. Чароғатонро ба рӯшноӣ занед». Ҷавоби ин суолҳо барои ӯ муаммое буд сарбаста.

Ниҳоят боз худаш нӯги чигилро кушод, яъне ба муаммояш посух ёфт. Вай ин тур кард. Захираҳояшро ҷамъ кард: ҷамъулҷамъ панҷоҳ ҳазор рубл! Бандча карда аз байнаш ришта гузаронда ба бағал заду роҳи автобазаро пеш гирифт.

Дар дафтари кории Наҷмиддин ду-се тан менишастанд. Вай дар қабулгоҳ чанд дақиқа сабр карда ниҳоят тоқаташ тоқ шуда дарро кушода ва ба он нафарон муроҷиат кард:

– Рафиқон! Гапа камаш хуб. Акнун навбат ба мо, ба хӯҷаин кори зарур дорам!

Онҳо баромада рафтанд. Дафтари корӣ холӣ. Файзалӣ ворид шуд. Ба Наҷмиддин нӯги даст дода, ба курсии рӯ ба ру амонат нишаст. Бандчаи пулро аз кисабағал бароварда таққӣ болои миз

гузошта оҳиста гуфт:

– Расо панҷоҳ ҳазор. Агар кам бошад, боз медиҳам. Ман бегоҳ шуморо дар хона интизор мешавам, – инро гуфта Файзалӣ ба Наҷмиддин маҷоли гап задан надод, аз ҷой бархост ва бадар рафт.

Наҷмиддин: –

– Ака, ҳой ака. Як дақиқа! – гуфта аз ҷой бархост, вале Файзалӣ алакай дафтари кориро тарк намуда буд. Гапаш дар даҳонаш монд.

Наҷмиддин маншаи ханда карда, аввал ба бандчаи пул дуру дароз нигаристу сипас, ғалладонро кушода бастаро бо нӯги лелакаш андаруни он тела кард.

Шом нарасида занги дари хонаи Файзалӣ садо дод. Файзалӣ дарро кушода дар остона як ҷавони ношиносеро дид:

– Хонаи акаи Файзалӣ ҳаминай?

– Бале, хаминай. Марҳамат, дароед.

– Не, раҳмат, ака. Хӯҷаин барои шумо як чиз дод, ҳаминро овардам, – инро гуфта ҷавон як халтаи целлофаниро аз дар дарун кард.

Файзалӣ зуд ба дарунии халта нигарист. Нигаристу дар лабонаш табассум ҳувайдо гашт. Хандаи заҳролуде кард.

– Ҳа, чаро механдед, ака? Ман шояд хато карда дигар чиз оварда бошам?

– Не, хато накардӣ. Чизи даркориро овардаӣ. Ман ба ҳоли худам механдам, ба нодонии худам механдам. Синну солам ба ҷое расидаасту ҳоло ҳам хомам. Ин корро барвақт кардан лозим буд, ду-се моҳ пештар кардан лозим будааст.

– Кадом корро, ако?

– Инро аз хӯҷаинат пурс.

– Хайр, ман рафтам.

– Ташаккур, додар. Чой наменӯшӣ?

– Раҳмат. Хӯҷаин интизор.

Ҷавон рафт. Файзалӣ дарро пӯшид. Аз дарун хандаи осмонкафи вай боз ба фалак печид ...

Соли 1991.

## «САРАШУ РАВҒАНАШ»

Яке аз дӯстони Файзалӣ ба ӯ ҳикояте кард. Файзалӣ онро ба ман ҳикоят кард. Ман онро ба хонандагон ҳикоят мекунам.

... Чанд сол аст, ки муҷаррадам. Ба ҳамин карибӣ бахтам хандид. Бо ташаббус ва меҳрубонии як шиносам – ҷавонзани чаққону хушгуфтору хушзабон ба ҷавонзани зебое ошно шудам. Аз рӯи нақли пешакии шиносам шавҳари ин ҷавонзан чанд сол қабл аз ин дар яке аз кишварҳои Руссия беному нишон шуда баъди чанде хабари маргаш омадааст.

Аз мулоқоти авал ҷавонзан ба ман маъқул омад. Аҳди ошноӣ бастем. Гуфтамаш, ки агар розӣ шавад, ба ӯ хонадор мешавам. «Фикр мекунам» гуфта ваъда дод. Ману ӯ ҳар як вохӯриро бесаброна интизорӣ мекашидем ва баъди ҳар як мулоқот дар китоби сарнавишти мо саҳифаҳои тоза навишта мешуданд.

Рӯзе маҳбубаам ба мулоқоти навбатӣ дер омад. Аз чӣ бошад, ки авзояш беҷо, хавосаш парешон буд. Сабаб пурсидам. Аввал «Ҳеҷ гап не, ҳамту ...» гуфта лаб фурӯ баст. Лекин маҷбураш кардам, сабаби хотирпарешониашро бигӯяд.

– Имрӯз хоҳархондатон (ҳамоне, ки моро ба ҳам ошно карда буд) маро ба савдо андохтанӣ шуд.

– Аҷоиб! Чӣ хел?

– Ба мулоқоти шумо шитоб доштам. Вай сим зада гуфт, ки «маро интизор шав, ҳозир меоям». Имкон пайдо накардам, ки бигӯям: «Ман саросема ҳастам». «Ягон гапи муҳим доштагист» гӯён анҷомамро ғундошта берун баромадам, то ки бо ӯ дар сари кӯча вохӯраму гапашро шунавам ва хайрухӯш намоям. Медонедку, вай чӣ хел серҷоғ.

Сари роҳ баромада будам, ки мошини напа-нави хориҷӣ, пешу қафояш сип-сиёҳ сигнали дуру дарози гӯшкаркунанда дода истод. Ман эътибор надода гузашта рафтанӣ шудам «Мунаввар!» – овоз баланд кард касе. Гашта нигоҳ кунам, хоҳархонди шумою апахони ман. Аз мошин фаромада ҷониби ман меомад. «Ту балоча, рамузфаҳм. Молодец!» – гуфт ӯ биқинамро нихта карда ва сару рӯямро бӯсаборон карда афзуд: «Дар вақташ баромадӣ. Я люблю пунктуальность». Нафаҳмидам, ин суханҳо ба ман чӣ дахл доранд. Бӯи ғализи шароб, ки аз даҳони ӯ меомад, нафратамро овард, худро саҳл ба ақиб кашидам. «Рафтем!» – амр намуд вай.

«Маънии гапатонро нафаҳмидам, апа». «Ҳеҷ гап не. Ба мошин шин, ҳамаашро баъд мефаҳмӣ». Ҳайрон шудам. Чаро ба мошине, ки соҳибони онро намешиносам, шинам. Баъд ин ки ман ба дигар ҷониб равонам. «Мебахшед, апа, ман ба дигар тараф шитоб дорам» – узр пеш овардам.

«Ба кучо? – гулпурсӣ кард вай, «Худатон нағз медонед, апа...» «Ҳмм. Ба назди ҳамун масчой?» «Набошад, ба назди кӣ мешуд? Масчой-мӣ, ёбой-мӣ, охир шумо шинос карда будед-ку». «Ман шинос карда нагуфта будам, ки ба ӯ часпида гир? «Ман часпида нагирифтам. Лекин мулоқоту дидор ва дӯстдорӣ ба пиндори ман маънии дигар ҳам дорад ... Барои ҳамин боз узр, шитоб дорам». «Эҳе, ҳоло ошиқ шудам гӯй. Э, духтари содда. Ба ду-се сухани зебои вай ҷандагадо фирефта шуда аз маишат монда... О, медонӣ, инҳо киву чӣ кора? Бо доллар гап мезананд. Як соати харочоти инҳоро вай гуфтагии ту дар чор-панҷ моҳ намеёбад. Факт что, дам ғанимат, одам ғанимат, сестрёнка. Пошли!». Хоҳархондатон дасташро ба бағалам гузаронда, ба тарафи мошин тела кард. Ман аз ҷоям нaҷунбидам. «Ҳой, духтар, каллата кор фармо. Бо инҳо бисёр не, чанд соатакак мешавем. Як моҳа зиндагиата дар бадали як соат пайдо мекунӣ. Пас чӣ мехоҳӣ?» ҳамоно вай талқин мекард, ки ба мошин нишинам.

Ғазабам ба ҷӯш омад, гиря гулӯгирам кард. Аз нӯги забонам ин суханҳо берун шуданд: «Шарм намедоред, апа. Вай мардак шуморо бо меҳр хоҳар хондааст. Наход хоҳар арӯси бародари хешро ба савдо занад, номӯсашро барои чанд доллар шуда фурӯшад. Ман шуморо ин хел тасаввур намекардам».

Шасти вай каме гашт, вале ҳоло ҳам аз узангу нафаромада буд. Оҳиста ба гӯшам гуфт: «Вай аз кучо мефаҳмад, ки ту дар кучо, бо кӣ будӣ. Ягон баҳона мекунӣ, масалан, мегӯй, ки тобам нашуду рост ба хона рафтам.» «Разил! Разил шумо!» – бонг задам ман. Чанд роҳгузар ин нидои маро шунида ба ақиб гашта нигоҳ карданд, ки шармам омад. «Мунаввар!...» вай мехост боз чизе гӯяд, ки девонавор бонг задам: «Гум шавед! Нобакор! Илоҳӣ ба ғазаби худо гирифтор шавед!» Вай қоҳ-қоҳ зада хандида гуфт: «Ба дуои курмӯш борон наборидааст, ки ба дуои ту борад. Подумаешь. Пушаймон мешӣ, духтар. Нони тайёрро пеши по задан...» Инро гуфта башаст аз наздам дур шуд. Ман базӯр ашкамро нигоҳ дошта, зер лаб «Нобакор» – гуфтаму ҷониби шумо шитофтам ...

Ин ҳикояти риққатовари маҳбубаамро шунида, як аламам сад алам шуд. Бо мақсади дилбардорӣ ӯро сахт ба оғӯш кашида гуфтам: «Мунавварxон, ба дил нагиред. Хуб шуд, ки ҳамин хел шуд, шумо дугонаи худро хуб шинохтед. Минбаъд поятонро дониста монед». «Шумо ҳам хоҳархонди худро хуб шиносед! Метарсам, ки чунин қисса боз ба шумо рух надиҳад». «Э, аз даҳонатон шамол барад. Худо нигоҳ дорад. Ман ҳам калла дорам, ҷонакам! Бало ба пасаш! Илоҳӣ дасти ин хел хоҳар бишканад». Бовар мекунӣ, ҷӯра ман ин суханҳоро ҳамту бо шӯхӣ гуфта будам.

Лекин ... баъди ду моҳ Мунаввар ба ман чунин хабар дод. «Расо-ака. Шумо одами хавфнок!» « Э, боз чӣ гап шуд?» гуфта пурсам, аввал хуб хандид, сипас афзуд: «Дирӯз медонед, ба ман кӣ сим зад?» «Не-ку!» «Хоҳархондатон телефон кард. Гӯё ки ҳеҷ гап нашуда бошад, аз ину он расо пурсон шуд. Шумоя пурсид. Баъд ба гилаю ҷингила гузашт. Гуфт, ки шумо чӣ хелӣ хоҳар, ки аз ҳоли ман хабар намегиред». «Чӣ шудааст, гуфта пурсам гуфт, ки дар роҳи рост, дар рӯзи равшан пешпо хӯрда дастамро шикастам. Инак, расо ду моҳ мешавад, ки дасти ростам каҷкорӣ». Инро гуфта буд, ки дуои шумо ба ёдам расида қариб хандида фиристодам. Худамро базӯр аз ханда нигоҳ дошта сараму дилам дилбардорӣ кардам. «Беҳуда дилбардорӣ кардӣ, ҷони ширин. Беҳтараш мегуфтӣ, ки ҳоло хайрият шудааст. Агар маро – арӯси додаратро бори дигар ба савдо андозӣ, худо хоҳад гарданат ҳам мешиканад».

Мунаввара қоҳ-қоҳзанон гуфт: «Э, астағфуриллоҳ, гӯед. Боз ҳамин тур нашавад, ки баъд ... тамоми умр ... Беҳтараш, сарашу равғанаш гӯед ...» «Хуб, ҷони ширин, бигузор гуфтаи шумо шавад. Сарашу равғанаш, ё чуноне, ки мегӯянд, ҳаволааш ба худо!» «Ана, ин гапи дигар!» – инро гуфта Мунаввара худро ба оғӯши ман ҳаво дод.

Октябри соли 1997.

## ДАЪВОГАРИ ЗӮР

Ба дафтари кории сардор ворид шуда мардеро дидам, ки ҳузарбу болобаланд, мӯи мошу биринҷаш сари китфонашро «на-

возиш» мекард. Одоби салом ба ҷо овардам.

Азбаски сардор набуд, хостам ба ақиб гардам ва дар дафтари кориам омади ӯро интизор шавам.

Лекин вай мард аз бом тароша афтидагӣ барин «Ҳой, ист. Ту фалонча нестӣ?» – гуфта пурсид. «Ҳа, хато накардед. Ман фалонча» гуфта посух додам.

– Маро нашинохтӣ?

– Мутаассифона, на.

– Ҳа, ту ҳамин хел-да. Чашмонат равған гиирифтааст.

Инро гуфта он зот якбора ба ҳуҷум гузашт. Яке аз боғ мегуфту яке аз роғ, яке аз гулистон мегуфту яке аз хористон. Ҳамин қадар кӯшидам, ки оромаш кунаму ба сулҳ оварам, на, нашуд. Гап мезаду гап мезад. «Узр, ман саросема» – гуфтанам ҳам фоида накард.

Ниҳоят қаҳру ғазабамро базӯр фурӯ нишонда сафсатаҳои ӯро то ба охир гӯш кардам. Аз ин мулоқоти бемаънӣ хулоса чунин шуд, ки фурӯ нишондани қаҳру ғазаб ҳам ҳунар ва дар ин гуна мавридҳо «ҷавоби аҳмақ – сукут» – гуфта хомӯширо авлотар донистан беҳтар будааст.

Он мард чун дид, ки ман муҳри хомӯшӣ ба даҳан гузоштам ва суолҳою пурсишҳояш беҷавоб монданд, шояд аз хастагӣ бошад, лаб фурӯ баст. Камтар дам гирифту боз мехост ба «ҳуҷум» гузарад... Лекин ба бахти ман сардор ба дафтари кориаш ворид шуду ҷонам халос шуд. Хайрияте ...

## КОРИ САВОБ

Дар бинои комиҷроия ҷавонзане бо устод Ғурурбек рӯ ба рӯ омада, ӯро шинохта рози дил мекунад. Мегӯяд, ки «вай дар Ӯротеппа ба шавҳар баромада, бахт надид. Ниҳоят аз шавҳар ҷудо шуда ба Душанбе омадааст, то сарпаноҳе ёбаду зиндагии нав оғоз намояд».

Устод Ғурурбек чӣ маслиҳат доданашро надониста фавран мегӯяд:

– Медонед-чӣ? Ман саросема. Ба ин масъалаҳо муовини ман Фармонқул машғул. Хоҳиш мекунам, назди ӯ равед. Мушкилатонро осон мегардонад...

Баъди чанд рӯз устод Ғурурбек тасодуфан бо он зан вомехӯрад. Мехоҳад чапғалат дода гузарад, лекиин зан пеши роҳашро мегирад.

– Ба шумо ҳазор ташаккур, устод. Шумо шогирди хуб доштед.

– Чӣ, ӯ шуморо хафа кард? – бо таҳайур мепурсад Ғурурбек.

– Не, не! Баръакс! Эҳ, чизаша мепурсед, ако. Ман ... ман хушбахт ...

... Маълум гашт, ки муовини Ғурурбек Фармонқул ин занро бо марди занмурдаи ҳафтодсолае ошно карда, ба никоҳи онҳо мусоидат менамояд. Зани бесарпаноҳ соҳиби шавҳари бою бадавлат ва манзили обод мешавад. Хушнудӣ ва шукуфтанҳои вай ҳам аз ҳамин ваҷҳ будааст.

## «АЗ МУРДАҲО НАТАРСЕД»

Духтарак нимишабӣ аз назди қабристон мегузашт. Атрофу акноф торикистон. Ӯро ваҳм зер кард. Ин дам ҷавонмарде аз рӯ ба рӯяш пайдо ва осори тарс аз тани ӯ дур шуд.

– Илтимос, маро то он тарафи кабристон гузаронед, – гуфт духтар бо илтиҷо.

– Ба ҷонам.

Ҷавон аз паҳлӯи рости духтар роҳ гирифт.

– Росташро гӯям, ман аз қабристон метарсам, – яхи хомӯширо шикаста сухан кард духтар. – Хусусан дар шаби торик. Гумон мекунам, ки ҳоли ҳозир аз қабристон мурдаҳо баромада ба ман дармеафтанд, ё аз тахтапуштам харпанҷол мезананду лахту пораам мекунанд.

– Аз қабристон натарсед – оҳиста лаб ба сухан кушод ҷавон, сокинони ин ҷо аз бошандагони рӯи замин дида боинсофтаранд.

– Чӣ, шумо аз қабристон наметарсед? – пурсид духтар.

– Ман?

– Бале, шумо.

– Ба шумо чӣ гӯям... Ҳа, ман ҳам замоне... вақте ки дар рӯи замин чун шумо гаштугузор мекардам, аз қабристон метарсидам. Акнун не.

– Чӣ? Даҳони духтар во монд. Мӯи баданаш сих зад, ба сараш

оби сард рехтагӣ барин оҳиста аз ҷавон дур шудан гирифт.

Ҷавон ба духтар эътибор надода суханашро идома медод:

– Дар ин макон фаҳмидам, ки тарсам аз қабристону мурдаҳо беҳуда будааст. Онҳо ба касеву чизе кор надоранд. Ана, ҳамин хел, духтар нағз – ҷавон гашта ба пешу ақибаш нигоҳ кард. Аз духтар на пай буду на ҳайдар.

Ҷавон сар ҷунбонд:

– Афсӯс, гапама то охир гӯш накард. Тарсид, бечора!

Вай чанд қадам ба пеш гузошту баъд якбора истода дасташро боло карда, хитоб намуд:

– Ҳой мардум! Аз қабристон, аз мурдаҳо натарсед! Аз зиндаҳо тарсед. Ба разолату қабоҳат, фисқу фуҷур, бахилию ҳасудӣ танҳо онҳо қодиранд, на мурдаҳо!

## «ОЧААТ МУРДААСТ...»

Файзалӣ як хеши сарватманд дошт. Дар яке аз вазоратхонаҳо вазифаи равғанинро ишғол мекард. Файзалӣ гоҳ-гоҳе аз рӯи меҳр, ба хотири хешу таборӣ ба ӯ сим зада, мехост ҳолу аҳвол пурсад, вале ҳанӯз пурсупосро сар накарда аз он тараф ба гӯшаш чунин суханҳо мерасиданд.

– Амак, сабр кунед. Ман ҳоли ҳозир худам ба шумо телефон мекунам.

Инро мегуфту гӯширо тароққӣ ба ҷояш мегузошт.

Бечора Файзалӣ то бегоҳ, телефони хешашро нигарон, на ба хӯроки нисфирӯзӣ мерафту на ба...

Вале, ҳайҳот. Аз замину аз осмон садо меомаду аз хеши ӯ не.

Ва ҳар дафъа, ҳол ҳамин. Хешаш овози Файзалиро шунидан баробар: «Сабр кунед, амак. Ман ҳоли ҳозир худам ба шумо телефон мекунам» мегуфту гӯширо ба ҷояш мегузошт.

Файзалӣ баъди ин ба худ қарор дод, ки дигар он хешашро ҳаргиз ёд намекунад. «Чаро ӯ ин тавр рафтор мекунад? Шояд гумон кунад, ки ман аз ӯ чизе талаб дорам. Э, дафъ шавад. Илоҳӣ, ҳаргиз рӯзам ба рӯзи ҳамин одам намонад. Аз сад маҳалааш безорам».

Ва ҳамин тавр ӯ хеши сарватмандашро фаромӯш кард. Аз байн се моҳ гузашт. Як пагоҳӣ аз деҳа хабари нохуш омад. Касе

аз наздикони он ошно бандагиро ба ҷо овардааст. Хабароваранда хоҳиш кард, ки «Акаи Файзалӣ, шумо телефони он шахсро медонед. Хоҳиш мекунам, хабар расонед».

Файзалӣ як диле кард, ки телефон накунад. Лекин ба хотири қишлоқдорӣ ва рӯҳи майити нав аз райъаш гашт. «Аз ман телефон карда як даҳан гап задан. Меравад ё намеравад, он тарафаш кори ӯ».

Даст ба гӯшак бурда рақам чинд. Баъди чанд сония аз он тараф садо омад:

– Лаббай!

Файзалӣ: – Баширҷон, салом, ман...

– Шинохтам, амак, шинохтам. Камтар сабр кунед. Ман худам, ҳоли ҳозир худам ба шумо телефон мекунам, – гуфта гӯшакро монданӣ буд, ки хун ба майнаи Файзалӣ зад. Ва ӯ сабр аз даст дод:

– Ҳой, ҷӯра. Ман аз ту муттаҳам нестам. Дигар сабр намекунам. Гапа гӯш кун!

– Э, худаш чӣ гап? Тинҷӣ-ми? – саросема пурсид он шахс.

– Тинҷӣ не-да.

– Чӣ, кӯҳи Қоф чаппа шудааст магар?

– Кӯҳи Қоф чаппа нашудааст, лекин очаи ту мурдааст. Ана ҳамин хабари хушро ба ту расонданӣ будам! – инро гуфта Файзалӣ бо алам гӯшакро партофт ва «уфф гӯён оҳи сар аз дили пурдард берун овард...

# ҚИССАҲО

## ҚУНҒУЗИ СИЁҲ[1]

1.

Мошини оперативӣ кӯчаву пасткӯчаҳоро ақиб монда, назди бинои боҳашамате, ки дар пештоқаш «Хонаи маданият» навишта шуда буд, бозистод. Чанд нафар одамони низомӣ ва ду мардии либоси гражданӣ ба бар аз мошин берун шуданд. Онҳо ба назди бинои рақами 19, ки саҳнаш аллакай пури одам буд, омаданд.

– Инспектори минтақавии шӯъбаи корҳои дохилӣ Саттор Хушвақтов, – худро шиносонд лейтенанти навча.

– Нишон диҳед, – амр кард подполковник – марди миёнасоли хушқаду қомат.

Лейтенант ба боло роҳ гирифт. Навомадагон аз паси вай вориди хона шуданд. Ду нафар, ки дар берун монда буданд, ба пурсуҷӯи ҳамсояҳо шурӯъ карданд.

Дари квартираи тарафи чапи ошёнаи сеюм кушода буд. Квартира се хона дошт: яке рӯ ба рӯи дари даромадгоҳ, ду хонаи дигар дар ду тарафи он. Асбобу анҷоми хонаи калон паҳну парешон буданд. Дар миёнаҷои хона, болои кати оҳанин марди маламӯи тахминан чил-чилудусола оғӯштаи хун, чашмонаш кушода, дастонашон ба ду тараф овезон, рӯболо мехобид.

– Дар ин ҷо боз кӣ зиндагӣ мекунад? – пурсид подполковник ба кати мақтул наздик омада.

– Ҳеҷ кас! – ҷавоб дод Саттор.

– Зану фарзанд, хешу табор дорад?

– Не!

Чириқ-чириқи аппарати суратгирӣ хомӯшии ба амал омадаро халалдор мекард. Суратгир ҷасад ва анҷомҳои парешони хонаро ба навор гирифт. Сигнали дуру дарози мошини «Ёрии таъҷилӣ» ба гӯш расид. Ва фосилае нагузашта, духтур вориди хона шуд. Вай ба подполковник салом дода, болои мурда хам шуд, онро ин сӯ – он сӯ гардонда, аз назар гузаронд.

– Бардоред, – супориш дод ӯ.

---

[1] Бо йамкории корманди прокуратура Қ.Файз навишта шудааст.

Ду нафар зуд ҷасадро болои замбар хобонда, болояшро пӯшонда, аз дар берун шуданд.

– Хулоса кай тайёр мешавад? – пурсид подполковник.

– То пагоҳ! – кӯтоҳ ҷавоб дод духтур.

– Ташаккур.

Духтур рафт. Дигарон ҳамоно ҷиҳози хонаро аз назар мегузаронданд. Барои ин кор соате сарф шуд. Вале чизе пайдо нашуд, ки дар хусуси чӣ тавр рӯй додани куштор маълумот диҳад... Пурсуҷӯи одамони паси дар ва берун низ натиҷаи дилхоҳ надод.

– Аз рӯи анҷомҳои парешони хона тахмин кардан мумкин буд, ки қотил ин корро бо мақсади ғорат кардани чизе кардааст, – гуфт подполковник.

Дигарон бо сарҷунбонӣ андешаҳои ӯро тасдиқ карданд.

Чизе, ки боиси сар задани ҷиноят шудааст, чист? Ҷавоби ин ҳоло барои кормандони кофтуковӣ муаммое буд сарбаста...

## 2.

Пардаи торикӣ гирду атрофро печонд. Дар кӯчаҳо равуои одамон кам шуда буд. Чароғи кабинети муфаттиши калони прокуратура Раҷаб Нуров фурӯзон буд. Ӯ материалҳои ба кушта шудани Сорокин оидбударо бори дигар бо мулоҳиза дида баромад. Ниҳоят ба чунин хулоса омад, ки ҷои воқеаро худаш бори дигар дақиқона аз назар гузаронад. Вай папкаро пӯшида ба кунҷи миз тела дод. Баъд гӯшаки телефонро бардошта, чанд рақам чинд.

– Саринспектори кофтукови корҳои ҷиноятӣ Салим Назаров гӯш мекунад, – шунид аз гӯшаки телефон.

– Бори дигар салом. Ман Нуров. Гӯш кун, ошно. Мехоҳам хонаи Сорокинро аз нав аз назар гузаронем. Ин корро худи ҳозир кардан лозим. Ҳамроҳи ман меравӣ?

– Бе гуфтугӯ!

– Бисёр хуб. Биё, ман мунтазир мешавам!

Нуров гӯшакро ба ҷояш монда назди тиреза омад.

Сигор даргиронд. Аз тиреза ба берун нигарист. Ҳама ҷо типторик. «Вале ин муваққатӣ. Чанде мегузараду торикӣ ба равшанӣ мубаддал мешавад. Лекин дилҳои торик чӣ? Равшан кардани онҳо кории басо душвор» – аз хаёл гузаронд вай.

Ба кабинет Салим даромад. Вай ҷавони бисту шаш – бисту ҳафтсолаи болобаланд буд, чеҳраи кушода ва чашмони равшан дошт.

– Ман тайёр!

– Ҳа, омадӣ? – Нуров ҷониби вай рӯй гардонд ва – Рафтем! – гӯён папкаро аз болои миз гирифта пеш даромад.

... Онҳо боз дар хонаи Сорокин. Баъди фосилае Салим чунин гуфт:

– Ба фикрам, баъди рафтани мо ба ин ҷо касе омадааст.

Нуров аз кофтуков сар бардошта, бодиққат ба рӯи Салим нигарист.

– Далел ҳаст? – пурсид вай.

– Ҳаст. Ман нағз дар ёд дорам. Бори аввал анҷоми хона парешон буд. Ин аз рӯи протоколи азназаргузаронӣ ҳам маълум. Ман чунин тахмин мекунам, ки ҷинояткор бори аввал ба мақсадаш пурра нарасида, баъд пайт ҷуста боз гашта омадааст.

– Чаро?

– Намедонам, вале ҳамин тавр тахмин мекунам. Тааҷҷубовараш боз он аст, ки аз анҷомҳои рӯи хона хобида ягонтааш гум нашудааст.

– Тахминат баҷо. Маълум мешавад, ки калиди дигар дар дасти қотил аст, – хулоса кард Нуров.

– Дуруст мегӯед, – гапи ӯро тасдиқ намуд Салим ва илова кард. – Ман ҳайронам, ки чаро дар ягон ҷо нақши даст ё пояш намондааст. Ин тавр шуданаш номумкин. Бояд ягон чиз боқӣ мемонд.

– Ҷинояткори таҷрибакор менамояд. Устокорона амал кардааст. Бо вуҷуди ин чанд аломати муҳим муйян гашт, – гуфт Нуров.

– Масалан?

– Яъне... Калиди сеюм... Бори дуюм ба ин ҷо омадани қотил... Магар ин бад аст?

Салим лабханд кард.

– Ин аломатҳо ҳоло чизе намегӯянд.

– Чизе нагӯянд ҳам, моро умедвор мекунанд. Як дақиқа... – Нуров, банохост чашмаш ба коғазпорае, ки дар як гӯшаи хона ғиҷим мехобид, афтод. Дартоз омада онро бардошт ва ба эҳтиёт боз намуд. Ба он дуру дароз нигарист.

– Афсӯс ки ҷомадони тафтишотиро бо худ нагирифтам.

Қалами химиконидашуда доред?

– Не-ку, чӣ шуд? – пурсид Салим.

– Лозим. Бисёр лозим!

– Ёфта биёрам.

– Кошкӣ!

Назаров аз хона баромад ва фурсате нагузашта дар даст қаламчӯб баргашт.

– Марҳамат!

– Ташаккур.

Нуров аз киса кордча бароварда нӯги қаламро тез кардаю онро харош дода – харош дода ордакро болои коғазпора пошид. Болои коғаз чизе намоён шуд. Тарафи чапи коғазпораро гардонда ин корро такрор намуд. Аз тарафи чап акси ким-чӣ хел хатчаҳо пайдо шуданд. Вале муайян кардани онҳо душвор буд. Нуров боз «афсӯс, ҷомадончаи тафтишотиро нагирифтем» гӯён коғазро бо эҳтиёт ба даруни обчинаке гузошта ба папка ҷой кард.

Онҳо ба берун баромаданд. Хеле хомӯш рафтанд.

– Ба назари ман, ҳамсояҳо бояд кушандаи Сорокинро донанд, лекин аз афташ вай онҳоро чунон тарсондааст, ки лому мим намегӯянд, – яхи хомӯширо шикаст Нуров.

– Наход ҳамаро тарсонда бошад. Ин номумкин аст, – эътироз кард Салим.

– Дар чӣ асос?

– Худат мулоҳиза кун. Мо қариб якуним соат дар бевақтии шаб дар хонаи Сорокин будем. Ягон кас ба назди мо наомад. Гӯё, ки дар он ду хонаи дигар зоғе зиндагӣ намекарда бошад. Ба ҳаминаш ҳам ман диққат додам, ки дар лаҳзаи он ҷо будани мо ҳатто ягон кас дарашро накушод.

– Ҳамаро тарсонданаш номумкин, лекин фикрат беҷо не! Чӣ таклиф дорӣ?

– Таклиф? Ба онҳо фаҳмондан лозим, ки имрӯз Сорокин қурбон шуд. Агар ба мо кӯмак накунанд, аҷаб не, ки пагоҳ-фардо ба сари ягонтои онҳо ин фалокат биёяд. Он вақт чӣ мешавад?

– Фикри бад нею... Ба хар ҳол маслиҳат кардан лозим. Нашавад, ки корамонро осон мекунем гуфта, мардума ба воҳима андозем.

– Дуруст. Дар ин бора баъд гапзанон мекунем...

## 4.

Аз рӯй додани ин фоҷиа чанд рӯз гузашта бошад ҳам, лекин то ҳанӯз аз гӯши Саид, ки ҳамтабақонаш ӯро «Сери» ном мебурданд, овози ҷонгудози Сорокин намерафт. Ҳамон лаҳзае, ки корди қотил ба сари синаи Сорокин фурӯ рафту зимни кашида гирифтан хун ба сони чашма фаввора зада боло хест, ҳушу ақли ӯро ба тамом бурда буд.

– Не! Не! Дигар тоқат карда наметавонам. Девона мешавам. Охир, ман ӯро дер боз мешиносам. ҳамроҳ чи корҳое, ки накардаем. Вале ин корашро чашмдор набудам. Барои ким-чизи намешуданӣ одам куштан... Тилло ё пули калон мебуд, гапи дигар... Вай ваҳшӣ, ҳайвон. Баъди ин ҳодиса сад ҷон дошта бошӣ, хам вай раҳм намекунад. Ба ҳама гуна пастӣ қодир аст. Не, не, пеш аз он ки вай маро ... Не, ман бояд ӯро... – Саид дар ҷогаҳ ба худ мепечид, ки садои занги телефон ӯро як қад парронд. Ба хаёлаш расид, ки касе ба дар занг мезанад. Сарашро таги кӯрпа андохт, боз занг. Кӯрпаро охиста бардошта гӯш андохт. Боз занг. «Хайрият, зангии телефон будааст». Саросема аз ҷой бархоста, гӯшакро бардошт.

– Алло! Кӣ гап мезанад?

– Ман, ман, – шунида шуд овози хирросӣ. – Шинохтӣ?

– Шинохтам.

– Бисёр хуб. Маро бодиққат гӯш кун.

– Гӯш мекунам, – овози Саид ларзид.

– Пагоҳ онҳо сокинони хонаро ба милиция даъват мекунанд. Ту ҳам бо онҳо ҳамроҳ шав. Чизе ки мешунавӣ, омада якта-якта ба ман мегӯӣ.

Саидро воҳима зер кард. Дастонаш меларзиданд.

– Шунидӣ?

– Ҳа, ҳа.

– Аз Наташа чашм накан. Лақида монданаш мумкин. Фаҳмо?!

– ...

– Баъди пурсуҷӯ Наташаро ба меҳмонӣ даъват кун.

– Ба куҷо?

– Ба куҷо мешуд? Ба хонаи худат.

– Инаш барои чӣ?

– Баъд мефаҳмӣ! Хайр!

Саид эътироз карданӣ буд, ки садои кӯтоҳ-кӯтоҳи телефон ба гӯш расид. Вай муддате хаёломез гӯшакро дар дасташ нигоҳ дошта баъд ба ҷояш гузошт. «Лаънатӣ! Аз бало халосӣ ҳасту аз вай не. Наташаро ҳам ба дами нафасаш кашиданӣ ин аждаҳо».

Вай омада ба лаби кат амонат нишаст. Хоб аз дидагонаш парида буд. Чӣ кор карданашро намедонист. Ба ин тараф, он тарафи хона қадам зада фикр мекард, чӣ чора ҷӯяд, ки аз ин мараз халос шавад. Набошад ё нобудам мекунад ё тамоми умрам дар ҳабсхона мегузарад.

Саид ба қарори қатъӣ наомада бидуни ихтиёр пиджакашро аз болои курсӣ гирифта ба китфаш партофту кӯча баромад.

Атроф торик ва ваҳмангез буд. Ҷо-ҷо чароғҳои электр, ки дар симчӯбҳои ду тарафи роҳ овезон буданд, роҳро мунаввар месохтанд. Вай роҳ мерафту намедонист, ки куҷо меравад. Чанд кӯчаю пасткӯчаи тангро гузашта ба роҳи калон баромад. Як вақт худро назди бинои «Шӯъбаи корҳои дохилӣ» дид. Истода аввал ба пасу пеш бодиққат назар андохт. Боварӣ ҳосил кард, ки касе думбола-гираш накардааст, боҷуръат як қадам пеш гузошта, баъд якбора истод. Чапғалат дода пас гашт. Шитобон ба қаҳвахонае, ки дар чорраҳа воқеъ буд, даромад. Дар остона рост истода ба мизу курсиҳо чашм давонд. Касе аз шиносҳояш набуд. Охиста дар паси яке аз мизҳои охири зал ҷой гирифт.

Интизорӣ тӯл накашид. Духтараки қоматбаланди малламӯй, ки чашмони осмониранг ва нигоҳи ширин дошт, наздаш ҳозир шуд:

– Салом, Саидҷон! Хуш омадед!

Саид бо димоғи гирифта ҷавоби салом дод.

– Чӣ мехӯред?

– Аз ҳаррӯзааш...

– Менӯшед?

– Ҳа, нимта сафед!

– Хуб. Ҳозир.

Фурсате нагузашта чизҳои фармудаи Саид болои миз пайдо шуданд.

– Ошуфтаҳол менамоӣ, Саид? Ба ту чӣ шуд? – пурсид охиста пешхизмат.

– Ҳеҷ гап не, – сар набардошта ҷавоб дод Саид. Маълум буд,

ки ӯ майли гуфтугӯ надорад.

– Имрӯз танҳо ҳастӣ? Ошноҳоят наменамоянд? – пешхизмат мехост донад, ки ба миҷози доимӣ ва ошноҳои ӯ чӣ шуда бошад.

– Ба ману ошноҳоям ҳеҷ гап нашудааст. Ма, пулата гиру зуд шох шав. Ин қадар дар таги гӯшам ғинг-ғинг накун, – Саид ба каҳр як биступанҷсумаро таққӣ ба болои миз зад.

Ин дам дари ошхона кушода шуда марди қоматбаланди чорпаҳлӯ, ки дар болои манаҳаш ба мисли ҷӯйчаи хурд захме дошт, ҳамроҳи ҷавонзани ба худаш ҳамқаду қомат ворид гаштанд. Саид мардро дида дилаш таҳ кашид. Худро чунин вонамуд сохт, ки ӯро надидааст. Истаконро пури арақ карда ба як дам нӯшид. Як ғурӯша пиёзро ба таги биниаш бурда бӯй карду боз ба истакан арақ рехт. Инро ҳам нӯшида даст ба хӯрок бурд. Ду-се бор ба он сараму дилам қошуқ зад. Иштиҳояш кӯр шуда буд. Аз ҷо бархост. Ду-се қадам монда буд, ки сараш чарх зад. Илоҷе карда худро дошт ва калавида-калавида ба берун баромад. Ба сару рӯяш шамол зада қадре ба худ омада бошад ҳам, лекин тасаввур карда наметавонист, ба куҷо равад. Ба хона! Ба ин аҳвол боз ба куҷо мерафт? Албатта, ба хона.

Саид калавида-калавида худ ба худ ким-чиҳо гуфта ҷониби хонааш раҳсипор шуд.

Калидро бо азобе аз кисааш бароварда дарро мекушоям гуфт, ки он пештар кушода ва дар остона сурати одаме пайдо шуд.

– Ташвиш накашед. Дар кушода. Бемалол даромадан гиред!

Саид ба худ омад. Лекин ба чизе сарфаҳм нарафт. Ин овози шинос аз куҷо? Шояд саҳв карда бошад? Ба хонаи худаш не, ба хонаи бегона омада бошад? Вай худро аранге ба даст гирифта: – Ме... бах... шед! – гуфта қафонокӣ гаштанӣ буд, ки дастони пурқуват ба гиребонаш амбурвор тоб хӯрда ӯро даруни хона кашиданд. Дар роҳрав Саид одами дар рӯ ба рӯ бо қаҳр рост истодаро дида тамоман ба худ омад, кайфаш парид, аз он мастии чанд лаҳза пештара осоре намонд. Ҳайкалвор беҳаракат меистод. Онҳо хамин тавр муддате хомӯшона ба чашми ҳамдигар нигариста монданд. Дар чашмони яке тарсу ҳарос макон дошт, аз чашмони дигаре оташи ғазабу адоват меборад.

– Чаро ба милитсия хабар надодӣ? – хомӯширо вайрон карда гуфт мард. – Тарсидӣ? Ман аз аввал медонистам, ки ту номард, буздил ҳастӣ. Нагуфта будам, ки кори мо, ҷамъияти мо буздили-

ро намепарастад. Фаромӯш кардӣ магар? Ба хонаи Сорокин рафтанро кӣ таклиф карда буд?

– Ман, – бо ҳарос чавоб дод Саид.

– Ин тавр бошад, чаро ба милитсия рафтӣ?

– Масъалаи куштани вай дар нақшаи мо набуд-ку, – эътироз баён кардании шуд вай.

– Ҳа, мо дар ин бора маслиҳат накарда будем. Лекин худат дидӣ-ку, масъала ранги дигар гирифт. Сорокин моро дид. Агар намекуштем, ҳоло ману ту ҳо дар он ҷо, дар паси панҷараи оҳанин будем. Ғайр аз ин, ба ту кӣ супориш дод, ки ҳамроҳи Наташа бори дуюм ба хонаи вай равӣ. Дар нақшаамон ин чиз ҳам набуд-ку.

Саид аз он ки мард бори дуюм рафтани онҳоро медонистааст, як қад парид.

– Гап зан! Чаро ях карда мондӣ?

– Наташа ҷои ҳамон чизии мекофтагии шуморо медониста-аст. Ёфта гирифтем. Ана, вай дар он ҷо, – Саид ба қуттичаи чоркунҷаи бо чарми сиёҳ рӯйкашкарда, ки болои рафи китобҳои ҷевон меистод, ишора кард.

Мард ба он тараф нигоҳ ҳам накард.

– Бе маслиҳати ман ин корро барои чӣ кардӣ? – гуфта ба гӯши Саид кашидаву кушода чунон зад, ки вай ба фарш афтод. Мард аз гиребони Саид дошта ӯро боз ба по хезонд ва мушташро ба таги манаҳи вай қумғон карда пурсид:

– Акнун ҷавоб деҳ. Чаро ба милитсия рафтӣ?

Мард ӯро ба девор ҷафс намуда буғӣ кард.

– Сар деҳ... мегӯям! – хиррос зад Саид.

Мард ӯро сар дод. Саид оҳиста даст ба киса бурд. Оҳиста-оҳиста ба гап даромад.

– Дар он ҷо... Наташа маро мунтазир мешуд. Рафтам, то ки огоҳ кунам, дигар ба хона наояд. – Чизе дар кисаи Саид чириқӣ кард. Вай ба тезӣ аз кисааш кордро бароварда ба мард ҳамла кард. Тираш хок хӯрд. Бори дуюм ҳамла кард. Ин дафъа мард ба пои чап бо дасти рости Саид чунон зад, ки корд раҳо хӯрда бо ҳамон шаст дар тани дар дармонд. Акнун онҳо ҳамдигарро муштборон мекарданд.

Саид ба ҳуҷумҳои навбатии рақибаш тоб наоварда аз пой афтод. Маҷоли ҷумбидан надошт. Мард бо вуҷуди ин ӯро

лағадборон мекард. Ниҳоят аз задан бозистода болои сари Саид хам шуд ва аз қабзаи мӯи сараш гирифта сарашро бардошту боз сар дод.

– Ман ба ту тирмизак нишон медиҳам зӯрия, – гӯён либосҳои Саидро аз танаш бадар карда ба тартиб болои миз гузошт.

Баъд Саиди аз ҳуш рафтаро кашола карда ба хона даровард. Як сатил обро гирифта болои плитаи газ гузошт.

Анҷомҳои паҳну парешоншударо ҷо ба ҷо кард. Дар охир ба ҷевон наздик шуда қуттичаеро, ки Саид ҷои онро нишон дода буд, ба даст гирифт. Онро кушода аз дохилаш ким-чӣ хел ороиши занонаро, ки ба қунғузаки сиёҳ монандие дошту ба занҷири дарози тиллогин пайваст буд, берун овард.

– Ҳа, ҷонвар, кирои ҷонкоҳонӣ мекардааст! – Инро гуфта ороишро боз ба қуттӣ ҷой кард ва ба ҷайб андохт.

Ба ошхона омад. Оби сатил ноҷӯш буд. Сатилро гирифта, ба ваннахона даромад. Саид ҳанӯз даруни ванна беҳаракат мехобид.

– Мукофоти амали ту, сагбача, ана ҳамин! – гӯён оби нимҷӯшро аз сари Саид рехт.

Саид бо тамоми овоз дод заданӣ шуд, вале овозаш набаромад. Дар талвосаи ҷон дасту почак зада, хестанӣ мешуд, вале наметавонист.

– Ана, ҳамин хел. Ту саг барин ҷон медиҳӣ. Мо бошем, боз давр меронем. Чао! – мард дари ташнобро сахт пӯшида шитобон аз хона берун шуд.

## 5.

Ба маҷлисгоҳи шӯъбаи корҳои дохилӣ қариб ҳамаи сокинони биное, ки марҳум Сорокин Иван Сергеевич зиндагӣ мекард, даъват шуданд. Инспектор Саттор Хушвахтов ҷамъомадагонро аз назар гузаронда, дар байнашон Наташа Сергееваро надид. «Хабардор карда будам-ку. Чаро нест?» Ба соаташ нигарист. «Ҳоло даҳ дақиқа вақт ҳаст, мебиёяд албатта».

Ба назди бинои шӯъба мошини сабукрави «ГАЗ-24» омада истод. Аз он ду мард – яке қоматбаланди қоқина, дигарӣ миёнақади фарбеҳ берун шуданд. Саттор ба пешвози онҳо бархоста, ба таври ниизомӣ даст ба чакка бурд.

– Рафиқ прокурор! Истиқоматкунандагони бино ғайр аз Наташа Сергеева ҳама ҳозиранд.

– Бисёр хуб. Сардоратон ҳамин ҷост?

– Бале. Дар кабинеташ шуморо интизор.

... Аз байн боз ним соат гузашт. Вале аз Наташа дараке набуд. Саттор хавотир кашид. «Ин духтараки беқарор боз пеши кадом ошнояш рафта бошад», аз дил гузаронд ӯ ва ба кабинети сардор даромад.

– Наташа Сергеева нест, – хабар дод ӯ.

– Ин тавр бошад, бе ӯ сар мекунем, – гуфт сардори шӯъба Маҳмуд Мирзоев. Ҳозирон бо ишораи сар тасдиқ карданд.

Ба президиум аввал прокурор, баъд сардори шӯъба, муффатиши прокуратура Раҷаб Нуров ва боз ду-се нафари дигар ҷой гирифтанд. Прокурор ба Раҷаб ишора кард, ки сар кунад.

– Рафиқон! – Раҷаб аз ҷой бархоста сухан кард. – Ба ҳамаатон маълум, ки дар бинои шумо ҷинояти вазнин содир шудааст. Сорокин Иван Сергеевич аз дасти ким-кадом қотил ваҳшиёна кушта шуд. Аз байн чанд рӯз гузашта бошад ҳам, лекин натиҷае нест. Қотил дар озодӣ мегардад. Мо ба чунин хулоса омадем, ки бе ёрии шумо қотилро дастгир кардан душвор. Сабаби шуморо ба ин ҷо даъват карданамон ҳамин, ки дар ин кор ба мо ёрӣ расонед. Ба хонаи Иван Сергеевич киҳо рафтуомад дошт? Ӯ ягон чизи қиматбаҳо дошт ё не? Кадоме аз шумо ӯро хубтар медонистед, ба хонааш даробуро доштед? Он шаб ба назди ӯ ягон кас омада буд ё не? Умуман, чизе ки медонед, гӯед. Донистани ҳама гуна майдачӯйдаҳо оид ба ин ҳодиса барои мо аҳамияти калон дорад. Фаромӯш накунед, ки қотил дар озодӣ гаштааст. Агар шумо дар тезтар ёфта, дастгир кардани вай ба мо кӯмак нарасонед, аҷаб нест, ки боз чанд одами дигар аз дасти вай ба ҳалокат расад.

Залро хомӯшии тамом фаро гирифт. Касе лаб намекушод. Ниҳоят хомӯшии ногуворро пиразане, ки дар сар кӯлоҳи хасин, дар чашм пенсно ва дар сари китфаш рӯймоли сафеди пашмин дошт, бартараф кард.

– Ба хонаи Сорокин ба ғайр аз Наташа дигар касе рафтуомад намекард. Имрӯз ӯро дар ин ҷо намебинам. Гапи ман ҳамин, дигар чиз илова карда наметавонам.

– Мария Сергеевна дуруст мегӯяд, – аз поёни зал шунида шуд овози дупӯстае.

– Бале, Наташа бояд ҳамаашро донад, – илова шуд ба он аз пештари зал.

Боз чанд лаҳзае ба хомӯшӣ гузашт.

– Марҳамат, боз кӣ гап мезанад?

Аз як гӯшаи зал дасте баланд шуд.

– Марҳамат.

Пирамарде бархоста саросема гуфт.

– Ман ҳам чанд бор Иванро бо Наташа дидам. Лайлию Маҷнуни таппа-тайёр. Ҳатто ду-се бор дидам, чӣ хел ҳамдигарро ба оғӯш кашида мучӣ карданашона, беҳаёҳо, гӯё хона надошта бошанд.

Зал ба ҷунбиш омад. Касе сахт хандид. Мӯйсафед ранҷид.

– Чӣ механдӣ? Ман росташа гуфтам. Гапи ман тамом! – Вай нишаст.

Дигар ягон кас чизе илова накард. Ниҳоят ба чунин қарор омаданд: агар ягон кас ягон чизеро фаҳмад ё ба хотир орад, фавран ба шӯъбаи милитсия ё прокуратура хабар диҳад...

## 6.

Димоғи Раҷаб сӯхтагӣ буд. Вай аз ин сӯҳбат умеди калон дошт. Хости дилаш нашуд. Ба болои сӯхта – намакоб гуфтагӣ барин кинояи ҷонишини прокурор «Заб номақулие фикр карда баровардед. Ин қадар одамро аз кор мононда ...» ба ӯ сахт алам кард.

Раҷаб ба коргоҳ омада чанд муддат бедимоғ нишаст, паси ҳам сигор кашид. Ниҳоят ... – коғазпораи аз хонаи Сорокин ёфтаашро бо маҳлули махсус кор карда баромад. Дар рӯи коғазпора нақше пайдо шуд. Чеҳраи Раҷаб кушода, тумани осмони дилаш пароканда шуд. Коғазпораро ба халтачаи полиэтиленӣ ҷой карда ба мақсади муаян кардани он, ки дар рӯи коғаз изи панҷаи марҳум ё қотил аст ё не, ба экспертиза фиристод.

Вай ин корро бо чаққонӣ анҷом дода ба соаташ нигарист... «Оҳ-ҳо, чоряк кам шаш-ку. Аз Салим ҳанӯз дарак нест» – аз дил гузаронд ӯ.

Ин дам дар кушода шуда, худи Салим даромада омад. Хотираш парешон буд.

– Ҳа, Салимҷон! Тинҷӣ? Ягон нохӯшӣ рӯй дод магар? – хавотир кашида пурсид Раҷаб.

– Бале.

– Чӣ гап?

– Ёд дорӣ? Чанд моҳ пеш аз прокурор барои назорати Саид Сатторов иҷозат гирифта будем. Ҳоло ӯ дар беморхона аҳволаш вазнин, то ҳол ба ҳуш наомадааст. Хонаашро аз назар гузарондам. Ба фикрам кадоме ӯро зада беҳуш карда, баъд ба сағонаи гармхонааш гузошта ба болояш оби ҷӯш рехтааст. Аз хонааш ба ғайр аз ин қоғазча чизи дигар ёфт нашуд, – гӯён Салим когазеро ба Раҷаб дароз кард.

Нуров коғазро гирифта ба он зеҳн монд. Дар он калимаи «Медвед» навишта шуда буд. Коғазро болои миз гузошта ба андеша рафт:

– Ин боз ҳамон Саид Сатторов нест, ки барои ғорат кардани Маҳмадшоҳ Ҳалимов, истиқоматкунандаи деҳаи Зиракӣ ҳабс шуда буд? – пурсид ӯ баъди андешаҳояшро ба ифоқа овардан.

– Бале, худи худаш. Чанде пеш аз ҳабс озод шуда буд. Одамони гирду пешро пурсидем, «Ҳеҷ касро надидем ва чизеро намедонем», мегӯянд, – илова кард Салим.

Раҷаб қоғазпораро боз ба даст гирифта «Медвед, Медвед» – гӯён зери лаб такрор кард.

– Фикри ту дар ин масъала?

– «Медвед» бояд лақаби одаме бошад, ки ӯро ба ҳамин аҳвол расонидааст. Лекин... ман ин лақабро акнун мешунавам.

– Саид ягон лақаб дорад? – боз пурсид Раҷаб.

– Ба фикрам дорад. Ҳа! Ӯро «Серӣ» меноманд.

– Серӣ-серӣ. Ба ақидаи ман «Медвед» бояд рафиқи ҳабсии Саид бошад? Ба кори Сорокин алоқаманд будани Саид ва «Медвед» аз эҳтимол дур нест.

Ин дам занги телефон баланд шуд. Гӯшакро бардошт:

– Нуров гӯш мекунад.

– Навбатдори шӯъбаи корҳои дохилӣ, капитани милитсия Лолаев гап мезанад: – шунида шуд овози ҷарангоси навбатдор. – Дар қисми шимолии посёлка, дар километри ҳаждаҳум, касе занеро чанд корд зада гурехтааст. Шахсияташ маълум нест. Зан дар беморхона, аҳволаш бисёр вазнин. Мувофиқи ахбороти табибон «зинда монданаш дар гумон». Барои ба ҷои ҳодиса рафтан тайёр

шавад, ҳамин ҳозир меравем.

– Боз ҳодисаи нав, – Нуров лаб таги дандон монда ба Назаров хитоб кард: – Ба ҷои ҳодиса меравем.

Вай ҷомадони тафтишотиро гирифту ҳарду ба берун баромаданд.

Овози гӯшкаркунандаи мошини оперативӣ баланд шуд. Мошин ба қисми шимолии посёлка бо суръати баланд ҳаракат карда, зуд ба ҷои ҳодиса ҳозир шуд.

Ҷои ҳодисаро муфассал аз назар гузаронида ба воситаи киноаппарат ба навор гирифта шуд. Диққати Раҷаб Нуровро корди дудамае, ки дасташ аз шохи оҳу сохта шуда буд, ба худ ҷалб кард. Таги он хунолуд буд. Дар гулубанди корд ду ҳарф, аввал – «М», чанд нуқта, баъд ҳарфи «Д» навишта шуда буд.

Раҷаб кордро ба Салим дароз кард.

– Фамилия ва номаш будагист? – ба ҳарфҳо ишора карда гуфт Салим.

– Тахмини ман ҳам ҳамин хел, вале нуқтаҳо чӣ маънӣ дошта бошанд? – пурсид Раҷаб Нуров.

Чанд номи тоҷикӣ ва русиро номбар карданд, дуруст намеомад.

– Ин боз «Медвед» набошад? – пурсид банохост Салим.

Раҷаб бори дигар бо ҳарфу нуқтаҳо бо диққат назар карда:

– Ҳарфи аввал «М» дар байн чор нуқта, ба ақидаи ман ҳам бояд «Медвед» бошад! – гӯён ҷавоб дод.

– Дар ҳақиқат «Медвед» бояд бошад? Лаънатӣ сари роҳашро тоза карда истодааст, – гуфт Салим.

Офтоб ба ғуруб омада, шом фаро мерасид. Салиму Раҷаб аз-назаргузаронии ҷои ҳодисаро ба охир расонида, ба шӯъба бармегаштанд. Раҷаб таклиф кард, ки ба ошхонаи сари роҳ фаромада хӯроки шом хӯранд. Салим розӣ шуд.

Ошхона серодам буд. Онҳо ҷои холӣ ёфта нишастанд. Дере нагузашта пешхизмат омада, таъомҳои будаиро як-як номбар кард. Он чи ки дилашон мехост, хоҳиш карданд. Пешхизмат пурсид.

– Нӯшидан намехоҳед?

Онҳо ба рӯи ҳамдигар нигаристанд.

– Ҳа, нимта, – гуфт Салим.

– Аз кадомаш?

– Аз сафедаш.

Пешхизмат рафт. Дар мизи пахлӯи чапи онҳо чор нафар – ду писар ва ду духтар менишастанд.

Гуфтугӯи байни онҳо диққати Раҷабу Салимро ба худ ҷалб намуд:

– Медонед-чӣ, кадоме ҳамин рӯз ба Наташа ҳуҷум карда чанд кор задааст. Мегӯянд, ки мурдааст! – гуфт яке.

– Мурдааст?

– Ҳа, ҳамин хел мегӯянд.

– Ин кадом Наташа?

– Гӯё ки намедониста бошӣ. Ҳамоне, ки ду рӯз пеш бо ҳамроҳи «Сери» ва боз як марди қоматбаланди чорпаҳлӯ дида будем.

– «Сери»-ро ҳам куштанд мегӯянд? – гуфт яке аз ҳамсӯҳбатҳо.

– Не, накуштанд, лекин аз куштан бадтар кардаанд, аз болояш оби ҷӯш рехта, аъзои баданашро сӯзондаанд. Ҳоло варам карда хоб рафтааст.

– Ҷазои ин хел одам ҳамин! – гуфт ҳамсӯҳбати дигар.

Сӯҳбати онҳоро пешхизмат бурида, таклиф кард, ки таъомҳои маъқулашонро номбар кунанд.

Раҷаб Нуров ва Салим Назаров бетоқатона рафтани пешхизматро мунтазир буданд, то давоми сӯҳбати онҳоро гӯш кунанд. Пешхизмат рафт, лекин онҳо дигар ба сари ин масъала барнагаштанд.

Раҷабу Салимро дар сар фақат як андеша буд: марди чорпаҳлӯи қоматбаланд кӣ бошад? Медвед?! Ӯ мумкин боз чанд бор ба ин ҷо омада бошад ва албатта, пешхизмат, ё коркунони ошхона ӯро бояд донанд. Онҳо боз фикр мекарданд, ки пурсиши коркунони ошхона ва ҷавонони дар гирди мизи паҳлӯяшон нишастаро бе таъхир гузаронанд.

Раҷаб ба Салим нигарист. Онҳо гӯё ҳамдигарро аз як нигоҳу як ишора фаҳмиданд.

Пешхизмат таъом овард. Тановул карданд. Нуров аз мизи шафат чашм намеканд. Ғайри чашмдошт, ҷавонон нӯшокиҳои сархушкунанда нанӯшиданд, таъомҳояшонро хӯрда бархостанӣ буданд, ки Салим пешдастӣ карда бе иҷозат курсиро гирифта дар паҳлӯи онҳо нишаст. Ҳамаи он чизеро ки шунида буд, такроран пурсида хоҳиш кард, ки ба шӯъбаи милитсия рафта ба таври

хаттӣ гуфтаҳояшонро навишта диҳанд. Раҷаб Нуров ба пешхизматҳо ва коркунони ошхона сӯҳбат гузаронд. Маълум шуд, ки ҳақиқатан марди чорпаҳлӯи қоматбаланд ба ошхона бори якум ҳамроҳи Саид ва Наташа, бори дуюм бо як зан (онҳо кӣ будани ӯро намедонанд) омада буданд.

Раҷабу Салим ба шӯъбаи милитсия баргаштанд.

7.

Наташа – духтараки миёнақади малламӯй, чашму абрӯи зебо дошт. Ӯ дар беморхонаи минтақавӣ хамшираи шафқат буд ва дар ҳамсоягии Сорокин зиндагонӣ мекард. Муносибати ӯ бо маҳрум бад набуд, бо вай рафту омад ҳам дошт.

Боре, Наташа аз кор баргашта, дари ҳамсояаш Сорокинро кушода дид. Бе огоҳӣ ба хона даромад. Сорокин дар хона набуд, болои миз қуттичаи чоркунҷае, ки бо чарми сиёҳ рӯйпӯш дошт, меистод.

Қуттича диққати ӯро ҷалб кард. Онро кушод, дарунаш кимчӣ хел ороиши занона ба шакли қунғузи сиёҳ мехобид. Ҷо-ҷои ороиш бо ситорачаҳои сафеди шуодиҳанда оро дода, занҷираки тиллогин дошт. Ҳавасаш рафт. «Қунғузак» ӯро тамоман мафтун карда буд. Ҳисси кунҷковӣ ғалаба кард, «қунғузакро» бароварда, аз занҷираш дошта, ба гарданаш овехт. Ба оина наздик шуда бо карашма ба худаш нигарист. Ороиш ҳақикатан ба ӯ мезебид.

Сорокин кайҳо омада, рафтори ӯро назорат дошт, табассум мекард.

– Бисёр зебанда! – гуфтани Сорокин ӯро ба худ овард.

Наташа як қад парид. Саросема ороишро аз гарданаш гирифт.

– Ёдгорӣ аз модарам! Ба келинам тӯҳфа мекунам, гуфта буд, ба мақсадаш нарасид, – ӯро аз ҳиҷолат баровардanӣ шуда гуфт Сорокин.

Наташа узр пурсид.

– Ҳеҷ гап не. Нағз кардӣ, ки овехтӣ, ҳақиқатан зебанда.

– Иван Сергеевич! Ин аз чӣ сохта шуда бошад-а? – ба «қунғузак» ишора карда пурсид Наташа.

– Худи «қунғузак» лаъли сиёҳ, ситорачаҳои сафедаш бошанд, аз ёқут сохта шудаанд, – шарҳ дод ӯ.

– Қиммат будагист?!

– Ҳа, хело!

– Ягон ҳазор сӯм меистад?

– Ҳазор сӯм? Шӯхӣ мекунӣ? – Сорокин хандид.

– Набошад чанд пул?

– Хеле бисёр!

– Чӣ қадар: панҷ, даҳ, понздаҳ ҳазор? – ба такрор пурсид Наташа.

– Аз он ҳам қимматтар – ҷавоб дод Сорокин.

Наташа ороишро беозор, ба даруни қуттича гузошт.

– Ин хел бошад, шумо хело бой будаед, – гуфта монд.

Сорокин ӯро ба чойнӯшӣ таклиф кард. Наташа, «ташаккур, ман монда шудаам, каме дам гирам», – гӯён таклифи ӯро рад карда, баромада рафт.

Аз ҳамон рӯз сар карда Наташа қариб ҳар рӯз ба хонаи Сорокин меомад. Ҷои исти «қунғузак»-ро дида буд. Сорокин ҳам он чизро аз ӯ пинҳон намедошт, чунки ба Наташа дилбастагӣ дошт. Наташа бошад, инро ҳис мекард.

Наташа ба Саид ҳам шиносоӣ дошт. Шабе, ки Сорокин кушта шуд, рӯзона дар вақти аз кор баргаштан ба Саид вохӯрд. Саид бошад, аз ин вохӯрӣ хурсанд шуда, ӯро ба ошхона таклиф кард.

Наташа таклифи Саидро рад накард. Онҳо ҳамроҳи марди баландқомати чорпаҳлӯе, ки дар зерманаҳаш паи захм дошт, ба ошхона даромаданд. Дар ошхона Наташа каме май нӯшида, сархуш шуд ва дар омади гап он чӣ, ки дар хонаи Сорокин дида буд, ба онҳо нақл кард.

Баъди аз ошхона баромадан Наташа ба хонаи дугонааш Башорат рафта, шаб назди ӯ монд. Пагоҳӣ аз ҳамон ҷо ба кор рафт. Бегоҳӣ аз кор баргашта шунид, ки шабона Сорокинро куштаанд. Ҳуш аз сараш париид.

Ба хонааш даромада фикр мекард, ин корро кӣ карда бошад? Ба куҷо рафтан ва чӣ кор карданашро намедонист. Болои кат дароз кашида фикр мекард. Ӯро ваҳму тарс зер карда буд. Шаб аз нисф гузашта бошад ҳам, хобаш намебурд. Ҳамин вақт ба назараш чунин намуд, ки касе ба хонаи Сорокин даромад. Аз ҷо ҷаста бархост ва оҳиста аз дар баромад, ба дари Сорокин наздик шуд. Дар ҳақиқатан ҳам кушода буд. Аввал ба даромадан ҷуръат накарда, баъд ҳарчӣ бодо-бод нӯг-нӯги по оҳиста-оҳиста ба дарун

даромад.

Хонаро касе кофтуков мекард. Ӯ одами дар хона бударо шинохт. Саид буд вай.

Саид ҳам ӯро дид. Дигар пас гашта наметавонист. Як чанд лаҳза онҳо ба чашми якдигар нигаристанд. Хомӯширо Наташа вайрон кард:

– Маълум мешавад, ки кушандаи Сорокин ту ҳастӣ? – пурсид бо ғазаб.

Саид аввал каме саросема шуда, баъд худашро ба даст гирифт:

– Не, Наташаҷон! Кушанда ман нестам, кушанда «Медвед!» – гуфт.

– «Медведаш» – кӣ?

– Ҳамоне, ки ҳамроҳамон дар ошхона буд – ҷавоб дод Саид.

– Ӯ барои чӣ ин корро кард?

– Барои чӣ мешуд? Барои гапи ту-дия.

Наташа чӣ гуфтанашро кайҳо фаромӯш карда буд, барои ҳамин ҳам пурсид:

– Барои кадом нақл?

– Барои ҳамон «қунғузаки» сабилмонда!

Наташа ин гапро шунида, тез ба назди батарея таги тирезаи хонаи хоби Сорокин рафта, аз пушти он қуттичаро берун оварда дид, ки «қунғузак» дар ҷояш:

– Барои ҳамин?! – гуфта қуттичаро ба пеш пои Саид партофт.

– Боз барои чӣ мешуд? Барои ҳамин-дя! – гуфт Саид.

Наташа аз чашмонаш оташ борида:

– Барои як санги намешудагӣ одамро куштед, қотилон! – гуфта аз хонаи Сорокин баромаданӣ буд, ки Саид аз банди дасташ маҳкам дошт.

– Гӯш кун, духтарак! Дод назан. Фаромӯш накун, ки дар ин ҷиноят ту ҳам шарик ҳастӣ. Агар дар ягон ҷо лаққида монӣ, аз худат гила кун. Фаҳмо?! Каллаатро дониста кор фармо!

– Ин таҳдид?!

– Бале, ҳам таҳдид, ҳам таъкид! Ба ҷони ҷавонат ҷабр накун! Акнун рав!

Наташа дигар чизе нагуфта, тозон баромада рафт.

Саид пас аз рафтани Наташа қуттичаро ба ҷайбаш андохта, дари хонаро баста баромада рафт.

## 7.

Ӯро дар ин ҷо касе намешинохт. Саид бо ӯ бори авал ҳини ҳукми ҷазоро берун аз ҳудуди республика адо кардан шинос шуда буд, лекин ному фамилияашро намедонист. Фақат ҳаминро медонист, ки лақаби вай «Медвед» аст. Баъди бозгашти ӯ дере нагузашта «Медвед» ҳам пайдо шуду боз нағмаҳои пештараро давом доданд. Ҳамин ки ягон ҷоро ғорат мекарданд, ӯ ғайб мезад.

Вақте ки Саид бо супориши ӯ истиқоматкунандаи қишлоқи Зиракӣ Маҳмадшо Ҳакимовро ғорат карда ба даст афтод, дубора ӯро ба ҷавобгарӣ кашиданд. То адои ҷазо аз «Медвед» ягон дараке набуд.

Саид ин дафъа қатъӣ қарор дод, ки дигар ба роҳи бад нарафта, монанди дигарон бо меҳнати ҳалол умр ба сар мебарад. Аммо се рӯз гузашту боз «Медвед» аз куҷое пайдо шуд ва ҳамроҳи Наташа ба ошхона рафтанд. Баъди шунидани нақли Наташа «Медвед» таклиф кард, ки хонаи Сорокинро ғорат кунанд.

– Қавл додам, ки ба ин хел корҳо машғул намешавам, монанди дигарон бо меҳнати ҳалол кору зиндагӣ мекунам, зан мегирам, фарзанддор мешавам, – гуфт Саид ба таклифи ӯ розӣ нашуда.

– Ту ин қавлатро ба кӣ додӣ? – пурсид бо писханд «Медвед»

– Ба худам, ба виҷдонам! – қатъӣ изҳор кард Саид.

– Ин тавр бошад, ба худат, ба виҷдонат гӯй, боз камтари дигар сабр кунанд. Баъди ба даст овардани ҳамин чиз метавонӣ табъи дилат кору зиндагӣ кунӣ. Ба ту дигар кордор намешавам. Ман ҳам аз паи коре мешавам, – гуфт «Медвед».

Саид сар намефаровард. «Медвед» дид, ки намешавад:

– Хайр, майлаш. Сарату равғанат. Лозим набошад, метавонӣ бо ман наравӣ, – гуфт даст афшонд. – Лекин дониста мон, пушаймон мешавӣ.

Саид сукут кард.

– Шуд. Хестем! – Фармон дод «Медвед».

Посе аз шаб гузашта буд. Ҳарду ба назди бинои Сорокин зиндагӣ мекардагӣ омаданд. Чароғи хонаи Сорокин даргирон буд. Онҳо боло баромаданд. «Медвед» аз ҷайб ду ҷуфт дастпӯшаки резинӣ бароварда якашро ба тарафи Саид ҳаво дод.

«Медвед» як банд калидро аз ҷайб бароварда тахминӣ якташро ба қулф рост кард. Калид рост наомад, калиди дуюмашро санҷид, қулфи дар кушода шуд.

Ӯ ба Саид ишора кард, ки дарояд.

– Мумкин вай ҳоло хоб набошад, – гуфт Саид.

– Шарт не. Даромадан гир, – ӯро шерак кард «Медвед».

Саид ба дарун пой монд. «Медвед» аз қафояш.

Сорокин муаллимӣ мекард. Дар ин дақиқаҳо вай барои машғулияти рӯзи оянда тайёрӣ медид. Шарфаи поро шунида бехавотир пурсид:

– Наташа, ин ту-мӣ?

«Медвед» оромона:

– Одамони худӣ, – гӯён ҷавоб дод.

Сорокин сарашро аз болои кор набардошта пурсид:

– Кадом одамони худи?

Дар ҳамин вақт «Медвед» ва Саид ба назди ӯ омаданд. Сорокин болои сараш ду каси ношиносро дида, аз тарс шах шуда монд. «Медвед», ӯро ором карданӣ шуда гуфт:

– Гуфтам-ку! Одамони худӣ! Шумо барои чӣ метарсед?

Сорокин каме ба худ омад.

– О, чӣ хел «одамони худӣ», ки ман шуморо бори аввал мебинам. Дар ин бевақтии шаб ба ман чӣ кор доред?

– Кайҳо мехостем, ба дидори шумо мушарраф шавем. Инак, дида ба дидор расид. Ассалому алейкум! – «Медвед» дасташро дароз кард. Сорокин ба ӯ даст дод.

– Ба дидорбинӣ омада бошед, хуш омадед. Ман чой монам, – Сорокин тарафи ошхона равона шуд.

– Ҳеҷ чиз лозим не! – гуфта «Медвед» ӯро аз роҳ боздошт ва ба Саид ишора кард, ки маънои амал карданро дошт.

Саид ба тезӣ ба гиребони Сорокин чанг андохта пештари худ кашид. Мушти дигарашро қумғон карда «Ҷим. Даматро набарор» гуфта таҳдид кард. «Медвед» ба кофтукови хона сар кард. Сорокин бо тамоми кувваташ ҳаракат мекард, ки худро халос кунад. Лекин дастони Саид ӯро сахттар буғӣ мекарданд.

«Медвед» хама ҷоро чапаву роста карда чизи даркориро наёфт, баъд ба назди Сорокин омада, кордро аз ҷайбаш кашида, ба биқинаш наздик овард.

– Агар «винг» гӯй, баробари вай ҷонат ҳам мебарояд, – гуфта

ба Саид ишора кард, ки ӯро раҳо кунад.

Сорокин аз дасти Саид раҳо ёфта, ҷуқур-ҷуқур нафас мегирифт.

– Канӣ, гӯ! Санги қимматбаҳоят дар куҷо?! – таҳдид кард «Медвед».

Сорокин аз тарс чӣ гуфтанашро намедонист, забонаш намегашт.

– Ой, аблаҳ! Ҷонат азиз бошад, ҷои сангро нишон деҳ! – «Медвед» бо корд биқини Сорокинро хала кард.

Сорокин аз тарс гап зада наметавонист. Фақат «А-а!» – мегуфту халос.

Ин рафтори ӯ ғазаби «Медвед»-ро овард.

– Ба ту мегӯям! Санги қимматбаҳоят канӣ? – гуфта кордро ба таги гулӯяш бурд.

Сорокин мисли пештара: «А-а!» мегуфту халос.

«Медвед» гумон кард, ки Сорокин худро барқасд гунг сохта ӯро масхара мекунад. Вай даҳони ӯро пӯшида ба шаст кордро ба сари синааш зер кард:

– Ҷазои ту аблаҳ ҳамин! – гуфту кордро кашида гирифт. Аз рӯи синаи Сорокин хуни гарм фавворазанон берун шуд.

Ӯ ҳатто овоз набароварда, дар ҷояш афтид. Нур аз чашмонаш оҳиста-оҳиста мепарид. Ба назар чунин менамуд, ки бо охирин нигоҳи чашмонаш аз қотилонаш мепурсид: «Барои кадом гуноҳам ба ман чунин ҷазоро раво дидед?»

Ӯ дигар намеҷунбид. «Медвед» ва Саид ҷасадро бардошта ба болои кат гузоштанд.

Баъд хонаро тамоман тагурӯ кардаанд. Ҳайҳот! Чизе пайдо нашуд.

– Наташа дурӯғ гуфта будааст. Вай моро аҳмақ кард. Ин худозада санги қимматбаҳоро аз куҷо меёбад, буду шуди чизҳояш ҳамин се либос, соат, дигар чиз надорад. Гитараро ҳам мегирем, – гуфт «Медвед».

«Медвед» дастпӯшаки дасти росташро бароварда, болои миз гузошт. Корашонро тамом карда, баромада рафтанӣ шуданд. «Медвед» бозгашта дастпӯшакашро аз болои миз гирифт ва коғази таги он бударо ғиҷим карда ба як гӯша партофт. Ҳини баромадан Саид чашми «Медвед»-ро хато карда калиди хонаро ба киса андохт. Вақте ки аз хона баромаданд, «Медвед» боз дари

Сорокинро қулф кард. Баъди фосилае қотилон дар дили торикӣ нопадид шуданд.

10.

«Медвед» баъди аз хонаи Саид баромадан мехост ба зудӣ ғайб занад, вале ким-чӣ андешае ӯро аз ин роҳ боздошт.

– Не, не! Ӯ маро мешиносад! Ҳеҷ набошад, суратамро ба сухан кашиданаш мумкин. Ӯро ҳам бояд аз сари роҳам дур кунам, баъд баргаштан мумкин. Ҳатман бояд баргардам! – Бо ҳамин қарор чӣ хел ба назди хонаи Наташа омаданашро надонист.

... Наташа баъди ин воқеа барои ба хонааш омадан дилаш ваҳм мекард, метарсид, ки «Медвед» ба сари ӯ ҳам ягон балоро набиёрад. Аз ин рӯ шабро дар хона дугонаҳояш рӯз мекард. Ҳамон шаб ҳам ба хонааш наомада дар хобгоҳи дугонааш Светлана, ки ба ҷои кораш наздик буд, монд.

Вай ниҳоят қарор дод, ки пагоҳ баъди кор, ҳатман ба шӯъбаи милитсия омада, воқеаи шудагиро хабар медиҳад.

... «Медвед» ба хонаи Наташа наздик шуда назди дар хеле истод. Ҳис кард, кии дар хона касе нест, ноумед шуда ба ақиб баргашт. Аз наздиктарин телефон-автомат ба хонаи ӯ занг зад. Телефонро касе набардошт. Акнун боварӣ ҳосил кард, ки Наташа дар хонааш нест, «Ба ҷои кораш рафтан лозим. Коре кардан даркор, ки ба маҷлис омада натавонад, ба маҷлис биёяд, албатта, аз аҳволи Саид хабар меёбад. Агар хабар ёбад, кор тамом!» – гӯён ба тарафи беморхонаи минтақавӣ равон шуд. Ба беморхона омада аз Наташа дараке наёфт.

«Ҷамъомад ба соати ду муқаррар шудааст. Барои ҳамин ҳам Наташа бояд ҳатман, ба кор биёяд. Дар ягон ҷо пинҳон шуда вақти ба шӯъбаи милитсия рафтанаш дар роҳ корашро тамом мекунам» Бо ҳамин андешаҳо дар пушти дарахтони сершоху барги лаби заҳбур, дар рӯ ба рӯи даромадгоҳи беморхона, ки онҷо диққати касеро ҷалб намекард, камин гирифт.

Субҳ дамид. Дар кӯчаҳо одамон пайдо шуданд. Ғурриши мошинҳои обпош ба гӯш мерасид. «Медвед» пинак нарафта дидбонӣ мекард.

Аз бинои начандон калоне, ки дар паҳлӯи чапи беморхона

воқеъ шуда буд, Наташа бо ҳамроҳии Светлана баромада, ба беморхона даромаданд. «Хайрият» – оҳи сабук кашид вай. Даракаша ёфтам. Акнун аз даст додан лозим не. Шикам сер карда боз ба ҳамин ҷо меоям. То соати ду ҳоло вақт бисёр»...

Соат аз ду гузашта бошад ҳам, лекин аз Наташа дараке набуд. «Медвед» «наход, роҳи дигар бошад-а?! Ҳама ҷоро дидам, дигар роҳ набуд. Ӯ бояд аз ҳамин роҳ мебаромад. Аз ҷамъомад хабар дошта бошад? Ё Саид ба ӯ ягон гап гуфта бошад?» – гӯён бетоқатона роҳпоӣ мекард ва дидбониро давом медод.

Соат панҷ дақиқа кам шаш шуда буд, ки Наташа боз ҳамроҳи Светлана аз беморхона баромаданд. Наташа ба Светлана «То пагоҳ» – гуфта қад-қади роҳ ба тарафи посёлка равона шуд. Ӯ хеле роҳ рафт. «Медвед» аз қафои вай пушт-пушти дарахтон роҳ мепаймуд.

Дар роҳ касе рафту омад намекард. Ӯ аз Наташа хеле пеш рафта, як ҷои хилватро интихоб карда, мунтазир шуд. Наташа ба он ҷо наздик шуда буд, ки:

– Ҳа, Наташа! Салом! Аз куҷо пурсем?! – гуфта овоз баровард.

Наташа ба ин ва он тараф назар карда, касеро надид.

«Медвед»: – Ман дар ин ҷо, – гуфта сари роҳ баромад.

Наташа ба тарафи вай нигоҳ кардаю шинохта худро ба ақиб кашид.

Вале дур рафта натавонист. «Медвед» мисли даррандае, ки сайди ба пои худаш ба дом афтидаро раҳо карданӣ нест, зуд ба гулӯи Наташа ҷанг зад. Ҳатто фурсати дод задан наёфт. «Медвед» ӯро даруни дарахтон бурда бе ягон сухан аввал ба биқини чап, баъд ба рӯи сина ва гулӯи ӯ чандто корд зад. Аз тамоми аъзои бадани Наташа хун ҷорӣ мешуд.

Ҳамин вақт ба гӯши «Медвед» овози наздик омадани мошин расида, гӯшворҳои баргакмонанди тиллоӣ ва соати дасти Наташаро кушода гирифт. Сумкачаи дар пеши кояш афтодаро бардошта пулҳои дар он бударо ҳам гирифт. Ғурриши мотор хеле наздик шуда буд. Вай саросема кордро ба тарафи ноаён ҳаво дода дар як он даруни ҷангал ғайб зад.

Наташаи сахт маҷрӯҳшуда баъди чанде ба ҳуш омада тамоми қувваташро ҷамъ карда, ба сари роҳ баромаду боз аз ҳуш рафт. Дар ҳамин вақт мошини «ёрии таъҷилӣ» ба тарафи посёлка ме-

рафт, Наташаи ба хун оғуштаро дар қади роҳ дида мошин бозистод. Вақти таъхир набуд. «Бонги хатар!» ба атроф паҳн шуд. Дере нагузашта мошин ҷасади нимҷони Наташаро ба беморхона овард. Аз он ҷо ба милитсия дар бораи ҳодиса хабар дода шуд.

11.

Воқеаҳои рӯзҳои охир ҳамаро ба ташвиш овард. Барои кофтуков се гурӯҳ ташкил шуд. Раҷаб Нуров ба гурӯҳҳо сардорӣ мекард. Вай супориши хаттӣ дода, хоҳиш намуд, ки аз иҷрои он дар вақти муайянкарда ахборот диҳанд.

Раҷаб баъди муайян кардани вазифаи гурӯҳҳо барои такроран дида баромадан ба хонаи Саид омад. Вай хонаро муфассал аз назар гузаронида, ғайр аз калиди дари даромади Сорокин дигар чизеро наёфта, ба прокуратура баргашт.

Акнун дари кабинеташро кушода буд, ки занги телефон баланд шуд.

– Нуров гӯш мекунад!

– Саттор гап мезанад. Зани кордхӯрда Наташа Сергеева будааст. Ҳолаташ вазнин, лекин аз рӯи хулосаи табибон захмҳояш он қадар хавфнок нест, фақат хунаш бисёр рафтааст. Бояд зинда монад. Ба ман боз чӣ супориш мешавад?

– Ба ҷои кори ӯ рафта ҳамкоронашро аз рӯи воқеа пурсуҷӯ кун, хулосаашро соати панҷ ба ман хабар медиҳӣ.

Раҷаб гӯшаки телефонро монд. Ин дам Салим даромад.

– Канӣ, гап зан, ягон навигарӣ ҳаст? – ба ӯ мурочиат кард Раҷаб.

– Ҳа, ҳаст! Саид ба ҳуш омадааст, лекин гап зада наметавонад. Аҷибаш он, ки аз воқеаи Саидро бо оби ҷӯш сӯзондан кадоме ба беморхона занг зада будааст! Ин пагоҳӣ боз кадоме занг зада саломатии ӯро пурсидааст! Ба назарам кори ҳамон «Медвед» бошад даркор! – гуфт Салим.

– Чӣ чораҷӯӣ кардӣ? – пурсид Раҷаб Нуров.

– Хоҳиш кардам, ки беморхонаро зери назорат гиранд.

– Бисёр нағз!..

Онҳо ба берун баромаданд. Назди идора мошини сабукраве меистод. Аз ронанда хоҳиш карданд, ки онҳоро фавран ба кӯчаи

Беҳзод барад. Вале бефоида, он ҷо на пай буду на ҳайдар.

Раҷаб Нуров рафтори беҳаёнаи ҷинояткорро зери таҳқиқ гирифта, як чизро аз хотир бароварда буд, ки ҳаёти Саид дар зери хавф аст. Телефонҳои паи ҳам ба беморхона бе гап нестанд. Вақте ки ин фикр ба сараш омад, ӯ аз Салим пурсид:

– Сабаби ба беморхона занг заданашро медонӣ? – пурсид.

– О! Бало занад! Зинда мондан ё намондани Саидро фаҳмиданист. Ин барои вай аҳамияти калон дорад. Мақсадаш нобуд кардании Саид ва рӯйпӯш кардани ҷиноядаш. Чаро дар ин масъала пештар фикр накардем?

– Ман ҳам дар ҳамин фикрам. Мақсади вай ба кадом роҳе, ки набошад, аз байн бардоштании Саид аст. Агар пеши роҳашро нагирем, вай албатта, ин корро мекунад.

Ин дам Саттор Хушвақтов даромад.

– Супоришатонро иҷро кардам, – арз кард ӯ. – Наташа Сергеева шаб дар хонаи дугонааш Светлана хобидааст. Пагоҳ ҳамроҳи ӯ ба кор омада, бегоҳӣ «Ба шӯъбаи милитсия меравам. Он ҷо кор дорам, боз гашта меоям», – гуфта рафта будааст ва дигар Наташаро надидааст. Мақсади ба милитсия рафтанашро ҳам ба Светлана нагуфтааст. Дигар ҳамкоронаш ҳеҷ чиз намедонанд.

– Маълум мешавад, ки «Медвед» пешдастӣ кардааст! Ту «Наташа дар хонааш нест» гуфта, дигар ӯро кофтукоб накардӣ, дидӣ хатогии ману ту ба чӣ оварда расонд? – гуфта Раҷаб Сатторо сарзаниш кард.

Салим нафаси чуқур гирифта илова кард:

– Нуров дуруст мегӯяд, ҳақ надорем, ки хато кунем. Хатогии мо ба ҳаёти одамон таҳдид мекунад, инро дар мисоли Наташа дидан мумкин!

Саттор гунаҳкорона бо сари хам ба ин гапҳо гӯш медод.

– Каме сустӣ кардам, – иқрор шуд вай.

– Каме не, бисёр.

– Агар ин дафъа ҳам хато кунем, гуноҳи моро ҳеҷ кас намебахшад. Беморхонаро ба таҳти назорат гирифтан лозим. Набояд фаромӯш кард, ки ӯ албатта, ба Наташа ҳам диққат медиҳад. Чигуна хавфнок будани ӯро акнун ману шумо нағз медонем, яроқнок буданаш аз эҳтимол дур нест! – Гурӯҳро шумо сардорӣ кунед, – гуфт Раҷаб ба Салим рӯй оварда. – Палатаи Саид ва Наташаро зери назорат гиред, – ба Саттор муроҷиат кард вай – Дар

ин масъала ман бо одамони дахлдор гуфтугӯ мекунам! Корро чунин ташкил кардан даркор, ки на дар беморхона, на берун аз он касе чизе пай набарад. Ман ин ҷо мунтазир мешавам. Ҳамин ки ягон гап шуд, ҳатман занг занед, супориш фаҳмо?

– Фаҳмо! – ҷавоб доданд Салиму Саттор баробар

– Амал кунед! – хитоб кард ӯ.

Саттор ва Салим баромада рафтанд. Раҷаб ба назди прокурор Шароф Ҷӯраев даромад, то аз нақшааш ӯро огоҳ созад.

– Нақшаатон бад не, – гуфт вай баъди шунидани арзи Раҷаб.

– Ҳа, дарвоқеъ, аз экспертиза хабар доданд, ки дар коғазпора ва дастаи корд изи дастони як одам нақш бастааст, вале он изи дастони Саид нест. Ба фикрам, изи панҷаҳои «Медвед» бошад. Ин тарафашро тадқиқ мекунем.

Раҷаб ба кабинеташ даромада боз як бори дигар дар болои нақшаҳои кашидааш андеша кард. Гӯё ҳамааш ҷо ба ҷо. «Агар бачаҳо аз рӯи ҳамин нақшаҳо амал кунанд, ҷинояткор дигар ҷои гурез намеёбад», аз дил гузаронд вай. Аз чӣ бошад, бовари дошт, к «Медвед» ба беморхона хоҳад омад.

## 12.

«Медвед» ба зинда мондании Саид бовар надошт. Вале, вақте шунид, ки ӯ ба ҳуш омадааст, ҳоло хуб гап зада наметавонад, тамоман бетоқат шуд: «Агар ба гап дарояд, кор расво мешавад. Ба ин набояд роҳ дод» фикр мекард ӯ.

Вай аз ғурриши мошине, ки рӯ ба рӯ меомад, тарсида худро зуд паси дарахт гирифт ва то аз назар нопадид шудан ба мошин наззора кард.

Мошини сабукрави «Жигули» омада назди телефон-автомате, ки навакак ӯ аз он ҷо ба беморхона занг зада буд, қарор гирифт. Аз мошин ду кас баромада, кӯчаву-паскӯчаро аз назар гузарониданд, боз баргашта ба мошин савор шуда, ба роҳи омад ақиб гаштанд.

«Медвед» аз паси дарахт баромад.

«Бало занад! Наход аз занг задани ман хабардор шуда бошанд? Ин тавр шуданаш мумкин не, охир ман аз телефон-автомат занг задам-ку. Инҳо шояд маро не, каси дигарро мекофта бо-

шанд?! Ба ҳар ҳол акнун ба беморхона занг задан хавфнок, кори Саидро ҳамин шаб тамом кардан лозим!» Вай бо ҳамин андешаҳои қатъӣ ба тарафи таҳхонаи бинои сеқабата, он ҷое, ки аксар вақт рӯзона паноҳ мебурд, роҳ гирифт...

Шаб аз нисф гузашта буд. Чароғҳои беморхона хомӯш шуданд.

– Ба фикрам айни вақташ! – гуфта «Медвед» охиста-оҳиста ба пушти бинои беморхона гузашт ва дар даромадгоҳе, ки пештар тайёр карда буд, ба ҳавлӣ даромад.

Дар ин лаҳзаҳо Салим бо ҳамроҳии капитан Лолаев палатаи Саид хоббударо дидбонӣ мекарданд. Саттор бошад, бо як нафар коркуни милитсия дар палатаи Наташа буданд.

«Медвед» ба ақиби бино гузашта, ба зинапояи оҳанин часпида охиста-оҳиста боло баромад. Ба воситаи дарича ба пешайвони бино даромад. Пойафзолашро бароварда ба даричае, ки ба қадди он зинапояи оҳанин овезон буд, ба поён фаромад ва ба ошёнаи сеюм гузашт. Дар ду тарафи роҳрав хоначаҳои бисёре ба чашм мерасиданд. Дар яке аз ҳамин хонача, паси миз духтараки хилъати сафедпӯш пушт ба тарафи ӯ гардонда менишаст. Дар либосовезак чанд хилъати сафед ва хокистарӣ овезон будааст.

«Медвед» гурбавор оҳиста-оҳиста ба назди ҷевон омада, хилъати хокистариро гирифта ба китфаш партофт. Духтарак инро пай набурд. «Медвед» бо эҳтиёт пойафзолашро пӯшида, аз назди ӯ гузашта рафт. Ҳамин дам чашми духтарак ба вай афтод. Гумон кард, ки ягон бемор аст, аҳамият надод. «Медвед» ба ошёнаи дуюм фаромад. Ӯ акнун дар хилъати беморӣ ба бемори ҳақиқӣ монанд буд. Дар миёнаҷои роҳрави ин ошёна низ духтаракон пушт ба ӯ, паси миз менишастанд.

Вай дари палатаи сеюмро кушод. Дар ду кат одам ҳасту дар сеюмаш не. Дарро пӯшида ба назди хонае, ки дар пештоқи дараш «палатаи – 6» навишта шуда буд, омада истод. Ҳамшираи тиббӣ аз ҷояш намеҷунбид. Дари палатаро кушод, ба хона шӯълаи чароғи электрикӣ даромад. Ӯ дид, ки Саид дар кати миёнаҷои хона мехобид, дар ду паҳлуяш ду марди дар китфашон хилъати сафед менишастанд. Яке аз онҳо Салим буд. Салим «бемор»-и ношиносро дида, тез аз ҷояш част:

– Ба ту кӣ даркор?! – гуфта пурсид.

– Мебахшед! Ман палатаи худамро фаромӯш карда, ба ин ҷой

даромадам, – гуфта «Медвед» зуд аз роҳаш баргашту рафта ба он палатае, ки як каташ холӣ буд, даромад. Салим аз паси ӯ хеле нигоҳ кард... «Дар ҳақиқат ин бемор нафаҳмида ба ин ҷо омадааст» – аз дил гузаронд вай.

«Медвед» аз хомӯшии ба амал омада дилтанг шуда дилаш берун аз ихтиёр метапид. «Наход, ин ҷо маро мунтазир бошанд?! Табиб мешуд, як кас мешуд! Не-не... Инҳо яқин манро мунтазир буданд! Аз ин маълум мешавад, ки ба ин ҷо занг заданамро фаҳмиданд. Кор расво шуд!» Вай лоҳавлона аз палата фаромада боз ба роҳи омад ақиб баргашт. Аз назди духтараки дар паси миз нишастаи ошёнаи сеюм оромона гузашта, ба зинапоя наздик шуд. Ӯ ба нисфи зинапоя баромада буд, – «Ҳой, бемор шумо чаро ба он ҷо мебароед?» – гуфтанро шунида ҳаракаташро тезонд. Духтарак ба назди зинапоя давида омада:

– Ҳой! Бемор, фаро мегӯям, фаро! – гӯён дод зад.

«Медвед» бошад, аллакай ба зинапояи пушти бом расида, нисфи онро тай карда буд. Овози духтаракро Саттор шунида тозон ба назди ӯ омад.

– Чӣ гап?!

– Як бемор ба он ҷо баромад! Ҳамин қадар фаро гӯям, намефароянд, – арз кард ҳамшира.

Саттор яқин кард, ки вай «Медвед» аст. Ӯ чолокона ба болои бом баромада ба зинапояи пушти хона расида, касеро надида бошад ҳам:

– Ист мегӯям! Ист! – гуфта фарёд кард. «Медвед» бошад кайҳо аз он ҷо гузашта дар дили торикӣ гум шуда буд. Такудави нозирон фоидае наовард...

Ҳамин тавр «шикори аввал» барор нагирифт.

## 13.

То оғози кор ҳоло вақти бисёр буд. Вале дар кабинети прокурор кормандони прокуратура ва коркунони оперативии шӯъбаи корҳои дохилӣ бо сардории Маҳмуд Мирзоев ҷамъ омада буданд. Шароф Маҳмудов аз ҷой бархоста гуфт:

– Рафиқон! Чунон ки медонед, дирӯз мо вазифаи худро ба таври бояду шояд иҷро карда натавонистем. Ҷинояткори хавф-

нокро аз таги биниамон аз даст додем. Вай ҳоло дар озодӣ гашта-аст! Намедонем, ки ӯ боз чи корҳо карданист? Шуморо ба ин ҷо даъват карданам, сабабаш он, ки бо маслиҳат амал карда, қотилро ҳар чӣ тезтар дастгир кунем, то ба қурбонии дигар роҳ надиҳем. Ман чуниин тахмин мекунам, ки вай ҳоло аз худуди район наба-ромадааст. Аз ин рӯ таклиф мекунам, ки назорати беморхона, те-лефон-автоматҳоро аз пештара дида бештар пурқувват карда, ҳамаи ошхонаҳои ҳудуди район ба зери назорат гирифта шаванд. Дар роҳҳо одам монда, ҳамагуна нақлиёт аз назар гузаронда ша-вад. Ба воситаи радиои маҳаллӣ ва нуктаҳои дар колхозу совхозҳо ва дигар хоҷагиҳо буда баромад карда, мардумро огоҳ кардан лозим, агар одами шубҳанокеро бинанд, ҳатман ба проку-ратура ва шӯъбаи милитсия хабар диҳанд. Боз чӣ хел таклиф ҳаст? – прокурор суханашро ба охир расонд.

Раҷаб Нуров аз ҷой бархост:

– Ман таклиф надорам. Аз сардори шӯъбаи корҳои дохилӣ Маҳмуд Мирзоев хоҳиш дорам, ки аз ҳамин рӯз дер накарда, ба шӯъбаҳои милитсияи районҳои ҳамсоя расми сухании «Медвед»-ро бо воситаи телеграмма фиристода, хоҳиш кунад, ки дар мав-риди дар худуди райони онҳо пайдо шудани «Медвед» ҳатман ӯро дастгир кунанд.

– Мо аллакай ин корро кардем! – гуфт Маҳмуд Мирзоев.

Бо ҳамин хулосаҳо, ҳама бархоста, аз паи иҷрои супоришҳо шуданд.

Раҷаб ба кабинети худаш омад. Салим ҳам ба кабинети ӯ да-ромад.

– Ин кор ба ақли ҳеҷ кас рост намеомад! – гуфт Салим.

– Дуруст, ба ақли ҳеҷ кас рост намеояд. Лекин чунон ки ди-дем, ба ақли «Медвед» рост омад. Огоҳ карда будем, ки «Мед-вед» гурги борондидаст. Ҳама ҷоро ба назорат гирифтан лозим, охир ӯ «авбоши кӯчагӣ» не, ҷиноякори таҷрибанок аст. Сайд ба пои худаш омаду лекин онро ба тезӣ раҳо кардем.

Ҳамин вақт занги телефон баланд шуд.

Нуров гӯшакро бардошта, бо дили нохоҳам:

– Гӯш мекунам, – гӯён ҷавоб дод.

– Сардори гурӯҳи сеюм Ҷунайдов гап мезанад. Ҳамаи колонияҳои ислоҳоти меҳнатиро санҷида баромадем. Дар ҳеҷ ка-доми онҳо дар понздаҳ соли охир маҳбусе бо тахаллуси «Мед-

вед» ҷазо адо накардааст. Саид, ҷазои дуюмро дар колонияи режими сахт адо кардааст. Бори якум ҷазоро дар куҷо адо кардааст, номаълум, – гуфта ахборот дод.

– Ба маркази иттилооти Вазорат мурочиат кардед?

– Не, рафиқ Нуров!

– Худи ҳозир ҳамин корро кунед! – амр дод, ӯ гӯшакро ба ҷояш гузошта.

... Раҷаб Нуров дар тамоми давраи кораш ба ин хел вазъият дучор нашуда буд. Вай аз нобарории кор асабонӣ мешуд. Вазъи Салим ҳам аз вай беҳтар набуд. Боз занги телефон баланд шуд.

– Гӯш мекунам, – ҷавоб дод Нуров.

– Аз беморхона гап мезанам. Наташа Сергеева ба ҳуш омад, гап мезанад. Ӯро диданӣ бошед, марҳамат, биёед!

Чеҳраи Нуров кушода шуд.

– Ба шумо раҳмат, ҳозир меоем.

Салим ҳам оҳи сабук кашид.

Аҳволи Наташа дар ҳақиқат анча беҳтар шуда буд. Ӯ воқеаи шудагиро аз сар то охир нақл кард ва дар охир пурсид, ки: «Медвед»-у Саидро дастгир карданд, ё не?

Раҷаб Нуров ҳодисаи ба сари Саид омадаро нақл кард.

– «Медвед» ҳоло дастгир нашудааст, лекин дур намеравад.

Салим ба Раҷаб рӯй овард:

– Ана, сабаби кушта шудани Сорокин ва таҳдиди куштани Саид дар чӣ будааст?! – гуфт.

– Сабаби кушта шудани Сорокин дар ҳақиқат маълум шуд, лекин сабаби таҳдиди куштани Саид ҳоло маълум нест. Ин он вақт маълум мешавад, ки агар Саид ба гап дарояд. Ба фикри ман «Медвед» набояд ӯро барои ороиши қимматбаҳо кушад – гуфт Раҷаб Нуров.

– Ба тахмини ту ҳоло ин «қунғузак» дар дасти Саид бошад, ё «Медвед»? – пурсид Салим.

– Аз рӯи ҳаракатҳои «Медвед» бояд «қунғузак» дар дасти Саид бошад, он тарафашро боз кӣ медонад? – ҷавоб дод ӯ. – Ин ҳоло муаммо. Вақташ ояд, гиреҳи онро ҳам мекушоем! – гуфт бо хушнудӣ Раҷаб Нуров.

... Аз байн чанд муддат гузашта бошад ҳам, «Медвед» аз худ дарак намедод. Рӯзе телефонисткаи шӯъбаи алоқаи район телеграммае дар даст ба назди сардори шӯъба Маҳмуд Мирзоев даро-

мад. Телеграмма чунин мазмун дошт: «Стансияи Чу, РСС Қазоқистон. – «Менгliқул, бародарат дар парвоз. Мария гирья мекунад, Модаркалон», Мирзоев телеграммаро аз назар гузаронда китф барҳам кашид.

– Ҳеҷ чиз нафаҳмидам. Ин телеграмма ба мо тааллуқ надорад. Чаро ба ин ҷо овардед? – пурсид ӯ.

– Телеграмма ду рӯз пеш аз узели алоқаи мо фиристода шудааст, – гуфт телефонистка, лекин ба муҳри болои телеграмма пахш карда ишора карда, илова намуд. – Гӯё аз райони Октябр фиристода шуда бошад? Ин тавр шуданаш мумкин нест!

Мирзоев бори дигар ба мухр назар афканд: ҳақикатан дар он мӯҳри шӯъбаи алоқаи райони Октябр пахш гардида буд.

– Телеграммаро монда равед, месанҷем.

Махмуд Мирзоев телеграммаро боз чанд бори дигар чапаву роста карда зери лаб такрор кард.

– Аҷиб, тамоман аҷиб! Дар ин ҷо бояд ягон сирри махфӣ бошад? Набошад чаро телеграммаро аз ин ҷо дода, аз райони Октябр фиристода шуд, гӯён мӯҳр зада шудааст?! Мазмунаш ҳам аҷоиб!

Салимро ба наздаш ҷеғ зада хоҳиш кард, ки ин масъаларо санҷида барояд...

Салим телеграммаро гирифта аз кабинет баромад.

Калимаҳои «Бародарат дар парвоз, Мария гиря мекунад»-ро чанд бор такрор кард. Аз куҷо фиристода шудани телеграмма не, бештар мазмунаш диққати ӯро ба худ машғул медошт. Чунин тасаввур мекард, ки ин гапҳоро дар телеграмма нахонда, балки аз кадом кинофилми детективӣ тамошо карда бошад. Вай аз чӣ бошад, ки воқеаҳои дар гирду пеш мешудагиро ба кори «Медвед» алоқаманд мепиндошт. Дар мазмуни ин телеграмма ҳам ба кори «Медвед» ким-чӣ хел алокамандиро медид.

Салим дари кабинетро баста ба кӯча баромад. Мехост ба назди Раҷаб дарояд, вале аз раяш гашт. «Не, ҳоло телеграммаро насанҷида даромадан нағз нест. Аввал ба шӯъбаи алоқа рафта баъзе чизҳоро муайян карда, сонӣ меоям,» – гӯён ба тарафи шӯъбаи алоқа равон шуд.

Дар он ҷо пеш аз он ки бо ягон кас вохӯрад, хост тартиби қабули телеграммаҳоро санҷад. Аввал ба зали интизорӣ даромад. Он ҷо ду кас паси миз нишаста бланкаи телеграмма пур мекар-

данд. Салим кори минбаъдаи онҳоро ба таҳқиқ гирифт. Онҳо ба даричаи хурде, ки барои доду гирифт хизмат мекард, омаданд. Дар паси аппарати алоқа се нафар духтарак саргарми кор буданд. Миҷозон телеграммаҳои навиштаашонро ба яке аз он духтарҳо доданд.

Духтараке, ки телеграммаҳоро қабул кард, аз ҷояш бархоста ба хонаи тарафи рост даромаду пас аз чанд дақиқа боз ба ҷояш баргашт.

– Маълум мешавад, ки телеграммаҳоро аз ин дарича телефончидухтарон қабул мекунанд, баъд ба телеграф бурда, аз он ҷо ба ҷойҳои лозимӣ мефиристанд, – хулоса баровард Салим ва аз зали мунтазирӣ баромада ба паси бино гузашт. Дари даромад ба телеграф аз он ҷо буд. Дар хонаи телеграф ду духтараки тахминан бист-бисту яксола паси миз нишаста машғули кор буданд. Салим худро шиносонида мақсадашро фаҳмонд. Духтарҳо ба якдигар бо тааҷҷуб нигаристанд. Якаш «мӯҳри ноҳияи Октябр дар ин ҷо чӣ кор мекунад?» – гуфта қуттичае, ки дарунаш чанд намуди мӯҳр ҷой дошт, бароварда ба пеши Салим гузошт. Салим мӯҳрҳоро аз назар гузаронид, мӯҳри шӯъбаи алоқаи ноҳияи Октябр он ҷо набуд.

– Мебахшед! Рӯзи ҷумъа, шонздаҳуми ҳамин моҳ, кӣ навбатдорӣ мекард, намедонед? – пурсид Салим.

– Чаро намедонем, медонем. Ҳамон рӯз бо ман духтараке, ки нав ба кор гирифта буданд, кор мекард. Вай ҳамагӣ як соат кор карду баъд гум шуд. Номаш Мария бошад даркор, – ҷавоб дод яке аз он духтарон.

– Мария чӣ хел намуд дошт, либосаш чӣ хел буд, гуфта наметавонед? – боз пурсид Салим.

– Албатта, метавонам! Малламӯй, чашмонаш осмониранг, қоматбаланд, куртаи сафед дошт, дастонаш пур аз ангуштарини тилло, дар гӯшҳояш ҳам гӯшворҳои тиллоӣ дошт. Дар пойҳояш бошад, туфлиҳои пошнабаланди сафед.

– Ягон хел нишонаи диққатҷалбкунанда дошт ё не?

Духтарак аввал, – «Не» – гуфт, баъд:

– Ҳа, ба фикрам дар бари рӯи чапаш як холи сиёҳи на он қадар калон дошт, – гӯён иқрор шуд.

Салим аз назди духтарон қаноатмандона баромада рост ба дафтари кории Раҷаб омад.

– Медонӣ чӣ – гуфт ӯ, – духтараки бо ҳамроҳии «Медвед» ба ошхона омада Мария ном доштааст.

Вай ҳамаи воқеаро ба ӯ нақл карда телеграммаро ба пешаш гузошт. Раҷаб Нуров телеграммаро аз назар гузаронид. «Бародарат дар парвоз, Мария гиря мекунад. Модаркалон»

– Телеграмма баъди чанд рӯзи ин воқеаҳо фиристода шудааст? – пурсид аз Салим.

– Баъди нӯҳ рӯз.

– Бале! Аз эҳтимол дур нест, ки телеграмма ба «Медвед» тааллуқ дорад. Ин гапҳо ба назари ман чунин маъно доранд: «Бародарат дар парвоз», – бояд Саид дар дами мурдан, «Мария гиря мекунад» – Мария ба ман ёрӣ расонида наметавонад, тез биё. Ӯ албатта, сари ягон кори дигарро гирифтааст, ки бе ёрии «Менгliқул» иҷро карда наметавонад! Барои ҳамин ҳам ӯро ба назди худаш даъват карда истодааст! – гуфт Раҷаб. – Аз рӯзи фиристодани телеграмма дур рӯз гузаштааст. Менглиқул агар телеграммаро гирифта бошад, ё омада расидааст ё ҳоло дар роҳ аст. Ту ба ин чӣ мегӯӣ?

Салим китф дар ҳам кашид.

– Ту худи сеҳркушоҳо барин гап мезанӣ, дар ҳақиқат ҳам телеграммаро дигар хел маънидод кардан мумкин не, – гуфт вай.

– Ман бовар дорам, маънии телеграмма ҳамин аст! – хитоб кард Раҷаб Нуров.

– Пас чӣ бояд кард? – пурсид Салим.

– Пеш аз ҳама туро ба стансияи «Чу»-и Қазоқистон мефиристонем. Аҷаб не, гиреҳи ҳамаи ин корҳо дар он ҷо бошад! Мо дар ин ҷо чораҳои иловагӣ мебинем. То ба командировка рафтанат муайян кун, ки мабодо аз шӯъбаи алоқаи ноҳияи Октябр мӯҳр гум нашудааст?! Баъд Мария ном духтар дар он ҷо кор мекунад, ё не? Беҳтараш ҳозир баромада рав, аз натиҷаи кор моро зуд огоҳ кун.

– Фаҳмо!

– Ба корат муваффақият! – Раҷаб дасти Салимро самимона фишурд.

Раҷаб Нуров корҳои пешбинишударо ҳал карда, барои Салим ба стансияи «Чу»-и Қазоқистон роҳхат гирифт. Ӯ ҳамаи далелҳои ҷамъшударо бори дигар таҳлил карда, афсӯс мехӯрд, ки агар Саид ба гап медаромад, гиреҳи бисёр муаммоҳо кушода мешуд. Ақрабаки соат ба ҳафт наздик шуда бошад ҳам, аз Салим хабаре

набуд. Боз чанд вақт гузашту занги телефон баланд шуд.

– Нуров гӯш мекунад, – ҷавоб дод ӯ гӯшакро бардошта.

– Ман Салим. Мария дар ин ҷо ҳам як рӯз кор кардааст, яъне як рӯз пеш аз оне, ки ба шӯъбаи алоқаи мо омадааст. Ӯро дигар ҳеҷ кас надидааст ва намешиносад! Худи ҳозир баргардам.

«Аз ин мебарояд, ки «Мария» телеграммаро дар он ҷо мӯҳр зада, аз ин ҷо фиристодааст, маълум мешавад, ки вай дар корҳои «Медвед» шарик мебошад! – аз дил гузаронд Раҷаб Нуров.

Телефон занг зад.

– Гӯш мекунам!

– Ҷунайдов гап мезанад. Мувофиқи маълумоти Вазорати корҳои дохилӣ Саид бори аввал барои адо кардани ҷазо ба Қазоқистон фиристода шуда будааст! Ӯ дар он ҷо дар кадом колония ҷазоро адо кардааст, аз рӯи ҳуҷҷатҳои Вазорат маълум нест! – ахборот дод ӯ.

Дар чеҳраи Раҷаб Нуров аломати шодмонӣ ҳувайдо гардид. «Риштаи ҷиноятҳои «Медвед» аз рӯи далелҳои ҷамъшуда аз Қазоқистон сар шудагӣ барин. Бо Саид ҳам дар он ҷо шинос шудааст. Салим ҳарчи зудтар ба он ҷо равад, масъала тезтар ҳал мешавад. Худашро наёбем ҳам, ҳамтабақашро ёфтан мумкин. Барои ин боз як кори дигар кардан зарур». – Раҷаб ба андеша рафт.

Ниҳоят Салим ҳам омад. Раҷаб ба вай корҳои дар Қазоқистон иҷро мекардаашро маслиҳат карда, илова намуд.

– Ҳар хел тасодуфҳо ба амал омаданаш мумкин. Аз рӯи ақлу идроки худат амал кун. Эҳтиёт шав!

Салим сар ҷунбонда аз кабинет баромад.

## 15.

Шӯъбаи ҷавоҳироти универмаги марказӣ серодам буд. Духтараки хушқаду қомате, ки мӯйҳои фатилааш ба китфонаш ҳамоил буду дар вақти хаму рост шудан пеши рӯяшро мепӯшонд, гоҳ ба назди ин гоҳ ба назди он харидор рафта, чизҳои пурсидаашонро нишон медод. Ин дам ду марди дар қаду қомат баробар пайдо шуда, рӯ ба рӯи сандуқи оханин, ки дар кунҷи рости шӯъба ҷой гирифта буд, истоданд. Фурӯшанда пайдо шудании онҳоро дида бошад ҳам, наздик наомад, бо қирраи чашм наззора мекард.

Яке аз мардҳо фурӯшандаро ба наздаш ҷеғ зада пурсид:

– Духтари нағз! Ангуштарини тилло доред?

– Ангуштарини тиллогӣ тамом шуд, лекин соатҳои тиллогин хел-махел – духтар дари сандуқчаро кушода аз даруни он чанд дона соатҳои тилло ва оддиро гирифта болои пештахта гузошт. – Кадомаш маъқул бошад, интихоб кунед! – гӯён дари сандуқчаро напӯшида ба назди дигар мизоҷон рафт.

Мардҳо ба соатҳо не, балки ба даруни сандуқча менигаристанд. Баъд аз чанде боз фурӯшандаро ба наздашон ҷеғ заданд.

– Духтари нағз, ба мо соат даркор нест, ангуштарин даркор! – гуфта соатҳоро ба ӯ баргардониданд.

Фурӯшанда ба онҳо нигоҳи маънидоронае карда, соатҳоро дар ҷояш гузошту дари сандуқчаро маҳкам карда, корашро давом додан гирифт. Мардҳо баромада рафтанд.

... Шаб аз нисф гузашта буд, «Медвед», «барори кор» гӯён ҳамроҳи рафиқаш ба роҳ даромад. Баъди чанде ба назди Универмаг расиданд. Аз пушти хоначаи посбон гузашта ба бино наздик шуданд. «Медвед» ба танаи қубури ба қади бино рост буда, ки барои ба ошёнаи дуюм об овардан хизмат мекард, часпида болои бом баромад. Рафиқаш ҳам бо ҳамин тарз ба болои хона баромада ба воситаи даричаи қисми чап дохили бино шуд. Аз он ҷо ба воситаи даричае, ки дар кунҷи чапи зали савдо воқеъ шуда буд, поён фаромаданд. Чароғҳои бино хомӯш буданд. Мувофиқи нақша ба даруни бино даромада ҳафт қадам ба тарафи рост чен карда ба сурох кардани шифти хона сар карданд.

– Ҳаштод ба ҳаштод бур. Ман рафта аз поён дошта меистам. Мабодо ба замин афтида посбонро бедор накунад?! – гуфта «Медвед» худаш ба воситаи зинапояҳо ба ошёнаи якум фаромада ба назди сандуқчаи оҳанин омад. Ба болои он баромада, шифти хонаро дошта истод. Дере нагузашта аз як тарафи шифт, арраи эллектрикӣ намоён шуд. Баъди чанд вақт се тараф бурида аз боло нӯги банди абрешимин пайдо шуд. «Медвед» нӯги онро кашида аз миёнаҷои шифти буридашуда гузаронда ба боло дод. «Медвед» бори дуюм ба ошёнаи якум фаромада бандро ба сандуқча мустаҳкам кард. Баъд озодона сандуқчаро ба боло кашиданд. Бо роҳи омад ақиб гашта ба боғи маданият ва истироҳат омаданд. Ҷои хилватро ёфта хостанд сандуқчаро кушоянд, лекин ҳарчанд карданд, кушода натавонистанд. «Медвед» рафиқашро монда ху-

даш ба хонаи Раҳмат Ашӯров, ки устои оҳангар шуда кор мекард, («Медвед» ӯро нағз медонист) омада аз устохонааш асбоби оҳанбурӣ ва путкашро гирифта омад. Онҳо ба воситаи ин асбобҳо кулфи сандуқчаи оҳанинро шикаста ҳама чизи дар дарунаш будаpo гирифта, сандуқчаро партофта рафтанд. Дар қароргоҳашон «Медвед» бист дона соати тилло ва бист дона соати оддиро ба худ гирифта, боқимондаашро ба ҳамроҳаш дод:

– Ана, ин билет. Пагоҳ дар соати чори рӯз парвоз мекунӣ! Лозим шавӣ, боз даъват мекунам, хуш бош! – гуфта ба зудӣ ғайб зад.

«Медвед» ба назди Мария омад:

– Корҳо ҷо ба ҷо! – хабар дод ба ӯ.

Мария пурсид:

– Менгliқул рафт?

– Пагоҳ дар соати чор мепарад.

– Ман чӣ кор кунам?

– Ту чӣ кор мекардӣ?! Коратро кардан мегирӣ. Аз ту ҳеҷ кас гумон намебарад! Кофтуков тамом шавад, он тарафашро мебинем! – гуфт «Медвед».

– Ҳамту-ку, лекин имрӯз ба шӯъбаи алоқа кадоме омада, дар хусуси телеграмма пурсуҷӯ кардааст! Метарсам, ки боз ягон фалокат рӯй надиҳад, охир ману шуморо баъзеҳо дида буданд-ку?!

– Ин тавр бошад, кор ранги дигар мегирад, духтар. Лекин, ба ҳар ҳол то тафтиш тамом нашавад, бояд ба ҷое наравӣ, туро бе асос ҳабс намекунанд! Ман ҳам то мавриди қулай бо ту вонамехӯрам, ҳа, фаромӯш накун! – Бо як дасташ аз миёни ӯ қапида, дасти дигарашро ба гардани ӯ халқа карда аз сару рӯяш бӯса карду ба холи сиёҳи бари рӯяш ишора намуда гуфт:

– Инро гум кун, хавф камтар мешавад, мӯи сунъиатро ҳам дигар истифода набар, либосҳоятро оддитар карда, инҳоро ба ман деҳ, – гӯён тилловориҳоро аз панҷаҳояш, гӯшворҳояшро аз гӯшаш кушода гирифт. – Ҳоло вақти зебу зиннат нест. Акнун рав, аз сафедаш биёр! Либосҳои барои ман дилкашатро пӯшида биё! – амр кард ӯ.

Мария аввал ба хонаи хоб даромада либосҳои рупӯшашро дигар карда, аз болои таҳпӯше, ки пистонҳояшро нимурён нишон медоду дар шӯълаи нури чароғ бисёр дилчасп менамуд, хилъати ҳарири сафед пӯшида, ба ошхона рафта сир ва сабзавот, як шиша

коняки арманиро бо ду қадаҳ бардошта омад. «Медвед» Маринаро дар ин сару либос дида як табассум карду баъд хитоб кард:

– Кар будӣ магар? Ман сафед гуфтам-ку!

Мария ишвакунон:

– Ҷонакам, худат гуфтӣ-ку, либосҳои бароят маъқуламро пӯшам! Ту бошӣ, нӯшокии ба ман маъқулро бояд нӯшӣ! – гуфта лаълиро ба болои миз монда худаш ба сари зонуи ӯ нишаста, дастонашро ба гарданаш ҳалқа карда аз лабонаш бӯсид.

«Медвед»:

– Хайр, бас! Дар ҷоят шин, бигзор гуфти ту шавад, коняк менӯшем! – гуфта Марияро аз худ дур карданӣ шуд.

Мария бошад:

– Ту хам ин чизро акнун гум кунӣ, мешавад, – вай ба чарми болои зерманаҳи ӯ ишора кард

– Дуруст мегӯӣ, ин корро пагоҳ тахт мекунам! – чавоб дод «Медвед».

Баъди он ки ду-се қадаҳ нӯшиданд, «Медвед» ҷои хоби нарму мулоимро нишон дода ишорае кард. Мария ҳам маҳтали ҳамин ишора буд, ки зуд либос бадар карда худро ба ҷойгаҳ ҳаво дод. Аз он ҷо дастонашро ҷумбонда-ҷумбонда «Медвед»-ро сӯи хеш кашид. «Медвед» аз ҷой бархоста якта-якта қадам монда ба кат наздик шуд ва якбора худро ба болои Мария ҳаво дод. Мария даст ба тугмаи лампаи болои миз бурд, ки хона торикистон шуд.

16.

Салим ба соат назар кард: «Оҳо, аз ду гузаштааст-ку? Дер монданам мумкин» гӯён ҷомадонашро гирифта, ба мошини сабукраве, ки ӯро мунтазир буд, нишаст. Мошин ба роҳ баромад. Ним соат пеш аз парвоз ба аэропрот омаданд. Аз мошин фаромада ба назди даромадгоҳе, ки аз он ҷо ба самолёт савор шудан мумкин буд, омада рост истод. Соат понздаҳта кам чор шуда буд, ки овози диктор баланд гардид.

– Ба самолёте, ки бо рейси 484 ба тарафи Алмаато парвоз мекунад, саворшавӣ сар шуд. Аз пассажирон хоҳиш мекунем, аз даромадгоҳи якӯм ба перрон бароянд.

Дар самолёт, дар паҳлӯи Салим марде менишаст, қадбаланди

чорпаҳлӯ, муғулсимо, дар оринҷи дасти чапаш поёнтар расми зани ба баданаш мор печида холкӯбӣ шуда, мӯи сараш паст тарошидагӣ буд. Мард ба Салим муроҷиат кард:

– Бародар, ба куҷои Қазоқистон меравед?

Салим ба куҷо рафтанашро гуфт

– Ҳамсафар будаем, ман ҳам ба ҳамон ҷо меравам, шумо он ҷо пештар будаед, ё не? – боз пурсид мард.

– Не, бори аввал.

– Ба меҳмонӣ ё ба кори дигар?

– Ҳамту, сайр ҳам сайру саргардонӣ ҳам сайр гуфтаанд.

– Бисёр нағз, ман раҳнамоӣ мекунам!

– Кошки...

– Аз шумо миннатдор мешавам!

Самолёт пас аз чанд соат ба замин фаромад. Салим ҷомадон дар даст ба тарафи дари баромад рафт ва дар он ҷо ҳамсӯҳбаташро нигарон шуд. Дере нагузашта мард дар як дасташ ҷомадони на он қадар калон ва дар дасти дигараш портфел омад.

– Ба ин тараф меравем, – гӯён ба истгоҳе, ки одамон мунтазири нақлиёт буданд, равона шуд. Салим ҳамроҳи ӯ мерафт.

– Роҳамон анча, такси киро кунем, ҳам мешавад, – гуфт мард.

Салим хомӯш буд. Мард гумон кард, ки Салим барои додани раҳкиро кудрат надорад. Аз ин рӯ:

– Роҳкироро ман медиҳам, охир шумо меҳмон-ку! – гуфт

– Барои роҳкиро не, ман ҳамту...

Салим дар хусуси чи хел одам будани ҳамсӯҳбаташ, ба ӯ ягон чизро бовар кардан мумкин ё не, фикр мекард.

– Мебахшед, мо қариб панҷ соат ҳамсӯҳбат ҳастему шинос нашудем, номи ман Менгliқул Ҳотамқулов – гуфт мард худро шиносонда.

Салим номи Менгликулро шунида ҳарчанд дар дилаш ошуб пайдо шуда бошад ҳам, «Номи ман Салим» – гӯён худро зуд ба ӯ шинос карду худ ба худ: – «Ҳамсӯҳбатам боз ҳамон Манглиқуле набошад, ки барои ҷустуҷӯ карданаш ба ин ҷо омадаам! Мумкин, вай набошад? Дар олам Менгликул кам магар?»

– Канӣ шинед! Меравем! – гуфт Менглиқул ӯро ба худ оварда.

Салим аз банди андешаҳо раҳо шуда сар бардошта таксиро дид. Менглиқул аллакай дар мошин буд. Салим дилу бедилон ба

кабина даромада паҳлуи Менгликул нишаст. Мошин ба роҳ баромад. Салим ҳамоно фикр мекард. «Агар Менгликуле, ки ӯ ҷустуҷӯ мекунад, ҳамин бошад, пас чӣ бояд кард? Ҳарчи бодо бод, куҷое , ки Менгликул равад, ман ҳам меравам».

– Ин қадар фикр мекунед, аз афти кор ишқи кадом қазоқдухтари мо шуморо ба ин ҷо овардааст! Ғам нахӯред. Акетон бошад, хор намешавед, – Менгликул дасташро ба болои китфи Салим монд. Салим дар сари китф дасти одамӣ не, ҷисми сардеро ҳис кард, ба баданаш рашъа давид. Лекин худро аз даст надод. Табассуми сохта кард.

– Не, ишқи қазоқдухтар маро ба ин ҷо наовардааст, дигар чиз ба ин ҷо овардааст! – Бо як рафиқ дар он ҷо будем, – вай дасташро кӯргиреҳ кард. – Ӯ ҳоло дар ҳамин ҷо истиқомат мекунад. Телеграмма дода «биё» – гуфтааст.

Ин гап диққати Менгликулро ба худ ҷалб кард: оҳанги гуфтораш дигар шуд, аз «шумо» ба «ту» гузашт.

– Номи рафиқат чист? – гуфта пурсид:

– Саша Морозов! – гуфт Салим.

– Саша Морозов! Саша? Не нашунидам, намешиносам ӯро. Ҳамин ки ёфтем, баъд шинос мешавем. Исто, ки ту барои чӣ ба он ҷо афтодӣ?

– Ҳамту, бор аввал барои зурӣ ба кор бурдан ба як зан, бори дуюм барои баъзе латта-путтаи дуздӣ, – гуфт Салим.

– Дар ин синну сол аллакай ду бор ба он ҷо афтода бошӣ, кори нағз накардӣ! – хитоб кард Менгликул.

– Ҷавонӣ-дия! – гуфт Салим.

Мошин ба шаҳр наздик шуда, аз чанд кӯча ва паскӯча гузашта бо хоҳиши Менгликул ба назди як бинои сеқабата омада истод. Менглкул аз мошин ҷомадон ва портфелашро гирифта фаромад. Ӯ бо ронанда ҳисобу китоб мекард. Салим ҳамоно дар мошин менишаст. Ӯ ин корро махсус карда буд, ки Менгликул агар одами дуруст бошад, пас аз шунидани он, ки ӯ ду бор аллакай суд шудааст, вайро ба ҳоли худаш мегузорад.

Менгликул ҳоло ҳам дар мошин нишастани Салимро дида хитоб кард:

– О, ҷӯра! Чаро намефароӣ, фаро, расидем!

Салим ҳиҷолатмандона:

– Акнун ба ман иҷозат, ба меҳмонхона меравам, – гуфт.

Менгликул бо қатъият, гӯё аз Салим ягон ҳуқуқи зиёдтар дошта бошад, бо зарда гуфт:

– Кор ин тавр нашудааст! Маслиҳат кардем-ку, ту меҳмони ман мешавӣ, фаро!

Салим дигар ҳеҷ чиз нагуфта аз мошин фаромад ва ҳамроҳи Менгликул ба ошёнаи дуюм баромаданд.

– Фаҳмидам, чаро аз мошин нафаромадӣ. Санҷидӣ, ки ман аз ту тарсида ба хона таклиф намекунам! Фикрат баҷо не, лекин ман аз одамҳои тарсончаки ту мегуфтагӣ не, он ҷойҳоро ман ҳам дидагӣ! Агар намедидам, дар роҳ аз мошин мефаровардам. Умуман ту ба ман маъқул шуда истодаӣ, бача! – гуфт Менгликул Салимро ба хонааш даровarda.

Салим изҳори миннатдорӣ кард.

– Эҳтиёт нисфи ҳаёт, додар, – гуфт Менгликул. – Ман дар ин ҷо танҳо! Зану фарзанд надорам, метавонӣ ба ҳузур хонаи худат барин истироҳат кунӣ! – гуфта портфелашро ба кунҷи хона монда, ҷомадонашро кушода аз даруни он як курта ва шими спортӣ бароварда, ба болои миз гузошт.

Салим мехост бисёр чизҳоро аз ӯ пурсид, лекин ҳоло ӯ ин корро карда наметавонист, ҳаракат мекард, ки фақат ба саволҳои Менгликул ҷавоб диҳад. Ин дам телефон дуру дароз занг зад. Менгликул гӯшакро бардошт.

– Менгликул гӯш мекунад!

Аз он тараф кӣ гап мезад, Салим намедонист, фақат мефаҳмид, ки ӯ бо телефони байни шаҳрӣ гап мезанад. Менгликул:

– Ҳа, омада расидам, ҳама корҳо баҷо! – гуфта дар охир илова кард. – «Бародар» ёфт мешудагӣ барин.

Салим ба худ чунин андешид. «Медвед» бояд бошад? «Бародар» ёфт мешудагӣ барин!» – гуфтани Менгликул ин чунин маънӣ дорад, ки – маро ба ҷои Саид истифода бурданӣ ҳаст».

Менгликул баъди ба телефон гап задан либоси рӯро кашида:

– Ман як шустушӯ кунам! – гӯён ба гармхона даромада дарашро нимпӯш кард. Салим мақсади ӯро фаҳмида, аз ҷояш намеҷунбид, лекин бисёр мехост, ки як бало карда портфелро кушода, дар даруни он чӣ буданашро бинад! Аммо ин корро кардан ҳоло номумкин буд! Шаб дар хонаи Менгликул монданаш ҳам хавфнок буд, чунки Менгликул ҳатман ҳуҷҷатҳои ӯро таф-

тиш мекунад! Агар ин тавр кунад, кор ба хушӣ анҷом намеёбад. Вай ҳатман бояд аз хонаи Менгликул баромада равад. Чӣ хел? Ҳоло барои ӯ ҷавоби ин савол мушкил буд.

17.

... Раҷаб Нуров ҳамон рӯз хеле барвақт ба кор омада нишондоди яке аз духтаронро, ки дар ошхона Салим бо ӯ ҳамсӯҳбат шуда буд, такрор ба такрор хонда, зери навиштаҳо : «Ҳа, албатта, онҳоро мебинам, мешиносам» хат кашиду баъд гӯшаки телефонро бардошта, чанд рақам гирифт.

– Муфаттиши прокуратура Нуров гап мезанад, ба ман Надежда Петровна лозм!

Калимаи: «Як дақиқаро» – шунида бетоқатона мунтазир шуд. Дере нагузашта, овози маҳини духтарона ба гӯшаш расид:

– Надежда Петровна гӯш мекунад!

Раҷаб Нуров худро муаррифӣ намуда хоҳиш кард, ки ба назди ӯ биёяд.

Дере нагузашта духтараки хушқаду қомате омада баъд аз салом: «Надежда Петровна», – гуфта худро шиносонд. Нуров ӯро ба нишастан таклиф кард. Надежда «раҳмат» гуфта ба ҷои ншондодаи Нуров ншаст.

Раҷаб ба чашмони Надежда Петровна нигоҳ карда:

– Шумо дар вақти пурсиш бо қатъият тасдиқ кардед, ки «Агар ҳамон марди баландқомати чорпаҳлӯеро, ки дар болои зерманаҳаш захм дорад ва зани ҳамроҳаш бударо бинед, мешиносед», ба ин гапатон бовар доред? – пурсид аз ӯ.

– Ҳа, албатта! Бовар дорам. Ман касеро, ки як бор бинам, бори дуюм, баъд аз даҳ сол бинам ҳам, мешносам! – ҷавоб дод ӯ.

– Ин тавр бошад, шумо бо ман ба райони Октябр рафтан майл доред?

– Инаш барои чӣ? – ҳайрон шуда пурсид Наташа.

– Натарсед! Аз баъзе сарчашмаҳо маълум шуд: зане, ки бо ҳамон мард буду шумо ӯро дида будед, бояд онҷо зиндагӣ кунад! Ин хел зани ҷавон албатта, хонашин набудагист?! Шумо, ӯро бинам, мешиносам мегӯед! Барои ҳамин ҳам ба онҷо рафтан лозм!

– Рафтан лозим бошад, ман розӣ! Фақат аз ҷои корам иҷозат

гиред! – хоҳиш кард ӯ.

– Хавотир нашавед! Албатта, иҷозат мегирем! Рафта омодаи сафар шавед, ман баъд аз ним соат шуморо меёбам! – гуфт Раҷаб Нуров.

Надежда Петровна баромада рафт. Пас аз ним соат онҳо ба роҳ баромаданд.

Онҳо дар райони Октябр қариб ҳама магазин ва ҷойҳои ҷамъиятиро давр зада, ба универмаги марказӣ наздик шуданд. Дар назди универмаг одамони бисёре ҷамъ омада буданд, дар дохили он бошад, коркунони милитсия даву ғеҷ мекарданд. Раҷаб аз яке одамон:

– Дар ин ҷо чӣ воқеа рӯй додааст? – гуфта пурсд.

– Имшаб шӯъбаи ҷавоҳиротро ғорат карда як сандуқи оҳанини пур аз соатро дузидаанд!

Ин масъала диққати ӯро ҷалб кард. Эҳсоси касбӣ тақозо мекард, ки оид ба воқеа ҳама чизро фаҳмад, аммо ӯро дар ин ҷо касе намешиносад.

Диққати Надежда Петровнаро бошад, тамоман чизи дигар ба худ ҷалб карда буд. Ӯ чашмонашро аз духтараке, ки аз паси пештахта истода ба бардору мони ин ё он чиз машғул буд, намеканд. Ӯ ба оинаи тиреза наздик омада. – Тамоман монанд, лекин мӯйҳои оншабааш дигар буд, холи сиёҳаш ҳам нест» – мегуфт худ ба худ. Метарсид, ки чашмонаш хато карда, як каси бегунохро дар бало намонад.

Раҷаб кунҷковии Надежда Петровнаро дида, ба вай наздик шуд.

– Ягон монандӣ дорад? – пурсид ба ҳамон зан ишора карда.

– Монандӣ-ку дорад, лекин...

– Чӣ лекин?

– Ду чизаш намерасад!

– Яъне...

– Холи сиёҳ ва мӯйҳои фатилааш! Ман дидагӣ духтар ҳамин ду чизро дошт!

– Бе ҳеҷ як мулоҳиза, мӯйи сунъӣ буданаш мумкин, лекин холи сиёҳаш дар ҳақиқат нест!

– Барои ҳамин ҳам ман бо қатъият ин зан, ҳамон зан гуфта наметавонам!

– Аҷаб не, холаш ҳам сунъӣ буд? – пурсид Раҷаб аз Надежда

Петровна.

– Мумкин. Лекин ба фикрам холи зани ман дидагӣ сунъӣ набуд, боз кӣ медонад?

Раҷаб ҳамроҳи Надежда Петровна боз чанд дақиқа истода, ба зан назорат карданду баъд ба тарафи шӯъбаи милитсия равон шуданд.

Дар шӯъба Раҷаб бо навбатдор Карим Саидов вохӯрда худашро ба ӯ шиносонд ва хоҳиш кард, ки дар хусуси дуздии шӯъбаи ҷавоҳироти универмаг ва мудиру фурӯшандаҳои вай нақл кунад.

Карим масъалаи дуздиро муфассал нақл карда, дар хусуси мудир ва фурӯшандаи шӯъбаи ҷавоҳирот фақат ҳаминро гуфт, ки мудири шӯъба Зайнура Табарова мебошад. Вай бо сабаби беморӣ ду ҳафта боз ба кор набаромадааст. Фурӯшандаи шӯъба Мариона Александровна Петренко мебошад, ки як моҳ пеш аз ин воқеа ба кор қабул шудааст. Аслан ӯ аз ким-кадом шаҳри Қазоқистон ба ин ҷо омадааст. Вай дар куҷо ва ҳамроҳи кӣ истиқомат мекунад, ҳоло намедонад. Агар лозим бошад, аз бюрои ахборот фаҳмидан мумкин.

– Агар мушкил набошад, занг зада муайян мекардед, – хоҳиш кард Раҷаб Нуров.

Карим Саидов «ҳозир» – гӯён гӯшаки телефонро бардошт:

– Бюрои информационӣ? Хоҳишмандам, ҷои истиқомати Мариона Александровна Петренкоро муайян карда, ба навбатдори милитсия хабар диҳед! – гуфт.

Интизорӣ тӯл накашид. Пас аз панҷ дақиқа, аз бюро хабар доданд, ки: – Мариона Александровна Петренко дар кӯчаи ба номи Зайнаббибӣ, хона №24 танҳо зиндагӣ мекунад.

Раҷаб баъди ба ҳамаи саволҳояш ҷавоб гирифтан ба навбатдори шӯъбаи милитсия изҳори миннатдорӣ баён карда ба кӯча баромад.

## 18.

Синну сол Мардон Давронов аз чилу панҷ нагузашта бошад

ҳам, пеши сараш мӯй надошт. Қаду қомати баланд ва риши кулутаи дар болои зерманаҳаш дошта, аллакай мошу биринҷ шудааст. Вай солҳои дарозе директори хонаи маданият шуда кор мекарду ҳеҷ кас намедонист, ки аз куҷо омада чӣ хел соҳиби ин мансаб гардидааст. Умуман кӣ ва чӣ гуна одам будани Мардон Давронов ба касе маълум набуд. Зану фарзанд надошт вай. Дар ошёнаи дуюм, хонаи №11, кӯчаи Беҳзод зиндагӣ мекард. Ҳеҷ гоҳ ба хонааш касеро даъват намекард.

Пас аз ду рӯзи содир шудани дуздии шӯъбаи ҷавоҳироти Универмаги марказӣ фарроши шӯъбаи маданят Шароф-амак ҷӯе, ки аз тарафи рости боғи маданият ва истироҳат ҷорӣ мешуд, тоза карда чил дона соати ( бистои он тиллогин, бистои дигараш оддӣ) дар матои докагин басташударо аз зери баргҳо ёфта ба шӯъбаи милитсия оварда супорид.

Муфаттиши калони шӯъбаи милитсияи ноҳияи Октябр Ҳошим Ҳашаров бо ҳамроҳии инспектори кофтукови ҷиноятӣ Мансур Ҳамдамов ба ҷои ёфт шудани соатҳо омада, атрофро аз назар гузаронида, ба шӯъбаи милитсия баргаштанд.

Бо хоҳиши Раҷаб Нуров ва бо ризоияти ҷонишини якуми прокурори республика, машваратчии давлатии дараҷаи се Ғафур Шарифов кори ҷиноятӣ – дуздии шӯъбаи ҷавоҳироти универмаги марказии райони Октябр, ба кори ҷиноятии кушта шудани Сорокин ва таҳлиди куштани Саид ва Наташа, ки ба фикри Раҷаб Нуров гӯё бо ҳам алоқамандӣ дошта бошад, ҳамроҳ карда барои тафтиши он гурӯҳи тафтишотӣ ташкил карда шуд. Гурӯҳи тафтишотиро Раҷаб Нуров сардорӣ мекард. Ҳамон рӯз Раҷаб барои гумони Надежда Петровнаро санҷидан, чанд мӯи сунъие, ки ба гуфтаи ӯ монанд буд, гирифта бо ҳамроҳи Надежда ба райони Октябрь омад. Ҳамон вақт Ҳошим Ҳашаров воқеаи ёфта шудани чил дона соатро ба ӯ нақл кард.

Раҷаб ҳуҷҷатҳои дар ин масъала ҷамъ ва тафтишкардаи Ҳошимро аз назар гузаронида, ба хулосае омад, ки азназаргузаронӣ хом ва рӯякӣ гузаштааст. Вай гузаронидани ҳаракати шинохта тавонистан, ё натавонистани Марионаро аз тарафи Надежда Петровна мавқуф гузошта, ба ҳамроҳии Ҳошим ва Мансур, ки ба гурӯҳи тафтишотӣ дохил буданд, ба ҷои ёфти соатҳо омаданд. Дар вақти такроран дида баромадани ҷой диққати Раҷаб Нуровро торҳои борики пахтагине, ки аз таги ти-

резаи ошьёнаи дуюми бино ба поён ҳамоил шуда, чун тори анкабуд ба ин ва он тараф алвонҷ мехӯрданд, ҷалб кард.

Раҷаб ба Ҳошим муроҷиат кард.

- Дар он ҷо кӣ истиқомат мекунад?

- Ба фикрам директори хонаи маданият Мардон Давронов, – ҷавоб дод ӯ.

- Ӯ ҳоло дар куҷо бошад?

- Намедонам. – ҷавоб дод Ҳошим.

- Хонаро аз назар гузаронидан лозим меояд!

- Инаш барои чӣ? – пурсид бо тааҷҷуб Ҳошим Ҳашаров.

- Барои чӣ мешуд, барои ана ин?! – ба торҳои ҳамоил ишора карда гуфт Раҷаб Нуров.

Ҳошим ба назди ӯ омада, торҳои ба чашм на он қадар аёни аз таги тиреза ба поён ҳамоилро дид.

- Аҷиб-ку! Ба торҳои матои докагине, ки дар он соатҳо печонида шудааст, монанд барин, бори аввал ман чаро ба ин аҳамият надодам? Гапатон дуруст, Раҷаб Нурович! Хонаро аз назар гузаронидан лозим меояд, лекин ҳоло ин корро карда наметавонем! – гуфт ӯ.

- Барои чӣ?

– Барои он ки Мардон Давронов отпускаи меҳнатӣ гирифта ба ким-куҷое ба дамгирӣ рафтааст. Пас аз ҳашт ё даҳ рӯз бармегардад, – ҷавоб дод Ҳошим.

- Ин хел бошад, ба фикри шумо чӣ кор кардан лозим?

- Сабр – ҷавоб дод ӯ.

- Шумо сабр кунед, ман сабр карда наметавонам. Кори мо таъхирро намепарварад. Ин корро ҳатман ва худи ҳозир кардан лозим! – гуфт бо қатъият Раҷаб Нуров.

- Хонаи як одами дуппа-дурустро дар набудани худаш кофту коб кардан аз рӯи адолат намешавад, ҳаминро ҳам фикр кардан лозим, ки хонаро кофту коб кунем, мардум аз ӯ гумони бад мебарад, баъд ба инаш чӣ мегӯем? – гуфт дар ҷавоб Ҳошим.

- Агар хона тинҷ бошад, узр пеш овардан бадие надорад. Аз Мардонов ҳам бахшиш мепурсему аз мардум ҳам.

- Мансур ба гап ҳамроҳ шуд:

- Раҷаб Нуров дуруст мегӯяд, кӣ медонад, дар ин ҷо чӣ сир ҳаст, хонаро ҳатман ва худи ҳозир кофтукоб кардан лозим

меояд! – гуфт ӯ.

Ҳошим дигар муқобилият накард. Ҳар се ба иҷрои ин масъала шурӯъ карданд. Онҳо бо ду шахси холис ва намояндаи комитети иҷроия ба ошьёнаи дуюм баромада даре, ки дар пештоқи он хонаи 17 навишта шуда буд, кушода ба дарун даромаданд.

Дар паси дари даромадгоҳ пардаи аз матои докагии духташуда овезон, қисми поёнии он даронда шуда буд. Раҷаб Нуров пораи докае, ки дар он соатҳои ёфташуда печонида шуда буданд, паҳн карда ба қисми даронидашуда пардаи докагинро пайваст кард. Маълум шуд, ки докапорае, ки дар он соатҳо печонида шуда буданд, ҷои даронидашудаи пардаи докагин мебошад, фарқияташ фақат дар он буд, ки порчаи докаи соатҳо печонида шуда, ба обу хок омехта шуда, каме рангаш дигар шуда буду халос. Пас аз муайян шудани ин масъала ҳама ба шӯъбаи милиция баргаштанд.

Баъди фосилае инспектори шӯъбаи кофтукови ҷиноят Мансур Ҳамдамов Петренко Мариона Александровна ба ҳамроҳии се зане, ки ба ӯ ҳамқаду қомат буданду хело монандӣ ҳам доштанд, ба назди Раҷаб даровард.

Бо хоҳиши Раҷаб Нуров занҳо мӯйҳои сунъиро ба сарашон пӯшиданд. Петренко Мариона Александровна бошад аз чунин ранг гирифтани кор худашро гум карда, чун мӯи ба оташ афтида ба худ мепечид. Вай саросема шуда, мӯи сунъии дар дасташ бударо, ба сараш напӯшида ҳайрон меистод. «Хонаро кофтукоб кардаанд. Набошад инро аз куҷо меёфтанд? Бало занад! Дигар муқобилият нишон додан бефоида!» – фикр мекард худ ба худ.

Раҷаб рафтор ва ҳолати Марионаро назорат мекард. Мариона инро пай бурда, мӯи сунъиро аз болои мӯйҳояш пӯшид Бо хоҳиши Раҷаб Нуров, занҳо мӯйҳои сунъиро пӯшида бо шона ба тартиб оварданд.

Раҷаб қаламчӯби химиконидашударо гирифта, аз занҳо хоҳиш кард, ки дар бари рухсораи чапашон хол гузоранд. Занҳо хоҳиши ӯро иҷро карданд. Мариона ҳам дар бари рӯи чапаш як холи начандон калоне сохт. Пас аз паҳлӯи рости Мариона як зан, аз паҳлӯи чапаш бошад, ду зани дигарро шинонда, аз Мансур Ҳамдамов хоҳиш кард, ки шоҳидро дароранд. Ба кабинет Надежда Петровна даромад.

Раҷаб Нуров ба ӯ муроҷиат карда пурсид:

- Кадоме аз ин занҳоро шумо дар ошхона дида будед?
- Надежда Петровна аввал ба ҳамаи онҳо нигоҳ карда, баъд бе ягон шубҳа ба Мариона нигоҳ кард.
- Ҳаминаш буд! – ҷавоб дод ӯ.
- Хато намекунед? – пурсид Раҷаб Нуров ба Надежда Петровна назар карда.
- Не, худи худаш! Хато намекунам! – ба қатъиян ҷавоб дод ӯ.

Петренко Мариона Александровна сарашро хам карда, чашмонашро аз фарши кабинет намеканд.

- Ин тавр бошад, ба ғайр аз Петренко ба дигарҳо ҷавоб, ба шумо ташаккур, – гуфт Раҷаб Нуров.

Рангу рӯи Мариона тамоман парида, хун дар рӯяш намонда буд. Чӣ ранг гирифтани давоми корро мунтазир буд.

- Хуш, Мариона Петровна! Шумо ҳамаи гапҳои шоҳидро шунидед? – пурсид аз ӯ Раҷаб Нуров.
- Ҳа, шунидам!
- Агар шунида бошед, пас ҳамон шаб дар ошхонаи сари роҳ ҳамроҳи кӣ будед?
- Ҳамроҳи як шиносам!
- Фамилия, ном, ҷои кор ва истиқомати шиносатонро гӯед.
- Бо ӯ ҳамагӣ як бор вохӯрда будам! Номаш, ҷои истиқоматашро напурсидаам.
- Ҳамин тавр ӯро дуруст намешиносам гӯед?!
- Ҳа, ҳамин тавр!
- Ба шӯъбаи алоқа барои кор кардан рафта будед, ё не? – гуфтани Раҷаб Нуровро шунида хун ба рӯи Мариона зад.
- Ҳа, рафта будам, лекин кораш маъқул нашуд.
- Ба шӯъбаи алоқаи ин ҷо чӣ?
- Ин ҷо ҳам кораш маъқул нашуд.

Раҷаб Нуров телеграммаи ба Менгліқул додашударо бароварда афзуд:

- Ба ин телеграмма нигаред! Аз шӯъбаи алоқаи посёлкаи Куйбышев дода шудааст, лекин дар он мӯҳри шӯъбаи алоқаи ноҳияи Октябр пахш карда шудааст. Ин тавр шуданаш тамоман мумкин не? Телеграмма бошад, вақте дода шудааст, ки шумо дар шӯъбаи алоқаи Куйбышев кор мекардед, ду рӯз пеш аз ин бошад,

ба шӯъбаи алоқаи райони Октябр омада будед, – гуфта телеграммаро ба Мариона дароз кард.

Мариона ба телеграмма нимнигоҳе ҳам накард.

- Мебахшед! Ин қоғазатон ба ман ҳеҷ гуна муносибат надорад, – бепарвоёна ҷавоб дод ӯ.

Дар ҳақиқат ҳам Раҷаб Нуров дар ин бобат ба муқобили Мариона ягон далел надошт. Ӯро гунаҳкор ҳам карда наметавонист!

Вай сӯҳбатро бо Мариона қатъ карда, ба хулосае омад, ки хонаи ӯро кофтукоб кунад.

Дар вақти кофтукоб аз хонаи Мариона ба ғайр аз мӯи сунъии занона ва мардона чизи дигар ёфт нашуд. Мариона дар хусуси мӯи сунъӣ фақат ҳаминро гуфт, ки, – «барои як шиносаш ёфта овардааст».

Ҳар се боз ба шӯъбаи милитсия баргаштанд.

19.

Аз вақти ба станцияи «Чу» рафтани Салим се рӯз гузашта бошад ҳам, аз ӯ хату хабаре набуд. Раҷаб Нуров аз ин хомӯшӣ ба ташвиш омад. «Наход, кораш барор нагирифта бошад, ё ба ӯ ягон воқеа рӯй дода бошад?» фикр мекард худ ба худ ва чӣ кор карданашро намедонист. Вай ҳоло ҳалли бисёр масъалаҳоро дар муайян кардани шахсияти Менгликул, дар куҷо Саид ҷазоро адо кардааст, «Медвед» кист, мазмуни телеграмма аз чӣ иборат аст? – медиду халос.

Ин ақида аз эҳтимол дур набуд. Ҳалли бисёр масъалаҳо ба сафари Салим вобаста буд...

Ҳамон шаб Менгликул аз ваннахона баромада:

- Канӣ, ҷӯраҷон! Акнун навбати ту. Шустушӯ карда, куфти раҳро барор – гуфта таклиф кард.

Салим мақсади Менгликулро дарк кард.

- Бисьёр хуб. Ташаккур. – Салим аз ҷо бархост, костюмашро бароварда, ба пушти курсие, ки дар он менишаст, овезон карду ба гармхона даромад. Дари гармхонаро баста, куртаашро бароварда ба рӯи сурохие, ки барои дарро кушодан ва қулф кардан хизмат мекард, овезон кард. Сонӣ докае, ки ба болои захми пояш печонида шуда буд, кушода роҳхат ва шаҳодатномаашро, ки пешакӣ аз кисаи костюм гирифта буд, ба банди пояш монда

докаро аз болояш печонда баст ва оҳи сабуке кашида, аз миён болояшро шуст.

Пас ҳар ду сари мизе, ки Менгликул тайёр карда буд, омада нишастанд. Дар рӯ ба рӯи курсии Салим нишаста дар кунҷи чапи хона ҷевони начандон калон, дар болои ҷевон телевизори рангаи маркааш «Рекорд», дар болои телевизор бошад, ду расми на чандон калоне дар чорчӯбаҳои зебо гирифта шуда буданд, меистод. Дар расми аз тарафи рост истода, марди чорпаҳлӯи мӯи сари сиёҳ дошта, расми дар тарафи чап истода бошад, ба расми якум монандӣ дошт. Фарқ дар он буд, ки риши хурдакак ва пешонаи фарохи бемӯй дошт. Ба назари Салим чунин менамуд, ки расмҳо ба сурати сухании «Медвед» хело монандӣ доранд. Менгликул ба расмҳо диққат додани ӯро пай бурда:

- Чӣ, шинос менамояд? – гуфта пурсид.
- Шинос – ку –не! Лекин ҳардуяш расми як кас барин, ба шарте риши инашро тарошем, мӯи ваяшро гирифта партоем.

Ҳарду хандиданд.

- Зирак менамоӣ. Сағира, гапат ҳақ! Дар ҳар ду расм акси як кас. Як вақтҳо дар сирк найрангбоз буд. Ҳоло дар яке аз районҳои шумо директори хонаи маданият шуда кор мекунад. Рафиқи нағз, тахаллус ҳам дорад, ӯро рафиқон «Медвед» меноманд, – гуфт Менгликул.

Салим калимаи «Медвед»-ро шунида қариб худро аз даст дод, вале бо азобе ҳаяҷонро аз танаш дур кард. Вай акнун бо пуррагӣ боварӣ ҳосил кард, ки Менгликули мекофтагиаш ҳамин одам аст.

- Чӣ, ӯ магар ном надорад? – пурсид Салим.
- Ном ва фамилия дорад, вале аз рӯи баъзе хислатҳои хирсонааш, ӯро «Медвед» мегӯем, – ҷавоб дод ӯ.

Баъд сӯҳбаташон хело қӯр гирифт. Лекин дигар ба масъалаи «Медвед» барнагаштанд. Дар охир Менгликул пурсид:

- Вай рафиқатро аз куҷо меёбем?

Салим, барои ин савол кайҳо ҷавоб тайёр карда буд.

- Гӯр хаёлам шавад. «Шикампо ба мурод мерасаду, ба мақсад не», мегӯянд. Ман илтифоту меҳрубонии шуморо дида тамоман фаромӯш кардам, ки вай маро дар станция мунтазир мешавад? Ҷои кор ва истиқоматашро намедонам, акнун чӣ бояд кард? – гуфта аз ҷояш бархост ва костюмашро ба китфаш партоф-

ту ҷомадонашро гирифта, ба роҳ баромаданӣ шуд.

Менгликул пурсид:

- Дар ин бевақтӣ ту ӯро аз куҷо меёбӣ?

Салим афсӯс хӯрда, худашро ошуфтаҳол нишон дод.

- Нағз нашуд, аҷаб не, ҳоло ҳам мунтазир бошад, як рафтан лозим!

Менгликул ба соат ишора карда гуфт:

- Як ба соат нигар, аз як гузаштааст, дар ин ҳини шаб ба куҷо меравӣ?

Салим ба соат нигарист.

- Хайр, майлаш! Бигузор гуфтаи шумо шавад! – гӯён аз нав пиджакашро ба ҷои пештарааш овезон кард.

Ӯро пагоҳӣ Менгликул бедор кард.

- Ҷӯраҷон! Агар ин хел хоб кунӣ, тамоми умрат ба хоб мегузарад, тезтар хеста рӯятро шӯй, имрӯз корҳои бисёреро ба анҷом расондан лозим, – гуфт ӯ.

… Пагоҳии рӯзи сеюм онҳо ба тарафи стансия равон шуданд. Менгликул Салимро дар зали стансия монда, худаш ба ким-куҷое ғайб зад.

Ҳамин вақт Салим дар байни одамони бисёре як духтараки қоматбаландро, ки дар тан куртаи атлас, дар сар тӯпии симдӯзӣ дошт, дида ба наздаш омад ва ба забони тоҷикӣ пурсид:

- Ҳамшаҳрӣ, аз шумо як чиз пурсам, майлаш?

- Шумо аз куҷо? – ба забони тоҷикӣ ҷавоб дод духтарак ҳайрон шуда.

- Ман аз Душанбе. Пурсидана айбаш не, Шумо дар ин ҷо чӣ кор мекунед?

- Ба хонаи як дугонаам омадам. Ду-се рӯз аст, ки ҳамин ҷоям.

- Кай бармегардед? – боз пурсид Салим.

Духтар табассум кард.

- Мебахшед, саволи ноҷо додам.

- Не-куя. Лекин …саволдиҳиатон худи кормандони милитсия барин.

- Не… Ман куҷою милитсия куҷо. Ман ҳам шумо барин ба хонаи ҷӯраам омадам. Баъди ду – се рӯз меравам. Боз як саволи дигар дорам.

- Марҳамат.

- Шумо мехонед ё кор мекунед?
- Мехонам.
- Аниқаш?
- Дар университети давлатӣ, факултети ҳуқуқшиносӣ, донишҷӯи курси чорум, номам Саодат.
- Кифоя! Ташаккур. Маълум мешавад ки бо одами ҷиддӣ вохӯрдам. Баъди панҷ дақиқа корманди прокуратура, судья, адлия, милиция.
- То он рӯз боз як харбузапази дигар, лозим.
- Ҳеҷ гап не. Чашм мекушоеду мебинед, ки харбузапаз гузашта рафтааст. Агар бо тақозои замон кори ман ба дасти шумо афтад, чӣ кор мекунед?
- Намедонам. Дида арз мекунем. Шумо аз рӯи гапатон аз одамҳое нестед, ки коратон ба дасти ман афтад.
- Кӯшиш мекунам, ки корам ба шумо наафтад. – Салим табассум карда лаҳзае ба чеҳраи лолагуни духтар синчакунон таваққуф намуд. Духтар шарм карда сар хам кард.
- Барои чӣ ба ман ин хел менигаред? Дарвоқеъ чаро шумо худатонро ба ман шинос накардед?
- Шинос мекунам Саодатхон. Боз як саволи дигар. Ман метавонам бо Шумо умед бандам?

Саодат китф дарҳам кашид.

Салим ҳуҷҷаташро бароварда ба духтар нишон дод. Саодат лаҳзае ба сатрҳои андаруни вай чашм давонда ханда ба зудӣ аз лабонаш дур шуд. Чеҳрааш ҳолати ҷиддӣ гирифт. Ба маънии саволи Салим сарфаҳм рафт.

- Агар бемалол бошад, ҳуҷҷататонро нишон диҳед, – хоҳиш кард Салим.

Саодат сумкачаашро кушода дафтарчаи студентиашро берун овард ва «марҳамат» гӯён ба Салим дароз кард. Вай аввал гирду атрофро, то ки Менглиқул онҳоро назорат накарда бошад, синҷа кард. Менгликул наменамуд. Вай дафтарчаро кушода ба он назар кард ва ба Саодат рӯй овард.

- Бубахшед, кори мо ҳаминро талаб мекунад, Саодатхон.
- Ҳеҷ гап не. Хуш, шуморо гӯш мекунам.
- Ана дидед, харбузапаз нагузашта кори ман ба шумо афтид. Маҷбурам хоҳиш кунам, ки мадад расонед. – Салим фарох

табассум карда, баъд ба худ қиёфаи ҷиддӣ гирифт.

- Саодатхон, маро бо диққат гӯш кунед. Ба души ман ва инак, агар шумо розӣ бошед, ба души шумо низ имтиҳони ҷиддӣ афтод. Аз он бо сарбаландӣ баромадан аз ману шумо эҳтиёт ва ҷиддияти тамомро талаб мекунад.

- Гӯш мекунам, Салим – ака, – оҳиста сухан кард Саодат.

Салим тамоми гапро ба ӯ фаҳмонда дар охир гуфт, ки Менгликул хело одами хавфнок, мумкин аз қафои ӯ назорат барад, барои ҳамин ҳам аз вай хоҳиш кард, ки то метавонад, эҳтиёткор бошанд.

Духтарак розӣ шуда адреси ҷои истиқомати муваққатиашро гуфт. Онҳо даст дода хайрухуш карданд. Салим боз ба ҷои пештара рафта истод.

Менгликул пайдо шуд.

- Ҳамшаҳриат духтари зебо-ку! Ба ягон ҷо таклиф кунем, чӣ мегӯӣ? – пурсид ӯ ба ҷониби духтарак бо нигоҳи харидорӣ нигариста.

Салим боварии том ҳосил кард, ки Менгликул аз ақиби ӯ назорат мебарад ва ӯро санҷиданӣ ҳаст.

- Бисёр нағз мешавад, – гуфт.

- Хело хуб, рафтем ӯро ба ресторан таклиф мекунем! – гӯён ҳар ду ба назди духтарак рафтанд. Менгликулро ба ӯ шинос кард.

- Номи ман Саодат, – худро шиносонд духтар, вале ба таклифи ресторонравӣ розӣ нашуд.

- Набошад, бегоҳӣ мана ба ин адрес биё! – гуфт Менгликул адреси хонаашро дода. – Акнун ба мо ҷавоб. Канӣ, рафтем! – амр кард вай ба Салим.

- Агар розӣ бошӣ, ман ҳамшаҳриамро то ҷои истиқоматаш бурда монам! – хоҳиш кард Салим.

- Хайр, майлаш, лекин бисёр дер накун.

- Дер намекунам!

Дар роҳ Салим ба Саодат фаҳмонд, ки ба унвони Раҷаб Нуров бо чунин мазмун телеграмма фиристад. «Менгликул ёфт шуд, «Медвед» директори хонаи маданияти ноҳияи ҳамсоя. Ҳоло баргашта наметавонам».

- Номи шахси телеграмма медодагиро худат ёб, ин

корро тавре кун, ки касе пай набарад. Натиҷаашро бегоҳӣ омада маълум кун.

Саодат розӣ шуд.

Салим хурсанд буд, ки ба ягон хатогӣ роҳ надод. Вай пай мебурд, ки Менгликӯл тамоми рӯз хотирпарешон аст. Ба Салим ҳам мисли рӯзҳои пештара хушмуомилагӣ намекард.

Салим ба хулосае омада буд, ки илоҷе карда портфелро кушояду даруни вай чӣ буданашро фаҳмида гирад. Сабаби аз хонаи Менгликул нарафтанаш ҳам дар ҳамин буд. Ӯ фикр мекард, ки санги қимматбаҳои Сорокин бояд ҳатман дар даруни портфел бошад. Салим дар кушодани ин гиреҳ, ба ёрии Саодат умед баста буд.

- Фикрат беҷо не, ҷӯра? Фақат амалӣ карданаш амри маҳол! – гуфтани Менгликул ба назари Салим чунин намуд, ки гӯё Менгликул мақсадашро пай бурда бошад, дилаш ба тапидан даромад.

- Кадом фикрам? – пурсид бо тааҷҷуб аз Менгликул.

- Мехоҳӣ Менгликулро фиреб кунӣ ё дар ҳайрат мононӣ. Не, ҷӯраҷон, тушбераро хом шумурдӣ! Ту ҳеҷ кор карда наметавонӣ! Ин гапро ба ту, Менгликул, яъне ман мегӯям! – гуфт дасташро ба сари синааш зада.

- Намефаҳмам? – Дар хусуси кадом фикр гап мезанед? – пурсид Салим худро бещтар ҳайрон вонамуд карда.

- Худатро ба нодонӣ назан! Одам бе мақсад ба ягон чиз ин қадар синча карда нигоҳ намекунад, – гуфт Менгликул.

Салим ҳоло ҳам нафаҳмида буд, ки Менгликул дар кадом хусус гап мезанад. Агар дар масъалаи портфел гап равад, вай умуман ягон бор ба вай нигоҳе ҳам накарда буд.

- Ягон гап дошта бошед, кушоду равшан гӯед, гапҳои пардапеч ба ман маъқул не? – гуфт Салим бо ҷиддият.

- Дар шӯъбаи ҷавоҳирот зиёда аз ним соат истода, ба чизҳои қиматбаҳо синча карда баъд баромада дар атрофи чарх заданатро фаромӯш кардӣ? Ман дарҳол фаҳмидам, ки чи мақсад дорӣ! Инро аз майнаат дур кун! Дар ин ҷойҳо мушкил!

Аз ин гап дили Салим каме ором шуд:

- Шумо ана дар бораи чӣ гап мезанед? – гуфта коҳ-коҳ, хандид, – Менгликул-ако! Хавотир нашавед, ман ибораи «Намак хӯрдӣ, макун туф дар намакдон»-ро медонам, бе маслиҳати шумо

як қадами беҷо намемонам! – гуфт.

- Гуфта намешавад, як огоҳ карда монам гуфтам-да, – ҷавоб дод ӯ.

Занги дар баланд шуд. Менгліқул дарро кушод. Аз паси дар як духтари нозуктабиати қаду қоматаш зебо, ки чашмони осмонирангаш дилрабо буданд, намоён шуд.

- Канӣ, даро, Ингаҷон, – гӯён Менгліқул ӯро ба хона таклиф кард.

- Саодати шумо биёяд, имшаб базми ҷамшедӣ мешавад-а, ҷӯраҷон, – гуфт Менгліқул ба Салим муроҷиат карда.

- Ҳа, бад намешудагӣ барин? – ҷавоб дод ӯ.

Дере нагузашта Саодат ҳам пайдо шуд. Инга ӯро дида авзояш дигар гашт, ба Менгліқул нигаҳи маънидорона карда ба дигар хона даромад. Менгліқул ҳам ба ҳамон хона рафт.

Салим намедонист, ки Инга телеграфистка шуда кор мекунаду сабаби ба хонаи Менгліқул омаданаш, ба матни телеграммаи додаи Саодат вобаста аст. Саодат Ингаро дидан баробар дасту по хӯрда буд. Вай мехост ба Салим фаҳмонад, лекин гап задан мумкин набуд. Дере нагузашта Менгликулу Инга ба назди онҳо баромаданд. Менгліқул худашро хушҳол вонамуд мекард. Ҳама ба сари миз ҷамъ омаданд. Менгліқул ба қадаҳи Инга ва Саодат шампан, ба худаш ва Салим коньяки арманӣ рехт. Қадаҳҳоро ба даст гирифта гуфт:

- Нагуфтам, ҷӯра. Базмамон имшаб ҷамшедӣ мешавад, давомаш боз аҷибтар мешудагӣ барин! – Биёетон, менӯшем, дунё гузарон аст. Кайфу сафо мемонад!

Қадаҳҳо бо ҳам бархӯрданд.

Вақти нӯшонӯшӣ Саодат фурсати қулай ёфта ба пояш, пои Салимро сахт зер кард. Салим ин ишораро фаҳмид.

Пас аз нӯшидани қадаҳи якум Менгліқул қадаҳҳоро боз пур карда каме дағалона:

- Инашро барои он менӯшем, ки ба дӯстон гӯшту пӯст, ба душманон заҳри халоҳил шавад, ҳамту не «ҷӯра», – гуфт вай калимаи «ҷӯра»-ро дароз ва ташдиддор таллафуз карда.

Салим аз ин суханҳо дар зери коса нимкоса буданро пайхас кард. Қадаҳҳоро бардоштанд.

- Албатта, гуфти шумо шавад, – гӯён Салим ба дигарон мунтазир нашуда қадаҳро холӣ кард.

Саодат тезутунд шудани гуфтугӯи Менгликулро ҳис намуд.

- Мебахшед, сарам чарх зада истодааст, иҷозат диҳед, ман равам, – гӯён аз ҷой бархост.

Ин рафтори Саодат ба Менгликул писанд наомад.

- О, не, хонум Саодатхон. Акнун шумо дигар ба ҳеҷ куҷо намеравед. Бо ҳамроҳии Салим ба ҷаҳаннам меравед, – гӯён ба як ҷаҳиш пеши роҳи ӯро гирифт. Салим ба қиём расидани масъаларо дарк карда чунин хулоса баровард: «Дигар ҷои сабр нест, амал бояд кард».

Ӯ бо усули самбо Менгликулро бо як зарб зада аз пой афтонд ва ба Саодат рӯй оварда гуфт:

- Зуд, ба шӯъбаи алоқа рав. Тафтиш кун, канӣ телеграмма рафтааст ё не? Агар не, аз нав деҳ!

Саодат дартоз аз хона берун шуд. Инга тарсида аз хона фирор кард.

Дар хона Менгликул ва Салим танҳо монданд.

Пас аз он, ки Салим Менгликулро аз пой афтод, вай базӯр аз ҷо бархост. Чашмонаш аз косахонаи сараш давида баромада, дандонҳояш ғиҷиррос мезаданд, аз шиддати ғазаб Салимро зинда ба зинда фурӯ бурдан мехост.

- Саги бӯйгир. Акнун, ки будани Менгликулро ба ту нишон медиҳам, – гӯён ба Салим дарафтод. Онҳо якдигарро бераҳмона муштборон мекарданд.

Бори дуюм ҳам Салим ӯро аз пой афтонд.

Менгликул бештар бо ғазаб омада аз ҷой нимхез шуд ва шишаи холиро гирифта ба лаби миз зада шикаст ва бо нимшохааш ба Салим ҳамла кард.

Салим дастархонро аз болои миз кашида чолокона ба рӯи Менгликул ҳаво дод. Дастархон сару рӯи ӯро печонида гирифт, сари калобаашро гум кард. То дастархонро аз сараш гирифт, ки Салим ба тезӣ ҳар ду дасти ӯро ба ақиб тофта, бо тасма мустаҳкам баст, хобонда пойҳояшро ҳам баст, ба даҳонаш лата хаст.

Баъди анҷоми ин корҳо вай портфелро, ки аз рӯзи ба хонаи Менгликул омаданаш дар кунҷе мехобид, кушода ҳамаи чизҳои дар даруни он бударо ба болои миз афшонд. Ғайри чашмдошт дар болои миз ба ғайр аз як тӯда соатҳои тилло ва ғайри тилло чизи дигаре набуд.

Салим тамоми хонаро кофтукоб карда бошад ҳам, чизи дигаре наёфт. Маҷбур шуд, ки латтапораро аз даҳони Менгликул гирифта дар хусуси чизи ҷустуҷӯ мекардагиаш пурсон шавад.

- Қунғузаки сиёҳро дар куҷо пинҳон кардӣ?

Менгликул ҳайрон шуд:

- Ман ҳеҷ гуна қунғузаки сиёҳро надидаам ва намедонам, – ҷавоб дод вай бо овози хирросӣ.

Ба саволҳои дигари Салим ҳам бо ҳамин тарз «надидаам, намедонам, портфел аз они ман нест», гӯён ҷавоб медод.

- Салим дид, ки аз ин сӯҳбат муроде ҳосил намешавад, латапораро гирифта хост аз нав ба даҳони Менгликул пеш кунад.

- Як дақиқа сабр – гӯён ӯро Менгликул боз дошт: – Ту кистӣ?

- Ман?

- Ҳа, ту!?

- Ҳоло ҳам нафаҳмидӣ, ки ман кистам. Нобакор! Фикр мекунӣ, ки ман ҳам ту барин ғоратгарам? Хато мекунӣ.

- Медонӣ-чӣ? Кистӣ ва чӣ корай, кор надорам. Чизҳои аз портфел ёфтагиро гиру дафъ шав. Исо ҳам ба роҳи худу Мӯсо ҳам. Ту мана намешиносӣ, ман туро. Маслиҳат ҳамин.

Салим аз ин гапҳо ба хулоса омад, ки Менгликул ҳоло ҳам ба коркуни милитсия будани ӯ боварӣ ҳосил накардааст.

- Не, намешавад.

- Барои чӣ?

- Барои он ки ту ҷои пинҳон кардаи чизи ман мекофтагиро нагуфтӣ.

- Охир гуфтам-ку, ҳеҷ гуна қунғузак – пунғузакатро надидаам ва намедонам. Агар медонистам, мегуфтам.

Салим мехост фоҷиаи Сорокинро муфассал пурсад. Лекин бо андешаи он ки мабодо худашро ошкор кунад, аз пурсуҷӯ худдорӣ кард.

Вай даст ба гӯшаки телефон бурда рақами 02-ро чид. Банд. Боз ду-се бор аз нав гирифт. Не, нашуд, телефон банд буд. Асабиёна гӯшакро ба ҷояш партофта, ба Менгликул рӯй овард:

- Ман боз гашта меоям. Ҳаминро фаромӯш накун, то қунғузакро надиҳӣ, аз ман халос намехӯрӣ, – Салим инро гуфта латтапораро ба даҳони ӯ пеш карда, аз хона баромад.

Дарро аз берун қулф кард.

20.

Телеграмма дар хусуси ёфт шудани Менгликул ва дар кучо кор кардани «Медвед» барои Раҷаб Нуров воқеаи муҳим ба шумор мерафт.

Ба назар чунин менамуд, ки баъди гирифтани телеграмма аз души вай бори вазнин фаромада бошад. Чусту чолок ва беҳад хурсанд менамуд.

Телефон занг зад.

– Гӯш мекунам.

- Ба ман Раҷаб Нуров даркор, – пурсид касе.

- Ҳа, ман – ҷавоб дод ӯ.

- Шодиёна диҳед.

- Чӣ хел шодиёна?

- Чӣ хел мешуд, аввал шодиёна диҳед.

- Мебахшед, шумо саҳв кардаед, ин ҷо прокуратура, ҷои шодиёнагирӣ нест, – гӯён давоми гапро гӯш накарда гӯшакро ба ҷояш гузашт.

Дақиқае нагузашта боз садои телефон баланд шуд. Раҷаб гӯшакро бардошт. Ҳамон овоз «Бародар, шумо сари гапро шунида охирашро нашунида, гӯшакро намонед. Ба Шумо хабаре расонданӣ будам, ки дар ҳақиқат бароятон хабари ниҳоят хуш аст», – гуфт.

Раҷаб аввал каме дар ғазаб шуда, лекин худро ба даст гирифт.

- Канӣ гӯед, чӣ хел хабари хуш будааст?

- Чӣ хел хабари хуш мешуд. Саид ба ҳуш омад. Метавонед омада бо ӯ гуфтугӯ кунед, – ҷавоб омад аз он тараф.

- О, бародар, ҳамин гапро тезтар гӯед, намешавад. Дар ҳақиқат хабари расондагиатон барои шодиёна меарзад. Чи хеле ки мегӯянд, ман аз шумо нимта қарздор – Раҷаб инро гуфту барои рафтори дағалонааш узрхоҳӣ кард.

Аз хурсандӣ ба худ ҷои нишаст намеёфт ӯ. Хаёл мекард, ки гӯё гиреҳи ҳама мушкилоти мавҷударо кушода, ҷинояткорон бе чунучаро дастгир шуда, рост омада ба кардаашон иқрор мешаванд ва аз ӯ шафқат ва сабукӣ мепурсанд. Раҷаб афсӯс мехӯрд, ки Салим дар пешаш нест, ки ҳамроҳ хурсандӣ кунанд. Оҳи сабук кашида ба тарафи беморхона равон шуд.

Дар вақти пурсиш Саид ҳамаи воқеаро нақл карда дар охир гуфт, ки номи аслии «Медвед»-ро намедонад. Ба ӯ дар вақти адо кардани ҷазо дар Қазоқистон шинос шудааст.

- Бо Мария бошад, танҳо ҳамон шабе, ки бо ҳамроҳии Наташа ба ошхона рафта буд, шинос шуда, кӣ ва чикора буданошро намедонад. Аз ин пеш ӯро ягон бор надидааст. Баъди он ки «Медвед» ӯро зада беҳуш кард, қунғузакро бо худ бурд ё не, гуфта наметавонад. Менгликулро бошад, нафақат надидааст, ҳатто номашро ҳам нашудааст.

Дар охир ӯ аз Раҷаб Нуров пурсид, ки «Медвед» дастгир шудааст ё не. Ҷавоби радро шунида, хоҳиш кард, ки дар хусуси зинда монданаш ба касе чизе нагӯед, вагарна «Медвед» ӯро ҳатман нобуд мекунад.

Раҷаб Нуров баъди шунидани ин гапҳои Саид лабханд карда фаҳмонд, ки ҳаёти ӯ сарфи назар аз он ки вай дар куштани Сорокин иштирок кардаасту бояд дар назди қонун ҷавоб гӯяд, ба таҳти назорат гирифта шудааст ва ӯ метавонад аз таҳдиди «Медвед» натарсад.

Раҷаб аз назди Саид ба идора омада нақшаи дастгир кардани «Медвед»-ро ба рӯи қоғаз сабт кард, такрор ба такрор хонда баъзе навиштаҷоташро хат зада чизҳои дигар навишт. Ниҳоят сар аз болои қоғаз бардошт, ба берун назар андохт. «Агар Салим Менгликулро гирифта биёрад, ҳама корҳо аъло мешавад, аз дил гузаронд ӯ ва аз ҷо бархост, то рафта ба прокурор дар бораи корҳои ба субут расида ахборот диҳад…

Шароф Ҷӯраев ӯро бо диққат гӯш карда барои телеграмма ба Салим раҳмат гуфт.

- Саид ба ҳуш омада бошад, хеле хуб шудааст. Нақшаи дастгир кардани «Медвед» беҷо не, лекин боз як бори дигар дар сари ин масъала фикр кунед. Ҳис мекунед, ки доираи ҳаракату амалиёти «Медвед» танг шуда истодааст?

- Гапатон дуруст, Шароф Ҷӯраевич. Ба давру давронаш завол омада истодааст.

21.

Салим аз хонаи Менгликул баромада рост ба шӯъбаи милитсия равон шуд. Дар он ҷо ба ӯ хабар доданд, ки Саодат ном дух-

тарак ба онҳо дар хусуси кӣ будани Менгliқул ва дар кадом шароит мондани Салим нақл кардааст.

Салим ба коркунони милитсия ташаккур баён карда хоҳиш кард, ки каме сабр кунанд, зеро Менглиқул бо дасту пои баста, дар хонааш хобидааст. Ӯро ҳар вақт рафта оварда метавонанд. Ҳоло ба вай зарур аст, ба Раҷаб Нуров занг зада рафти воқеаро нақл кунад ва маслиҳат пурсад, ки ба Менглиқул коркуни милитсия будани худро ошкор кунад ё не. Дар ноомади кор атола дандон мешиканд гуфтагӣ барин ҳарчанд кӯшиш карданд, алоқа барқарор нашуд.

Маҷбур шуд, ки ба хонаи Менглиқул раванд.

Салим ҳамроҳии дастаи оперативӣ ба хонаи Менглиқул баргашта, ӯро … наёфта ҳуш аз сараш парид. Вай ба ин тарз ранг гирифтани ҳодиса ҳеҷ бовар надошт. Охир вай дарро қулф карда буд. Ба хаёлаш расид, ки Менглиқул ва «Медвед» ҷинояткори касбӣ буда барои ҳар кор пешакӣ фикру андеша доранд. Барои ҳамин ҳайрон шудан бефоида.

Воқеа дар асл ин тавр шуда буд. Салим пас аз оне, ки дар муҳорибаи тан ба тан ба ҳарифи худ ғолиб омада дасту пои ӯро баста дарро қулф карда ба шӯъбаи милитсия равон шуд, чанде нагузашта «Медвед» ба хонаи Менглиқул омад. Ӯ бо калиди худаш дарро кушода Менглиқулро дар банд дида, зуд ӯро озод карда ҳар ду ғайб заданд.

Салим акнун чӣ кор карданашро намедонист. Фақат ҳамин фикр ба ёдаш омад, ки ҳаёти Саодат дар хавф аст ва ӯро наҷот бояд дод. Бо ҳамроҳии дастаи опперативӣ ба ҷои истиқомати Саодат рафтанд. Саодатро дар ҷояш наёфта сари калобаашро гум кард.

Чораҷӯиҳои коркунони шӯъбаи милитсия дар хусуси дастгир кардани Менглиқул ва кофтукови Саодат натиҷае набахшид.

Салим маҷбур шуд, ки баргардад. Ӯ такси киро карда ба тарафи аэропорт равон шуд.

Ба аэропорт расида мехост ҷониби касса равад. Ногоҳ, чашмаш ба марде афтод, ки аз рӯи сурати дар хонаи Менглиқул дидааш ба «Медвед» хеле монанд буд.

Мард аз паси чанд кас дар навбат меистод. Салим худашро канор гирифта ӯро таҳти назорат гирифт.

Чанде нагузашта аз куҷое Саодат пайдо шуд ва рафта аз паси

мард рост истод. Салим ӯро дида қариб буд ба наздаш ҷеғ занад, лекин бо андешае ин корро накард. Хомӯширо авлотар донист. Агар ӯ худашро нишон диҳад, ҳама кор расво мешавад. Барои ҳамин худдорӣ карда назоратро давом медод. Пас аз чанде мард билет гирифта ғайб зад.

Саодат билет гирифту рафт. Салим пас аз чанде аз ҷои пинҳоншудааш баромада дари ақиби кассаро тақ-тақ карда сипас вориди он шуд.

Ӯ худашро бо духтараки мавзунқомати чеҳрагарм, ки кассир шуда кор мекард, шинос кард. Дар вақти пурсуҷӯ маълум гардид, ки марди пеш аз Саодат истода ба шаҳри Душанбе ду билет гирифтааст. Пас аз ним соат парвоз мекунанд. Ӯ ҳам ба ҳамин самолёт билет гирифта бо ёрии сардори аэропорт дар кабинаи стюардессаҳо ҷой гирифт. Дере нагузашта пассажирҳо як-як вориди самолёт шуданд. Салим аз паси парда ба онҳо назорат мекард. Аз шиносҳо аввалин шуда Саодат пайдо шуда дар ҷое, ки Салим аллакай медонист, омада нишаст. Марде ки пеш аз ӯ билет гирифта буд, пайдо шуда дар ҷои худаш не, дар курсие, ки пеш аз Саодат ҷой дошт, ҷой гирифт. Саворшавӣ қариб ба охир расида бошад ҳам, аз марди дуюм дараке набуд. Нохост ӯ ҳам пайдо шуду авзои Салим тамоман тағйир ёфт. Марди дуюм Менгliқул буд. Ӯ ҳам ба ҷои худаш нанишаста ба ҷое, ки ба ақиби курсии нишастаи Саодат ҷой дошт, ҷой гирифт. Салим аниқ кард, ки раҳокунандаи Менгliқул «Медвед» будааст. Вале аз он хавф дошт, ки онҳо дар вақти парвоз бо Саодат ягон кор накунанд. Саодат бошад, то вақти парвоз парвои чизе надошт.

Ниҳоят самолёт аз хатти парвоз канда шуду боло хест, Менгliқул ба Саодат муроҷиат кард:

- Тирмизак ба дастам афтодӣ, агар овозатро барорӣ, ҷо ба ҷо мекушамат. Салимчаат ба ту ёрӣ расонда наметавонад!

Саодат ин гапро шунида ранг аз рӯяш парида бошад ҳам, худашро бой надод.

Марди дар пеш нишаста гапи Менгliқулро қувват дода бо забони тоҷикӣ «Вай рост мегӯяд. Агар аз ҷоят ҷунбӣ, рост ба ҷаҳанам меравӣ. Ба саволҳои мо ҷавоб диҳӣ, он тарафашро мебинем».

Саодат аз пештара бештар тарсида бошад ҳам, гӯё ин гапҳо ба ӯ дахл надошта бошад, оромона менишаст.

- Канӣ гӯ, Салим кист? – пурсид Менгликул.

Аз Саодат ҳамоно садое намебаромад. Савол боз такрор шуда нӯги тези чизе ба биқини Саодат дакка хӯрд.

– Салим ҷӯраи шумо, ман аз куҷо донам, ки ӯ кист, – гуфт Саодат ниҳоят.

– Ин тавр бошад, гӯй, телеграммаро ба кӣ фиристодӣ? – пурсид Менгликул нӯги кордро боз каме пештар бурда.

Саодат дар ҷавоб «Ба кӣ мешуд ба ким-кадом як ҳаматабақаш» – гуфт.

- Ҳаматабақаш кист?

- Аз куҷо донам? Шумо барин дузд будагист, – ҷавоб дод Саодат.

- Хайр, майлаш, дузд бошад, кори бахайр, агар аз он сагҳои бӯйгир бошад, аҳволат бисёр бад мешавад, духтар, – гуфт марди дар пеш нишаста.

Салим рафтори Менгликул ва «Медвед»-ро нисбати Саодат назорат карда бисёр мехост ба ӯ ёрӣ расонад, лекин чӣ тавр, намедонист.

Саодат бошад ҳамоно ба саволҳо «ҳа» ё «не» гӯён ҷавобҳои мӯҷмал медод.

Ҳамин вақт духтараки чеҳрагарм дар даст лаълии конфетдор ба салон пайдо шуда як-як ба пассажирон пешкаш мекард.

Пайдо шудани духтаракро Саодат дида каме қувват гирифт. Мехост бо имову ишорат фаҳмонад, ки уро одамони хавфнок иҳота кардаанд ва илоҷе карда ба ӯ барои аз онҳо халосӣ ёфтан ёрӣ расонад.

Менгликул гӯё мақсади Саодатро пай бурда бошад:

- Азизакам, дониста мон, ба ҷони ҷавонат ҷабр накун, – гӯён нӯги кордро ба биқини ӯ зер кард. Духтарак аз назди онҳо гузашта истода аз Саодат пурсид:

- Ба шумо чӣ шуд, ранги рӯятон паридагӣ?

- Ҳамту, сарам чарх мезанад, – ҷавоб дод Саодат.

- Ҳозир ман ба шумо халтача меорам, тоқат кунед! Духтарак ба тарафи кабинае, ки пилотҳо менишастанд, рафт.

… Пас аз чанд дақиқа халтачаи қоғазин дар даст баргашта даҳони халтачаро калон кушода бо тарзе ба ӯ дод, ки ҳатман мебоист ба даруни он назар кунад.

Саодат халтачаро гирифта беихтиёр ба даҳонаш бурд, ки

нигоҳаш ба дохили он афтод. Дар он бо қалами сурх чунин навишта шуда буд. «Саодатхон, натарсед! Ман инҷоям!»

Саодат ин калимаҳоро хонда истода ба чашмонаш бовар намекард. Вай гӯё аз нав зинда шуд. Ҷисмаш мадор гирифт.

Саодат росту дурӯғ ду-се бор ба қоғаз туф карда ба стюардесса баргардонд.

Самолёт дар баландии ҳашт ҳазор метр дар фазо парвоз мекард.

22.

Аз рӯзи ғорат шудани шӯъбаи ҷавоҳирот чанд рӯз гузашта бошад ҳам, Мария худашро ором ҳис намекард. Мӯҳлати ба кор сар кардани «Медвед» ба охир мерасид, аммо аз ӯ дараке набуд. Ташвиши Мария як бар ду фузуда буд. «Наход ба ӯ ягон воқеа рӯй дода бошад. Чаро худашро нишон намедиҳад ё аз пасаш афтода бошанд. Не-не, ин тавр шуданаш мукин не. Бай одами пухтакор. Боз кӣ медонад?»»фикр мекард ӯ худ ба худ.

Ӯ гӯё чизеро гум карда бошад, хотирпарешон менамуд. Ҳар вақте ки ба ҳамин ҳолат меафтид, қуттича, қунғузаки сиёҳро, ки дар шифти хона овезон буд, гирифта тамошо карда, баъд ба гарданаш овехта, дар назди оинаи сетабақае, ки аз тарафи чапи дари даромадгоҳ ҷой дошт, худро намоиш дода ҳаловат мебурд. Ҳама чиз аз ёдаш фаромӯш мешуд, ба ҷуз суханони «Медвед», ки «Зинҳор ин чизро ба гарданат карда ба кӯча намебарой».

Ба вуҷуди ин як рӯз ӯ қунғузакро ба гарданаш овехта ба ҷои кораш омад. Ҳамон рӯз Раҷаб Нуров аз рӯи нақшаи кашидааш ба ҷои кори Мария омада, ӯро барои бо Саид рӯ ба рӯ кардан ба беморхона гирифта омад. Мария барои қунғузаки сиёҳро ба гарданаш овехтан афсӯс хӯрда бошад ҳам, воқеаи ғорат кардани ҷои кораш ба ин ягон муносибат надорад, гӯён ягон хавотирие ҳам намекашид. Фақат аз рӯи эҳтиёт қунғузакро аз даруни куртааш гузаронида монда буд.

Ниҳоят онҳо ба беморхона расиданд. Саид Марияро дидан баробар шинохта тасдиқ кард, ки шаби дар ошхона нишастан бо ҳамроҳии «Медвед» ҳамин зан буд.

Мария ҳам ӯро дарҳол шинохта бошад ҳам, «ман ин одамро бори аввал мебинам» гӯён, иқрор намешуд. Саид чашм аз таги

гардани Мария наканда ба Раҷаб муроҷиат кард.

- Рафиқ муфаттиш, ана он занҷир.

Нуров дар ҳайрат монда:

– Кадом занҷир? – гуфта пурсид.

- Кадом занҷир мешуд? Ба назарам қунғузаке, ки барояш Сорокин кушта шуд, – ҷавоб дод ӯ.

Раҷаб Нуров ба Мария амр кард, ки занҷирро аз гарданаш кашида диҳад.

- Дар ин ҷо ягон иштибоҳ шудааст. Ман ба ҳеҷ гуна қунғузак ва кушта шудани Сорокин муносибате надорам, – Мария аз нишон додани қунғузак саркашӣ мекард.

Саид бе истиҳола ва қатъиян:

- Рафиқ, муфаттиш, худи худаш, – гӯён такрор мекард.

Раҷаб Нуров бори дуюм ба Мария амр кард, ки занҷирро кушода диҳад, вагарна қувваи зӯрӣ ба кори бурда хоҳад шуд. Мария дигар чӣ кор карданашро надониста худашро ба девонагӣ андохт. Дасту пояш дарақ-дарақ меларзид, аз даҳонаш об мерехт. Ин ҳолатро дида Раҷаб Нуров зуд табибонро ҷеғ зад.

Табибон Марияро дидан замоно гуфтанд, ки ӯ макр мекунад. Бо хоҳиши Нуров яке аз табибзанҳо занҷирро аз гардани Мария кушод, ки ду нӯги охиринаш холӣ буд.

Нуров дар шубҳа афтод. Аз рӯи қоидаи муайян бадани Мария аз нав кофтуков шуд. Дар натиҷа аз мобайни синаҳои ӯ қунғузак ёфт шуд.

Саид оҳи сабук кашид.

Мария чашмонашро кушод. Дар онҳо қаҳру ғазаб, кину адоват нисбат ба одамон ҳувайдо буд. Ӯ боз «Ман ба куштани Сорокин ва ин қунғузаки шумо ҳеҷ муносибат надорам» гуфт.

- Пас намегӯед, ин чӣ тавр ба дасти шумо афтод? – пурсид Раҷаб.

- Чӣ тавр мешуд? … «Медвед» овард.

- «Медвед» кист? – боз пурсид муфаттиш.

- Кӣ мешуд, Мардон Давронов, директори хонаи маданият.

- Оҳҳо, аҷиб-ку, Ҳошимҷон, – Раҷаб Нуров ба Ҳошим рӯй овард.

- Аҷоиб, тамоман аҷоиб. Боварии кас намеояд. Ҳоло вай худаш дар куҷост?

- Намедонам, – гуфт Мария.

- Ғорат кардани шӯъбаи шумо ҳам кори ӯ будагист, – пурсид Ҳошим.

- Албатта, кори ӯ, – ба тезӣ иқрор шуд Мария. – Нависед, ман ба ҳамааш иқрор мешавам.

22.

… Самолёт ба замин фаромад. Баъди чанде ба он зинапоя пайваст карда шуд.

Дар кушода шуда аз он як-як пассажирон ба поён мефаромаданд. Дар байни пешвозгирандагон Раҷаб Нуров бо либоси гражданӣ гулдаста дар даст рост меистад.

Нохост марди чорпаҳлӯе, ки риши кулӯта ва мӯи паст тарошида дошт, пайдо шуд. Аз ақиби вай Саодат, аз паси Саодат Менгliқул. Ҳар се ба поён фаромаданд. Нуров марди авваларо дидан замон шинохт. Вай Мардон Давронов, яъне «Медвед» буд. Ба зинаи охирин қадам монда буд, ки ду нафар коркуни оппеpативӣ «Мардон Давронов шумоед?» гӯён наздаш омаданд ва имконияти ҳаракат кардан надода дастонашро ба пушт тоб доданд.

- Ором бошед, муқобилият фоида надорад – гӯён ба пеш роҳ нишон доданд.

Менгliқул ин ҳолатро дида бо шаст ақиб гашт. Дар рӯ ба рӯяш Салим меистод. Менгliқул чӣ будани воқеаро акнун пай бурда таппончаро бароварда ба ҷониби Салим якбора се тир холӣ кард. Пеши чашмони Салим сиёҳӣ зад. Ӯ болои зинапоя афтод. Тири чоруми Менгliқул ба ҳаво рафт. Коркунони оперативӣ ӯро аз пой зада афтонданд.

Салимро фавран ба беморхона бурданд. Ҷароҳии таъҷилӣ нишон дод, ки ду тир аз байни қабурғаҳои Салим гузашта, барои саломатиаш хавфнок бошад ҳам, барои ҳаёташ хатарнок нест.

Ӯ пас аз се рӯз ба ҳуш омад. Аввалин одаме, ки болои сараш дид, Саодат буд. Дар ин се шабонарӯзи бехобӣ аввалин бор ба рӯи духтар хун давид. Аз чашмони шаҳлояш беихтиёр ашк рехт. Як қатра ашк ногумон болои чеҳраи рангпаридаи Салим ғел хӯрд. Вай чашмонашро калон-калон кушода, ба Саодат нигарист, дуру

дароз нигарист. Вай мехост ин нигоҳу ин чашмонро дар умқи дилаш то дер нигоҳ дорад.

Вай худро дар назди соҳибаи ин чашмон, соҳибаи ин ашк якумрӣ қарздор меҳисобид. Зинда монданашро ҳам аз шарофати Саодат медонист.

- Табрик мекунам шуморо!
- Бо чӣ?
- Имтиҳонро аъло супурдед.
- Шумо ҳам.
- Бе ёрии шумо ман яқин меафтидам.
- Вале ман намегузоштам, ки шумо афтед.
- Ман аз шумо якумрӣ қарздорам, – оҳиста пичиррос зад Салим.
- Саодат ба маънои «ин тавр нагӯед» сар ҷунбонд.

Раҷаб Нуров, ки навакак ба аёдати Салим омада буд, ин ҳолатро дида, оҳиста берун баромад…

***Душанбе – Дубулта – Душанбе***
***Солҳои 1983-1984***

**Ф И Ғ О Н**
***(Қиссаи рӯзҳои мо)***

Ба чашми нам макуш моро, худоё,
Ба оҳу ғам макуш моро, худоё!
Бикуш моро ба ҳар ранге, ки хоҳӣ,
Ба даст ҳам макуш моро, худоё!

***НИЗОМ ҚОСИМ***

**I.**

Шом фаро мерасид.

Рӯшанӣ фирор дошт.

Торикӣ ноаён тор метанид.

Атрофу акноф ба ҳукми вай медаромад.

Дарвозаи шаҳр – вокзали роҳи оҳан ба рӯи оянлагону равандагон кушода. Чор дари он пайваста кушодаю пӯшида ва толори интизорӣ торафт серодамтар мешуд.

Дар толор қариб, ки ҷои холӣ ба чашм намехӯрд. Ҳама нишастгоҳҳо банд. Бисёриҳо рост истода, деги сӯҳбатро метасфонданд.

Дар як гӯшаи толор, ду курсиро банд карда, ду тан – зану шавҳари ҷавон гарм-гарм сӯҳбат доштанд. Онҳо то ба ҳампаҳлуҳои хеш халал нарасонанд, орому оҳиста ҳарф мезаданд, сари масъалаи муҳиме мубодилаи афкор доштанд.

Ҳине, ки зану шавҳари ҷавон оҳиста гуфтугӯ доштанд, аз ду канори толор ду ҷуфт чашмон онҳоро ба «нишон» гирифта буданд. Зану шавҳар – Адолату Акбар соҳибони он чашмонро ҳис намекарданд, аниқаш намедиданд. Муколамаи ононро гӯё ибтидо буду интиҳо не…

Баногоҳ дар паҳлуи Адолат курсие холӣ шуд. Аз «назоратчиҳо» яке, ки ба онҳо наздиктар буд, дар як они воҳид болои сари Адолат рост шуд:

– Мебахшед, ин ҷо холӣ?

Бо шунидани ин нидо Адолат, суханашро қатъ намуда, аввал ба паҳлуяш нигоҳ кард. Дид, ки ҷой холӣ, сипас сар бардошта рӯ ба рӯяш ҷавони тахминан бисту чор-бисту панҷсолаи навчаи лоғарандомро дид. Лаҳзае ба қадду қомати ӯ нигариста, худро гум кард. Чеҳраи бадафти ҷавон ба назараш шинос барин намуд. «Дар куҷо дида бошам?» филфавр аз хаёл гузаронд ӯ. Вале ба хотир оварда натавонист, ки ӯро кай, дар куҷо, ба кадом ранг дида буд.

Адолат даҳон ғунча карда чизе гуфтанӣ буд, ки шавҳараш Акбар аз ӯ пештар:

– Бале, холӣ, – гӯён бо даст ишораи нишастан кард.

Гапи Адолат дар даҳонаш монд.

Ҷавон «раҳмат» гуфта ба курсӣ нишаст. Табассуми безеб ва хунуке даври лабонаш хат кашид. Ин табассуми кароҳатангез ба

Акбар писанд наомад. «Афтат дар гӯр! Худат-ку хунук, табассумат аз худат хунуктар! Маймуни таппа-тайёр! – аз хаёл гузаронд ӯ ва рӯй гардонда маҷрои гуфтугӯро бо завҷааш тағйир дод.

Ин дам тамоми чароғҳои толор фурӯзон ва чеҳраҳои мардум рӯшантар гашт. Адолат «Хайрият, хаёл кардам, ки ин толор бечароғ аст ва шуморо торико-торик гусел мекунам» гӯён изҳори шодмонӣ кард ва ба шавҳараш ҷафстар шуд.

Акбар гармии пайкари нозуку наҳифи ҳамсари меҳрубонашро хубтар эҳсос кардаю даст ба китфи ӯ гузошта атрофро бори дигар аз назар гузаронд, ба он андеша, ки шояд ягон шиносашро медида бошад. На, мутаассифона, барояш дар ин толори нимсарду чиркин ва бадбӯ чеҳраи ошное падид наомад. Лекин … ногоҳ чашмаш ба канори дури толор афтод, симои нимошнову нимбегона лаҳзае ба назараш чун шабаҳ намудор гашту боз ҳамон лаҳза нопадид шуд. Аниқаш, соҳиби он чашмон, ки аз лаҳзаи аввали ба толор ворид шудан зану шавҳарро аз дур ба «нишон» гирифта буд, чун эҳсос кард, ки диққати Акбар ба ӯ равона шудааст, филфавр аз толор берун шуд ва ба паси дар гузашт ва аз ҳамон ҷо, аз он мавқеи қулай «назорат»-ро идома дод.

Акбар дар дил «қадду қоматаш шинос барин, лекин шапкаю айнаки сиёҳ халал расонд, ки хубтар шиносамаш. Хайр, бало ба пасаш» – гӯён қарор дод, ки соҳиби он чашмони ноошноро ба фаромӯшӣ бисупорад.

Ҷавони ҳампаҳлу чун эҳсос кард, ки Акбару Адолат ба ӯ дигар эътибор намедиҳанду овораи сӯҳбати хешанд, ду-се бор заруру нозарур гулӯ афшонда, гап қатӣ кард:

– Агар хато накунам, мову шумо ҳамсояем.

– Барои шиносоӣ дигар гапи дурӯғ ёфт нашуд? – киноя кард Акбар.

– Худо занад, ки рост мегӯям.

– Қасам нахӯред. Сахт хато кардаед, мо ин хел ҳамсоя надорем, – боз ба гапи ӯ лагад зад Акбар.

– Ман ба шумо не, ана, ба ин хонум гуфта истодаам, – якравӣ кард ҷавон.

– Аввал ин ки ошно, ин хонум ҳамсари ман. Дуюм ин ки ин кас ҳам шуморо намешиносад. Сеюм ин ки… хоҳишмандам, ба мо халал нарасонед. Ҷой додем, ҷимакак шинед, – бо тундӣ таъкид кард Акбар.

– Мебахшед, ман халал нарасондам. Ҷой холӣ шуд, нишастам. Ҳамин тавр не? Ё гапам нодуруст?

Адолату Акбар, гӯё ӯро нашунида бошанд, посух надоданд.

Вале ҷавон ором намешуд:

– Чӣ, ман шуморо аз ҷоятон хезонда, ба ҷоятон нишастам?

– Ба забони тоҷикӣ гуфта истодаам, ки халал нарасон, – ба ғазаб омада, ба ту-ту гузашт Акбар. – Агар донистан хоҳӣ, мо бо бадмаст майли сӯҳбат кардан надорем!

– Бадмаст? Наход шумо гумон кунед, ки ман бадмаст бошам? Хайр, ана камтар… сад грамм бардоштам. Лекин ман маст нестам. Дар ин ҷо аз ман ҳушёртар нест!

Ин суханҳоро шунида, чанд каси он ҷо нишаста баланд хандиданд.

– Заҳра камаш ҳам заҳр аст, – гуфт Акбар. – Ана, нигоҳ кун. Милисаҳо тайёр. Ба як ишора маҳтал. Бардоред гӯям, поятро ба замин намонда, дег-деги сангӣ карда мебарандат. Баъди ним соат бо як майкаю труси дар кӯча тани танҳо мемонӣ.

Ҷавон заҳрханда кард.

– Дуруст мегӯед. Ман бо шумо ҳамфикр. Онҳо дар ин кор устухон надоранд. Бо як майкаю труси халос шавӣ, дарди бахайр. Лекин агар ба даруни трусию майкаатон ягон бастаро халонда монанд, ана он вақт онаи зората мебинӣ. Бо сесад-чорсад доллар халос намешавӣ!

– Ҳамина, ки донӣ, бархезу аз паи корат шав. Ба ту бадиро раво дидан намехоҳам, ошно.

– Аҷаб одамоне! Рост гӯӣ, дурӯғ мепиндоранд. Ба гапи рост бовар намекунанд , – ҷавон оҳи сард кашид.

– Кадом гапро?

– О, ҳозир ба шумо гуфтам-ку. Ман бо шумо ҳамсоя. Дар як бино, дар як гузаргоҳ, дар як ошёна зиндагӣ мекунем. Ман ҳамааш шуда ҳамин гапро ба шумо гуфтам. Дигар гапи зиёдатӣ нагуфтам, ки малоли хотиратон шуда бошад. Агар хоҳед, суроғаатонро ҳам мегӯям.

Акбар «уф, рӯзамон медиҳӣ ё не?» – гӯён боз овоз баланд кард ва … аз шасташ гашта афзуд:

– Ҳой, ошно, чӣ хел мо дар як гузаргоҳ зиндагӣ мекардаем, ки шахсан ман туро дар умрам бори аввал мебинам.

– Мумкин, мумкин. Ман ҳам шумоя бисёр дидагӣ не. Лекин

ин хонуматон, э, мебахшед, занатон мана бисёр дидагӣ. Ҳамин тавр не, янга?

Адолат лаҳзае ба чеҳраи ӯ нигариста, аранге ба хотир овард. Чанд рӯз қабл дар остонаи гузаргоҳ лаҳзае бо ӯ рӯ ба рӯ омад. Вале ба хотири он ки Акбар ба гумони бад нараваду осуда бошад ва осуда биравад, гуфт:

– Мутаассифона, ман ҳам шуморо бори аввал мебинам. Шояд маро ба ягон кас монанд карда бошед. Шаҳр шаҳри калон, одамони ба ҳам монанд кам нестанд.

– Ха-а-йр, маҷбур намекунам. Не бошад, не, – ҷавон лаҳзае тан додагӣ барин шуд, вале ҳамоно боз ба гап даромад. – Лекин кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасанд, мегӯянд. Худо хоҳад, ҳоло мову шумо боз бисёр вомехӯрем. Лекин хоҳиш мекунам, дафъаи дигар «туро намешиносем» гуфта аз ман рӯй нагардонед. Худо ба ман афту андоми безеб додааст, лекин дилам тоза. «Одам ба одам зинда аст», гуфтааст як шоир.

– Медонӣ-чӣ, ошно. Агар донистан хоҳӣ, мо туро донистану шинохтан ҳам намехоҳем. Аз худои тори сар як таманно дорам: ҳеҷ гоҳ ба ту рӯ ба рӯ ва мӯҳтоҷам накунад! Акнун аз роҳат намон. Исо ҳам ба роҳи худу Мӯсо ҳам бо роҳи худ.

– Ихтиёр ба дасти бахтиёр. Ман ҳам аз худо талаб дорам, ки ба ёрии ман мӯҳтоҷ нашавед. Инсон аз дасту панҷаи худаш намонад. Хуб, дар амони худо бошед. Бубахшед, ки вақти қимататонро гирифтам, аз сӯҳбати ширин бенасиб гардондам. Ба гумонам, гапҳои баҷоиятон ногуфта монд. Бубахшед мани аблаҳи сарсахту бадбахтро. Ба шумо сафари бобарор орзу мекунам, – ҷавон ин суханҳоро бо алам гуфта аз ҷо бархост, пештар рафт, вале чизе ба хотираш расиду дар ҷояш истод ва, рӯ ба ақиб гардонда, пурсид: – Дарвоқеъ, пурсидана айбаш нест, шумо ба куҷо майли сафар доред?

– Ба инаш кори ту набошад! – тоқаташ аз шилқинии ҷавон тоқ шуда хитоб кард Акбар.

– Худам медонам, ба куҷо меравед, нағз медонам. Ба Русия. «Широка страна моя родная». Ҳамин хел як суруд буд. Барои чӣ меравед, инашро ҳам медонам. Барои кор, барои бакс! Чӣ илоҷ? Рӯзгор оинаро мӯҳтоҷи хокистар кунад. Ё худ, «чунин аст кирдори гардуни пир, гаҳе чун камон асту гоҳе чу тир!» Замоне буд. ки аз Руссияи бузург ба кишвари мо десант мепартофтанд, аниқаш

сарватғункунӣ меомаданд. Аз он тараф бо як ҷомадон меомаданду баъде се-чор сор аз ин ҷо ба панҷ-шаш контейнер, «Волга», «Жигули» мерафтанд. Инро ҳама медонанд. Як мисоли оддиаш роҳбари ҳамин ноҳияе, ки дарвозаи шаҳр дар ҳудуди он ҷойгир шудааст. Хушк омаду тар бирафт! Чизи бурдагиаш ба ҳафт пушташ мерасад. Акнун замона чаппагардон шуд. Акнун мо ба он тараф меравем, гурӯҳ-гурӯҳ, бо аҳлу байт, хешу табор меравем. Акнун десантпартоӣ навбати мо – тоҷикон шуд. Лекин десанти мо тамоман дигар, аз ноилоҷӣ. Меравем ба Русияи бузург ва дигар кишварҳо ба он хотир, ки барои худ, барои зану фарзандон қути лоямуте пайдо бикунем. Вале чӣ ҳол дорад ин тоҷики сарсахту бадбахт дар он кишварҳои бузург? Ба назарам, беқадртарин одами рӯи замин имрӯз ҳамин тоҷики мост. Дар ватанаш қадр надорад, дар беруни ватан хору залил, таги по аст. Дар роҳи бозгашт ба ватан тоҷик тоҷикро ғорат мекунад, бераҳмона мекушад, пайсаҳои бо азобу шиканҷаи беш бадастовардаашро ба яғмо мебарад. Азобу таҳқиреро, ки аз ҳамсояҳои дерина мебинад, ба ягон чиз қиёс карда намешавад. Ҳамин ҳам зиндагӣ шуд? Мурад ин хел зиндагӣ! Ман дида истодаам, ки шумо ҳам аз хурсандӣ ба Русия намеравед! Маҷбурӣ меравед. Наравед, намешавад. Мебахшед, ака, гапа мӯл кардам. Одам камтар нӯшад, серҷоғ мешудааст. Аламам омаду дилама холӣ кардам. Қисса кӯтоҳ, роҳи сафед, ака. Худатонро эҳтиёт кунед. Шумо барои ин хонум, э мебахшед, барои янга, барои фарзандонатон лозим ҳастед. Инро ҳаргиз фаромӯш накунед. Дунё ба умед! То боздид! Чао! – Ҷавон бо дидаи пурнам даст афшонда оҳиста-оҳиста аз толор берун шуд.

Хомӯшии тӯлонӣ ва риққатоваре ба вуқӯъ омад. Онҳое, ки шоҳиди ин манзара буданд, лаҳзае карахт гаштанд. Адолату Акбар бе сухан, дуру дароз аз паси ҷавон нигоҳ карда монданд. Ҳайрон буданд, чӣ гӯянд. Ин ҷавон ба худ буд ё бехуд, девона буд ё ҳушёр, ҳоло онҳо ба фаҳми ин намерасиданд.

Садои диктор, ки ким-кадомеро ба назди сардори вокзал даъват мекард, онҳоро ба худ овард. Акбар аз қайди андешаҳои бераб берун шуда гуфт:

– Гардам, худоё, аз одамот! Ин чӣ хел махлуқ буд? Аз куҷо бар сари мо пайдо шуд? Дар ин ҷо киро меҷуст? Чӣ ӯро ба ин ҷо овард? Гапзаниша бин, якта аз боғ, якта аз роғ. Гоҳ нодону гоҳ олими калон. Шиорпартоиша бин! Мегӯӣ дар мактаби гап хонда

бошад.

– Хайрият, ҷонамон халос шуд, – оҳи сабук кашид Адолат. – Сарам ба дард даромад-е.

– Чашмонаш беҷо. Камтар намерасидагӣ барин. – Акбар ангушт ба чаккаи сар бурда тобғӯла дод. – Аз афташ, ба ҳамин қарибӣ аз он ҷо баромадагӣ.

– Аз девонахона? – пурсид Адолат.

– Не, аз маҳбас.

– Дуруст мегӯед. Лекин гапҳои охир гуфтааш ҷон доранд, дадеш.

– Гапҳои худаш не онҳо. Аз ягон ҷо шунидагӣ ё хондагӣ. Дар маҳбас барои ин кор фурсат бисёр аст.

– Ҳарчӣ набошад, аз бало ҳазар. Охираш бахайр шавад…

Акбар ба соат нигарист.

– Бояд ҳамин замон эълон кунанд. Занак, ҳама гапа гуфтем. Маслиҳат – ҳамон маслиҳат. Пагоҳ шанбе, амонатия гирифта ба ягон кас нафаҳмонда қишлоқ меравӣ. Ҷои аз ҳама бехавф ҳамон ҷо. Ба дасти амакам медиҳию хотирҷамъ шуда бармегардӣ. Худо хоҳад, баъди ду моҳ, обйектро тамом карда ҳисобу китоб карда борон нафаромада гашта меоям. Охирҳои тирамоҳ, насиб бошад, шербачаҳорро хатнатӯй мекунем.

– Кошкӣ, илоҳо ба ҳамон рӯз бирасонад. Сиҳат раведу саломат баргардед. Худатонро эҳтиёт кунед. Вай бадмаст ҳам дар фуроварди гапаш суханҳои нағз гуфт: шумо барои мо зарур ҳастед. Инро фаромӯш накунед!

Адолат табассуми бадард кард.

– Хавотир нашав, ҷони ширин. Се сол сабр кардӣ, сад ташаккур. Мӯлаш рафту камаш монд.

Адолат: – Дунё нотинҷ. Ҳар рӯз аз тилвизиону радиё хабарҳои шумро шунида хобу хӯрро фаромӯш мекунам. Ростӣ, бо мӯи бадан меларзам.

Акбар: – Мефаҳмам… Лекин ту осуда бош. Хавотир нашав. Ман кӯдак нестам. Корама дониста мекунам, пояма дониста мемонам. Ту ҳам аз ҷониби худат худата, бачаҳоя эҳтиёт кун.

Ин лаҳза эълон шуд, ки мусофирони самти Волгоград аз назорати гумрук гузаранд ва ба перрон бароянд.

Зану шӯи ҷавон ҷониби гумрукхона роҳ гирифтанд. Акбар ба ҷуз як сумкаи сафарӣ бори дигар надошт. Тӯшаи роҳаш ҳам чан-

дон кирой набуд. Аз ин рӯ, зуд аз назорат гузашта ба перрон баромад. Аз он тарафи тиреза, рӯ ба ҷониби Адолат гардонда, «хайр»-гӯён даст афшонд.

Адолат ноаён ашкҳои дар нӯги миҷгонҳои дарозу барроқаш ҳамоилшударо бо нӯги ангуштон пок карда даст бардошт ва «Роҳи сафед!»-гуфт.

Акбар: – Акнун бирав, зуд бирав. Бачаҳо интизоранд! – гӯён бори дигар нигоҳи пурмеҳрашро ба завҷаи зебояш ҳадя намуда ҷониби вагони ҳаштум роҳ гирифт...

Адолат пакар, хаста, вазнин-вазнин аз вокзал берун шуд ва қариб буд, ки бо он қаддарози айнакӣ рӯ ба рӯ занад. Айнакӣ ҳеҷ гоҳ инро нигарон набуд. Вай саросема лапарашро ба сар чуқуртар кашид ва рӯ гардонда сару рӯяшро бо рӯзномаи кӯҳнаю дарида пӯшонда ба «мутолиа» сахт андармон шуд. Ин рафтори ӯ аз назари Адолат пинҳон намонд. «Аҷаб одамоне. Дар ин вокзал бо чӣ хел махлуқҳое вонамехӯрӣ. Якаш заруру нозарур гирди доманат пашша мешавад, дигарӣ худро шиноси дерина ё ҳамсоя гуфта муаррифӣ мекунад, сеюмӣ ким-киро думболагир аст, чорумӣ сарашро бо газетаи аз хондан кайҳо фарсудаю дарида пӯшонда, аз ким-кӣ панаҳ меҷӯяд. Ин шояд хоси вокзали роҳи оҳан бошад». Вале вай – зани ҷавони зебо аз куҷо медонист, ки ин ҷавони айнакӣ, ки ногаҳон аз пеши пояш баромад, ба ӯву шавҳари сафаракиаш таваҷҷӯҳи хосе дорад. Ва онҳоро як сония ҳам аз мадди назар дур карданӣ нест.

Адолат банди андешаҳои мағшуш бо дили сиёҳ сӯи истгоҳи микроавтобусҳо роҳ гирифт.

Ҷавони қаддарози айнакӣ, чун дид, ки Адолат сӯи истгоҳ рафта истодааст, саросема худро ба анбӯҳи одамӣ зада ба перрон баромаданӣ шуд ва ба нафаре аз кормандони гумрук, ки садди роҳаш шуданӣ буд, ким – чӣ хел ҳуҷҷати рангпаридаи сурхеро накушода нишон доду, саросемавор: – Ман як лаҳза, бародарамро гусел мекунам, – гӯён ҳамон хел осемасар аз назди нозир дур шуд ва лаҳзае нагузашта ба перрон баромад. Ин сӯ – он сӯро дуздона нигоҳ кард. Ниҳоят чашман ба одами даркорӣ афтода, нафаси озод кашид ва худро боз ба канор гирифт.

Дере нагузашта қатора нолаи талх, монанд ба фиғони мардумони аламкашида, мусибатзада баровард. Дуру дароз фиғон кашид қатора, гӯё аз умқи дил фиғон ба фалак мекашид.

Айнакӣ то даме, ки қатора охирин бор фиғон кашида, ниҳоят оҳиста-оҳиста ҷониби шарқ ба ҳаракат даромад, перронро тарк накард. Қатора торафт дур рафта аз назарҳо нопадид мегашт. Айнакӣ акнун бовар ҳосил кард, бовар кард, ки қатора ба роҳ баромад, Акбар рафт, ба роҳи дур рафт. Кай меояд, инро худо худаш медонад.

Баъди фосилае перрон ва толори мусофирон қариб ки тиҳӣ гашт. Айнакӣ рӯзнома – «балогардон»-ашро «вазифата адо кардӣ, акнун бало ба пасат» гуфта ғиҷим карда ба ахлотқуттӣ ҳаво доду зери лаб пичиррос зад: «Хайрият, рафт. Ё раб, мадад! Оқибаш ба хайр шавад!» ва бо қадамҳои устувор ҳамчун шахси дар бозии аввал ғолиб аз толор берун шуд ва шитобон ҷониби телефони пулакӣ роҳ пеш гирифт.

**2.**

Баъди фосилае дар ду тарафи шаҳр аз гӯшаки телефонҳо чунин гуфтугӯ радду бадал гашт:

– Алло!

– Ҳа. Ту-мӣ?

– Бале, ман…

– Шер ё рӯбоҳ?

– Шер, шери нар. Рафт!

– Аниқ?

– Бале, худам гусел кардам!

– Бисёр нағз. Адолат ҳам рафт?

– Бале, рафт. Лекин қариб буд, ки…

– Чӣ? Вай туро дид?

– Диду… аз ҳайбатам тарсид ва хушбахтона, нашинохт…

– Муттаҳам! Нагуфта будам, ки ҳоло ҳам хомӣ. Агар мешинохт…

– Вақти шинохтан надошт. Гуфтам-ку, аз афту андомам қариб буд, ки талхакаф шавад!

– Хайр шуд, аз худ нарав. Акнун метавонем ҷасурона ба амалиёт сар кунем. Тез ба ҳамон ҷои гуфтагиям биё. Торикӣ нафуромада ба роҳ мебароем.

– Дуруст, роҳамон анча дур. Қадре бензин мегираму зуд расида меоям. Интизор шавед.

Дар ду тарафи шаҳр ду гӯшаки телефон ҳамзамон ба ҷояшон гузошта шуданд.

**3.**

Адолат ба истгоҳи микроавтобусҳо ворид шуда, ба соаташ нигарист: ҳафту ним. Микроавтобуси ба самти ӯ равона наменамуд. Якаш омад. Мусофирони бисёре ба ҳуҷум гузаштанд. «Дигарашро нигоҳ кунам, дер мешудагист. Хубаш илоҷе карда, ба ҳаминаш нишинам, даҳ-понздаҳ дақиқи рост истода равам, ҳеҷ гап не. Раҳораҳ мошин камодам мешавад». Бо ҳамин андешаҳо Адолат, илоҷе карда, дохили мошин шуд. Марде, ки дар курсии назди дар менишаст, андаке ба рафиқи ҳампаҳлӯяш ҷафс шуда, ба Адолат ишора кард, ки нишинад. Адолат «ташаккур» гуфта, ба он ҷо амонат нишаст.

Мошин ба ҳаракат даромад. Адолат хост садсӯмаро ҷониби писараки пулчин дароз кунад, ки ин дам овози омирона ва шиносе ба гӯшаш расид:

– Ҳамсоя, ташвиш накашед, ман ба ҷои шумо ҳам додам!

Адолат, сар боло карда, дар қатори мобайн чашмаш ба он ҷавони шилқин афтод. Кайфаш парид, фиғонаш ба фалак печид, димоғаш ба тамом сӯхт. Аз савор шуданаш сар бор пушаймон гашт. «Аз куҷо пайдо шуд боз ин бало ба сари ман?!» – барқсон аз сараш гузашт ва, худро базӯр ба даст гирифта, ба ронанда муроҷиат кард:

– Илтимос, дар ҳамин ҷо нигоҳ доред.

Вале ронанда, шояд муроҷиати Адолатро нафаҳмид, ки ба ҷои истодан газро баланд кард.

Адолат аз он ки мошин суръат гирифт, қадре ба ғазаб омада, овоз баланд кард:

– Рафиқ ронанда! Нафаҳмидед, ман чӣ гуфтам?

– Не, нафаҳмидам, янгашка. Тинҷияй? – аз оинаи пеши мошин дандонҳои кирмхӯрдаи заб-зардашро нишон дода, табассуми хунук кард ронанда.

– Ин хел бошад, братан, ана дар ҳамин астановка мануш бикун, – гуфт нимғазаболуду нимшӯхӣ Адолат.

– Ҳамин хел абрашат кунӣ, намешавад? Гапуш қоқай, янгашка. Мунда фаркуш не. Куҷода ки хоҳӣ, мануш мекунум. Пула до-

да бошӣ, шуд.

– Пулаш додагӣ. Дар мошини шумо Ҳотами Тойҳо бисёр, – Адолат бо киноя ҷониби ҷавони шинос нигоҳи сард партофта, баробари манъ кардани мошин худро ба берун зад.

Мошин рафт. Адолат канори роҳ гузашт, то мошини дигарero истоёнаду роҳашро давом диҳад. Дилаша гургон тала мекард. Бо касофати ин нобакор аз роҳ мондам. Бачаҳоям чӣ шуданд. Дугонаамро хуб безор кардагистанд. Илоҳӣ тинҷ бошанд-да» – худ ба худ андеша мекард Адолат ва ҷойи нишаст намеёфт.

Микроавтобус дур рафта бошад ҳам, вай ҳанӯз аз қафои он бо ҳарос менигарист. Боз мабодо он нобакор мошинро манъ кунаду фаромада ӯро думболагир шавад.

Вақте ки мошин дар гардишгоҳи хиёбони Айнӣ аз назар ғоиб гашт, Адолат оҳи сабук кашида боз чашм ба роҳ дӯхт. Интизорӣ тӯл накашид. Ба бахти ӯ як микроавтобус дар истгоҳи «Ватан» аз мусофирон холӣ шуду роҳашро ҷониби вокзал давом надода, аз омади кор хурсанд худ аз ҳамон ҷо ақиб гашт. Ва Адолат дар қатори чанд нафар интизорони дигар ба он савор шуд. Дар курсӣ ба ҳузур ҷой гирифт. Тори андешаҳои ноҷур боз ба асабҳояш нохун заданд. «Ин махлуқ кӣ бошад? Чаро вай ба ман ин қадар ширеш барин часпидааст? Мақсадаш чӣ? Ё… ягон чизро пай бурда бошад. Ману Акбар дар вокзал бо овози баланд ягон гапи ӯро ба ваҷд меовардагӣ нагуфтем. Вале ӯ аз куҷо донист, ки шавҳари ман боз ба Руссия рафта истодааст? Худо накунад, ки вай дар куҷо зиндагӣ кардани маро донад. Набошад, каппаам ба пуштам мешавад. Аз дасти инҳо ҳар кор меояд. Э, кош тезтар ин шаб саҳар мешуду пагоҳа худаш он амонатиро ба қишлоқ бурда ба дасти дадом медодаму аз ташвиш халос мешудам. То омадани Акбарҷон гӯшҳояш ором мешуданд. Наход вай … аз паси ман шуда бошад? Чашмонаш беҷо, бозӣ мекунанд. Худи ки сари чанд касро хӯрда, хонаи чанд бечораро оташ зада бошад. Ҳа, аз дасти ин хел одамони афташон хунук бисёр балоҳо сар мезананд. Худоё, худат дар паноҳат нигоҳ дор».

Бо ҳамин андешаҳои дарҳам-барҳам Адолат дар назди бинои ҳаштқабата аз мошин фуромад.

Баъди чанд лаҳза Фирӯзу Фирдавсро аз хонаи дугонааш, ки дар ошёнаи якум мезист, гирифта, ба тарафи чапи роҳи калон гузашт, дастони фарзандонаш ба даст оҳиста-оҳиста тарафи бинои

чорошёна роҳ гирифт. Манзили онҳо дар қабати дуюми ҳамин бино буд. Роҳ мерафту ҳанӯз аз қайди андешаҳои ғализ берун намешуд. «Хайрият, аз он балои ногаҳонӣ халос шудам. Лаънатӣ! Ин хел шилқинашро дар умрам бори аввал мебинам. Гуфти бузургон, ки аз дар ронӣ, аз тиреза медарояд. Сар медиҳаду намедиҳад сар» гуфтагӣ гап ҳам дар ҳаққи ҳамин зумра одамон будагист».

Очаю бачаҳо ба бинои чорошёна наздик шуданд. Ана, онҳо дар назди дари даромадгоҳ. Адолат ба пасу пеш нигоҳ карда, акнун нияти ба ошёнаи дуюм баромадан буд, ки дар рӯ ба рӯяш мирзодикак барин он ҷавон пайдо шуд. Адолат дар ҷояш ҳайкал гашт. Табассуми безеб гирди лабони ҷавон гиреҳ баст.

– Салом, ҳамсоя. Мебахшед, шуморо тарсондам.

Адолат хомӯш буд. Фирӯзу Фирдавс ҳайрону музтариб, гоҳ ба рӯи ҷавон, гоҳ ба рӯи модар менигаристанд, вале ба чизе сарфаҳм намерафтанд.

Ҷавон: – Ана, дидед. Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад гуфта будам. Гапи ман шуд?

Сари Адолат чарх зад. Қариб буд, ки мувозинаташро гум карда, нақши замин шавад. Бо як азоб худро ба даст гирифта, аз дасти бачаҳояш кашолакунон шитобон боло баромад. Саросема дарро кушода худро ба дарун зад ва дарро қулф кардаю занҷирро гузаронда, худро боло диван ҳаво дод. «Омад ба сарам аз он чӣ метарсидам, – аз дил гузаронд ӯ. – Акнун ҳамааш фаҳмо. Вай ҳамаашро медонад. Мақсади ин мардак маълум. Чӣ бояд кард? Сарамро ба куҷо занам? Дар ин бевақтии шаб дари киро кӯбам? Вай ба ман рӯз намедиҳад. Хоҳ-нохоҳ аз қафоям омада ба куҷое ки равам, меравад, ба кадом гӯре, ки дароям, медарояд. Не, набояд ба осонӣ мағлуб шуд. Ман бояд илоҷе карда ҳамин шаба худаш аз ин ҷо фирор кунам. Барои ман фарзандонам аз ҳама чиз авло. Агар нагурезем, вай яқин ҳам пуламонро мегирад, ҳам худамонро мекушад».

Адолат аз ҷо бархоста, оҳиста ба хонаи хоб гузашт. Чароғро дарнагиронд. Як гӯшаи пардаро оҳиста боло бардошта ба берун нигарист. Чашмаш ба он ҷавон афтод. Вай бо як нафари ба худаш ҳамсинну сол сӯҳбат дошт. Ногаҳон ҷавон ба рафиқаш хонаи Адолатро нишон дода, ким-чиҳо гуфт.

Дар рӯи Адолат ранг намонд. «Ана, нагуфтам. Вай танҳо

нест. Шарик доштааст. Нақша кашида истодаанд».

Фирӯзу Фирдавс аз олами ғаму андӯҳи модар бехабар дар хонаи худашон машғули бозӣ буданд. Адолати бечора бошад, ба худ мепечиду дар оташ месӯхт. Орухона гашта буд сараш. «Худоё! Чӣ кор кунам? Аз кӣ маслиҳат пурсам? Дар ин бино одами наздик, дардошно надорам».

Ҳа, дуруст мегӯяд вай. Дар ин ҷо одами нав аст, ду моҳ қабл ба ин хона кӯч баста буд. Ҳаққу ҳамсояҳоро ҳоло чандон хуб намедонист, ба онҳо унс нагирифта буд. Саҳар қатӣ ба кор мерафту бегоҳ ба хона меомад. Имконияти бо ҳамсояҳо дуруст шинос шудану сӯҳбат кардан надошт. Фақат гоҳ-гоҳе ба ҳамсоязани рӯ ба рӯ – Ҳамида хола вохӯрда сар-сарӣ ҳолу аҳволпурсӣ мекарду зуд хона даромада аз паи ташвиши рӯзгор мегашт. Аз чӣ бошад, ки ӯ ба кампир чандон часпоиш надошт. Ҳамида-хола дигар занҳо барин шилқину хира набуд. Бо даъвати Адолат як бор – ду бор ба хонаи ӯ даромада амонат нишаста як пиёла чой нӯшида-нанӯшида баромада мерафт. Ба дигар ҳамсояҳо бошад, ҳамту даҳанакӣ салом медоду аз паи кораш мешуд…

Ногоҳ ба хотири Адолат чизе расида чеҳраи гирифтааш қадре кушода шуд. Зуд ба назди телефон омаду гӯшакро бардошта чанд рақам чинд. Ва интизор шуд. Баъди фосилае аз он тараф садои марде ба гӯш расид.

– Алло!

Адолат: – Алло!

– Лаббай!

– Салом поччо. Мебахшед, Ситора дар хона?

– Ҳа, ҳамин ҷо. Марҳамат…

– Алло. Ситораҷон, салом. Хуб ҳастӣ? Бардам ҳастӣ? Ман Адолат…

– Ҳа, Адолатҷон. Салом. Худат чӣ хел?

– Ман… ман, – Адолатро гиря гулӯгир кард.

– Адолат, ба ту чӣ шуд? Чаро гиря мекунӣ, дугона?

– Ман… ба ту кори зарур дорам.

– Тинҷӣ ҳаст? – хавотир шуд Ситора.

– Тинҷӣ мешуд, туро нофор намекардам, бубахш…

– Хайр, канӣ тезтар гап зан. Худаш чӣ гап? Алахонам кардӣ.

– Ба ману бачаҳои ман то пагоҳ дар хонаи ту ҷой ёфт мешавад?

– Чаро не? Ба сад дида. Марҳамат, нури дида тоҷи сар. Метавонӣ, худи ҳозир бачаҳота гирифта биёӣ.

– Ман ҳозир аз хона баромада наметавонам.

– Чаро?

– Вай… вай метавонад аз думболи мо шавад.

– Вояш кӣ? Шавҳарат?

– Не, он кас рафтанд. Ҳамин рӯз гусел карда омадам.

– Набошад, вай кӣ будааст, ки шуморо думболагирӣ мекунад?

– Гуфта наметавонам. Гапи телефонӣ не.

– Хушш. Набошад ту чӣ кор карданӣ? Кай туро интизор шавем?

– Шаб саҳл торик шавад.

– Дар торикӣ ба берун баромадан… Наметарсӣ?

– Метарсаму… Лекин чӣ илоҷ. Вай… вай…

– Фаҳмо. Ин тавр бошад, гапа гӯш кун. Баъди як соат тайёр шав. Ману поччотон мошин қатӣ меоем. Ҳамин ки дар таги хонаат се бор сигнали мошинро шунидӣ, бачаҳота гирифта оҳиста, ошарф накарда, берун баро.

– Не, не, хоҳиш мекунам, сигнал надиҳед! Ман худам аз тиреза ба берун нигоҳ карда меистам. Бо нури чароғ ишора кунед, кифоя…

– Майлаш, Адолат. Хоҳиш мекунам, худата ба даст бигир. Натарс. Дарро ба рӯи ягон кас накушо.

Адолат қадре осуда шуда, гӯшакро ба ҷояш гузошт ва оҳи сабуке кашида боз ба тиреза наздик шуду ба берун нигарист. Он ҷавон ҳоло ҳам дар ҷои пештарааш рост меистод. Ин дафъа мусоҳибаш каси дигар буд. «Ҳа, маълум мешавад, ки онҳо танҳо не. Се нафар будаанд. Бо вояш гапро пазонд. Акнун – бо инаш...»

Адолат ба соат нигарист: ҳафту бист. Ҳоло боз як соату панҷоҳ дақиқаи дигар. Ҳо, вақт чӣ хел суст мегузарад. Гӯё ки пешашро чим зада бошан. Тезтар ҳаракат кун, вақт, ман шитоб дорам. Ман мурдан намехоҳам. Намехоҳам, ки ҷигарпораҳоям қурбон шаванд! Аз ин нобакорон ҳама разолатро чашмдор шудан мумкин. Барои пулу мол шуда ба ягон ҷонзоти олам раҳм намекунанд. Баъд аз раҳму шафқат ба дунё омадаанд онҳо. Худоё, маро, фарзандонамро дар паноҳат нигоҳ дор. Дар зиндагӣ ба ягон кас бадие накардаам, ки сазовори ҷазоят шуда бошам?»

Адолат чой монду хӯроки нисфирӯзиро гарм карда, шиками бачаҳояшро сер кард. Лекин аз гулӯи худаш чизе намегузашт, ҳатто чой нанӯшид. Вақте бачаҳо шуниданд, ки ба хонаи Ситора-холаашон меҳмонӣ меравaнд, кабӯтарвор бол бароварда, зуд ба либоспӯшӣ сар карданд.

Адолат, чароғи залро хомӯш карда, ба хонаи хоб гузашт ва аз қабати кӯрпаҳо бастаеро бароварда кушода дар равшании чароғи рӯи миз коғазҳои сабзро бори дигар шумурд. Расо дуним ҳазор. Онҳоро боз ба латта печонда андаруни либоси тагаш ҷой кард. Як чиз-ним чиз ба сумкааш ҷой намуд. Ин маънии онро дошт, ки вай фардо субҳ аз хонаи Ситора рост ба автовокзал ва аз он ҷо ба деҳа меравад…

Дар соати муайяншуда мошине омада дар рӯ ба рӯи гузаргоҳи Адолатино қарор гирифт. Адолат аз паси парда ба берун нигоҳ кард: чароғи мошин се маротиба даргирифту хомӯш шуд. Ваю бачаҳояш, ки кайҳо омодаи сафар буданд, дарро оҳиста боз карда, боз ҳамон хел онро қулф карда, секин поин фуромаданд. Вай гумон дошт, ки касе аз «фирор» кардани ӯ хабар надорад. Не, ин лаҳза кампири ҳамсоя, ки зани зираку ҳушёр буд, ҳамаашро пай бурд. Вай шараққоси дар ва дар он тоб хӯрдани калидро ба хубӣ ҳис намуд ва зуд назди тиреза омад…

Баробари ба берун баромадани очаву бачаҳо дари ақиби мошин кушода шуд.

– Марҳамат!

Вақте ки мошин аз назди бино дур гашт, аз паси чанори пушти хона суробе берун баромад. Дар дили торикӣ чунин суханҳо якҷоя ба ханда садо доданд: «Бечора ҳамсояро расо тарсондам-да. Калӯшро монда патакро пӯшида гурехт».

Вақте ки соҳиби ин суханҳо аз паси чанор баромада рӯ ба гузаргоҳ овард ва ба ошёнаи дуюм роҳ гирифт, он лаҳзаҳо аз паси тирезаи хонаи тарафи чапи ошёнаи дуюм кампири ҳамсоя худ ба худ мегуфт: «Аҷоиб. Мардакаша он тараф гуселонду худаш дума ба ин тараф хода кард! Беҳаёро бинед, ки боз бачаҳояшро ҳам бо худ гирифт. Палочка – виручалочка гуфтагӣ барин. Ҳа, замона вайрон шудагӣ. Ҳамин ки чашми шавҳарро хато карданд, худо метияд ба ин тирмизакчаҳо. Э, корам чӣ? Сарашу равғанаш. Дар ин замони нотинҷ хонаю дарро партофта барои шикасти нафси зормонда ба ким-куҷо рафтан, ба хотири чанд лаҳзаи айш…

ҳамин ҳам одамгарӣ шуд?! Ҳе, зан нашуда мур... Хаппаки таги таппак будааст, ин ҳамсоячаи мо…»

**4.**

Адолат ба пурсупос ва кунчковиҳои Ситора кӯтоҳакак посух дод: «Касе ӯро чанд муддат аст, ки ба таҳқиқ гирифтааст, чун соя аз пушташ мегардад. Ба хотири бехатарии худашу фарзандонаш қарор додаст, ки субҳи солеҳон ба деҳа, хонаи падару модараш равад ва то гум шудани паю қадами ин шумшакл он ҷо ду-се рӯз монад.

– Хонаро бесоҳиб партофта меравӣ, наметарсӣ? – пурсид Ситора.

– Хона – садқаи сар. Дар он ҷо балое нест, ки баранд. Ман аз ҷони худаму бачаҳоям метарсам. Чизе, ки дузд шаб дар хонаи мо мекобад, ман дар рӯз ёфта наметавонам.

– Ба ҳар ҳол хонаи гург бе устухон намешавад, дугона.

– Гапат ҷон дорад. Лекин гумон мекунам, ки дуздони ин замона болишту ду се кӯрпаи нимдошти маро назарашон намегирад.

– Ҳа, хестӣ, ки хобӣ, дугона! Дуздони ин замона, баръакс, аз ягон чиз рӯй намегардонанд! Хас ҳам бошад, мебаранду палос ҳам бошад мебаранд. Мана, дина ҳамсояи мо либос шуста ба либосовезаки паси хона офтоб кардааст. Баъди ним соат аз он чизҳо ному нишоне намондааст. Як ҳамсояи дигарам нақл кард, ки дина милисаҳо дар бозори паси ҳавлии мо дуздбачаҳоро бо сару либос ва сачоқҳои навшуста, ҳини ба савдо задан даст гирифтаанд. Хуллас, ки имрӯз дузду дуздбачаҳо аз ягон чиз рӯй намегардонанд. Ба чашмашон чизе, ки бархӯрд, мебардоранду мебаранд. Инсофу диёнат намонд, дугона.

– Рост мегӯӣ, – оҳи сард аз дили пурдард берун кард Адолат ва афзуд: – Аз тақдир ҷои гурез нест. Чизе ки дар пешонӣ бошад, ҳамонро мебинем. Ин лаҳза ман дар бораи чизу чораи хона не, дар бораи ҷони худаму бачаҳоям фикр мекунам. Ҷони одамиро бо ягон зару зевар харида намешавад.

…Адолат дар бораи чизи дигар – пулҳои бо меҳнату машаққати зиёд, бо хориву зорӣ кор кардаи шавҳараш чизе нагуфт. «Дар хусуси дороӣ, бигузор кам бошад, ҳатто дар пеши на-

здиктарин одамат гап задан лозим не, – андеша мекард ӯ, – зеро агар дар пеши хешу табор аз пулу пулдор буданат ҳарфе занӣ, яктааш не, яктааш, бо ҳасад ҷонибат менигарад, ё дигараш зуд нӯлашро дароз карда қарз металабад. Ба ӯ, хеши наздикат чӣ хел «надорам» мегӯӣ? Охир, ӯ хуб медонад, ки дорӣ. Агар надиҳӣ, тамом, вассалом, як умр аз ту хафа, домангир. «Мумсик, дошту надод. Дар рӯзи сахтам дасти мадад дароз накард. Илоҳӣ ҳаргиз якат ду нашавад!» – гуфта дар дил дуои бад ҳам мекунад. Маҷбурӣ, ки диҳӣ. Медиҳӣ. Рӯи одам ширин. Сахт ваъдаю миод мекунад, ки ҳоҷаташро барор, худо диҳад, баъди ду ё се моҳ қарзатро бо изофааш мегардонад. Вақти баргардонидани қарз фаро мерасад, як моҳ – ду моҳ мегузарад. Аз хешат дарак не. Баъди се моҳ мебинӣ рӯ ба рӯят пайдо шуд. Туро мебинаду пинакаш вайрон намешавад, худро ба нодонӣ мезанад, аз даҳонаш дар бораи баргардонидани қарз ҳарфе намебарояд. Ба назар чунин мерасад, ки вай нею ту аз вай қарздор бошӣ. Ту ибо карда, ба қарз ишорае намекунӣ, вай бошад таҳи дил хушҳол шуда, дума хода мекунад. Ҳамин хел мешавад, ки хешат рафта-рафта умуман роҳи хонаатро аз ёд мебарорад. Солу моҳҳои дароз мегузарад, вале баргардонидани амонат ба ёдаш намерасад. Аз дода пушаймон мешавӣ. Рӯ ба рӯ оию ишорае кунӣ, қаҳраш меояд. «Хайр, мо дур нарафтаем-ку» ё худ «мо бегона не-ку. Имрӯз набошад, фардо қарзатро мегардонам «мегӯяд бешармона ва боз як соли дигар мунтазир мешавӣ. Вале аз қабр садо меояду аз хешат нет. Мантиқи зиндагиро бинед, ки оҳиста-оҳиста ба девори хешу таборӣ ва дӯстии шумо рахна меафтад, полизи хешу ақрабоиро сел зер мекунад ва буду набуди онро шуста мебарад. Кор ҳатто то дар дараҷае мерасад, ки хешу табори наздик як умр ногап, бегона шуда мераванд. Ана, барои ҳамин ман аз чунин бозиҳои бераҳмонаи зиндагӣ ба худ чунин хулоса баровардам: аз ба ягон кас, бахусус ба одаме, ки дар рӯзи сахташ ба имдоди ӯ меоеду вале вай ҷавобашро намегардонад, қарз дода баъди чанд вақт ганда шудана беҳтараш надода ганда шавам. Хафа шавад, як ҳафта, ду ҳафта, як моҳ хафа мешавад. Баъд фаромӯш мекунад. Ин як. Дуюм ин, ки агар дошта бошам ҳам, дар ҳеҷ ҷо лоф намезанам, ки ман пул дорам. Бечора аз бечорагиаш намонад. Ҳоло замони катагию манманӣ нест. Кони зар ёфтӣ, хомӯш бош. Хомӯшӣ худ ҳазор тиллост».

Ҳамин андешаҳоро дар чаҳорбоғи андешаҳо чарх занонда Адолат қарор дод, ки дар бораи пул ба дугонааш ҳарфе намезанад ва фикру зикри ӯро гирди ин масъала машғул намедорад. Девор муш дорад, муш гӯш. Инсон қабл аз як суханро ба забон овардан бояд саду як тарафи онро андеша кунад. Аз ин рӯ, ба саволи Ситора «Чанд рӯз дар ҳавлии падар меистӣ?» аниқ ҷавоб надод. «Вобаста ба вазъият» гуфту хомӯш монд.

**5.**

Он шабе, ки Адолату фарзандонаш канори шаҳри пурмағал дар хонаи Ситора шабро саҳар мекарданд, дар як роҳи шаҳр мошини сабукраве бо суръат ҷонибе равон буд. Дар мошин ду нафар менишастанд. Як нафари онро хонандаи гиромӣ аллакай мешиносад. Вай дар вокзали шаҳр айнаки сиёҳ дар чашм Адолату шавҳарашро хуб «дидбонӣ» карда, ба ду тараф гусел карда буд.

Ду нафарон байни худ як масъалаи муҳимро тарҳрезӣ менамуданд. Онҳо раҳораҳ чанд паҳлӯи амалиёти дарпешистодаро муҳокима намуда, ниҳоят ба чунин қарор омаданд: Агар имрӯз ё фардо гапу коре нашавад, пас аз ду рӯз айнакии қаддароз боз бошитоб ба шаҳр меравад. Ва бегоҳирӯзӣ аз гӯшае ба хонаи Адолат сим зада овозашро тағйир дода, бо изтироб хабар медиҳад, ки ман ҳоли ҳозир аз қишлоқи шумо омадам, падаратон дар наъзи ҷон, шиштагӣ бошед, хезед, хестагӣ бошед ба роҳ дароед, ки дер мешавад, чаро ки дар даҳани падаратон фақат як калима: Адолат, канӣ Адолат?»

Қарор маъқул шуд. Мошин торафт суръат мегирифт…

**6.**

Субҳи солеҳон кампири ҳамсоя Ҳамида, баъди адои намози бомдод ба пешайвон баромада, атрофро наззора намуд. Субҳ медамид, атроф батадриҷ равшан мешуд. Ситораҳои афлок бо фаро расидани рӯзи нав ноаён нопадид мешуданд.

«Инсон ҳам мисли ситораҳо. Аз осмон, ки канда шуданд, дигар барнамегарданд. Инсон махлуқи сарсахт. Тамоми мусибату сахтиҳои зиндагиро таҳаммул мекунад. Дар сараш санги осиёбро гардон кунӣ, хонаашро чаппагардон, яксони замин, аҳли авлодашро нест кунанд ҳам, ҳамаашро аз худо медонад. Дар ин чанд

соли охир ба сари ин халқи бахтбаргашта чӣ мусибатҳое омад. Ба халқи меҳнаткаш, ҷафопешаи мо, одамдӯсту меҳмоннавози мо чашми бад, нигоҳи бад, касофат расид. Пастиҳоеро нисбати ҳамдигар раво дидем, ки ҳафт пуштамон накардаву надидаанд. Урус бо чечен ҷангид, озарӣ бо арманӣ ҷангид, амрико бо ироқ ҷангид, исроилӣ бо фаластинӣ меҷангад. Мо бо кӣ ҷангидем? Бо худамон. Наузамбиллоҳ! Дар кадом таърих навишта шудааст, ки як халқ ду тақсим, баъзан чор тақсим шуда, ба ҳам биҷангад, хуни ноҳақ бирезад, дару девори ҳамдигарро оташ зананд. О, агар ҳамин тавр рафтан гирад, пеши роҳи ин бадбахтиҳоро нагирем, тухми тоҷик қир мешавад, баъди чанд сол кобанд ҳам, ба доруӣ намеёбанд. Баъди чанд сол ягон таърихнавис чунин хоҳад навишт: «Як замоне дар рӯи замин миллате зиндагӣ мекард бо номи тоҷик. Вале ин тоҷик тоҷикро бо дастони худаш буғӣ карда кушт, тухмашро қоқ кард. Худоё, мабод он рӯз! Аз даҳонам шамол барад. Лекин як гапи хуб аст. То бад нагӯӣ, нек пеш наояд. Ҳоло ҳам дер нашудааст. Шукр, сад бор шукр, ки имрӯз вазъият дигар, сулҳу салоҳ шуд, давлат қомат рост карда истодааст. Раҳмат ба роҳбарон, падари онҳое, ки ба ин ифоқа расиданд. Худо хайру баракаташон диҳанд».

Кампир як оҳи сард кашида, боз ба дуриҳои дур нигоҳкунон саҳифаи хаёлоти хешро варақгардон кард. «Зиндагӣ имрӯз вазнин, сафи бекорон зиёд мешавад. Мардум, ки бекор монд, ба ҳама кори паст, зишт даст мезананд, ҷавонҳо аз бекорӣ даст ба дуздӣ мезананд, ба нашъамандиву нашъаҷаллобӣ машғул мешаванд, занҳои ҷавону духтарониноболиғ танфурӯшӣ мекунанд. Э, кош тезтар заводу фабрикаҳо ба кор медаромаду ҷавонмардони мо зану бачаҳоро партофта ба ҷойҳои дур пулкоркунӣ намерафтанд. Дар ҳамин ҷо монда ҳам ватанашонро обод мекарданду ҳам зану фарзандонро аз ҳақирӣ, нонгадоӣ, танфурӯшӣ нигоҳ медоштанд. Шукр, ки бачаҳои нағз дорам. Дутояш соҳиби хонаву дар. Дар ватанашон кор ёфтанд. Кам-мӣ, мӯл-мӣ, нонашона ёфта, зиндагишона пеш бурда истодаанд. Бахтиёрҷон – писари сеюмам бар асари тӯҳмат се сол шишта баромад. Шукри худо, ки сиҳату саломат баргашт. Тамоман дигар шудааст вай. Ба зиндагӣ дигар хел нигоҳ мекунад. Вай фақат аз як чиз –аз беҳуда рафтани се соли умр малӯл аст. Пастию нокасиро чашми дидан надорад. Лекин, намедонам, аз чӣ бошад, ки ҳаққу ҳамсояҳо ба ӯ бад-бад нигоҳ

мекунанд, баъзеҳо ҳатто аз якҷо шиштан бо ӯ ор мекунанд, метарсанд аз ӯ. Одамӣ ҳамин будааст. Худо накунад, ки номатон ба гандагӣ барояд. Як умр гови ало барин. Мардум ҳазар мекунанд, ҳарчанд бисёриҳо хуб медонанд, ки Бахтиёри ман бо тӯҳмати ноҳақ се сол паси панҷара шишта баромад… Хайр, инаш ҳам мегузарад. «Бар сари фарзанди инсон ҳарчӣ ояд, бигзарад. Лекин … кор куҷо? Дар ин ҷо кор нест. Ба ягон ҷои дур меравам, оча, – мегӯяд ӯ бо оҳу ҳасрат. – Дар ватани мо инсон, хусусан инсони оддӣ қадру қиммат надорад. Чун мефаҳманд, ки доғи судӣ дорад, тамом, дарав тарафи кӯчаро нишон медиҳанд, аз кучое омадӣ, ҳамон ҷо рав, мегӯянд. Албатта дар ҷои бегона зуд луқмаи тайёрро ба даҳонат пеш намекунанд. Барои соҳиб шудан ба як луқма нони ҳалол оби шикамро ҷунбондан лозим». «Дуруст мегӯянд, бачекам. Вай аз аввал ҳам бачаи сарпасти меҳнатӣ, дидадаро буд. Чӣ кор кунам, ба ҷои дур нарав гӯям, дар ин ҷо кор ёфта наметавонад. Хайр, худаш медонад. Бачаи майда нест-ку…»

Ҳамида-хола андешаҳои дарҳам-барҳами худро ҷамъбаст карда, ба хонаи хоби Бахтиёр гузашт. Вай ҳанӯз масти хоб буд. Лаҳзае ба чеҳраи гирондаи фарзанд нигариста аз дил гузаронд: «Маҳбас ба чеҳраи бачекам таъсири худро гузоштааст. Ҳа, он ҷо хонаи очакалонат не, ки сарата сила кунанд ва чизе дилат хоҳад, ҳамонро диҳанд. Он ҷо чунин шиор аст: диҳед, мехӯрам, надиҳед, мемурам. Он ҷо ҳама баробар, шоҳ ҳам, вазир ҳам, яъне ҳама як мартаба доранд – ҷинояткор. Намегӯянд, ки фалонча бечора бо тӯҳмати ноҳақ ҳабс шудааст. Зӯр нозӯрро мехӯрад он ҷо. Хайр, ҳаволаи бадкирдорон ба худо. Аз худо зорӣ дорему зӯрӣ не. Касоне, ки дар ҳаққи бачеки ман бад карда, ба маҳбас кашиданд, илоҳӣ ба ғазаби худо гирифтор шаванд.

Суханҳои охирро пиразан нафаҳмида бо овози баланд гуфт, ки Бахтиёр дар ҷояш ҷунбида яктарафа гашт ва чашм кушода болои сар модарро дид.

– Ҳа, мамаша. Ба хайр аст?

– Бахайр, Бахаҷон!

Модару писар хандиданд.

– Киро дуои бад карда истодаед дар ин саҳари солеҳон?

– Ҳамонҳоеро, ки дар ҳаққи ту бадиро раво диданд. Илоҳо хонаашон бисӯзад.

– Э, ҳоло ҳам ҳамон қисса-ку, оча. Монед, дигар фикр наку-

нед. Худатон доим мегӯед, ки бало ба пасашон.

Бахтиёр сари ҷогаҳ шуда пироҳан ба бар кард.

– Бедорат кардам, бачем, боз камтар хоб рав.

– Не, оча, хватит! Хоби саҳар ширин аст, лекин барвақт хестана манфиаташ аз он бисёртар.

– Ҷони гапа гуфтӣ, бачем.

– Оча, мегум ҳамсояамон баргашта бошад? – ногаҳон низоми сӯҳбатро ба дигар тараф гардонда пурсид Бахтиёр.

– Чӣ? Кадом ҳамсояро мегӯӣ, бачем? – ба суол бо суол пурсид модар.

– О, кӣ мешуд? Ҳамсояи рӯ ба рӯятон.

– Ба ҳамсоязанак чӣ кор дорӣ? – музтариб пурсид модар.

– Ҳеҷ кор. Ҳамту дар омади гап пурсидам.

– Аз куҷо медонӣ, ки вай дар хонааш нест. Ё шаб…

Бахтиёр хандид:

– Оча, наход гумон кунед, ки… ман барои он пурсида истодаам, ки худам ана бо ҳамин чашмони худам дидам, ки нимишаб вай ду писарашро гирифта берун баромад. Баъди чанде мошине омаду онҳоро гирифта ба тарафи номаълум бурд.

– Оҳо! Ту бисёр чизро медонистаӣ. Ба ман бигӯ, чаро аз қафои зани бегона поида мегардӣ? – хавотиромез гуфт модар ва афзуд: – Агар дида монад, медонӣ чӣ гумон мекунад?

– Медонам. Лекин хоҳиш мекунам, аз ман гумон бад набаред, дилатон дур наравад. Ин ҳамту тасодуфан шуд. Умуман, дина тасодуфҳо бисёр шуданд. Кору бори динагиро аз як сар нақл кунам, бахудо ки аз ханда рӯдакан мешавед. Бо амри тасодуф ман дина се маротиба бо ин ҳамсоязан рӯ ба рӯ шудам ва ӯро мурданивор тарсондам. Намедонам дар бораи ман чӣ фикр мекарда бошад.

– Се маротиба? – ҳайрон шуд модар. – Канӣ, канӣ, тезтар нақл кун. Ман туро дуруст нафаҳмида истодаам. Боз ягон қилиқи хунук накарда бошӣ. Худо накунад, ки боз ба сарам милисаро биёрӣ. Одами моргазида аз ресмони ало метарсад.

– Сабр кунед, оча. – Бахтиёр шалворашро пӯшида пойҳояшро ба поёни кат дароз карда ба ҳикоят пардохт: – Ҷӯрае дорам…

– Чӣ? Чи хелӣ ҷӯра? Ҷӯраҳои паси панҷара? – бетоқатона пурсид модар.

– Не, оча. Шумо ин қадар алов нагиред. Хоҳед, нақл меку-

нам, нахоҳед не.

– Э, тезтар нақл кун. Дилама гургон тала карда истодаанд.

– Гургҳои бечорая ба ҳоли худ монед, очаҷон. Давомаша гӯш кунед. Ана, ҳамон ҷӯраам, ҷӯраи мактабиам ба Россия рафтанӣ шуд. Ду рӯз пеш ба хона телефон кард. Гуфт, ки ба вокзал биё, маро мегуселонӣ, каме бо ҳам чақ-чақ мекунем. Ман дар вақти ваъдагӣ ба он ҷо рафтаму мутаассифона ҷӯраам наомад. Табъам хира шуд, дар буфет сад грамм арақ нӯшида баъд дар толор гаштугузор мекардам, ки ногаҳон чашмам ба ана ҳамин ҳамсоязан афтод. Бо як мардак сӯҳбат дошт. Баъд фаҳмидам, ки шавҳараш будааст…

Бахтиёр баъди ин суханҳо ба модар ба тафсил ҳамаашро ҳикоят кард ва дар охир хандида афзуд:

– Ана, ҳамин хел, мамуля, ҳамсояaатонро, ба фикрам, мурдаnивор тарсондам.

– Шуд! Бас! Дигар наханд. Ин рафторат кирои ханда намекунад! – қавоқ андохта хитоб кард модар. – Бо рафтори хунукат бечора занакро қариб талхакаф кардӣ. Сабаби дар нимишабӣ сарашро гирифта гурехтани ин бечора занакро акнун фаҳмидам. Ин кори шӯхӣ не, бачем. Агар ба зану бачаҳояш ягон ҳодиса шавад, дар ду дунё ману ту аз азоб халос намешавем. Мани каллаварам ҳам рафтани ӯро дидам, дар ҳаққи вай, муштипар гумони бад кардам. Хушк шавад ин каллаи бемағзи ман! Агар хамин гапҳоро пештар мегуфтӣ, ман, пеши роҳашро гирифта, ба рафтанаш монеъ мешудам. Ҳе, ту масхарабоз! Кори хуб накардӣ.

– Охир, оча, гуноҳи ман чӣ, ки ба вай маъқул нашудам?

– Э, набошад, чӣ мехостӣ? Бо ин рафтору кирдор эшон боз мехоҳанд, ки ба одамон маъқул шаванд. Ҳоло раҳмат гӯй, ки милисаро даъват накардааст. Медонӣ, таъқиб кардани одами бегона ҳам ҷиноят аст.

– О, ман ӯро таъқиб накардам-ку, мамаша. Инро чӣ хел исбот мекунед?

– Исбот кардан осон. Чӣ хел исбот намекардааст, ки ту се бор шайтон барин аз пеши роҳаш баромадаӣ, мулоимхунукӣ карда ба иззати нафсаш расидаӣ. Эҳтиёт шав, Бахтиёр. Дунё нотинҷ аст. Як бор ба тӯҳмат печидӣ, ҳабсат карданд, ин бояд ба ту сабақ шавад. Ё дар он ҷо боз ягон ҳунари нав ёд гирифтӣ?

– Ҳа, оча. Он ҷо бисёр чизҳоро ёд мегирӣ. Аз он ҷо ё одам

шуда мебароӣ ё …

– Аҳмақи раппа-расо!

– Аҳмақ – эта не то слова, мамаша!

– Фаҳмо. Одам ки нашудӣ, хари тайёр шуда мебароӣ. Бовар дорам, ки ту одам шуда баромадаӣ.

– Маро таҳқир накунед, оча. Чӣ, ба фикратон ман пештар одам набудам?

– Будӣ, бачам, одами хуб будӣ, лекин…

– Дар ин замона одами хуб будан кам будааст, оча. Ман инро дар он ҷо фаҳмидам.

– Лекин, бачам, боз таъкид мекунам, кората дониста кун, қадамата дониста мон. Фаромӯш накун, ки номат як бор ба гандагӣ баромадааст.

– Аз ман дилпур бошед, оча. Ман худам медонам, чӣ кор кунам.

– Медонам, ки он лаънатиҳоро чашми дидан надорӣ. Лекин, мон, раванд, сарашону равғанашон. Ба онҳо сарбасар нашав. Худо як рӯз не, як рӯз ҷазояшро медиҳад. Ба қарибӣ шунидам, ки якташ ҷавонмарг шудааст.

– Ман ҳам шунидам, очаҷон. Лекин вай кам аст. Ман ба он гурӯҳ сахт кина дорам, оча.

– Кина нагир, бачам. Гандаро худо занад.

– Ман ҳам ҳаминро орзу мекунам. Лекин ин орзу кай амалӣ мешуда бошад?

– Мешавад, бачам, мешавад. Хайр, биё, мон, ба гузашта салавот. Лекин рафторе, ки дина кардӣ, ба ман маъқул нашуд. Ба одамоне, ки худ намешиносӣ, корат чӣ? Дидӣ, ки нашуд, монаш биравад, гуфтаанд. Дидӣ, ки ба ту хуши гапзанӣ надоранд, чаро ширеш барин часпида гирифтаӣ. Э, бачаи хом. Хайр, шуд, акнун хезу дасту рӯй шӯй. Бо ҳам чой менӯшем. – Модар тарафи ошхона гузашта ин суханҳоро такрор мекард: – Э, бачаи нодон, ташвиши мана зиёд кардӣ. Акнун ғами ин ҳамсоя ҳам ба дӯши ман бор шуд. Бечора, ба куҷо рафта бошад? Худоё, худовандо, ӯву бачаҳояшро дар паноҳат нигаҳ дор!..

## 7.

Ҳавлии васеву сердолу дарахти волидайни Адолат дар канори деҳа воқеъ гардида. Падару писари калонӣ нону ширинчой хӯрда, ба дастархон омин гуфта бархостанӣ буданд, ки дарвоза бе тақ-тақ кушода шуда, дар остона Адолат ва фарзандонаш пайдо шуданд. Мардҳо чашмашон ба онҳо афтода, лаҳзае дасту по хӯрда, гаранг монданд.

– Ҳа, духтарам, дар ин саҳари мардон аз куҷо? – пурсид бо хавоси парешон падар.

– Тинҷӣ аст, Адолат? – пештар омадаю ҷиянҳояшро ба оғӯш гирифта, пурсид бародар.

– Чӣ гӯям? Ҳам тинҷу ҳам нотинҷ!

– Нафаҳмидам, духтарам. Чӣ хел – ҳам тинҷу ҳам нотинҷ? Тезтар гӯй, ки дилам мекафад!

– Ҳозир, ота, ҳамаашро мегӯям.

Танҳо ҳамин дам ба хотири падару бародар расид, ки аз саросемагӣ Адолатро ҳатто ба нишастан таклиф накардаанд. Фирӯзу Фирдавс кайҳо бобою тағоро фаромӯш карда, ҷониби бузу бузғолаҳо давида рафта буданд…

– Хайрият, хайрият, – ҳамоно такрор мекард падар ва, ба Адолат рӯй оварда гуфт: – Хайр, канӣ, боло гузар. Маълум, ки он қадар нотинҷ набудааст. Акнун метавонӣ, ҳамаашро батафсил ҳикоят кунӣ.

Адолат болои кат гузашт. Аввал бо нигоҳ бачаҳояшро ҷуст. Ҳа, ана,онҳо аллакай дар назди Алопар. Саги калон онҳоро хуб мешинохт. Барои ҳамин, баробари дидани Адолату фарзандонаш ҷониби онҳо давида, худашро пеши пояш андохт ва «дасташро» бардошта, додаронро ба «оғӯш» гирифта, сару рӯяшонро бӯсаборон карду завқи фаровонашонро овард. Адолат ба думликонию меҳрубонии саг назар дӯхта лаҳзае ташвишу изтироби ниҳонии хешро фаромӯш кард.

– Очаам канӣ, наменамояд? – ниҳоят пурсид ӯ ба падар рӯй оварда.

– Ба ширнавбаташ рафтагист, – коҳилона посух дод падар ва боз ба даҳони Адолат нигарист, то зудтар фаҳмад, ки дар ин саҳари рӯз чӣ зарурате ӯро ба ҳавлии падару модар овардааст.

– Хайр, канӣ, акнун нақл кун. Мо гӯшу ҳуш, духтарам. Чӣ

гап шуд? Шавҳарат тинҷ? Гуселаш кардӣ?

– Э, кошкӣ намерафт, ота. Аз як ташвиши калон халос мешудам.

– Чаро ин тавр мегӯӣ? – пурсид бародар. – Вай, охир, барои сайругашт нарафтааст-ку.

– Агар намерафт, ман шояд ин қадар сарсону зиқу зардоб намешудам.

– Нафаҳмидам. Канӣ, ҳамаашро аз сар нақл кун, духтарам.

– Ҳозир, – Адолат пиёлаи чойро нӯшида, ҳодисаро муфассал ҳикоят кард ва афзуд: – Намедонам дар як шаб чанд тори мӯи сарам сафед шуд.

– Аҷоиб, худи детектив барин, – хулоса баровард бародар. – Агар ин ҳикоятро дар ягон ҷои дигар мехондам, ба ростӣ бовар намекардам. Лекин ба гапи ту чӣ хел бовар накунам? Хуб кардӣ, ки ҷоната кач кардӣ.

Падар лаҳзае ба хаёл рафту даст ба пешонӣ бурда, гуфт:

– Ҳа, ҳоло ҳам хайрият шудааст. Акот дуруст мегӯяд, хуб кардӣ, ки шаб дар хонаат намондӣ. Кӣ медонад, чӣ ҳодиса рӯй медод. Дарвоқеъ, пулҳоро чӣ кор кардӣ? Дар ягон ҷои нағз пинҳон кардӣ?

– Не, ота, гирифта овардам.

– Чӣ?! – якбора нидо кард бародар. – Бо худ овардӣ?

– Ҳа, чӣ буд? Намеовардам?

– Не, не, хуб кардӣ, духтарам. Боақлӣ кардӣ, ки бо худ овардӣ.

– Вай дугонаат… Ситора пул доштанатро нафаҳмид? – пурсид бародар.

– Не, ман дар ин бора ба ӯ чизе нагуфтам. Вай ҳам напурсид.

– Дуруст кардӣ, духтарам. Замоне шудааст, ки дӯста аз душман фарқ карда намешавад.

Лаҳзае боз хомӯшӣ ба вукӯъ омад.

Ниҳоят падар яхи хомӯширо шикаст:

– Хуб, акнун ту бо ин пулҳо чӣ кор карданӣ ҳастӣ? Ба чӣ қарор омадӣ?

– Қарорам якта, ота, амонатро ба шумо монда меравам. Дигар илоҷ надорам. То омадани Акбарҷон ба ягон ҷо руст карда монед. Ҳамин ки омад, хатнатӯи бачаҳоро мегузаронем.

– Ман зид не, духтарам. Гапат дуруст. Лекин дар ҳамин давру

замон пулу моли зиёдатӣ душмани ҷони одам аст. Боз амонати касеро гавҳараки чашм барин нигоҳ доштан – ин аз ҳама мушкилтар. Мо ҳам метарсем, духтарам.

– Аз чӣ метарсед, ота? Қишлоқ, ба ҳар ҳол, ҷои тинҷ. Дар гумон аст, ки аз он шаҳри калон бӯй гирифта ба ин ҷо оянд. Баъд ин ки суроғаи моро аз куҷо меёбанд.

– Ҷӯянда ёбанда аст, хоҳаракам, – ба гап ҳамроҳ шуд бародар. – Дузду ғоратгару рэкэт дар ҳама ҷо ҳаст, сагҳои бӯйгир барин ҳама чизро ба зудӣ пай мебаранд. Ба қишлоқ кӣ омад, кай омад, барои чӣ омад, зуд фаҳмида метавонанд.

– Мефаҳмам, ака. Одамони аз ҳама наздикам шумо. Маслиҳат диҳед, дигар аз кӣ маслиҳат пурсам?

– Чӣ илоҷ? – оҳи сард кашид падар. – Маҷбурем гуфтагиатро кунем. Майлаш, духтарам. Ҳоли ҳозир очаат, ки омад, шумурда ба дасташ деҳ. Вай дар куҷо панаҳ карданашро нағз медонад. Сандуқчааш боз сандуқчаҳои дигар дорад, – падар нимтабассум кард ва бародар ӯро пайравӣ.

– Имрӯз меистӣ? – боз пурсид падар.

– Не, ота. Ба ҷои корам хабар накарда омадам, суроғ карданашон мумкин. Ака, очама ҷеғ занед. Дар ҳузури ҳамаатон пула тияму зуд баромада равам.

– Ихтиёрат, духтарам. Хайр, биё, очата нигоҳ карда намешинем. Феъли вая худат хуб медонӣ, то ба ширнавбаташ ҳафту ҳашт мекунад, рӯз бегоҳ мешавад. Модоме, ки шитоб дорӣ….

Адолат қоматашро яктараф гардонда даст ба миёни синаҳояш бурд ва аз қабати синабандак бастаеро баровард ва баъд боз рӯй ба тарафи падару бародараш гардонда, онро кушод ва долларҳои садиро пеши пои падар монд. Бародар ҳамоно «Мардум як гап дорад, ки аз кӯча ҳам ёфтӣ, ҳисоб кун». Аз ин рӯ, бори дигар ҳисоб мекунем» гӯён коғазҳои нави сабзгунро ба шумурдан даромад.

Сад, дусад, сесад, чорсад… Ҷамъулҷам ду ҳазор!

Вай долларҳоро аз нав баста печонда пеши падар ҳаво дод.

Ин дам боизтироб модар вориди ҳавлӣ шуд. Ӯву духтараш вохӯрии бағалкушо карданд ва пас модар саросема пурсид:

– Ҳа, Адолат, тинҷӣ аст, духтарам?

– Тинҷӣ, оча.

– Ма, очеш, акнун худат медонию ин сабзаклабиҷӯйҳо, – гӯён

падар бастаро пеши ӯ партофт.

– Ин чӣ аст, мардак? – бо тааҷҷуб пурсид модар.

– Баъд мефаҳмӣ, занак.

– Чӣ, дар ин каллаи саҳар хазина ёфтӣ, мардак?

– Ин хазинаи ман не, хазинаи духтарат. Овардааст, ки ману ту бонӣ кунем.

Модару духтар бастаро гирифта, ба хонаи дарун даромаданд ва баъди чанде Адолат аз хона берун шуд, ба падар рӯй овард:

– Ман меравам, ота, як дуоям деҳ.

Падар даст ба дуо бардошт:

– Илоҳо соқ омадӣ, сиҳат бирав. Аз бало ҳазар, аз вай ҳамсояи шилқинат эҳтиёт шав. Одами соқ набудагӣ барин, аз афташ. Ҳамин ки дастамон холӣ шуд, акот катӣ рафта хабар мегирем.

– Роҳи сафед, хоҳарам, – луқма партофт бародар.

– Худата эҳтиёт кун, духтарам, – овоз баланд кард модар.

…Баъди ним соат Адолату фарзандонаш савори автобус ба шаҳр баргаштанд.

**8.**

Ҳамида-хола соат панҷ нашуда аз хона баромада оҳиста-оҳиста ба поён нишеб шуд ва ба берун, саҳни ҳавлӣ баромад. Вай махсус баромад, роҳпоӣ баромад. Ӯ ҳоло ҳам зери таъсири ҳикояти Бахтиёр қарор дошт. Дар хараки пешорӯи даромадгоҳ нишаста, роҳи омади касеро нигарон ва дар баҳри хаёлоти дарҳам-барҳам шиновар буд. «Ин сакалтуи ман аҷаб рафтори бемаъние кард. Ҷавонзани бечораро талхакаф карданаш мумкин буд? Худоё, тинҷ бошад-да! Акнун то ӯро бо чашми худ набинам, дилам қарор намегирад. Ба духтари мардум ягон кору гап шавад, ман худамро дар ду дунё бахшида наметавонам. Агар ӯ сиҳату саломат пайдо шавад, ҳамаи гапро мегӯям, ба ҷои Бахтиёр узр мепурсам. Яке раванду узри бадтар аз гуноҳ шавад. Ҳа, инҳо ягон гап доранд. Набошад, барои чӣ модараш аз ман узр пурсид гуфта… Не, беҳтараш хап мешинам. Даҳони пӯшида ҳазор танга. Баръакс, тадбире ҷустан лозим, ки дигар вай дар дилаш тарсу ваҳмро ҷой надиҳад, оромона зиндагӣ кардан гирад, аз чизеву касе наҳаросад. Дилбардориаш мекунам, зиқ шудӣ, бо бачаҳоят ба хонаи мо гузар, худата танҳо ҳис накун» мегӯям.

Кампир дар қайди ҳамин андешаҳо буд, ки аз дур Адолат ва Фирӯзу Фирдавс пайдо шуданд. «Худоё! Хайрият, ки сиҳату саломатанд онҳо!» – якбора нидо баровард пиразан ва гӯё каси наздикаш омада бошад, ба истиқболашон аз ҷой бархост.

Адолат наздик омада боадабона ба пиразан салом дод ва бидуни ихтиёр ба ин тараф он тараф дида дӯхт.

Пиразан «ваалайкум, ассалом» – гуфта, дилсӯзона пурсид:

– Хайрияте! Шумоҳо сиҳат-саломат-мӣ, духтарам?

– Шукр, бад не, – кӯтоҳ посух дод Адолат.

– Аз дина бегоҳ шуморо надидаму дилама гургон тала кард, духтарам.

Адолат ба чеҳраи пурожанг ва қомати хамидаи пиразан нигариста, аз дил гузаронд: «Аҷиб-ку: боз як ғамхори дигар пайдо шуд. Гӯё очам ё хушдоманам бошад».

– Тинҷӣ буд, духтарам? – боз таҳпурсӣ кард пиразан.

– Тинҷӣ, тинҷӣ, хавотир нашавед, хола, – бо зарда ҷавоб дод Адолат.

Пиразан зани содда набуд, зираку дунёдида ва одамшинос буд. Зуд эҳсос кард, ки кунҷковиаш ба Адолат намефорад ва майли зуд аз назди ӯ дур шудан дорад. Аз ин рӯ гуфт:

– Бубахш, духтарам, агар ба асабат нохун зада бошам. Шояд дар дил гӯӣ, ба моле, ки кор надорӣ, мон гургаш хӯрад.

– Зиндагӣ, хола. Гоҳ чунину гоҳ чунон…

– Дуруст мегӯӣ, духтарам. «Зиндагӣ оинаро мӯҳтоҷи хокистар кунад» – гуфтаанд. Зиндагӣ касро ба чӣ дом, дару деворе намезанад.

Адолат аз ин фалсафаи пиразан маънии дигар бардошта, қаҳромез пурсид:

– Чӣ гуфтанӣ ҳастед шумо бо ин гапатон?

– Ҳеҷ чиз,духтарам. Гапа росташа гуфта истодаам. Бори зиндагӣ вазнин шудааст, мегӯям. Барои ёфтани қути лоямут одамон ба чӣ корҳое, ки даст мезананд: дуздӣ, ғоратгарӣ, ҳаннотӣ, фиребгарӣ, савдогарӣ…

– Танфурӯшӣ! – бо зарда илова кард Адолат.

– Бале, духтарам, бисёр занҳо аз тангии рӯзгор ба танфурӯшӣ машғуланд.

– Хусусан, агар шавҳарашон саҳл дур бошанд? – боз тундзабонӣ кард Адолат.

– Бале, бале, ҳастанд ин хел занҳо, – гапи ӯро тақвият дод пиразан, бехабар аз кинояи Адолат ва афзуд. – Ҳамин ки шавҳар аз хона берун шуд, вай ҳам берун мешаваду худро ба оғӯши марди дигар ҳаво медиҳад.

– Ва ба гумони шумо яке аз он занҳо манам?

– Чӣ? – якбора ба худ омад пиразан ва аз гуфта пушаймон шуд.-Чӣ гуфтӣ, духтарам? Наход ту ҳамин хел фикр кунӣ?

– Ман ин хел фикр намекунам, хола. Лекин аз пурсукови шумо ва ҳар суханамро тасдиқ намуданатон барои худ ҳамин маъниро бардошта истодаам. Дар ҳаққи ман чӣ хел фикр мекунад, кори шумо. Гӯри ҳар кас ҷудост. Фардо ба ҷои ман шумо ҷавоб намедиҳед. Ҳар кас кунад бо худ кунад, хоҳ нек кунад, хоҳ бад кунад. Лекин ба шумо як маслиҳат, хола. Умратон ба як ҷо расидааст, пой-пояка камтар кунеду аз паи тоату ибодат шавед. Аз ин кор ба шумо фоидае нест. Дар буттае, ки алав афтидааст, худаш медонаду худо.

– Оҳ, духтарам, ба ман беҳуда хашм мегирӣ. Агар медонистам, ки як пурсиши модаронаи ман боиси ранҷишу малоли хотират мешавад, мурам ки ба забон намеовардам. Ман ин савола бо нияти соф додам. Лекин агар аниқаша донистан хоҳӣ, ман аввал дар бораи ту кам-кам нияти ботил доштам. Чаро ки ана ба ҳамин чашмони худ дидам, ки ту як ҷавонзани нозанин нимишаб бо ду гулписарат аз хона баромада ба мошини бегона савор шуда ба ким-куҷо рафтӣ. Ман сабаби инро надониста, дар аввал, ростӣ, ба гумони бад рафтам. Лекин баъд … баъд ҳамаашро фаҳмидам…

– Чиро фаҳмидед? – чашмони Адолат барқ заданд.

– Фаҳмидам, ки шумо аз рӯи тарсу ваҳм ними шаб баромада рафтед.

– Шумо инро аз куҷо медонед?

– Инро намегӯям, духтарам. Бе ин ҳам аллакай дар пешат шумрӯ шудам. Лекин, духтарам, ба сари сафедам қасам, ки дар ҳаққат ягон гумони бад надорам.

– О, дар аввал гумони бад кардед-ку…

– Бале, гумон бурдам. Беҳуда намегӯянд, ки гумон аз имон ҷудо мекунад. Хайрият, ақли солим ғолиб омад, гумон зуд бартараф шуд. Ва барои он гумони яклаҳзаина худро сад бор мазаммат мекунам. Аз ту сад бор узр, духтарам. Лекин бовар кун, мани кампир тамоми шаб нахобида, фикри туву бачаҳоятро кардам.

Худат медонӣ, шаҳр нотинҷ, дузду бангӣ лав задагӣ. Инсонро ба инсон раҳме намондааст. Хайрият, ки шумоҳона бо чор ишкели бутун мебинам. Лекин, духтарам, агар насиҳати мани пиракия гирӣ, минбаъд ин хел накун. Ба дилат ягон ваҳме афтад, шарм накарда, ба хонаи мо даро. Одамгурез нашав. Дилата холӣ кун. Шукр, дар ин хона ман, кам не ғам не, бист сари сол зиндагӣ кардам. Одамони хубаш бисёр. Дар лаҳзаҳои сахту дармондагӣ ба кадомаш ки мурочиат кунам, зуд ба ёрӣ меоянд…

Адолат пиразанро хомӯш ва бо тамкин гӯш мекард. Акнун ҷои шубҳа набуд, ки вай самимона ҳарф мезанад.

– Маро ҳам бубахшед, хола. Худамро идора карда натавонистам, дар гирифтам. Ду рӯз мешавад, ки ташвише дорам, асабҳоям харо шудагӣ.

– Мефаҳмам, духтарам, имрӯз ку одаме, ки ташвиш надошта бошад? Асабҳо хароб, қалбҳо реш-реш, фишорҳо баланд. Асабҳоро эҳтиёт кун. Ғамро ба дил роҳ надеҳ. Фақат дар бораи чизҳои нағз фикр кун Хайр, духтарам, бубахш, ки хеле маҳталат кардам. Зарур шавам, шарм накарда, даро. Хонаи мо – хонаи ту. Заҳри одама одам мегирад, духтарам.

– Раҳмат, хола. Шумо ҳам ба дил нагиред. Албатта, медароям.

Адолат ҷониби роҳрав равон шуда ногаҳон дар ҷояш истод ва рӯ ба ақиб гардонда аз пиразан пурсид:

– Мебахшед, хола, аз шумо як чиза пурсам.

– Марҳамат, духтарам.

– Дар набудани ман ҳавлиамон тинҷ буд?

– Тинҷ, тинҷ, ягон гап нашудааст.

– Дар ин муддат мабодо ягон одами бегонаро надидед?

– Не, не, кампири пой-пояк бошам ҳам, чашмам ба ягон каси шубҳанок наафтодааст, – кампир инро гуфта фарох табассум кард.

Адолат хиҷолат кашид:

– Ба дил нагиред, хола, дар омади гап гуфтам.

– Ба дил намегирам, духтарам, дар ин замони нотинҷ баъзан пойпояк ҳам лозим.

Ҳарду базавқ хандиданд.

Дар ин як шабонарӯзи пуртаҳлукаву изтиробомез Адолат бори аввал аз сидқи дил хандид…

## 9.

Фирӯзу Фирдавс аз модар хоҳиш карданд, ки дар кӯча камтар бозӣ кунанд.

– Майлаш, лекин торик нашуда ба хона дароед.

– Майлаш, очаҷон! – баробар ҷавоб доданд онҳо.

Адолат ба ошёнаи дуюм баромада, дарро кушод. Вориди хона шуда ин сӯ – он сӯро аз назар гузаронд. Ҳама чиз дар ҷояш. Хотирҷамъ ба хонаи хоб гузашт. Нав либоси рӯро кашиданӣ буд, ки аз занги телефон як қад парид. Ба пешобағалаш туф карда, худро ба даст гирифт ва оҳиста гӯшаки телефонро бардошт.

– Алло.

– Салом.

– Салом, – ҷавоб дод Адолат ва зуд пурсид: – Шумо кӣ?

– С приездом! Нағз рафта омадед?

Адолат соҳиби овозро шинохту ба дилаш алов афтид.

– Ҳа, ин боз шумоед?

– Худи худам! Офарин! Овози маро чӣ хел шинохтед?

– Одами шилқинро овозаш ҳам шилқин.

– О, браво! Яку нол.

– Хайр, гӯш мекунам, аз ман чӣ мехоҳӣ? – пурсид Адолат, дар вуҷуди худ ҷасоратеро эҳсос карда.

– Аз шумо? Ҳеҷ чиз! Саломатиатонро пурсидам.

– Кӯтоҳтар!

– Кӯтоҳаш ҳамин ки донистан хостам, шумо нағз рафта омадед?

– Хӯш, донистӣ, ки нағз рафта омадам. Шояд боз донистан хоҳӣ, ки ба куҷо рафтам?

– Инаш аҳамият надорад. Муҳимаш, ки сиҳату саломат ҳастед. Хуш монед.

Соҳиби овоз мехост гӯшакро ба ҷояш монад, ки Адолат хитоб кард:

– Ҳой, ошно, як дақиқа, бодиққат гӯш кун.

– Гӯшам ба шумо, хонум.

– Аввал ин, ки бо умеди боигарии ман нашав, кирои гап надорад. Шавҳарам аз Россия бо дасти холӣ баргашта, чи хеле ки худат дидӣ, боз гашта рафт. Хубаш аз ҳамин лаҳза роҳи ҳавлию

рақами телефони моро фаромӯш кун. Мирзодикак барин аз пеши роҳ набаро, ки боз таги по намонӣ. Худат нимҷонакак. Бинита қапанд, ҷонат мебарояд. Мард гуфтагӣ худаша ҳурмат мекунад. Агар заррае мардӣ дошта бошӣ, суханҳои маро ба гӯш бигир. Ман на боигарӣ дораму на аз қабили он занҳое ҳастам, ки ту гумон мекунӣ. Гап ҳамин. Фаҳмо?

– Фаҳмо, хонум. Расо хушрӯ гап задед, ҳамааш аз рӯи китоб.

– Модоме ки чунин аст, Исо ҳам бо роҳи худу Мӯсо ҳам.

– Фаҳмидам. То дидан, – шунида шуд аз он тараф.

– Чӣ? То дидан: Алвидоъ! То рӯи туро дидана рӯи шайтонро бинам беҳтар!

– Шайтони бечораро ин қадар паст назанед, хонум. Мову шумо, ки худро инсон мешуморем, аз шайтон ҳам шайтонтарем. Мо, инсонҳои палил, худамон гуноҳ мекунем, дар бало мемонад шайтони бечора. «Ин кори шайтон» гуфта, гуноҳи набударо ба сари ӯ мезанем.

– Боз ба фалсафафурӯшӣ сар кардӣ. Хайр, шуд. Ман гӯшакро мемонам, ба умеде ки дигар ҳаргиз бо туву бо шайтон рӯ ба рӯ нашавам!

– Бо ман-ку рӯ ба рӯ нашудатанон мумкин, лекин ба худо қасам, ки ҳоло дар зиндагӣ бо шайтону шайтонбачаҳо на як бору ду бор дучор мешавед!

Адолат гӯшакро бо қаҳр ба ҷояш гузошт. Ва чанд лаҳза он ҷо беҳаракату ноҷунбон рост истод. Гумон дошт, ки ҷавони шилқин боз телефон карда, ҷонашро ба лаб меорад. Истод, хеле истод, чанд бор чашм ба гӯшаки телефон дӯхт. Не, телефон дигар садо надод.

– Хайрият. Аз афташ, суханам ба мағзи устухонаш кора кард, – гуфт зери лаб ва ба ошхона рафт, то барои бачаҳо хӯроки шом пазад.

## 10.

Як шабу ду рӯзи дигари Адолат орому беташвиш гузашт. Чеҳрааш кушода, ба рӯяш сурхӣ дамид. «Хайрият. Рӯзи бо тинҷиву оромӣ мегузаштагӣ ҳам будааст дар ин айёми вазнин. Хайрият, ки шилқину шумрӯ дигар пеши роҳам пайдо нашуду те-

лефон накард. Аз афташ, фаҳмид, ки зӯри беҳуда миён мешиканад. Сад бор шукр, аз сари роҳам як балои азим дур шуд. Маълум мешавад, ки он қадар ҷонбезор набудааст. Боз кӣ медонад? Зери коса нимкоса набошад… Оқибаташ бахайр шавад-да. Чӣ хеле ки бошад, вай маро ниҳоят дуруст фаҳмид. Фаҳмид, ки аз қафои ман поида гаштанаш беҳуда, хаёли хом. Бовар кард, ки боигарӣ надорам. Сад шукр, ки дигар афти бадашро намебинаму овози шумаш ро намешунавам».

Адолат саҳар бачаҳоро ба боғча мебурду аз он ҷо рост ба мактабаш мерафт. Чоштгоҳ ба хона омада, худро ба корҳои майда-чуйда андармон месохт. Соат, ки чор мешуд, роҳи боғчаро пеш мегирифт. Ана ҳамин тавр ҷараён дошт зиндагии вай…

Вале бечора аз куҷо медонист, ки хомӯшии якшабу якрӯза хомӯшии қабл аз тӯфон будааст. Вай ҳеҷ ба гӯшаи хотир оварда наметавонист, ки ғоратгарон аз рӯи нақшаи аниқ амал мекунанд. Онҳо ба ӯ – ҷавонзани танҳову бесаробон фақат як шабонарӯз имкон доданд, ки нафас рост кунад…

Имшаб аз чӣ бошад, ки табъаш худ ба худ хира гашт, сиёҳӣ пахш кард қалби озурдаашро. Ба чеҳраи зебояш осори ғам соя андохт. Маъюсие дар як кунҷи ниҳонхонаи замираш ноаён лона гузошт. Панҷаҳои ноаёне ба торҳои асабаш нохун мезаданд. Пешомади нохушеро эҳсос карда, хоб аз дидагонаш парида буд.

Фирӯзу Фирдавс аз бозию даводави рӯзона хаставу шалпар шуда, худро кайҳо ба оғӯши хобаки ширин дода буданд. Тилвизиони тоҷик барномаҳои худро кайҳо ба охир расонда буд. Адолат аз тилвизиони Руссия намоиши «Қисми навбатдорӣ», намоише, ки ҳодисаҳои номатлуби дирӯз ва имрӯзи қаламрави Руссияро нишон медод, тамошо мекард. Вақте баранда хабар дод, ки бо кӯшиши кормандони хадамоти федералии бехатарӣ ду нафар зани тоҷик бо якуним кило ҳероин дастгир шудаанд, ҷони ӯ ба дард даромад. Бахусус, вақте фаҳмид, ки он занҳо ин миқдор заҳри халоҳилро дар батни хеш, дар ҷои нозуки худ ҷой додаанд, қариб буд, ки фарёд занад: «Ҳой, зани бадбахти тоҷик! Туро кӣ ба ин варта тела дод? Маҷбурӣ? Нодорӣ? Камбағалӣ? Вой бар ҳоли ту, беҳтарин ва зеботарин зани дунё! Наход ту ба ҳамин дараҷа расида бошӣ, дар нозуктарин узви баданат, қимматтарин узви баданат марги сафедро ҷой додаӣ? Вазифаи ту таваллуд кардан, инсонҳои нек ба дунё овардан аст, эй бешараф. Ба номи занӣ иснод

овардӣ…»

Дар экран ҷараёни ба даст афтодану бо зӯрӣ аз бадани онҳо берун кардани ҳероин нишон дода шуд, ки хеле таҳқиромезу риққатовар буд.

Дили Адолат беҳузур шуд. Базӯр аз ҷой бархоста, бо кароҳат телевизорро «кушт» ва шитобон ҷониби ташноб тохт. Фурсате нагузашта, бо рангу рӯи парида берун омад ва бо нияти худро лаҳзае аз ин олами дун берун кашидан магнитофонро ба кор даровард. Суруди ҳофизи мумтоз Саидқул Билолов дар ҳавои сарду хомӯши хона танин андохт:

Бигзор гадо бошам, дар хоки Ватан бошам,
Дар банди ҷафо бошам, дар хоки Ватан бошам…

Сурудро то ба охир гӯш карда пеши назараш симои меҳрубони шавҳараш падид омад. «Вай аз ману аз фарзандон дур, аз хоки ватан берун аст. Бигзор гадо бошад, лекин дар хоки ватан бошад. Агар сиҳату саломат гашта ояд, дигар намемонам аз хона берун шавад».

Адолат аз қайди хотираҳо берун шуда ба соати деворӣ дида дӯхт: даҳта кам як. «Хайр, бас будагист. Пагоҳ кор. Илоҷе карда хоб рафтан лозим. Модарам мегуфтанд, ки агар хобат набарад, кӯрпаро ба сарат кашу то ҳазор ҳисоб кун. Як маҳал ҳисобро гум мекунӣ, яъне ба ҳазор нарасида, хобат мебарад…

Вай чароғи роҳравро даргиронда, ба хонаи хоби бачаҳо гузашт. Либоси болоро аз тан бадар карда, либоси сабук пӯшид ва ба ҷогаҳ даромад. Чароғро хомӯш карда, кӯрпаро ба сар кашиду ба шумурдан даромад: «Як, ду, се… нӯҳ, даҳ, ёздаҳ… понздаҳ, бист… чил, панҷоҳ…»

Садои ороми тақ-тақи дар ӯро аз шумурдан боздошт. Аввал гумон кард, ки садои қубур аст. Оҳиста хеста, гӯшу ҳуш шуд, то яқин кунад, ки садо аз куҷост. Боз садои туқ-туқ шунида шуд. Ҷониби дар нигарист. Хомӯшӣ. Боз туқ-туқ.

Фаҳмо. Ӯ хато накардааст. Касе дари ӯро , аз чӣ бошад, ки беҷуръатона мекӯфт.

Адолат тарсид. Рангу рӯяш парида бошад ҳам, худро ба даст гирифт. Аввал ба соати девор нигарист. Яку даҳ. «Аҷиб! Дар ин як ҳисси шаб кӣ бошад? Дузд? Ғоратгар? Лекин … ин қабил ода-

мон ин хел дар намекӯбанд. Қулфро шикаста дарро бо пояшон зада медароянд. Ё аз рӯи эҳтиёт…»

Дар бори чорум тақ-тақ зада шуд. Адолат аз кат фаромада хилъаташро ба бар карду оҳиста назди дар омад.

– Кист? – пурсид бо овози ларзон.

– Ҳамсояҷон, мебахшед, моем, хавотир нашавед, – шунида шуд овози пасти марди ношинос.

– Кадом ҳамсоя?

– Мо, ҳамсояҷон, аз ошёнаи сеюм. Ба қарибӣ омадем. Мебахшед, дар ин нимишабӣ шуморо бесаранҷом кардем. Телефонатон кор мекунад?

– Ҳа.

– Хоҳиш мекунем, як дақиқа… Писарчаамон дар ҳолати вазнин. Ба духтур телефон кардан лозим.

Адолат хомӯш монд ва филфавр аз дил гузаронд: «Ҳамсояи ошёнаи боло… Вай ӯро то ҳол надидааст, намешиносад. Дар ин нимишабӣ духтур куҷост? Кушед, ки намебиёянд».

Дар ҳамин андеша буд, ки боз садои ношинос ба гӯш расид.

– Шумо, ҳамсоя, аз афташ, тарсида истодаед. Ман инро нағз мефаҳмам. Мову шумо то ҳол шинос нестем. Хайр, чӣ илоҷ: Зорӣ дораму зӯрӣ не. Мебахшед, ноҳорат кардам…

Адолат баръало ҳис кард, ки соҳиби овоз оҳиста-оҳиста ба ошёнаи боло мебарояд. Дилаш сӯхт. «Рост мегӯяд. Агар ба тифл ягон гап шавад, аз ман домангир мешаванд, маро бачакуш мегӯянд. Майлаш, мекушоям. Бигузор телефон кунад. Духтурро мeёбад ё не, вай меояд ё не, кори ман не…»

Адолат ба дар наздик шуда, калидро тарафи рост тоб доду занҷиракро аз ҳалқа ҷудо кард. Дарро кушода, хост ово кунад, «марҳамат, даромада телефон кунед», вале аз паси дар шабаҳе, дар сару рӯяш ҷӯроби сиёҳ пайдо шуд. Вай ба Адолат имкони овоз баровардан надода, аз гулӯяш сахт доштy гашта ба дарун тела дод. Ва ҳамон замон аз боло шабаҳи дигаре бо ҳамон сикаву сурат шитобон поён фуромада, дарро аз дарун пӯшид ва калидро тарафи чап тоб дод.

Адолат хост дод занад, вале аз тарс овозаш набаромад. Шабаҳи аввал чароғи роҳравро хомӯш карда, аз кисабағалаш чароғи дастӣ бароварда даргиронд. Он акнун танҳо чеҳраи Адолатро равшан мекард. Шабаҳи аввал – марди қоқи қадбаланд кор-

ди калони дамаш тезро ба таги манаҳи Адолат рост карда, гуфт:

– Агар ғингӣ гӯӣ, аз сад як ҷонат раҳо намехӯрад!

Овоз ба назари Адолат шинос намуд.

– Хӯш, ку гап зан, дар бисот чиҳо дорӣ?

Адолат бо ишораи сар «ҳеҷ чиз» гуфт.

– Чӣ, забоната ғунда газид-чӣ? – суол дод суроби дуюм.

– Бозӣ накун, қанчиқча, ба хубӣ пурсида истодаам, куҷост долларҳо?

Адолат ба маънии «намедонам, шумо кадом долларҳоро дар назар доред?» китф дарҳам кашид, ки ин ғазаби кордбадастро афзуд.

– Ҳой, манҷалоқӣ, такрор мекунам, агар ҳамин хел хап шинию не, не гуфтан гирӣ, корда ба таги гулӯят медавонам ва ҷӯи хунро равон мекунам. Бори дигар мепурсам, канӣ долларҳо?

– Кадом доллар? – ниҳоят ба худ омада, бо овози хирросӣ пурсид Адолат.

– Худата ба нодонӣ назан! Хуб медонӣ!

– Худо занад, ки намедонам, – худро гӯл вонамуд мекард Адолат.

– Ҳой, қанчиқча, қасам нахӯр, ки худо мезанадат. Канӣ он долларҳое, ки шавҳарат аз Россия оварда, ба дастаки ту қапонду боз гашта рафт. Рафт, то ки боқимондаашро ҷамъ карда биёрад. Фаҳмо? Боз савол ҳаст?

– Марҳамат, кобед, агар ёбед, ҳалолатон бод.

– Не, не, мо намекобем. Мо милиса, прокурор нестем. Санксия надорем. Агар ҷони худату ҷони бачаҳоят азиз бошад, худакат ёфта бо ду дасти адаб бароварда ба мо медиҳӣ. Дар ҳаққи тую шавҳарат як дуои ғуру ғафс мекунему оҳиста баромада меравем. Шутури сиёҳро дидӣ ? Не!

– Гуфтам-ку, нест!

– Ба кӣ додӣ? Дар куҷо панаҳ кардӣ?

Адолат хомӯш.

– Ҳой қанчиқча, аз ту пурсида истодаам. Вақта нагир, ки ба манфиати ту нест.

Боз хомӯшӣ.

Қаддароз ба корд оҳиста таги гулӯи Адолатро «навозиш» кард.

– Хомӯшӣ? Хомӯшӣ ин марг аст! Барои он ки намурӣ, ба ало-

ви хомӯшӣ равған рез. Шарту шурт ҷои долларҳоро бигӯй ё бароварда ба мо те. Ба туву бачаҳоят зараре намерасад. Ин қасами мардии мост.

– Охир, чӣ гӯям?… Ман…. ман он пулҳоро …

– Ҳа, ҳа, канӣ, канӣ, ба ёдат биёр. Дар куҷо, ба дасти кӣ?.. ӯро шерак мекард суроби дуюм, то ки Адолат тезтар қоил шавад.

Қаддароз гуфт:

– Беҳтараш, мо ба ёдаш меорем. Агар хато накунам, он долларҳо ҳоло аз ин ҷо дур, дар қишлоқ, дар қабати кӯрпаву кӯрпачаи очату отат мехобанд. Ҳамин хел не? Ё гапам нодуруст?

Ин суханҳоро шунида суроби дуюм ба биқини қаддароз як мушт фаровард, ки маънияш «бисёр налақ» буд.

– Ҳамин хел, дуруст, – тасдиқ кард Адолат.

– Ана дидӣ? Мо ҳамашро медонем. Мо ҳам аноӣ не, тахминамон дуруст баромад. Беҳуда шаби гузашта аз ин ҷо гурехта нарафтӣ. Ту худатро нею долларҳоро гурезондӣ. Хайр, ничего. Гурехта ба куҷо мераванд?

Адолат аз хаёл гузаронд: «Аниқ, ин ҳамон аст. Маълум аст, ки ҳамаашро медонад. Аҷаб не, мошин киро карда, аз қафои ман ноаён то қишлоқ рафта омадагист. Одами дар турма шиштагӣ ҳама балоро медонад. Лекин… ба назарам қади вай майда буд. Ё шояд хато кунам?..

– Чанд доллар бурдӣ? – ӯро аз қайди хаёлот берун карда қаддароз.

– Ду ҳазор.

– Бисёр нағз, нағз. Акнун гапи моро ба диққат гӯш кун. Ин ҷо ману ту карда намешинем. Бе ин ҳам вақт беҳуда рафта истодааст. Мо ба ту бовар мекунем. То пагоҳа шабаш ба ту мӯҳлат. Ҳамин ки субҳ дамид, чи хеле ки вай дафъа рафта будӣ, ҳамон хел ба қишлоқат меравӣ. Ба падару модарат мефаҳмонӣ, ки долларҳо ба ту чун обу ҳаво лозим. Мо шаби оянда ана дар хамин вақт ҳозир мешавем. Долларҳоро бароварда медиҳию ҷонат халос. Мо дигар ба туву шавҳарат кордор намешавем.

Суроби дуюм илова кард:

– Ба ду гӯшат шунав. Агар дар бораи мо ба ягон ҷо лақида монӣ, дониста мон, ки аз сад як ҷонат раҳо намешавад. Сари туву сари бачаҳота себча барин канда болои шикамҳоятон мемонем. Аҳлу авлодата қир мекунем. Ба умеди милисаю боевик нашав.

Онҳо шарики моянд. Фаҳмо?

– Фаҳмо.

– Фаҳмо, ки бошад, хоб куну саҳар аз паи кор шав.

«Меҳмонони нохонда» оҳиста ақиб гашта, дарро аз берун пӯшиданд.

Адолат зуд дарро қулф зада, ҳунгосзанон худро болои кат ҳаво доду домони гиряро раҳо кард. Фиғон аз дили пурдард баровард, ба тақдири шум сад бор лаънату нафрин хонд.

Хост хоб равад, вале хоб куҷо? Мехост ҳарчӣ тезтар субҳ дамаду бачаҳоро ба боғча барад ва рост ба қишлоқ раваду «амонатӣ»-ро оварда ба «соҳибони беномусаш» диҳад ва аз ин балои осмонӣ халос шавад.

Чунин аст кирдори гардуни пир,

Гаҳе чун камон асту гаҳе чу тир…

«Чӣ илоҷ? Насибамон набудааст. Пулдор шуда, «ё оллоҳ ё насиб» нагуфта будаем. Илоҳӣ, ба ман насиб накард, ба онҳо ҳам насиб накунад, заҳру зақумашон шавад! Замин паст, осмон баланд. Сарамро ба куҷо занам? Ба кӣ арз кунам? Ба милиса? Шунидам, ана ба ҳамин ду гӯши худам шунидам, ки онҳо чӣ гуфтанд… Чанде пеш дар рӯзи равшан ду ғоратгар бо автомат ба хонаи як одами калон даромада, дасту пои духтарчаашро баста тамоми чизи дар бисоташ бударо дар ду халта бор карда ба китф партофта аз пеши одамон гузашта рафтаанд. Баъди рафтани дуздон касе аз ҳамсояҳо ба он одами калон телефон карда мегӯяд, ки «муаллим, натарседу лекин ба хонаатон дузд даромадааст. Он марди калоншаванда аз чизу чораи хона не, аз духтараш хавотир шуда пурсидааст: Духтарам чӣ тавр, ба ӯ осебе нарасондаанд?» Чун мешунавад, ки духтарчааш зинда, оҳи сабук кашида мегӯяд: сад бор шукр, розӣ ҳастам, ки охирин мехи хонаамро канда баранд, лекин ба фарзандам даст нарасонанд, ин бароям бахт аст. Азбаски дар ғоратгарии рӯирост аломатҳои сиёсӣ ҳам ба назар мерасид, бо амри Калон кормандони прокуратура, милиса ва амният вазифадор шуданд, ки дар кӯтоҳтарин мӯҳлат ҷиноят фош шавад. Вале… аз байн ду сол гузашту он ҷиноят то ҳол нокушода монд. Ба қарибӣ он калоншаванда дар кӯча муфаттишеро, ки ин парвандаро мебурд, вохӯрда, бо шӯхӣ мепурсад: «Бародар, ман ҳоло ҳам интизор. Дуздони манзили ман ёфт шуданд ё не?» Он муфаттиш

бешармона, бо киноя ҷавоб медиҳад: «Домулло, дунё ба умед. Бепарво гаштан гиред! Ҳамин ки дуздонро ёфтем, албатта ба шумо хабар медиҳем». Ана ҳамин хел гапу гапча. Модом ки он ҷиноят ва боз бисёр ҷиноятҳои дигар то ҳол кушода нашудаанд, пас аз дигараш чӣ ҷои умед? Дузду милиса қариб ки як хел. Инаш бо либоси низомии давлат ба мардум ҷабр мекунаду онаш – гоҳ бо ниқобу гоҳ бе ниқоб. Бо ин роҳ, бо ин ҳол ба куҷо меравем? Дар пеш моро чӣ интизор аст».

## 11.

Адолатро соатҳои шаш хоб бурд. Лекин дере нагузашта, хоби даҳшатноке диду батарс бедор шуд. Бархоста, ба ошхона рафт. Худро ба ину он кор андармон сохта, интизор шуд, ки соат ҳашт шавад. Ниҳоят даст ба гӯшии телефон бурд. Мехост ба дугонааш хабар диҳад, ки кори таъҷилие баромаду ӯ боз фавран ба қишлоқ меравад ва агар мабодо дер кунад, бачаҳояшро аз боғча бигирад.

Гӯшакро бардошт, ки аз он садое ба гӯш намерасид. Ин дам ба хотираш омад, ки «меҳмонони нохонда» гуфта буданд, ки ба умеди телефон нашав, масъалаи онро ҳал кардем». «Хайр, майлаш, бачаҳоро ба боғча мемонаму баъд сари роҳ ба хонаи ӯ даромада хабараш мекунам» гуфта, бачаҳоро аз хоб бедор кард.

Фирӯзу Фирдавс, ҳарчанд ки «мон, очаҷон, боз камтари дигар хоб равем» гуфта, таваллову зорӣ карданд, вай розӣ нашуд, кӯрпаро аз болои онҳо кашида, ба хестан маҷбурашон кард. Бачаҳо дилу бедилон аз ҷогаҳ бархоста, сару рӯяшонро пишакшӯй карданду ба ошхона гузашта, як пиёлагӣ қандчой нӯшиданд. Онҳо аз куҷо медонистанд, ки имшаб дар хонаи онҳо чӣ ҳодисае рух доду модараш то пагоҳ мижа таҳ накард. Аз куҷо медонистанд, ки модар чӣ ҳоле дорад, вуҷудаш чӣ тавр месӯзад. Онҳо ба авзои ноҷӯри модар эътибор надода, дар олами ширини бачагии хеш бепарво сайр мекарданд. Фақат як чиз барояшон нофаҳмо буд, ки чаро ин пагоҳӣ модар онҳоро бевақт аз хоби ширин маҳрум кард ва чаро ин қадар бемаҳал боғча мебарад.

– Шудед? Рафтем! – хитоб кард ӯ ба бачаҳо.

– Ба куҷо, оча? – пурсид Фирӯз, ки аз додараш як сол калон буд.

– Ба куҷо мешуд? Ба ҷои ҳаррӯза мерафтагиатон.

– О, ҳоло бевақт-ку, оча, – китф дарҳам кашид Фирӯз.

– Ҳеҷ гап не, бачам, то меравем, ки рӯз рӯшан мешавад.

– Агар дар боғча ягон кас набошад-чӣ?

– Ҳеҷ кас набошад, қаровул ҳаст!

– Чӣ, моро ба дасти вай медиҳед, оча? Қаровул одами ганда, моро ҷанг мекунад.

– Барои он ки ҷанг накунад, беодобӣ накун. Ба гапаш гӯш деҳ.

– Э, вай одами ганда, оча…

– Шуд, шуд, маҳмадоногӣ баст. Канӣ, рафтем! – Адолат аз дасти Фирдавс гирифту ба Фирӯз ишора кард, ки пеш дарояд ва худаш аввалин шуда ҷониби дар рафт.

Фирӯзу Фирдавс ноилоҷ аз паси модар баромаданд.

Онҳо акнун аз поғундаҳои ошёнаи дуюм ба поён мефуромаданд, ки дари рӯ ба рӯ кушода шуду дар остона кампири ҳамсоя пайдо гашт. Вай чун дид, ки Адолат дам назада поин фуромада истодааст, овоз баровард:

– Ҳа, келин, саҳари мардон бо шербачаҳо куҷо рафта истодаед? Бахайр аст?

– Тинҷӣ, хола, тинҷӣ. Хавотир нашавед… – нимғурма посух дод Адолат ва аз тарси он ки кампир ӯро боз истинтоқ накунад, афзуд: – Дар мактаб камтар кори нотамом дорам. Барои ҳамин барвақттар рафта истодаам.

– Дуруст мекунӣ, духтарам. Кори саҳара файзаш дигар. Нағз рафта биё. Аз хонаат хавотир нашав. Ман ҳамин ҷо, – кампир бозгашта ба хонааш даромад.

Ин суханҳо дар ниҳоди худ кадом маъниҳоро ниҳон доштанд? Дилсӯзӣ ё киноя, барои Адолат номафҳум буд. Ӯ дар сар фақат як андеша дошт: тезтар бачаҳоро ба боғча бараду зудтар дугонаашро хабардор кунад, ки дар сурати дер кардан, аз бачаҳои вай хабардор шавад, мехост зудтар ба маҳаллаи Шимолӣ раваду ба афтобуси Тагоб нишаста, зуд роҳи қишлоқро гирад, то ки падарашро дар ҳавлӣ пайдо кунад. Раваду ӯро пайдо накунад, агар ӯ ба ягон деҳаи дур шабхобрав рафта бошад, магарам ки ба шаҳр барнагардад. Он вақт чӣ мешавад? Фирӯзу Фирдавс боғчаро ба сарашон мебардоранд, дар хонаи дугонааш ҳам ором намешинанд, ҳамаро ба бузакбозӣ медароранд. Охир, онҳо ба ӯ чунон

одат кардаанд, ки… Агар «меҳмонони нохонда» шаб омада бинанд, ки ман дар хона нестам. «Ин занак моро ба ягон кас хабар додааст» гуфта аҷаб не, хонаамро оташ зананд. Чӣ душворӣ дорад ин кор! Як лагад занӣ, дари нимкора парида меравад. Баъди лаҳзае мебинӣ, ки хона титу парешон. Ё ҳамин лаҳзаҳо онҳо дар паси дарахте истода, маро поида истода бошанд? Ва ҳатман аз думболам раванд. Кӣ медонад? Ин ошнои деринаи ман ду рӯзи охир бе ному нишон, ҷамоли зебояшро нишон надода истодааст. Шояд дар ин расвоӣ нақши ӯ калон аст, коргардон набошад ӯ…

Адолат сари роҳ як лаҳза ба хонаи Ситора даромада ӯро огоҳ карду ба саволҳои вай кӯтоҳакак посух дод: «Кори зарур баромад, баъд мегӯям».

Адолат дар роҳи тарафи маҳаллаи Шимолӣ гоҳ-гоҳе ноаёну хавотиромез ба гирду атроф, ба пасу пеш нигоҳ мекард. Яқин дошт, ки думболагирӣ мекунанд он бешарафҳо, оромаш намегузоранд.

Бо ҳамин андешаҳо вай ба истгоҳ расид ва зуд ба автобусе, ки пури одам буд, савор шуду он бетаъхир ба ҳаракат даромад.

## 12.

Андешаи Адолат аз ваҷҳи бедарак шудани Бахтиёр замина дошт. Ҳақиқатан, як шабонарӯзи охир ӯ дар хона ҳузур надошт. Бо хоҳиши модар ба аёдати хоҳари калонӣ, ба Сарбанд рафта буд. Ва дина бегоҳӣ, шабтар ба хона омад. Касе аз ҳамсояҳо ӯро надид. Кампир ғурбат кард, ки «чаро дер омадӣ, дар ин торикӣ ба роҳ баромадан хуб не, пасу пеш ҳама нотинч». Вай баҳона пеш овард, ки мошин дар роҳ вайрон шуд, то соз карда, ба роҳ даромаданд, ки торик шуд.

Бахтиёр, соат ёздаҳ нашуда, худро ба ҷойгаҳ андохт. Як ҳиси шаб аз садои ноошное ҳушёр шуда, гумон кард, ки модараш ово дорад. Ду бор «оча» – гӯён муроҷиат кард, вале садое набаромад, ҷавобе нашуд. «Шояд хоб дида бошам» – гуфта худро боз ба ҷогаҳи гарм андохт. Кӯрпаро ба сараш кашид. Вале фурсате нагузашта баръало ба гӯшаш расид, ки касе дар берун, дар роҳрав гап зада истодааст. Ба гӯшаш калимаҳои «ҳамсоя, писарамон касал…» расиданд. Баъди фосилае садои кушодашавии дар ва сахт

пӯшидашавии он ба гӯш расид. Баъд хомӯшии томе ҳукмфармо гашт. Бахтиёр ҳарчанд диққат дод, гӯшу ҳуш шуд, дигар ба гӯшаш садое, сухане нарасид.

Вай худро аз нав ба ҷогаҳ партофт. «Ба фикрам, хоб дидам»-гуфту аз қайди андешаҳо берун ва ба олами хоб ворид шуд.

Пагоҳӣ, вақте модар аз берун баргашт, Бахтиёр аллакай ба варзиши бадан машғул буд.

– Ҳа, оча, саҳат қати аз куҷо омадӣ?

– Аз роҳрав.

– Дар роҳрав чӣ гум кардӣ?

– Ҳеҷ чиз, бачам. Тарақ-туруқи дари ҳамсояро шунида, берун баромадам. Бинам, бечора ҳамсоя боз бачаҳояшро гирифта, ба куҷое шитоб дорад. «Ба куҷо?» – гуфта пурсам, аранге ҷавоб дод: «Дар мактаб кори зарур дорам». Аҷиб, ин муаллима каллаи саҳар дар мактаб чӣ гум карда бошад, чӣ кори зарур дошта бошад?

Бахтиёр табассум карда, гуфт:

– Ҳеҷ аз кунҷковиат намондӣ-да, оча. Охир, одами зинда саду як ташвиш дорад.

Пиразан синчакорона ба рӯи Бахтиёр нигариста, гуфт?

– Бисёр маҳмаддоно шудаӣ. Росташа гӯй, боз ягон нағмаи дигар карда, бечораро натарсонда бошӣ?

Бахтиёр хандид.

– Барои чӣ механдӣ, сакалту? Росташ гӯй!

– Оча, қасам ба ҷони ҷавонам, ки нисбати ӯ ягон аҳмақӣ накардаам. Охир, худат дидӣ-ку, ман соати нӯҳи шаб омадам. Дар беруну дарун касеро надидам, бо ягон кас вонахӯрдам. Яъне, ин дафъа ман аз бозӣ берун.

– Бахтиёр, ҳо ба ту гуфтам-а, боз такрор мекунам: агар боз ягон номаъқулӣ кунӣ, ширама ба осмон меҷӯшам!

– Бисёр баланд рафтӣ, оча. Охир, ширатон кайҳо хушк шудагӣ. Боз кадом ширро ба осмон меҷӯшед? – ба қитиқи модар расиданӣ шуд Бахтиёр.

– Ҳой бача, шаккокӣ накун, ки ман модарам.

– Гуноҳи ин сағираи дарбадаратро бубахш, оча. – Бахтиёр бо табассум пеши пои модар зону зад.

– Хез! Хез! Бас масхарабозӣ! Чунон гап мезанӣ, ки намедонам кадом гапатро шӯхӣ пиндораму кадомашро ҷиддӣ. Рафтем, чоята хӯр. Ман ба ту гап дорам.

– Чӣ хел гап, оча?

– Баъд, баъд мегӯям.

– Дар ин ҷо гуфта намешавад?

– Не, баъдтар мегӯям.

– Не, то нагӯӣ, як бурда нон ба даҳан намебарам.

– Хайр, гӯш кун. Чоята ки хӯрдӣ, рафта аката ин ҷо меорӣ.

– Тинҷӣ ҳаст, оча?

– Бисёр савол нате.

– Росташа пурсида истодаам. Ё ягон васият доред?

– Ҳоло барои васият фурсат аст. Ман дигар гап дорам. Ба ҳамаатон.

– Хайр, намешавад, ки бо телефон хабар кунем.

– Ҳе, соддае. Агар телефонаш кор мекард, ҳоҷати туро ба хонаи ӯ фиристодан набуд. Як рӯз кор кунад, даҳ рӯз не. Кор кунад ҳам, телефон карда наметавонӣ, ҳама аралашу баралаш, хонаи замбӯр барин.

– Хуб, оча. Аз шумо як ишорат, аз мо ба сар давидан. Лекин агар пурсанд, ки чаро саҳар қати ба очаҷонам лозим шудаем, чӣ ҷавоб гӯям?

– Ҳеҷ чиз нагӯй. Шишта бошӣ, хез гӯй, хеста бошӣ ба роҳ баро гӯй.

– Оҳ, оча. Расо воҳима кардӣ-ку. Хайр, илтимос, нӯги гапро кушо. Ба ягон кас намегӯям.

– Не, ман даҳони бефаровези туро хуб медонам. Дар даҳонат гап намеистад. Дар ягон ҷо зуд лақида мемонӣ.

– Хайр, майлаш, ихтиёрат, оча. Нагӯӣ, нагӯй. Ман ҳам гап дорам. Шояд аз гапи ту ҷиддитар бошад.

– Медонам, медонам гапи ҷиддии туро. Боз ягон масхарабозии дигар будагист.

– Не, оча, масхарабозӣ не, ин дафъа ҷиддӣ. Шояд аз гапи баҷоии шумо дида ҷиддитар бошад.

– Хӯш, канӣ шунавем.

– Не, намегӯям.

– Нагӯӣ, нагӯй. Мурдам акнун барои гапи ҷиддии ту!

– Шумо нагуфтед, ман ҳам намегӯям.

– Набошад кай мегӯӣ?

– Фурсаташ ояд, мегӯям. Лекин нағз мекунӣ, ки акома ба ин ҷо ҷеғ мезанӣ. Гапи ман мегуфтагӣ ба ун кас ҳам дахл дорад.

Модар:

– Пас зуд чоята хӯру бирав. Боз ба ягон ҷои дигар рафта намонад.

– Есть, рафиқ маршал! – Бахтиёр даст ба чакка бурда, бо қадамҳои низомӣ ба ошхона рафт. Ростороcт як пиёла қандчой ва нону панир хӯрда, зуд аз паи иҷрои супориши модар шуд.

## 13.

Падар дар тараддуди куҷое рафтан буд. Вай баъди ба дастархон омин карда, аз суфа поён фуромада ҷониби дарвоза рафт. Ва... дар остона ба Адолати рангпаридаю хавопарешон рӯ ба рӯ омад. Ӯро дидан баробар як қад парид. Ба гиребонаш туф кард. Адолат ҳоли зоре дошт. Вай падарро дидан баробар ҳунгосзанон худро ба оғӯши ӯ партофту кӯдаквор ба гиря даромад.

– Чӣ шуд, духтарам? Чаро гиря мекунӣ? Дар ин саҳари мардон аз куҷо? – чанд суолро қатор кард падар.

Бародари Адолат, ки ҳанӯз дар болои суфа ҳайрон рост меистод, ба худ омада, давида наздик омад.

– Бахайр аст, хоҳар? Ягон кас хафаат кард? Чаро гиря мекунӣ?

Адолат ҳамоно гиря мекарду гиря. Падар аз сари китфаш дошта, ҷониби суфа роҳнамунаш сохт:

– Канӣ, бас кун. Кӯдак барин нашав. Ту – занаки каппакалон, худата ба даст гир... Канӣ, саросема нашуда ба мо фаҳмон, чӣ шуд?

Адолат, лаби кӯрпача амонат нишаста, оби дидагонашро пок карду ҳодисаи шаби гузаштаро ҳикоят кард. Падару писар ба ӯ халал нарасонда, то охир бодиққат гӯш доданд.

Адолат, ҳикояти ғамангезашро ба охир расонда, бо тараҳҳум ба рӯи падару бародар нигарист.

– Гӯед, акнун чӣ кор кунам?

Падар даст ба манаҳ бурда, онро анбӯртоб кард. Бародар, лабонаш пир-пир парида, ким-чӣ гуфтанӣ буд, лекин ба даҳани падар нигариста хомӯш монд. Баъд, гӯё ба мусибати хоҳар сидқан шарик бошад, ҷонибе нигоҳ карда, зери лаб ким-киро ҳақорат

кард. «Э, заната… Номард. Аз танҳоии як занаки муштипа истифода бурда… Агар ба дастам афтӣ…» – гуфту боз ба даҳани падар нигарист. Мехост фаҳмад, ки дар ин маврид падар чӣ мегуфта бошад. Хомӯшии тазъиқоваре ба вуқӯъ пайваст.

Ниҳоят падар онро шикаст:

– Ҳмм, аҷаб коре шудааст. Кӣ гумон мекард, ки … ин нобакорон бӯй гирифтаанд, ки ту пул дорӣ.

– Аз ягон кас гумонбар нестӣ? – пурсид бародар.

– Вай дафъа ба шумо гуфта будам-ку, як маймуни одамшакл ду рӯз думболагирам буд. Баъд ӯро гум кардам. Дигар пайдо нашуд.

– Аниқ, ки кори ҳамун нобакор ва шайкаи ӯ. Аз афташ, шайкааш бақувват. Метарсам, ки аз думат ба ин ҷо наомада бошанд.

– Ман ҳам дар ҳамин андешаам, ота.

– Ҳа, масъала вазнин. Ман аз ҷони туву бачаҳоят метарсам, духтарам. Бало ба паси ҳамон чанд қоғази сабз.

– Пас бигӯед, чӣ кор кунам, ота?

– Намедонам, духтарам, – падар боз ба андеша рафт ва баъди фосилае, ба писараш рӯй оварда, пурсид: – Ту чӣ маслиҳат медиҳӣ?

– Чӣ маслиҳате ки шумо диҳед, ота. Калони хона шумо.

– Худи ту чӣ фикр дорӣ, Адолат? – падар ба духтар рӯй оварда ба умқи чашмони пурнами вай назар дӯхт.

– Ростӣ, намедонам, ота. Сарам замбӯрхона. Ҳайронам, чӣ кор кунам. Ё шояд, ҳоло ҳам дер нашудааст, ба милиса хабар диҳем? Шаб омада онҳоро дар сари ҷиноят дастгир кунанд…

– Э, не, духтарам, ин хаёли хом, – якбора хитоб кард падар. – Ин гапа дигар нагӯй. Ин номаъқулия накун, ки …

– Ҳа, рост мегӯед, ота. О, худат ба мо гуфтӣ-ку: таъкид карданд, ки «ба милиса хабар нате, онҳо ҳама одамони мо». Модом ки милиса ҳамроҳашон бошад, аз дасти ту чӣ кор меояд? Фақат душман зиёд мекунему халос.

– Ман хам ҳамина гуфтанӣ будам, – гапи писарро тақвият дод падар.

– Хайр, чӣ кор кунам, ота? Вақт рафта истодаст, – суоли пештараро такрор намуд Адолат.

– Илоҷ нест, ба тақдир тан медиҳем, духтарам. Насибатон набудааст. Маҷбурӣ бо ду дасти адаб ба он лаънатиҳои оқипадар

диҳӣ. Хайр, илоҳӣ, сари домод дар амон бошад, кор карда боз ёфта мебиёрад. Дар ҳаққаш шабу рӯз дар панҷ вақти намозам дуо мекунам.

– Майлаш, ота, бигузор гуфти шумо шавад. Дигар илоҷамон ки набошад, ҳамин тавр мекунем. Бароварда медиҳаму ҷонам халос. Шояд баъди ин ману бачаҳоям аз таъқиб халос шавем. Вагарна аниқ девона мешавам. Ин чӣ рӯзи сиёҳ аст, на шаб хоб дораму на рӯ. Офарини одамоне, ки дар сандуқҳояшон миллиён-миллиён пулу доллар доранд!

– Парво накун, духтарам. Саратон сиҳат бошад, пулу мол ёфт мешавад. Ҳамакаса шуда, аз як гиребон сар бароварда, хатнатӯйи бачаҳота мегузаронем.

– Кошкӣ ҳамин тавр шавад, ота. Сар амон бошад, ҳама чиз ёфт мешавад. Хайр, анун ба ман иҷозат. Зудтар баргардам. Ба очам омадани маро нагӯед, хавотир мешавад, дилашон касал.

– Ҳа, дуруст мегӯӣ, духтарам. Ба очат чизе намегӯем. Ман ҳозир! – падар аз ҷой бархоста, ба хонаи дарун гузашт ва муддате бедарак шуд. Баъди фурсате, бастаро оварда, пулҳои амрикоиро якта-якта шумурда, гуфт: – Ана, расо ду ҳазор, духтарам. Амонатро намебояд хиёнат гуфтаанд. Амонататро хуб нигоҳ доштем, лекин чӣ илоҷ, ки насиби ҳайвонҳои одамсурат будааст.

Адолат хомӯшона бастаро ба сумкааш андохта, аз ҷой хест. Падару бародар ӯро то беруни дарвоза гусел карданд.

– Адолат, духтарам, – бори дигар таъкид кард падар, – Хуни ҷавонӣ дорӣ. Мабодо ягон беақлӣ кунӣ. Ба ягон кас, ҳатто ба ҳамсояат чизе нагӯй. Милисаро умуман аз хотират барор. Барои мо пулу мол не, ҷони туву бачаҳоят азиз. Ина аз ёд набарор.

Бародар нохост пурсид:

– Ё ҳамроҳат равам, хоҳари акош?

– Не, не! – қатъиян зид баромад Адолат. – Худам як илоҷ мекунам…

– Майлаш, хоҳар, худат медонӣ. Ба ҳар ҳол, эҳтиёт шавд. Отам дуруст гуфт, ба он тоифа сарбасар шудан бефоида.

Ин дам автобус омаду Адолат саросема ҷониби он тохт.

– Хайр, духтарам, илоҳӣ, ба нағзӣ бинем, – падар ким-чӣ дуо хонда, рӯй ба қибла гардонду даст ба рӯй кашид.

## 14.

Адолат дар маҳалли Шимолӣ, дар истгоҳи калон аз автобус фуромад. Аввал диле кард, ки ба мактаб равад. Чун ба ёдаш расид, ки имрӯз дарс надорад ва рафтанаш он қадар зарур нест, ба микроавтобус нишаста, ҷониби хонааш роҳ гирифт. «Беҳтараш дар хона мешавам. Бигузор онҳо бинанд, ки ман ба қишлоқ рафта омадам ва дигар ба ҳеҷ куҷо нарафта, ба хона даромадам. Онҳоро дар хонаам интизор мешавам. Ба ягон ҷо рафтан бефоида. Маро бе банд баста мондаанд».

Ӯ бо ҳамин андешаҳо дар маҳаллаи ҳаштоду ду, сари роҳи калон аз мошин фуромад.

Баъди намози зуҳр касе дари хонаашро кӯфт. Адолат, ки дар ошхона андармон буд, як қад париду пиёларо аз даст афтонд. Хушбахтона, он болои гилемча афтода, нашикаст. «Хайрият» гуфта, ба дар наздик шуд.

– Кист?

– Ман, духтарам, Ҳамида-холет, – овози шинос ба гӯш расид ва Адолат зуд дарро кушод.

– Дароям, мумкин-мӣ, духтарам?

– Марҳамат, марҳамат, холаҷон, – муроот намуд Адолат ва дар дил хурсанд шуд, ки дар лаҳзаҳои вазнину риққатовар ҳамсӯҳбате барояш пайдо шуд.

Адолат пиразанро ба ошхона раҳнамоӣ кард.

– Бачаҳо канӣ? – пурсид пиразан.

– Дар берун, бозӣ доранд.

– Хуб, монед, бозӣ кунанд. Гумон мекунам, духтарам, кӯдакон дар ҳамин айёми барои мо душвор аз ҳама хушбахтанд, ғаме надоранд.

– Ҳа, гапатон дуруст, хола. Лекин муҳити носолим ба онҳо ҳам бетаъсир намондааст.

Инро гуфта, Адолат дар тараддуди дастархонкушоӣ шуд, ки пиразан гуфт:

– Лозим не, духтарам. Ташвиш накаш. Ман навакак аз сари чою нон хестам. Ин ҷо бишин.

Адолат ба ҷои нишондодаи пиразан нишаст.

– Духтарам, росташа гӯй, тинҷӣ ҳаст? – пурсид кампир рост ба қаъри чашмони ӯ нигариста.

– Ҳа, тинҷӣ, хола, – нимғурма посух дод Адолат ва дар дил худро сахт мазаммат кард, ки беҳуда кампирро ба хона хонд. Кореро баҳона карда, аз остона ҷавобашро медод беҳтар буд. Акнун худо зад, боз сар шуд истинтоқ, силу зардов мешавад аз пурсишу кунҷковиҳои кампир.

– Не, духтарам, ту маро фиреб накун. Чашмонат, нигоҳҳоят гуфта истодаанд, ки дурӯғ мегӯӣ. Маро ба ҷои модар дону росташа гӯй. Ногувор бошад ҳам, росташа гӯй.

– Намедонам, чӣ гӯям, хола. Ҳайронам, шумо аз ман чӣ мехоҳед? Ман ба шумо ягон гапи мегуфтагӣ надорам.

– Не, духтарам, гапи мегуфтагиат бисёр. Ман ҳис мекунам, ки гуфтан мехоҳӣ, дилатро холӣ кардан мехоҳӣ, лекин аз ким-чӣ метарсӣ.

«Аз ҳама бохабар будагӣ барин ин кампир. Ё маро имтиҳон карда истодааст? Пешорӯй зада таги диламро фаҳмиданӣ аст. Не, сир бой намедиҳам. Отам чӣ гуфт – ҳатто ба ҳамсояат ҳам даҳон накушо! Агар ба ӯ дилама холӣ кунам, ақлак шуда «Ин хел нашин, зуд ба ягон ҷо хабар деҳ» мегӯяд ва кор мешавад расво. Хубаш, хап мешинам. Даҳони пӯшида – ҳазор тилло!»

– Ҳа, духтарам, чаро ба даҳонат об гирифтӣ? Гап зан, охир.

– Бовар кунед, хола, гапе надорам, ҳамааш тинҷ.

– Набошад, чаро хавосат парешон?

– Ҳавоси кӣ парешон нест, хола. Ҳама дар ташвиш, ҳама дар талвоса. Мо ҳам қатори онҳо, – гапро дур бурданӣ шуд Адолат.

– Духтари азиз! Мана гӯлу гумроҳ гумон накун. Биё, мушу гурбабозӣ намекунем, фурсат рафта истодааст, – кампир ба ҳуҷум гузашта, дуруштӣ кард: – Маро ба чашми кам мабин, аз таги гап каму беш бохабарам. Туро чунон тарсондаанд, ки ҳеҷ иқрор шудан намехоҳӣ.

– Аз чӣ бохабаред? – Адолат аз хоби гарон бедор шуда, ҷониби кампир теғи нигоҳ кашид.

– Бале, духтарам, каму беш бохабарам!

– Аз чӣ?

– Аз он сире, ки ту пинҳонаш медорӣ!

– Ман сир-пир надорам, хола. Беҳуда худатонро азоб надиҳед. Ва, агар бемалол бошад, маро ба ҳоли худам гузоред.

– Не, ба ҳоли худат намегузорам! – овоз баланд кард пиразан.

– Барои чӣ? Шумо ба ман кӣ мешавед, ки…

– Ҳеҷ кас! Лекин қарзи инсонӣ, қарзи ҳамсоягӣ, қарзи одамгарӣ маҷбурам мекунад, ки ба тақдири тую бачаҳои ту бепарво набошам. Мефаҳмӣ, духтари беақл?

– Ба тақдири ману бачаҳои ман кордор нашавед. Шукри худо, ман падару модар, бародару шавҳар дорам. Ва ба ёрии шумо мӯҳтоҷ нестам. Монед, аробаамро худам кашам!

– Майлаш, духтарам. Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд!

– Хоҳиш мекунам, хола, маро танҳо гузоред. Барои ғамхориатон ташаккур. Агар ёрии шумо лозим шавад, албатта муроҷиат мекунам…

– Майлаш, духтарам. Бигузор гуфти ту шавад. Лекин, гуфта монам, якравию гарданшахӣ бароят гарон меафтад. Ман гуфтаму ту шунидӣ.

– Илтимос…

– Ёрии ман ба ту ягон вақт не, ана, ҳамин рӯз, ҳамин шаб лозим буд… – гуфта пиразан вазнин аз ҷой бархост ва дигар ҳарфе нагуфта, баромада рафт.

## 15.

Ақрабаки соат сӯи як майл мекард. Хона чунон хомӯшу ваҳмангез буд, ки садои тақ-туқи соат баръало ба гӯш мерасид. Баробари садои соат садои қалби захмини Адолат ҳам баръало шунида мешуд. Ба назари вай чунин менамуд, ки вақт коҳилона, хеле сусту бемадор пеш меравад. Дам ба соати деворию дам ба соати дасташ менигарист. Бачаҳо кайҳо ба хоб рафта буданд. Чароғи роҳрав даргирон. Адолат дар хонаи хоб амонат ба лаби кат нишаста, хаёлаш андармони берун, ба оддитарин садо гӯшу ҳуш мешуд. Бисёр мехост, ки «меҳмонони нохонда» тезтар, ҳарчи тезтар биёянду «амонаташонро» гирифта раванд ва ӯро, фарзандонашро ба ҳоли худ гузоранд. Вай ба ҳама чиз розӣ буд. Дар он лаҳзаҳо ҳатто розӣ буд, ки чизу чораи хонаро бо сӯзану риштааш ба онҳо диҳад, танҳо ба ӯву фарзандонаш зиёне нарасонанд, шуд.

Чанд бор бархоста, аз як кунҷ ба кунҷи дигари хона, аз он ҷо баромада назди дари даромад мерафту меомад. Гӯш ба сӯрохи дар бурда, хомӯш меистод. Вале садои қадаммонию шарфаи пой ҳеҷ не ки ба гӯшаш бирасанд. «Наход ки аз фикрашон гашта бо-

шанд? Ё тарсидаанд, ки ман ба ягон ҷо хабар додаму ин лаҳза милисаҳо роҳи онҳоро поида истодаанд? Не, ба фикрам, аз қабили он хел метарсидагиҳо нестанд онҳо. Гуфтанд-ку: милиса бо мо! Гуфтанд, таъкид карданд, мекунанд, мебиёянд».

Намедонад, бори чандум буд, ки назди дар омада,гӯш ба берун дод. Ана, дар ҳамин лаҳза садои паст-паст ба дар расидани ангуштон ба гӯшаш расид.

Адолат як қад парид. Ҷонсарак рост шуда, қадаме ба ақиб партофт. Боз гӯш дод. Дар ду бори дигар оҳиста садо дод.

Дилаш бенизом метапид, гӯё ҳозир ё андактар аз қафаси сина берун мешавад. Ниҳоят Адолат ҷуръате пайдо карда пештар омад ва бо овози ларзон пурсид:

– Кист?

– Мо, одамони худӣ, – бо ҳамон нармӣ аз берун садо омад.

Адолат бо дастони ларзон калидро тоб дод. Дари оҳанин шарақҡӣ кушода шуд. «Меҳмонони олиқадр» – одамони худӣ бо ҳамон шаклу шамоили динагӣ дохили хона шуданд ва дарро пӯшиданд.

– Дарро қулф кунам? – бо овози хирросии сохта пурсид меҳмони қаддарози хароб.

– Чӣ, чойнӯшӣ омадӣ? Мегирему меравем! Кушода истад, беҳтар. Фақат ту нигоҳ карда ист!

– Хуб шудааст.

Меҳмони миёнақад зуд чароғи роҳравро «кушту» аз ҷайб чароғи кисагиро баровардa, фурӯзон кард.

– Ана, дидӣ, хонумча, мо ваъдахилоф нестем, дар вақти ваъдагӣ ҳозир шудем. Ту тайёрӣ?

– Ҳа, тайёр.

– Канӣ, марҳамат карда ба ман дароз кун, долларшумуриро бисёр нағз мебинам, – гуфт қаддароз.

«Овози шинос. Худоё, дар куҷо шунида бошам, барқвор гузашт аз хаёти Адолат. – Овози ҳамон шумшакл? Не, ба назарам, монанд не. Ё сохта бошад?»

– Ҳа, чиба шах шудӣ? – ин нидо ӯро ба худ овард. – Тезтар долларҳоро барор!

– Мана, – Адолат ҳамон бастаеро, ки аз хонаи падар оварда буд, бо ҳамон намуд, ҳатто нашумурдаю надида, ба ӯ дароз кард.

Мард ҳарисона бастаро гирифта кушоду пулҳоро гирифта

рӯймолчаро ба як тараф партофт ва ду ангуштонашро ба лаб тар карда, зуд ба ҳисобкунӣ даромад. Ҳамин замон банохост чашми Адолат ба ангушти панҷуми дасти рости навча афтода, баданашро ларза гирифт, аз сараш як сатил оби хунук рехтагӣ барин шуд. Мехост чизе пурсад, лекин овозаш набаромад.

Бо оби даҳон тар кардани ангушти ишоратӣ ва сипас пулшумурӣ чанд бор такрор ёфт. Адолат акнун ба долларшумурии навча не, бештар ба ангушти панҷуми вай, ки нимаш набуд, нигоҳ мекарду нигоҳ. Ҳаракатҳои навча, пулшумурии вай ба Адолат шинос барин менамуд, вале аз куҷо дар ин лаҳзаҳои ҳаёту мамот ба хотир оварда наметавонист. Он дам ин муҳим ҳам набуд, муҳим он буд, ки тезтар ҳисоб кунанду дафъ шаванд.

Ниҳоят навча долларшумуриро ба охир расонда, гуфт?

– Дуппа-дуруст! Маладес, сестричка!

Вай инро гуфта, аз долларҳои шумурдааш дусад долларо ба Адолат дароз кард:

– Мо дузд бошем ҳам, баинсоф ҳастем. Инаш – ҳаққи ту. Боз нагӯӣ, ки мо мумсик. То омадани шавҳарат ба шикасту рехти рӯзгорат мерасад.

– Ба одамгарии мо қоил шав, хонумча, – ба гап ҷома пӯшонд миёнақад. – Дар ягон ҷо хондаӣ ё шунидаӣ, ки рэкетчиён ҳамин хел рафтор кунанд? Рафтори моро бояд ба китоби Гинес нависанд!

– Ҳа, чӣ шах шудӣ? Бовар намекунӣ? Гир гуфтем, гир, ки боз аз фикрамон нагардем. Як гапи тоҷикӣ ҳаст, диҳанд, гир, зананд, гурез! – Қаддароз дусад долларро зӯран ба кафи дастони Адолати шахшуда ҷой кард. – Акнун ба мо ҷавоб, ба нағзӣ бинем!

– Моро ба бадӣ ёд накун! – афзуд дигарӣ ва дарро кушоданӣ буд, ки он худ кушода шуд ва се мард чолокона пеши роҳро бастанд.

– Наҷунбед! – бонг зад яке аз онҳо, ки овозаш барои Адолат шинос буд.

– Як қадам монед, мепарронам! – хитоб кард дигарӣ ва мили таппончаро ҷониби онҳо рост карда, амр дод:

– Чароғи роҳравро даргиронед!

Сенафарон «меҳмонони нохонда»-ро иҳота карданд. Адолат аз онҳо танҳо як нафарашон – Бахтиёрро, ҳамон Бахтиёреро, ки боиси нороҳатӣ ва малоли хотираш гашта буд, шинохт. Шинохту

худашро гум карда, лабонаш пир-пир парида, оҳиста гуфт?

– Ш…ш… шумо?

– Ман, апа, Бахтиёр. Ин кас – аком, ин кас милисаи маҳаламон.

Ин дам навча якбора бонг зад?

– Ҳа, ҷалабе, кората кардӣ-да, хабар додӣ, ҳа?! Мана ба ту! – ӯ бисёр чобукона аз соқи мӯза корди дарози шикориро кашида ба Адолат ҳамла кард. Вале Бахтиёр чолоконатар пеши роҳашро гирифт ва корд ба Адолат нею ба байни панҷаҳои ӯ даромад. Ҳарчанд ки дасташ хунщор шуда буд, вай бо тамоми қувва дасти навчаро тоб дода, кордро ба фарш ғалтонд. Ҳамоно милиса, ки лаҳзае карахт шуда буд, ба худ омада, бо таппонча ба паси гардани навча фаровард.

Ин дам миёнақад аз фурсат истифода бурда, бародари Бахтиёрро тела дода аз дар баромаданӣ буд, ки дар остона Ҳамида-хола пайдо шуд ва бехудона бо асои нӯгтези оҳанаш ба фарқи сари вай фаровард.

– Ҳа, номард! Канӣ, марш ба хона!

Миёнақад аз зарбаи ногаҳонӣ ба худ печида, сари хуншорашро дошта ақиб гашт.

Дастони ӯро низ ҳамоно завлона заданд.

Пиразан аввал ба дастони хунолуди Бахтиёр, сипас ба чеҳраи коҳидаи Адолат нигариста, бо афсӯс сар ҷунбонд:

– Ҳа, духтарам, ман нагуфтам ба ту… Агар як лаҳза дер мекардем… Чӣ шах шуда мондӣ, ягон латта-патта дорӣ?

Адолат саросема ба хона даромада дока ёфта омад. Модар дасту панҷаи Бахтиёрро басту ба сенафарон муроҷиат кард:

– Хайр, чӣ нигоҳ карда шиштетон? Пешандоз карда баред инҳоро, меҳмонӣ ба охир расид.

– Оча, як дақиқа, – гуфт Бахтиёр. – Ман мехоҳам Адолат-апа чеҳраҳои ин «меҳмонони олиқадр»-ро бинад. Ба фикрам, мешиносад инҳоро?

– Чӣ, мешиносам? – даступо хӯрд Адолат.

– Ҳа, бояд шиносед!

Бахтиёр ба навча наздик омада, даст ба ниқобаш бурданӣ шуд, ки вай тарафи чап тоб хӯрд.

– Номард, ба ин тараф нигар! – хитоб кард Бахтиёр.

Вале вай боз сар нафароварда рӯй тарафи рост гардонд.

Ғазаби Бахтиёр ҷӯшиду мушти обдоре ба паҳлуи чапи навча фаровард. – Рост ист мегӯям, номард!

Навча ноилоҷ рост шуд.

Бахтиёр бо кароҳат ниқобро аз рӯи вай канда, ба фарш партофт.

– Ибӣ, ин одам шинос барин-ку, – гуфт кампир пештар омада. – Назарамба се-чор рӯз пеш дар назди ҳамин бино дида будам. Канӣ, духтарам, ту дурусттар бин, шояд шиносӣ? – пиразан ба Адолат рӯй овард.

Аҳрор – бародари ҳамхуни Адолат – навча рӯяшро ба дигар тараф гардонд, ки чашмаш ба чашми Адолат наафтад. Вале Бахтиёр ҳамоно рӯи ӯро тарафи Адолат гардонд:

– Канӣ, хоҳари азиз, дурусттар нигоҳ кунед, шояд ин махлуқро дар ягон ҷо дида бошед? Ман ӯро дар вокзали шаҳр дида будам.

Адолат ба чеҳраи навча нигариста, дар ҷояш шах шуд. Ҳанӯз ба худ наомадаву сухане ба забон наоварда, Бахтиёр ниқоби «меҳмон»-и дуюмро ҳам барканд.

– Э, войе! Инашро ҳам ман он рӯз дар рӯи ҳавлӣ дида будам, – ҳамоно гуфт Ҳамида-хола.

Адолат сӯи нафари дуюм нигаристу падари ба ҷону дил баробарашро дида, даҳонаш во монд. Гоҳ ба бародараш, гоҳ ба падараш карахтона, гӯё аз ақл бегона шуда бошад, сар меҷунбонду халос.

– Ба ту чӣ шуд, духтарам? – хавотир шуд кампир. – Гап зан охир, инҳоро шинохтӣ ё не?

Адолат гӯё ба худ омад.

– Ҳа, шинохтам, холаҷон, – базӯр овоз баровард ӯ ва баъди фосилае гӯй дар баданаш вулқоне ба амал омада бошад, якбора фиғон кашид, фиғони пурдарде.

– Кошкӣ намешинохтамашон, холаҷон! Кошкӣ намешинохтам! Кошки чашмонам кӯр мешуданду инҳоро намедидам! Эй, худо! Кошкӣ ҷони мани берӯзиро тезтар мегирифту аз ин шармандагӣ халосам мекард. Чӣ рӯзаст ин, чӣ даҳшат аст, чӣ беномусист!..

– Духтарам, худата ба даст гир, – аз китфони Адолат дошта гуфт кампир. – Худата ба даст гир…

– Шумо инҳоро шинохтед, холаҷон? – Адолат сар ба сандуқи

синаи Ҳамида-хола монд. – Ин шармандаҳоро шинохтед?

– Шинохтам, духтарам, шинохтам, – кампир сар ба дар афканд.

– Оҳ, мани шарманда! Бо падару бародарам ифтихор мекардам! Акнун ба рӯи мардум чӣ хел, бо кадом рӯй нигоҳ мекунам, холаҷон? – фиғони Адолат боз боло шуд.

– Аз шармандагӣ худо нигоҳ дорад, духтарам. – Ту шарманда не, шарманда ин ду марди ҳузарб. Шарманда – зиндагии мо, зиндагии ноҷӯри мо… Биё, хона дароем. Ором шав, бигӯ, ки ин ҳама хобу хаёле буду гузашт… Кампир Адолатро ба хонаи дарун даровард.

– Дар долон овози милиса, ки бо телефон гап мезад, танин андохт:

– Алло, рафиқ подполковник! Капитан Мастонов гап мезанад! Амалиёт бобарор анҷом ёфт. Бале, меҳмонони нохондаро дастгир кардем. Бе талафот, фақат Бахтиёр камтар захмин шуд. Ҳа, ҳамон… Ҷароҳаташ вазнин нест. Албатта, аз номи шумо ташаккур мегӯям. Шахсияти меҳмонҳо? Ҳа, маълум шуд, ҳарду ҳам одамони худӣ… Оре, аҷаб коре, аҷаб дунёе, рафиқ подполковник. Аҷаб дунёе…

*Солҳои 1999-2001.*

## МАСХАРАБОЗ
*(Қисса)*

Кӯҳҳо низ, аз бисёр ҷиҳат, ба одамон монанданд. Чун одамон хислату рӯҳияи хешро доранд. Баъзе, мисли ашхоси туршрӯ абрӯ дарҳам кашидаанд ва чунин менамояд, ки имрӯзашон чандон форам набудааст. Дигараш касро бо чеҳраи кушод истиқбол мекунаду ҳаму рангу бори фараҳбахшашро пешкаш месозад. Ана, ин шаххо тимсоли шахси афсурдаҳолеанд: аз байни сафедии барфи хушки анбӯҳ дандонҳои сиёҳи сангҳояшон ба назар мерасанду шохаҳои насрин, ки иҳотаашон кардаанд, сихҳои пушти ҷайраро ба хотир меоранд…

Муродалӣ Сафаров аз забони лоли ин сангҳо ривоятҳои аҷибе мешунавад. Замоне дар ин ҷо қалъаи қадимае буд ва дар он паричеҳрае мезист, ки дар олам назир надошт. Бадбахтона, духтар аз қалъа баромада наметавонист, зеро деви мудҳишу маккоре ҷодуяш карда буд. Ӯро танҳо бо як роҳ – беҳад нағз дидану барояш суханони нотакрор, бале, бале, нотакрори муҳаббат гуфтан озод кардан имкон дошт. Ҳар як калимаи изҳори муҳаббатомез қодир буд хиштеро аз девори қалъа беҷо кунаду батадриҷ роҳи раҳоии духтар кушода шавад.

Дилдодагон омаданд, шоирону ровиёни моҳир омаданд, садсолаҳо кӯшиданд, ки духтарро озод кунанд, вале касеро ин кор муяссар нагашт. Суханони ширину рангин мисли мухраҳои пурбаҳои муҳаббат ба тори нозуки баён кашида мешуданд, хиштҳо, паси ҳам аз девор афтода, рӯи замин пош мехӯрданд. Лекин, дере нагузашта, ошиқон ба такрор роҳ медоданд ва вайронаи девор барқарор мешуду деви ваҳшатбор онҳоро тӯъмаи хеш менамуд...

Мегӯянд, ки озод кардани духтар ба як кӯҳистонибачаи оддӣ муяссар гардид. Ҷавони аз оташи ишқ беқарор шоирона ба сухан даромад, он ҳусни дилбарро ба гулҳои хушрангу табиии кӯҳсори тоҷик, майсаҳои маҳин, маҷрои нуқрасони рӯдҳо, ки дурахшон аз

кӯҳсор ба водиҳо ҷорӣ мешуданд, ташбеҳ дод. Суханони пурмуҳаббатро ба ҷавони ошиқ табиате, ки ӯро дар оғӯши худ парварда буд, талқин менамуд. Девор шикаст, шаххҳое, ки асрҳои аср қалъа дар рӯяшон истеҳком дошт, пора-пора шуданд, дев бо фиғон ба қаъри ҷари бетаг афтод, вале ҷавон ҳанӯз аз ҳазор як ҳиссаи эҳсосеро, ки дилашро саршор медошт, ифода накарда буд…

Аз афти кор, Муродалӣ ҳам он соҳибҷамолро аз панҷаи дилфишори дев раҳо карда метавонист. Ӯ рангҳои баландро, ҳатто дар он ҷое, ки тафовутнопазиранд, мебинад. Харсанги сари роҳ паланги ба ҷаҳидан омодаеро ба ёдаш меорад; тахтапушти песаи он аз шиддат мепарад, чашмонаш сабзи дурахшон мешаванд, панҷаҳояш чунон ба санг часпидаанд, ки дар он пайҳои чуқуре мондаанд. Ё худ, ана он тарқиши харсанги рӯбарӯ; шӯълаҳои офтоби зимистон ба он қариб ки роҳ намеёбанд, вале Муродалӣ дар зулмоти тарқиши харсанг ҳам шуои хираю нилфоми барфро ташхис мекунаду ҳам раххҳои арғувонии баргҳои токро, ки шамол дар буттаҳои насрин овехтааст, ҳам сабзаи хушкидаеро, ки беҳад аз асбоби қадимии биринҷие ёдовар аст…

* * *

Боре Муродалӣ оиди рассомони импрессионисти фаронсавӣ китобе хонд. Аҷоиб китобе буд. Муродалӣ ду шаб паи ҳам нахуфта онро мутолиа кард ва пайваста аз гиряҳои писаракаш Ислом, ки ғаш карда ҳушашро парешон менамуд, қаҳраш меомад. Хулласи калом, дар он китоб омада буд, ки ҳама моҳро хокистарӣ дидаву шинохтаанд, лекин рассоме онро зардина тасвир кардааст. Одамон дурусттар нигаристанд, ки моҳ дар ҳақиқат зардгун аст. Аз он вақт Муродалӣ ба кӯҳҳо, ба қолинҳои садранги марғзорони Алп бодиққаттар нигоҳ карда, дунёи аҷиби рангҳоро барои худ мекушод.

Ӯ бо ҷону дил ба чарогоҳҳои дурдаст мешитофт ва аз анҷоми сафар ҳамеша хиҷил мешуд. Занаш Азиза ғур-ғур мекард, ашкрезон хонаи волидонаш мерафт. Вале акнун панҷ сол аст, ки вай аз дунё рафтааст ва касе ғур-ғур намекунаду Муродалиро аз сафарҳояш бознамедорад. Дар ҳар ҳол, касе ӯро байни ин чор девор нигоҳ ҳам дошта наметавонист…

Аҷоиб, ки агар Муродалӣ дар он замон мезист, ба он

паричеҳра чӣ гуна рози дил менамуд? Ӯ чеҳраашро пур аз орзӯҳои ширин карда, дасташро аз сари сина сӯи шишаи мошин бурд ва лаҳзае авҷи рози дилро пеши рӯ овард. Ва, ана, деви мудҳиш аз куҷое пайдо шуду гирудор ногузир аст…

Чеҳраи Муродалӣ ҷиддӣ гардид, чашмонаш танг шуданд, дар мардумаки дидагонаш дурахши сарде падид омад…

Ӯ бори дигар худро дар оинаи паснамо нигариста қаноатманд гашт. Ифоданок аст чеҳрааш… Эътимодбахш… Мешавад, ки пантомимаи паричеҳраи асир, ҷавони дилдода ва деви даҳшатдоро ба чӯпонон нишон бидиҳад.

* * *

Роҳи пурпечутоб торафт болотараш мебурд. Рӯзи зимистон гӯё ба дили нохоҳам андак-андак гарм мешуд. Сояҳои тира дар домани шаххо афтодаву ба девори ҷариҳои бетаг ҷафс мешуданд ва аён мегашт, ки шаб нияти дур рафтан надорад. Балки гӯшаҳои ниҳонеро ихтиёр намуда, рӯзи кӯтохро дар ҳамин ҷо паси сар карданист.

Абрҳои тирафом хело паст фуромада, қуллаҳои дандонадори қаторкӯҳҳоро ниҳон карда буданду аз дараҳо боди сарде мевазид ва Муродалӣ аз дил гузаронд, ки аз афти кор бегоҳӣ боз барф меборад. Бигзор биборад, дар кӯҳсор ҳар қадар барф зиёд биборад, ҳамон қадар беҳтар аст. Баҳорон об фаровон мешаваду кори пахтакорон осон. Чӯпонҳо ҳам маҷбур намешаванд, ки дар оғози зимистон рамаҳоро аз пахтазорон сур карда бубаранд, то гӯсфандон баргҳои тираи хазонзадаву буттаҳои ғӯзапаяро хӯрда, замони бо алафи захира сер кардани хешро ақиб партоянд.

Ҳамааш гап аст, ки тоҷикон зимистонро дӯст намедоранд: офтоб дилу ҷонашон аст ва сардии андак малӯлашон месозад. Мегӯянд, чунки намедонанд. Дар асл ҳамаи фаслҳо заруранд: зимистони қаҳратун ҳам, тамузи тобистонӣ ҳам, ки рӯи капоти мошин баҳузур тухм бирён кардан мумкин аст…

ГАЗ-51-и кӯҳна фиғон кашида, дар шебу фарози қаторкӯҳи Ҳисор, ки дар оғӯши дурдасташ чӯпонҳо зимистон мегузаронданд, пеш мерафт. Дар болои мошин қуттиҳое ҷастухез доштанду ба сутуни паси кабина арчаи хурди пурбозичае баста шуда буд. Фаҳмо, ки Соли нав фаро мерасад. Фарзандони чӯпонҳо зимистонро дар назди падару модаронашон мегузаронанд, батадриҷ ба

заҳмати сангини чорводорӣ одат мекунанду баъди мактаб роҳи паси рамаҳоро пеш мегиранд. Ба ҳар ҳол, волидон мехоҳанд, ки ҳамин хел шавад. Заҳмати чӯпонӣ меросист. Шаҳрӣ шабро шаб нагуфтаю рӯзро рӯз, хобу хӯрро ҳаром кардаву ҷонашро дар хатар гузошта, ҳаргиз аз паси рама намегардад…

Ҳамин ки мошини Муродалӣ дар назди хоначаҳои чӯпонон пайдо шуд, бачаҳо «Сирк омад, сирк!», « Ура! Кино мешавад!»-гӯён сӯяш метозанд. Ва ҳарду гапашон ҳам рост аст.

Муродалӣ бори дигар ба оинаи пешорӯяш нигарист. Рӯи лоғар, мӯи мошубиринҷ, абрӯвони ғафси пайвастаашро аз назар гузаронд. Маълум, ки зебо нест. Вазифааш ҳам на дар кино бозӣ кардан, балки ба чӯпонҳо кино нишон додан аст. Даҳ сол боз ба ин кор машғул аст ва ҳар сол сивуякуми декабр ба чарогоҳҳои дурдасти андар оғӯши кӯҳҳои сарбафалак меравад, ки Бозгулро бубинад. Ҳарчанд хуб мефаҳмад, ки ин ҳама акнун беақлие беш нест…

* * *

Ӯ дар кабина танҳост. Касе нест, ки пешаш ҳиллаю найранг кунад. Ҳодиса дар мактаб сар зад. Омӯзгори адабиёт ашъори Рӯдакӣ, Ҳофиз ва Саъдиро барояшон хонд ва худ аз худ баҳсе ба амал омад, ки оё ҳоло ҳам, чун дар он замонҳои дур, амиқу содиқона дӯст доштан мумкин аст? Муродалӣ ёд дорад, он вақт исбот карданӣ мешуд, ки не, ҳоло замонҳо дигаранд, вусъати фаъолият беҳудуд шудааст ва дар доираи эҳсосоти хеш мондан аблаҳист. Албатта, он вақт намедонист, ки зиндагиашро муҳаббат, муҳаббати Бозгул муайян хоҳад кард. Ишқи аввалини онҳо чун гулхани баланди шутурхори хушк, ки тирамоҳон ҳангоми пахтачинӣ бисёр меафрӯхтанд, аланга зад. Буду шудаш ӯ шуд, фақат оиди вай меандешид, ҳар рӯзро бесаброна интизор мешуд, ки ба дидори яккаву бемисоли хеш бирасанд. Ин ҳама дар синфи даҳум, бисёр солҳо қабл аз ин ба вуқӯъ пайваста буд…

Ӯ, дар ҳақиқат, ба чунин муҳаббат меарзид. Миёнақад, хушқомат, химчамиёне буд, ки дар оинаи чашмони сиёҳаш ҳамеша айёрие инъикос мешуд.

Онҳо гоҳ-гоҳу ниҳонӣ вомехӯрданд, барои аз он бешаш вақту ғайрат набуд. Бозгул китобхона мерафту Муродалӣ «тасодуфан» дучораш меомад. Ишқашро, аз он рӯзе, ки худ сарфаҳм рафт,

изҳораш мекарду изҳораш. Барояш шеърҳо мехонд, бо забони шоирони куҳан мардумаки чашмони сиёҳашро ба ҳабаши бераҳме ташбеҳ медод, ки ба қатли ҳар кас омода аст, рафторашро ба оҳуи кӯҳсор монанд мекарду бӯсаҳояшро ба оби шӯре, ки ҳарчанд бихӯрӣ, ташнатару ташнатар мешавӣ…

Муродалӣ нахустин бор азамату дилрасии шеърро ҳамон вақт дарк кард. Бозгул таънааш мекард, ки барояш номаву шеърҳо наменависад, вале, чӣ кунад, бечора, ки наметавонист. Дилаш он қадар саршори эҳсосу суханҳо буд, ки варақҳои коғаз ба назараш бисёр хурду ночиз менамуданд ва ҳаргиз қодир набуданд сели беинтиҳои нахустишқи варо биғунҷонанд.

* * *

Ҳисор шаҳракест воқеан кӯчак ва ҳар рози пинҳон зуд ошкор мешавад. Аз муҳаббати Муродалию Бозгул аввал дар мактаб миш-миш шуд, баъд дар хонаи ҳамсинфонаш. Лабхандҳо, писхандҳо, нешхандҳо сар шуданд…

Падари Бозгул марде буд басо қатъӣ ва шариатпараст. Ӯ духтарашро ба деҳаи дурдасте, назди хешовандонаш бурду Муродалиро огоҳ кард, ки агар бори дигар кӯшиши дидани Бозгул кунад, мекушадаш. Бо ҳамин қиссаашон поён ёфт. Ҳа, пеш аз фироқи тӯлонӣ дидор муяссарашон шуд ва аҳду паймон карданд, ки баъди мактаб ба Душанбе рафта, ҳамроҳ ба донишкадаи санъат дохил мешаванд. Вале, «сухани хона ба бозор намеояд рост»…

Бозгул «номаи камол» гирифту ба Ҳаитбой – писари чӯпони номдори ноҳия ба шавҳараш доданд. Мегуфтанд, ки падари домод чунон қалине овардааст, чунон қалине овардааст, ки…

Дар дили Муродалӣ тарақе пайдо шуд. Чун дар рубоби кӯҳнае, ки мешавад навохташ, вале дигар он савту наворо надорад.

Баъд ӯ мактаби шофириро хатм карду аскарӣ рафт. Баробари бозгашт бо талқини модар ба духтари ҳамсояашон – Азиза хонадор шуд, ҳарчанд бо дили ноҳоҳам, вале орому беғавғо зиндагӣ мекард, зеро медонист, ки дар қисмати ноҷӯраш Азиза гуноҳе надорад.

Писаракашон Ислом зода шуду баъди чанд соли дигар Азиза ба иллати дарди гурда бистарӣ гашт. Муродалӣ дигар зан нагирифт – никоҳи бемуҳаббатро бадбахтӣ медонист, муҳаббат бо-

шад, дигар ба ӯ рух нанамуд.

Соли дароз, дар айёми корубори пахтакорон бошишгоҳ ба бошишгоҳ мегашту зимистонҳо меҳмони ҳамешагии чӯпонон буд. Барои калонсолон филмҳо нишон медоду барои кӯдакон – намоишҳои лӯхтак доир мекард – афсонаҳои халқӣ мегуфт барояшон ё худ қиссаҳои аҷибе мебофт, ки ҳамеша некиву садоқатро бартахт менишонданд. Лӯхтакҳоро худаш месохт ва аз афти кор, бад ҳам намесохт, чунки аз театрҳои касбӣ наздаш омадаву корҳояшро меписандиданд. Номи Муродалӣ Сафаров дар рӯзномаҳо пайдо шуд, ҳатто дар борааш филми мустанад гирифтанд, вале ин ҳама асоси кораш набуд. Балки он буд, ки фармоиши деҳотиёнро иҷро мекард, бараяшон филмҳои аҷоиб меовард, найрангҳои сирк, ки солҳои охир омӯхта буд, нишон медод ва чашмакони мафтуну дурахшони кӯдакон заҳмати роҳҳои дуру сангин ва зиндагии носози нимлӯлиёнаашро ҷуброн менамуд.

Ахиран писараш Ислом низ, ки понздаҳсола шуда буд, ҳамроҳаш мерафт. Зоҳиран ба ӯ кори падар чандон писанд набуд, вале шавқи техника ба ин водораш мекард – ӯ метавонист соатҳо бо мошин машғул бошад, кушояду маҳкам кунаду бишӯяд ва дар таъмири андак ба падар ёрӣ диҳад. Танҳо дар як сафар Муродалӣ писарашро бо худ нагирифт. Дар сафаре, ки чун имрӯз дар охирин лаҳзаҳои соли куҳан ба чарогоҳи дурдасти рамаи Ҳаитбой – шавҳари Бозгул сурат гирифта буд.

* * *

Он воқеа ҳашт сол қабл рух дод. Муродалӣ сари роҳ ба ин чарогоҳ даромад – мехост бубинад, ки соҳиби он кист ва ба чӯпонон кино нишон бидиҳад. Шунида буд, ки Бозгул ҳамроҳи шӯи чӯпонаш дар кӯҳҳои Ҳисор аст, вале аниқашро намедонист. Вақте ки Ҳаитбойро дид, вуҷудаш саропо сӯхт, вале сир бой надод. Бо Бозгул ҳам расмӣ салом кард, ҳарчанд ки чун оҳанрабо сӯи хеш мекашидаш. Чӣ сон мехост дастонашро бигираду ба чашмони сиёҳи фаттонаш нигариста, барояш шеър бихонад. Шеърҳои худро – замоне шеър наменавишт ӯ, сӯҳбати рӯёрӯи ошиқонаро афзалтар медонист, вале дар фироқи ёр шеърнавис ҳам шуда буд. Бозгул он вақт се фарзанд дошт. Муродалӣ барои онҳо афсонаи «Гули сурх»-ро ҳикоят кард, барои калонсолон чанд филми кӯтоҳи мустанад ва филми ҳунарии «Ман бо духтаре

вохӯрдам»-ро нишон дод. Аҷобате надошт зоҳиран – хайр, як филми кӯҳнаи шинос, вале чунин бармеомад, ки гӯё махсус онро овардааст.

Дар сари дастархон хеле сӯҳбат карданд ва ҳангоми хайрбод Муродалӣ ба фарзандони Бозгул, ки фарзандони ӯ ҳам буда метавонистанд, ваъда дод, ки рӯзи охирини ҳар сол наздашон омада, афсонаи навашон мегӯяд. Беҷо ин рӯзро интихоб накарда буд ӯ – Соли кӯҳан тамом мешаваду наваш оғоз меёбад ва, аҷиб нест, ки навгониҳое биёрад.

Нав мошинро ба роҳи калон бароварда буд, ки аз пас садоҳоеро шунид. Истоду дар оинаи паснамо Ҳаитбойро дид, ки сӯяш медавад. Ба мошин расида, дари кабинаро кушоду чашмони бе ҳамин ҳам тангашро нимкоф карда гуфт:

– Гап ҳамин, Сафаров, дигар ба ин ҷо омадан лозим нест. Коҳи кӯҳнаро чӣ бод медиҳед? Бигзор, ягон каси дигар кино биёрад…

– Ман ба бачаҳо ваъда додам, Ҳаитбой. Соле як бор хабарашон мегирам.

– Лозим не, Сафаров, оқибат надорад.

– Соле як бор, – қатъӣ такрор кард Муродалӣ. Ва ба роҳи худ рафт.

Чанд сол паи ҳам дар чарогоҳи зимистона бо Ҳаитбой дидор диданд. Баъд, аз афти кор, Ҳаитбой асабаш тоб наовард ё тан дод, ки марде, чун пештара занашро дӯст медораду бисёр мехоҳад соле ақаллан як бор соатаке варо бубинад, ки ҳар сол сивуякуми декабр ба маркази ноҳия, аёдати волидонаш мерафтагӣ шуд. Ҳамин тариқ, Муродалӣ рӯзеро аз сесаду шасту панҷ рӯзи дарози сол барои дидори шахси азизаш рабуд…

Акнун Бозгул чор фарзанд дорад. Ӯ ҳам ишқи нахустинашро фаромӯш карда наметавонад ва дар дил ба худ нафрин мехонад, ки аз рӯи волидон нагузашту ба Душанбе хонданӣ нарафт. Итоаткориаш басо гаронаш афтод. Муродалӣ бошад, ба ин қадар соли сипариву фарзандонаш нигоҳ накарда, ҳоло ҳам омода буд ӯро бигирад, вале намедонист бо чӣ роҳ ва фурсати мусоидеро мепоид, ки ба ин амал водораш созад…

* * *

Ба чорраҳа расида буд, ки мотор ба тарақотуруқ даромаду

мошин дар ҷояш истод. Муродалӣ аз кабина баромаду ҳамоно дар худ фурӯ рафт – аз дара шамоли хунуке мевазид, барфи реза батадриҷ атрофро сафедпӯш мекард. Як роҳ, рост рафта, шахро печонда бо ҳамон печутоб болои теппаҳо мебаромад. Агар бо он биравад, боз се соаташ дар роҳ мегузарад. Яъне, ба бошишгоҳи ҷӯпонӣ тақрибан соати дуи рӯз мерасад. Ва ҳамагӣ чор соат вақт хоҳад дошт, ки кино нишон диҳаду барои кӯдакон афсона гӯяду… Барои сӯҳбат бо Бозгул ё ҳамтур бо ӯ будан як соат, ҳамагӣ як соат вақт мемонад ва то дидори дигар боз як соли дароз бояд интизор бишавад.

Ба чап гашта, бо роҳи дигар ҳам, ки мушкилтар аст, рафтан мумкин. Он кӯтоҳтар аст ва якуним соат пас ба манзилаш мерасонад. Вале бахусус хавфнок аст он роҳ ва агар мошинро зӯр биёяду ақиб гардад, ногузир ба ҷарии бетаге меравад, ки ду қадам дуртар аз мошинроҳа даҳон воз кардааст. Он гоҳ на ин дидор муяссар мешаваду на дидори баъди як сол…

Муродалӣ лаби ҷар рафта, ба поён нигарист. Шаст-ҳафтод метр дуртар дандонаҳои тези шаххо ба назар мерасиду он ҷое, ки тобистон рӯди пуроби кӯҳӣ мехурӯшид, оинаи ях медурахшид.

Ӯ оҳи сарде кашида, бо роҳи рост равон шуд. Беқарорӣ мешитобондаш, вале аз тамошои атроф низ чашм канда наметавонист. Кӯҳҳо ҳаргиз ба дили кас намезананд. Дар ҳар фасли сол ба ҳар ранг ҷилва мекунанд онҳо. Ҳоло хамидақоматтар менамоянд, гӯё зери бори барф ҳам задаанд; он рангиниашон ҳам намондааст – бештар хирарӯ метобанд, вале ҷӣ тамкину шукӯҳи файласуфонае доранд! Чунин ба назар мерасад, ки кӯҳҳо маҳз дар фасли зимистон ҳикматеро дармеёбанд, ки дар пушти сар намудани тӯфонҳову бӯронҳо ва муқобилат ба носозгориҳову ба оянда умедвориҳое дастгирашон мешавад. Аз ин хусус андешида Муродалӣ фармонро тобондаву гӯш ба овои мотор дода ва, аҷиб, ки алами дилаш ноаён фурӯ менишасту саропояшро таскину оромише фаро мегирифт.

Дар кӯҳтали охирин баногоҳ мошинро ях партофт ва он қариб ба шахе бархӯрда буд. Муродалӣ зуд фармонро ба рост тофта, онро дар рӯи роҳ нигоҳ дошт. Чунин ба назар мерасид, ки он боркаши фартут қуввати ба ағба баромадан надорад, вале чун пири маҷбур қадам шумурда-қадам шумурдаву гӯш ба садои дили бемадор, яъне мотораш дода, пеш мерафту пеш.

Манзараи аҷибе пеши назар ҷилва мекард. Теппаҳои пурпечутоб, яке паи дигаре, пеш меомаданд ва чунин менамуд, ки охир надоранд онҳо. Балки ба амвоҷи баҳри пуршӯре мемонданд, ки пушти ҳам меомаданду меомаданд. Ин амвоҷи кӯҳҳо якдигарро иваз намуда, паси ҳам сар ба шаххҳои доманадоре мекӯфтанд, ки барфи абадии қуллаҳояшон кабудӣ мекард. Алафҳои хушкидаи сари теппаҳо дар дили боди сарди ҷонсӯз, ки мавҷ мезаданд ва чунин ба назар мерасид, ки он ҳама алаф не, кафки сари мавҷҳои баҳранд…

Байни ду теппа сои пуршебуфарозе доман густурда буд, ки дар канораш рамаҳо машғули чаро буданд. Дар ин ҷо ду оилаи чӯпонҳо мезист ва Муродалӣ бори чандум буд, ки бо ҳасад меандешид: шояд маҳз чунин як зиндагии оддии заминӣ мехоҳаду ӯву бас. Зиндагие, ки вазифаи инсону моҳияти ҳастии ӯро ба ҳам оварда, мавҷуди соҳибхираде месозад…

Мошин тарақотуруққунон бо роҳи пурпечутоб ба дара ворид шуд. Аллакай ду хоначаи чӯпонии нишебии теппаро, ки аз дудаашон дуди нилгун ба ҳаво мепечид, баъало дидан мумкин буд. Дар паси хоначаҳо шиғҳои молхонаҳои васеъ-васеъ, ки шабҳо гӯсфандони то шом дар шебу фарози атроф чаронро ба канор мегирифтанд, аён менамуданд. Аҷиб, ки дар ин ҷо барф набуд, гӯё онро махсус ба нишебиҳо бурда, захира кардаанд; захираҳое, ки танҳо дар нимаҳои фасли тамуз об шуда, рӯду дараҳоро пур мекунанд.

Муродалӣ чор бор сигнал дода буд, ки аз хоначаи аввал бачаҳои гӯё ин садоро интизори Зайнаб берун ҷастанд. Аз манзили паҳлӯ боз се наврас – фарзандони чӯпони камгапу батамкини миёнсол Мамадқул давида баромаданд. Ва селаи бачаҳо дастонашонро алвонҷ дода, ба истиқболи мошин давиданд.

Ана, Бозгул… Муродалӣ ӯро зуд шинохт, агарчи ғайриоддӣ палтои хокистарранг пӯшидаву ба сар рӯмоли кабуде баста буд.

«Орову торо кардааст… Наход, ки барои ман? Яъне, интизор будааст!» – ин андешаҳои ҷонсӯз аз сараш гузаштанд.

Муродалӣ ниқоби хандаовари харгӯшакро, ки дар бараш мехобид, гирифта ба рӯ кашид. Резини кӯтоҳи он мӯи сарашро кашид, вале ин дам дардеро эҳсос намекард – оқибат лаҳзае фаро расида буд, ки барояш ӯ роҳи дарозу душвореро паймуд; лаҳзае, ки Муродалии шофир якбора аз назарҳо меафтаду Сафарови ак-

тёру нағмагар пеши назарҳо ҷилвагар мешавад.

Мошин дар назди хоначаҳо қарор кард. Дари кабина кушода шуду атроф аз чирроси шодии бачаҳо пур шуд – аз зинаи мошин харгӯши зираку доно, айни оне, ки аз «Ну, погоди!» барояшон шинос буд, ба онҳо менигарист.

– Касе, ки маро бишносаду номамро бигӯяд, соҳиби тӯҳфаи нодиру қимматбаҳо мешавад! – гуфт харгӯш бо садои аҷиби ошно ва ба тарзи хандаоваре гӯшҳояшро ҷумбонд.

– Амаки Муродалӣ! Амаки Муродалӣ! – садои ҳамдигарро пахш карда, фарёд заданд бачаҳо.

– Хайр, чӣ илоҷ? – «малӯлона» гуфт харгӯш. – Ёфтед…

Муродалӣ ниқобро аз рӯ кашид ва бачаҳо чеҳраи хандони ошнои деринаашонро, ки ҳар сол барояшон киноҳои аҷиб меораду афсонаҳои ҷолиб мегӯяд, рӯбарӯи хеш диданд.

– Ёфтед… Вале агар ман ба ҷои шумо мебудам, шодӣ намекардам. Медонед, барои чӣ? – Муродалӣ ангушти ишораташро бардошта бачаҳоро ба хомӯшӣ даъват намуд. – Гап дар он ки шумо ҳама сазовори тӯҳфаед.

Муродалӣ як-як бачаҳоро, ки дам ба дарун гирифта беқаророна интизор буданд, аз назар гузаронд: – Шумо, ки ҳафт нафаред тӯҳфаҳои ман бошанд…

Ҳамоно садои «Ура!»-и бачаҳо атрофро пур кард. Писарону духтарон, гапи якдигарро бурида, ба меҳмон фаҳмонданӣ мешуданд, ки маҳз ҳамин қадар тӯҳфа лозим аст: албатта, онҳо худ ҳафт нафаранд, лекин боз холаи Бозгул ҳаст, холаи Хайрӣ ҳаст, амаки Мамадқул ҳаст! Амаки Ҳаитбой ҳам ҳаст, лекин ӯ район рафтааст ва барои худ тӯҳфа мехаридагист, чунки амаки Муродалӣ тӯҳфаи зиёдатӣ надорад.

Бисёр мутаассир шуд Муродалӣ аз ин суханон. Аз дилу ҷон шод гашт, вале сир бой надод.

– Гуфтаи шумо шавад! – гуфт бо овози сохта ва пакетҳои мусаввари рангинро ба бачаҳо тақсим кард.

Вақт! Чӣ кам аст он ҳамеша ва чӣ сон алайҳи онест, ки ин мафҳуми лағжону резонро шитобонда ё ба майли хеш мутобиқ кардан мехоҳад.

Муродалӣ арчаро дар майдончаи гӯсфандтарошӣ шинонда, дар гирдаш рақсу бозии бачаҳоро ташкил кард. Батадриҷ калонсолон низ ба давра даромада, бо чашмони баста аз арча қандҳоро

кандан мехостанд, ҷавоби чистонҳоро мегуфтанд, фаҳмондани̅ мешуданд, ки аз ин чӣ гуна амаки ҳиллагар пуфакҳои рангаро чолокона ба ҷайбаки бачаҳо меандозад. Вале тӯҳфаҳо ҳатман ё ба Одили пиёлачашм мерасиданд, ё ба Мунираи чусту чолок, ё ба Рустами бодиққату камгап. Дар ҳар ҳол бачаҳо самимона шод мешуданду хандаашон ба фалак мепечид. Муродалӣ бозиҳои нав ба навро пешкаши онҳо мекарду ноаён ба соат менигарист ва ба даҳшат меафтод, ки дақиқаҳо чӣ сон шитоб мекунанд.

Баъд девори хонаи Бозгул рӯшан шуду филм оғоз ёфт. Бачаҳо мултик диданд, калонсолон филми «Гаравгон»-ро ва ҳама қонеъ буданд. Ҳама, ҷуз киномеханик. Ӯ дар он ҳавои говгум пайваста ба чеҳраи пуркидаи Бозгул менигаристу ҳеҷ сер намешуд. Солҳо асари худро монда буданд. Дар он чеҳраи замоне софу беғубор – гӯшаҳои чашмонаш чинҳо менамуданду рӯмолашро то рӯи абрӯвонаш хамонда буд, то сафедии мӯйҳои рахшонаш натобанд. Шояд дар чашми дигаре менамуд ин гузашти солҳо, вале барои Муродалӣ ҳанӯз ҳам зеботар аз Бозгул зане набуд дар дунё. Акнун ӯ ҳақиқати кӯҳнаеро пурра дарк кард, ки «Лайлиро бо чашми Маҷнун бинигар» Ва бо чашми дилдодаҷавоне менигарист ба ӯву менигарист…

Афсона, афсона! – ба фазо печид фарёди бачаҳо, ҳамин ки кино тамом шуд.

– Майлаш, – бечунучаро розӣ шуд Муродалӣ. – Лекин, беҳтараш, бароятон ривояте мегӯям, ки ҳамин рӯз дар ин қӯҳсор тавлид шуд. Ривояте, ки ҳам барои хурдсолон аҷиб асту ҳам барои бузургсолон.

Ва ӯ қиссаи паричеҳраеро нақл кард, ки деви золиму маккор дар қалъаи сеҳрнок маҳбусаш намуда буд. Бисёр ҷавонони далер баҳри раҳондани ӯ кӯшиданд. Вале суханони нотакрори муҳаббаташон кифоят накард ва деворҳои осмонхароши қалъа мустаҳкамтару побарҷотар шуданд. Дев он ҳама далеронро тӯъмаи хеш кард ё ба пораҳои кӯҳу пуштаҳо табдил дод.

Навбати ҷавони кӯҳистоние шуд ва ӯ бо суханони оддиву фаҳмо ба изҳори муҳаббаташ пардохт. Табиат худ ёрманди он ҷавон гардид, чунки ишқи ҳақиқӣ касеро бетараф нахоҳад гузошт…

Муродалӣ қисса мекарду аз рӯи Бозгул чашм намеканд. Ва медид, ки низ барои ӯ азиз аст; зан низ, чун вай, ин ягона рӯзи со-

лро, ки умедбахшу муттакои дилаш аст, беқаророна интизорӣ мекашид. Ашк ба рухсораҳои Бозгул шорид, овози Муродалӣ ларзид. Мамадқул, ки рӯи пӯстаке ҳамроҳи занаш менишаст, баногоҳ ба ёд овард, ки бояд бо ратсия ҳисоботи харҷи ғизои чорворо ба колхоз бирасонад. Бархосту ҳамроҳи Хайрӣ рафт. Ва лаҳзае пас аз ҳавлӣ овози тааҷҷубомезаш ба гӯш расид. Маълум шуд, ки рама гирди арчаи сарсабзро печондаасту қариб онро аз по афканад. Бачаҳо низ бо шунидани ин хабари аҷиб берун тохтанд, то меҳмони деринтизорашонро аз гӯсфандон бираҳонанд.

– Хаста шудӣ, ҳа? Гушна ҳам будагистӣ? – садои хаставу ларзони Бозгул ба гӯш расид. – Биё, ягон чиз бихӯр.

– Беҳтараш пешам бимон, ҳамин замон вақти рафтанам мешавад.

Зан дастархон густурда ғизову чой овард. Муродалӣ мехӯрду таъми хӯрокро қариб ки эҳсос намекард. Пайваста ба ӯ менигаристу менигарист ва аз охирин имконияти ин симои азизро дар лавҳи хотир абадӣ сабт намудан истифода мебурд.

Сӯҳбат аз ҳар боб буд, вале суханон гӯё баҳрашон маъниву моҳияте надоштанд. Садои зан дар гӯши Муродалӣ чун навои хуше мерасиду ӯро муваққатӣ ҳам бошад, бар авҷи бахт боли парвоз медод.

Мамадқулу занаш баргаштанд. Онҳо бо ҳам монданд, вагарна расман зани рафиқро бо марди бегона, дӯсти бачагиаш ҳам бошад, танҳо гузоштан мумкин нест. Бубахш, Муродалӣ, лекин одат ҳамин аст…

* * *

Ӯ арчаро ба бачаҳо тӯҳфа кард, дастгоҳи кинонишондиҳиро бо навори филмҳо ба қуттиҳо ҷо намуд ва беихтиёр ба атроф нигарист. Барф бас карда, ҳаво ғайриинтизор гарму мулоим шуда буд ва Муродалӣ аз дил гузаронд, ки ҷои зимистонгузарониро хуб интихоб кардаанд. Алаф ҳам кам несту барф ҳам зиёд ҷамъ намешавад. Ҳарчанд, чунон ки ҳикоят карданд, порсол шамоли сахте хест. Яке аз деворҳои қӯра ба бори барф тоб наоварда афтод. Гӯсфандони ҳаросон аз рӯи шиғҳо ҷаста, ба ҳар сӯ парешон шуданд. Тӯфон торафт поёнтарашон меронд, сӯзани барф баданашонро месӯзонд ва, агар Ҳаитбой намебуд, бегуфтугӯ рама аз даст мерафт. Аккоси хавотирангези сагро шунида, таҳи як нимта-

на берун баромад ӯ ва бехудона аз паи гӯсфандон тохт. Қариб дар лаби ҷар, ки бод барфҳоро ба комаш меафканд, ба рама расида, бо як зӯр баргардонда дар сойчае ҷамъаш овард. Ва шаби дароз аз хунукӣ ларзида, гӯсфандонро ҳар сӯ тозонду имкон надод, ки ягонтааш рӯи барфзор бихобад. Ҳаракат, танҳо ҳаракати пайваста онҳоро аз марги яқин наҷот дод. Ҳаитбой худро фаромӯш карда буд, асои чӯпониашро алвонҷ дода дар сойча медавиду гоҳ-гоҳ хавотир ба осмони аз гарди барфбод сафед менигарист.

Мамадқул танҳо субҳ бо раҳнамои сагҳо расида омад. Ҳаитбойро дар ҳоле дарёфт, ки кабкабуд шуда буду базӯр лаб меҷунбонд. Ягон соат дер мекард, кӣ медонад он шаби ялдои бехобӣ барояш чӣ сон анҷом меёфт. Аз он пас ӯ амиқу тӯлонӣ месулфид ва чун пештара соатҳо аз паи рама сар-сари кӯҳу пушта гашта наметавонист: пояҳояш мадори қалбиро надоштанд…

* * *

Муродалӣ нафаҳмид, ки чаро маҳз ин лаҳза он воқеаи деринро ёд овард. Аниқтараш, вонамуд кард, ки нафаҳмид: аз ин ҷо рафтан намехост ӯ. Ҳамин ки моторро даргиронаду мошинро ба роҳ дарорад, боз як риштаи нозуке, ки ӯву Бозгулро мепайвандад, канда мешавад. Чанд тори дигар мондааст аз ин риштаҳо? Агар он шаби тӯфонӣ Мамадқул боз каме дер мемонд, Ҳаитбой аниқ ях мебаст ва он гоҳ тақдири ду дилдода ба дигар ранг сурат мегирифт. Муродалӣ аз ин андешааш изо кашид, вале аз сар дур ҳам кардааш наметавонист. Таассуфи ҷонудилсӯзе, ки Ҳаитбой зинда монд, зинда монд… вуҷудашро тарк намегуфту самимияти ҳамешагиашро дар ин лаҳзаҳои хайрбод барҳам мезад.

– Вақти рафтан шуд, – Муродалӣ бошитоб дасти Мамадқулро, ки бо ҳамдардии базӯр аёне ба ӯ менигарист, фишурд, хомӯшона сӯи Хайрӣ, ки дар бари шавҳараш меистод, сар ҷумбонд, сари бачаяконро, ки ҳеҷ рафтанашро намехостанд, сила кард.

Қиссаи паричеҳраву дев анҷом ёфт… девори фурӯзон хомӯш шуд… вале кӣ мехоҳад, ки олами афсонаро аз даст бидиҳад?

– Хуб, ман рафтам, – ноҳинҷор такрор кард Муродалӣ. – Ҳамин замон торик мешавад. Ҳаворо бинед, ки чӣ хел шуд, шояд барф ҳам биёяд…

Ӯ оҳиста ба Бозгул, ки дар назди дари мошин меистод, рӯ

овард:

– Хайр, то дидан…

Ба чашмони пуроби зан нигаристу эҳсос кард, ки беш аз ҳарвақта худро барои андешаву бечуръатиҳои тӯлониаш чашми дидан надорад. Ба ҷои дард кашидану худро ошиқи ноком ангоштан бояд барои муҳаббаташ талош мекард, баҳри васли дӯстдоштааш ба ҷон мекӯшид. Бо хешро ҷавонмард тарошидану шахсе вонамуд сохтан, ки умре азоби ҳиҷрон кашидаву маъшуқаашро фаромӯш накардааст, қисмати худро ҳам расво карду ҳаёти Бозгулро ҳам. Охир, ӯ ҳанӯз дӯсташ медорад, дӯсташ медорад…

Хун ба сараш зад. Бехудона дасти занро гирифту қатъӣ гуфт:

– Биё, биравем, Бозгул!

Зан лабханд кард ва садои маҳинаш аранге ба гӯш расид:

– Ин чор бача чӣ мешавад?

– Онҳоро ҳам мебарем!

Бозгул ба аломати инкор сар ҷумбонд.

– Худфиребӣ чӣ даркор, Муродалӣ. Инҳо фарзандони дигар касанд. Ва ҳаргиз ҷигарбанди ту намешаванд. Чӣ лозим аз решаашон кандан онҳоро? Ба хотири он ки понздаҳ-бист сол ту гапи дилатро гуфта натавонистӣ? Не… ҳаётат талхтар мешавад бо мо. Ҳоло, ки пир нашудаӣ, зан бигиру дӯсташ бидор… Дигар наё, илтимос… Дер шуд, дер!

Муродалӣ гумон кард, ки ӯ ҳамин замон бо фиғон сӯи хонааш медавад. Вале Бозгул бо алами аён ба вай менигарист ва фаҳмид, ки оқибат дарди дилашро гуфт, суханҳоеро, ки барои наранҷонданаш то ҳол нагуфта буд, ба забон овард.

* * *

…Мошин оҳиста ба пуштаи пурпечутоб мебаромад. Ин роҳи лағжону махуф ҷои эҳтиёт буд, вале Муродалӣ бо алам газро зер мекарду зер мекард. Ана, мошинро як сӯ партофт. Мон, партояд, мон сарозер равад, майда-майда шавад. Барои чӣ эҳтиёт кунад ӯ, барои кӣ эҳтиёт кунад худро?!

Харсанги бузурги болои сар ҳам дар назараш наметофту ҷарии бетаги паҳлӯ ҳам. Агар дар ин пораи роҳ мошине дучор ояд, тамом – тасодум ногувор аст… Вале Муродалӣ суръатро кам намекард, балки онро афзуда қитъаи махуфро бошитоб паси сар

кард. Вақте дар хусуси хатар андешид, ки аллакай дер шуда буд. Дер шуд, – аз дил гузаронд ва бо зарда дод зад: – Мон, дер шавад!

Баъди тақрибан бист километр ба худ омад. Аз беандешагии хеш ҳайрон шуд, бо таассуф сар ҷумбонд ва пас, чун пештара, оҳиставу боэҳтиёт роҳро идома дод.

Зимистон ҳам, чун инсон, яксон нест. Гоҳе якчанд ба мавҷудот фурсати нафасросткунӣ медиҳаду худ қувва ҷамъ намуда, шабонгоҳ чунон сармое пеш меорад, ки кӯҳу камар ва долу дарахт, аз ҷумла ана он арчаякеро, ки ғубори барфро аз саропояш афшонда, дастакони сабзи шохаҳояшро ҷониби Муродалӣ меҷунбонад, дар панҷаи яхии хеш мефишорад.

Алам фурӯ нишаст ва ӯ акнун хунсардона андеша меронд. Воқеан ҳам дигар ин қадар роҳро тай карда, ба чарогоҳи рамаи Ҳаитбой омаданаш маъние надорад. Дар ҳақиқат дер шуд ва чӣ суд аз азоб додани худу дигарон? Ҳаитбой беш аз вай ҷавонмардона рафтор кард, имкон дод, ки вохӯрад, рози дил кунанд ва ба қароре биёянд. Воқеан ҷавонмардона буд рафтори Ҳаитбой – на доду фарёд карду на саҳнаҳои рашку тоб орост. Аз афти кор қисмат ҳатто дар ҳолатҳое ҳам, ки аз нигоҳи мо нисбати касе ноодил аст, хато намекунад. Солҳои сипаришуда нишон доданд, ки Ҳаитбой сазовори эҳтиром аст…

Андешаашро аз сар гузаронд Муродаливу ӯро… Ҳаитбойро… пеши рӯ дид. Диду ба чашмони хеш бовар накард. Рӯъё будагист, гуфт. Вақте ки оиди касе ин қадар меандешӣ, худашро ҳам дар ин роҳи пурпечутоби кӯҳсор рӯбарӯ диданат аҷаб нест. Зери нури малакутии шомгоҳон аз ин ҳам бешашро интизор шудан мумкин аст…

Воқеан ҳам Ҳаитбой рӯбарӯяш меомад. Муродалӣ чеҳраи ӯро дар паси шишаи пеши «Нива»-и сабзи сиёҳтоб аён медид. Чашмони танг, мӯйлабҳои овезон, телпаки зарди суғуриаш басо ошно будандаш. Онҳо дар ҳамон дуроҳае вохӯрданд, ки якаш ба домани кӯҳ мебурд. Ҳарчанд ки хеле кӯтоҳ буд зимистон, ҳатто ҷасуртаринҳо ҷуръат намекарданд, ки бо он биравand.

Ҳаитбой низ ин вохӯриро бо рақиби деринаш интизор набуд. Ӯ вақти барои кино нишон додан, афсона гуфтан ва бозгашти Муродалӣ зарурро ҳисоб карда буд ва мувофиқи он рақибаш ин лаҳза бояд дар роҳи рости ноҳия мешитофт. Бояд онҳо дар сели мошинҳои ду ҷониб шитобон вомехӯрданд ва ё шояд якдигарро

пай ҳам намебурданд. Вале дигар хел шуд… Акнун яке аз онҳо бояд биистаду дигариро роҳ бидиҳад. Мувофиқи қоидаи роҳ ин корро бояд Муродалӣ кунад – боркашашро ба кӯҳ «часпонаду» Ҳаитбой аз «пули сирот» гузарад. Оре, аз «пули сирот»…

Муродалиро кофист, ки дар он лаҳза мошинашро андаке ба ҳаракат дарораду базӯр, оре, базӯр ба «Нива» бирасад ва онро рӯи ҷарӣ овезон кунад. Аз зери чархҳои он регу хок хоҳад рехт ва мошин батадриҷ сарнагун шуда, ба ҷарии ҳафтодметра, ки дар қаъраш дандонҳои тези шахҳову яхбанди маҷрои беоби рӯди замоне шодоб ба назар мерасад, хоҳад рафт. Кӣ исбот карда метавонад, ки ин амали Муродалӣ барқасдона буд?

Дар «Нива» аз зарби мошини ӯ ҳатто осоре нахоҳад монд, базӯр ба он расидан кофист…

Муродалиро арақ пахш кард: ана, он имкони нодире, ки метавонад қисматашро батамон тағйир диҳад. Бояд саросема нашуда аз он истифода бурд. Ӯ на нисбати Ҳаитбой кину бадбинӣ эҳсос мекард, на ҳаяҷону изтироб. Мағзаш рӯшану хунсардона кор мекард. Ӯ як ба «Нива», ки хеле наздик омада буд, нигарист ва фармонро ҷониби рост тоб дод – боркаш ба канори роҳ рафта, рӯи он хам шуд…

Ҳаитбой аз паси шишаи пеши мошинаш ба чеҳраи афсурдаи Муродалӣ нигарист, чашмони хаставу варамида, абрӯвони пайваст, телпаки фарсудаи харгӯшиашро аён дид, вале ҷуз нафрат нисбати касе, ки дар ин қадар сол боре кӯшиши рафтори ҷавонмардона накарда буд, чизе дар вуҷуди хеш эҳсос нанамуд. Магар ӯ, Ҳаитбой, метавонист ингуна ба дидори зане, ки маҷбуран ба шахси дилнохоҳаш расидааст, аз ӯ чор фарзанд дораду ба тақдир тан додааст, бишитобад? Ҳаргиз, дилашро аз сина мекандy ҳамроҳи он ёди ӯро аз вуҷудаш дур меафканд! Ва агар ба вай садақаи ночизе – имкони соле як бор, танҳо як бор дидани занеро, ки дар хонаи ҷӯпоне на кадбону, балки ходимаву парастори кӯдакон аст, раво медиданд, ӯ магар муросо мекард? Чӣ гуна метавон таҳаммул кард таҳқиреро, ки шавҳар дониста хонаашро тарк менамояду ба ту чандсоата бахти сохтае эҳдо месозад?

Имрӯз Ҳаитбой Мамадқулро хоҳиш карда буд, ки бо занаш берун равад, бачаҳоро ҳам аз хона барорад ва он ду танро бо ҳам танҳо гузорад. Бигзор худаш аз даҳани зан сухани хайрбодро бишнаваду бифаҳмад, ки дер шуд. Лаҳзае ки метавонист қисмати

онҳоро тағйир бидиҳад, кайҳо дар қаъри солҳои сипаригашта гум шудааст.

Хайр, масалан, Бозгул розӣ шуд, ки бачаҳоро гирифта ба маркази ноҳия биравад. Баъд чӣ? Магар Муродалӣ бо он ҳоли зоре, ки дорад, ҳамаи онҳоро хӯрондаву пӯшонда метавонад? Ҳаргиз! Ҳаитбой метавонад! Зеро як рама гӯсфанд дорад, пули зиёде дорад, ки ин пешаи пурмашаққатро партояд ҳам, як умр таъмин хоҳад буд. Ӯ бар пои худ истодааст, на он масхарабози беҳунар рӯи поҳои чӯбӣ!

...Ана боркаш ба канори роҳ гашта, қариб ки ба кӯҳ часпид. Роҳ – кушода. Ҳаитбой метавонад озодона гузашта равад. Дигар чизро ҳам чашм надошт вай аз рақиби ношудаш. Худи ӯ дигар кор мекард: ҳамин ки мошинҳо баробар шуданд, мошинашро меронд ва мошини рақиб ногузир ба қаъри ҷар мепарид. Исбот кун, ки амали бадқасдона аст он, на тасодуф. Вале ба чунин рафтор мард қодир аст, марде, ки қавлу амалаш фарқ надорад. Муродалӣ ҳаргиз чунин намекунад, ӯ ҳар садақаи Ҳаитбойро, шодона мепазирад, Ҳаитбой мемураду ба ин роҳ намедиҳад!

Ва Ҳаитбой коре кард, ки Муродалӣ ҳеҷ интизор набуд: боғазаб фармонро ба чап тоб доду бо роҳи пурпечутоб ба кӯҳ часпид. Муродалӣ нафасгардон шуд: қисмат натанҳо имкони ягонаву охирин дод, балки худ Ҳаитбойро аз сари роҳи ӯ дур карданӣ ва ҳама шубҳаву гумонро нисбати маргаш аз ӯ бардоштанист.

Мотори «Нива» фиғон мекашиду чархҳояш девонавор тоб мехӯрданд, вале худ аз ҷо намеҷунбид. Маҳз он чизе рух дод, ки Муродалӣ аз таҷрибаи бисёрсолаи шофириаш медонист. Роҳи кӯҳро қабати ғафси ях ва яхро гарду чанги андаке пӯшонда буд ва кас гумон мекард, ки баҳузур бо он рафтан мумкин аст. Гардиши чархҳои сабукрави муқтадир яхро урён карданд ва акнун шофираш ҳарчанд мекӯшид, пеш не, пас мерафт. Акнун Ҳаитбой бояд суръатро батамом партояд ва тормоз дода – тормоз дода, фармонро ҷониби рост гардонад ва оҳиста ба роҳи рафтааш баргардад. Вале дар айни ҳол ин кор ҳам имконнопазир буд: поёнтар бардамае ба чашм мехӯрд, ки агар мошин ба он барояд, ҳатман чапагардон шуда, ба ҷар меафтад. Оре, ба ҷар ва ҳафтод метр ғелида бо сад садо ба сангҳои қаъри он бармехӯраду ба оҳанпораи бешаклу бемаъние табдил меёбад. Одам чӣ? – аз

даҳшат ҷон аз баданаш мебароянд, на ҷунбида метавонаду на дод гуфта ва бо ду даст ба фармон часпида, лаҳзаҳои вопасини умрашро мешумурад…

Дақиқае сипарӣ гашт, дақиқаи дуюму сеюм ҳам… чархҳои ақиби «Нива» ба бардама, ки яхи барҷаставу рахшони рӯяш чанголи даррандаро ба ёд меовард, наздик шуданд.

Ақл Муродалиро талқин мекард, ки инак тақдири ӯ ҳал мешавад, ӯ бояд хунсардона ин манзараро то охир бубинаду баъд бо овози ларзон ба корманди бозрасии автомобилӣ тафсилоти мудҳиши ҳалокати Ҳаитбойро нақл кунад. Чашмҳоро пӯшидан ё рӯйро бо дастон маҳкам кардан ҳам табиӣ хоҳад буд: охир, дар ин чанд лаҳзае, ки аз умри чӯпон боқӣ мондааст, чӣ кор ҳам кардан мумкин?..

Вале Муродалӣ беихтиёр коре кард, ки дар гӯшаи хаёлаш ҳам набуд: ӯ бошитоб суръати якумро пахш кард ва бе андешае, ки мошинаш ба як тараф хамида аст ва бемалол чапа шуда метавонад, онро пеш ронд. Ва дар вақташ расид: сари роҳи «Нива»-ро баст ва он башаст омада ба он бархӯрд. Муродалӣ ҷаҳида аз мошин фаромад ва дари «Нива»-ро бо як зӯр кушода, Ҳаитбои берӯҳу ҷонро аз он берун кашид…

Онҳо чун мошинҳояшон, паҳлӯи ҳам меистоданд. Ҳаитбой ранги рӯяш канда, беихтиёр гӯё таппончаашро гирифтаниву Муродалиро парронданӣ бошад, гӯшаи нимтанаашро даст-даст мекард.

Муродалӣ арақшор шуда буд, дилаш сахт метапид, зонувонаш меларзиданд.

– Раҳматат бигӯям? – бо овози хиррӣ пурсид Ҳаитбой.

– Лозим нест.

– Чунин имконияттро аз даст додӣ…

– Дар вайронаи бахти дигарон хушбахт шудан номумкин аст.

– Аблаҳ! Гумон мекунӣ, ки ман як умри боқӣ аз ту миннатдор хоҳам буд? Ана! – Ҳаитбой ангушти калони дасти росташро аз байни ангуштони дигар гузаронда, ба маънии маълуме зери бинии Муродалӣ рост кард.

– Даркор ҳам нест! – гуфт Муродалӣ ва Ҳаитбойро яктарафа намуда, назди «Нива» рафт, онро каме пеш ронда ба роҳ рост кард, зери чархҳояш санг монд, ки ақиб наравад. Мошини худро ба канори роҳ бурд, баъд сабукравро печутоб дода, аз паҳлуи

боркаш гузаронд ва бо мотори гирён рӯи роҳи рост монда, ба Ҳаитбой, ки тамоми ин муддат беҳаракат рафтори рақибашро назора менамуд, рӯй овард:

– Роҳи сафед.

Ҳаитбой сӯи мошинаш рафт ва ба он нишаста истода, маълум набуд бо чӣ оҳанге ҷониби Муродалӣ дод зад:

– Масхарабоз!

«Нива» ба роҳ даромад ва тақрибан баъди панҷоҳ қадам дар паси шахи рӯи роҳ овезон аз назар ғоиб шуд.

Муродалӣ танҳо монд. Ӯ назди мошинаш рафт ва ба помонаки он нишаст, ки каме дили пуризтиробашро ором кунад.

Масхарабоз… Таҳқир буд ин? Аз афташ, не. Охир, он яке аз машғулиятҳои қадимаву писандидаи мардум аст. Яъне инсон ҳамеша ниёз дошт, ки хушҳолаш бинмоянду имконаш бидиҳанд, ки чанд лаҳза ташвишҳои рӯзгорашро ба фаромӯшӣ диҳад. Ва на танҳо ин – боз одамонро оиди неку бад ба андеша маҷбур сохтан, ба беҳтару нисбати атрофиён пуртаҳаммултар шудан водор намудан лозим буд.

Масхарабоз табибест, ки мекӯшад беақлию хасисӣ, худхоҳиву ман-манӣ ва боз бисёр хислатҳои пасти инсонро даво бубахшад. Замонҳои пеш саҳнаашон бозорҳо – ҷои серодамтарини шаҳру деҳ буд. Ҳиллаву найрангҳои аҷиб мекарданду, дорбозӣ менамуданд, саҳнаҷаҳое нишон медоданд, ки то дунё барҷост, пандомӯз хоҳанд буд. Имрӯз бошад, дар гармову сармо чарогоҳ ба чарогоҳ мегарданд ё саҳнаҳои шаҳрро обод медоранд. Яъне, танҳо шакл тағйир пазируфтааст, мазмун ҳамонест, ки буд.

Пас чаро Муродалӣ аз ин сухан биранҷад ва аз пешаи худ шарм кунад? Ана, ҳамин рӯз, дар лаҳзаҳои мушкилтарини умраш ӯ бо нақлҳои сохтаву бофтааш чашмакони бачаҳоро аз ҳаяҷон дурахшон кард, талқин намуд, ки ба атроф бо чашми дигар бингаранду ҳуснашро дарёбанд, чӣ хеле ки мегӯянд, ба тори дилашон нохун зад ва бовар дорад, ки бунёдашонро андаке беҳбудиву рӯшноӣ бахшид.

Бозгул чӣ? Имрӯз ӯ шояд бори аввал дар умраш фаҳмид, ки дӯст доштан танҳо хоҳиши дидану шунидани маҳбуб не, балки барои бахти худ талош кардану сазовори он будан аст. Чӣ илоҷ, ки тақдири онҳо бо ҳам набудааст, вале шояд духтарони ӯ ин хаторо такрор накунанду соҳиби бахти худ шаванд. Ӯ, масхарабоз

Муродалӣ Сафаров, бисёр кӯшид, ки ба ин мусоидат намояд.

Ҳаитбой… Зоҳиран ҳамон худдонаме монд, ки буд. Ҳамон, вале дар айни замон билкул дигар. Ҳоло дар айни ғазаб фаҳмида наметавонист, ки бар рағми имконияти қисмат бо ҷони худ бозӣ кардаву рақиби умрбодиро наҷот бахшидан чӣ маънӣ дорад. Бале, гармогармии кор инро фаҳмидан душвор, вале ҳеҷ мумкин нест, ки дар дилаш эҳсосе барнаангехта бошад…

Ва худи ӯ, Муродалӣ, ки имрӯз шояд дар набарди муҳимтарин бо хеш пирӯз шуд. Дар аввал ба мавҷуди пасти пурғаразе табдил ёфт, ки барои ба мақсад ноил гаштанаш аз ягон восита рӯ наметобад. Вале баъдан дар вуҷудаш Инсон ғолиб омад. Инсоне, ки аз имрӯз ва баъд ҳақи комил дорад, дигаронро ростиву некӣ биомӯзад.

* * *

Шаб батадриҷ пардаи сиёҳи худро ба болои дараи танге, ки қад-қади ҷарии бетагаш роҳи махуфе тӯл мекашид ва рӯи он бар помонаки мошини фарсудааш нишаста, устоди кинои сайёр Муродалӣ Сафаров аз қисмати хеш меандешид, меафканд. Чунин менамуд, ки торикӣ чун дуди сиёҳ аз тарақи шаххо берун меояду сангҳо чун яхи айёми баҳор дар панҷаи зулмот об шуда онро чун рӯде шодобтар месозанд.

Муродалӣ баногоҳ аз сармо ларзид. Аз ҷо хест, чанде ба замини яхбаста по кӯфт, атрофро аз назар гузаронд. Ба ҳайрат афтод, ки осмон соф шуда буду дар оғӯши сардаш ахтарон чашмак мезаданд. Барои Муродалӣ танҳо поку муҷалло набуданд онҳо, балки бо сад ранг медурахшиданду анвори ниливу сабз ва сурху нориҷашон ба замин метаровид. Ва кӯҳу дарахтон, решаи сабзаи ҳанӯз наруста, хуллас, ҳама мавҷуди ин дунё он нурро ташнакомона дам мекашиданд то фардо ганҷинаи беҳтарини оламу одам – зебоии ҷовидонаро афзунтар кунанд.

Муродалӣ шодмоние эҳсос намуд. «Воқеан одил аст табиат, – аз дилаш гузашт беихтиёр. – Буду набудашро ба ҳамагон баробар мебахшад. Пас мо чӣ ҳақ дорем, ки яке худро аз дигаре беҳтар бишморем, ҳақи дигарро соҳибӣ кунем ва боз ҳунари зиста тавонистанро далел оварда худро ҳақ барорем?»

– Афсонаи аҷиб, – худ ба худ гуфт Муродалӣ ва ба кабина даромад. Аз сардӣ ба худ фурӯ рафта калидро тоб дод. Мотор, ки

ҳанӯз хунук нашуда буд, зуд дар гирифт. Панҷаи мунаввари чароғҳо пораеро, ки аз риштаи роҳ, сангҳои канори он ва буттаҳои пурбарфи насрин иборат буд, аз чанголи зулмот дарраБуд. Боз чӣ қадар чунин роҳҳоро дар пеш дорад Муродалӣ.

Одамон танҳо кино не, рафтори ибратбахшу дасти дастгир ва сухани дилбардорро ҳам интизоранд аз вай. Суханеро, ки ба ҳаво не, бояд ба нафарони мушаххасе бигӯӣ.

Ӯ бо чароғҳои мошинаш пораеро аз зулмот рӯшан намуда, ба роҳ даромад.

*Соли 1999*

# Д Р А М А Ҳ О

## БАРЗУИ ШУҒНОНӢ

*(Драмаи манзум иборат аз ду қисм,*
*дар асоси достони ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ*
*«Саргузашти Барзу – писари Сӯҳроб»)*

**АМАЛ МЕКУНАНД:**

БАРЗУ – паҳлавони Шуғнонзамин, писари Сӯҳроб
РУСТАМ – бобои Барзу
ШАҲРӮ – модари Барзу
АФРОСИЁБ – шоҳи Тӯрон
РӮИН
ГАРСЕВАЗ
ПИРОН
ХУСРАВ – шоҳи Эрон
ТӮС
ФАРИБУРЗ
ГУСТАҲАМ
ГУРГИН
РОМИШГАР
ЗАВОРА

Дар саҳнаҳои оммавӣ сарбозон, паҳлавонон, хизматгорон ширкат меварзанд.

Саҳна торик. Пеши парда. Мусиқии ҳазинии помирӣ. Ровӣ аз як гӯшаи саҳна падид меояд.

**Ровӣ.** Кунун бишнав аз ман ту, эй родмард,
Яке достоне пурозору дард.
Бад-он гаҳ, ки баргашт Афросиёб,
Зи пайкори Рустам диле пуршитоб,
Бад-он роҳи бераҳ сар андар кашид,
Гурезон зи Рустам ба Шингон расид...

*Ровӣ оҳиста-оҳиста меравад.*
*Парда бардошта мешавад.*

## ҚИСМАТИ АВВАЛ

### 1.

Шуғнонзамин. Аз дур кӯҳҳои осмонбӯс ва ғарқа дар барф ба чашм мерасанд. Шир-шири оби чашма гӯшнавоз аст. Гирди чашма сабзаву себарга руста. Ин ҷо кароргоҳи муваққатии Афросиёб. Афросиёб болои тобасанге нишаста, гирду атрофро муоина дорад. Авзояш беҷо, хотираш пареш, дилаш реш. Маълум, ки абри ғами шикасти ҷанги Рустам хотирашро ҳоло батамом тарк накарда. Ногоҳ нигоҳаш ба дур ғел мехӯрад. Рӯинро мехонад.

**Афросиёб.** Рӯин!
**Рӯин** *(давида аз хайма берун шуда)*
Гӯшам ба шумост, оламpanoҳо!
**Афросиёб.** Мебинӣ?
**Рӯин** *(сарфаҳм нарафтаю китф дарҳам кашида)*
Чиро, олампаноҳо?
**Афросиёб.** Ҳӯ, ба он марғзор бингар!
**Руин.** Дидам, олампаноҳ!
**Афросиёб.** Киро?
**Руин.** Кишоварзеро мебинам, олампаноҳ!
**Афросиёб.** Бубин, чӣ сон ситода вай?
**Руин.** Бале!
Ситода бад-он дашт ҳамчун ҳуюн,
Ба тан ҳамчу кӯҳу ба чеҳра чу хун.

Кашида бару соиду ёлу бурз,
Дарахте дар даст монанди гурз.
Қавӣ гардану синаву бар фарох,
Ба тан чун дарахту ба бозу чу шох.
Бад-он паҳлавон бозувони дароз,
Ҳаме шох бишкаст он сарфароз.
**Афросиёб.** Маро сол бигзашт бар чорсад,
Надидам чунин мардӣ рӯзи набард.
На Соми Наримон, на Гаршосп буд,
На гӯши ялон низ чунин шунид.
Ситодаст з-он гуна бар паҳндашт,
К-аз ин сон сипоҳе бар ӯ баргузашт.
Наёмад зи мо бар дилаш ҳеҷ бок,
Чӣ моем пешаш, чӣ як мушти хок!

... Уфф!

Афросиёб оҳи чуқур аз дили пуршӯр бадар мекунад ва ба Руин фармон медиҳад.

... Рав тозиён,
Мар ӯро биёвар ба наздам давон!
Бад-он то бидонам, ки аз тухми кист,
Чӣ гӯяд, бад-ин дашт аз баҳри чист?
**Руин.** Ба чашм, олампаноҳ!

*(Меравад. Афросиёб ба хайма медарояд. Рӯин қадаме чанд пеш намонда дар рӯ ба рӯяш Барзу пайдо мешавад. Рӯин пеши роҳи ӯро мегирад).* Исто!

**Барзу.** Хушш...
**Руин.** Куҷо мешитобӣ?
**Барзу.** Ту мункарӣ ё накир?
**Руин.** На ину на он.
**Барзу.** Пас аз сари роҳам дур шав ва бимон, ки паси заҳмати хеш бошам.
**Руин.** ... Эй марди деҳқонпажуҳ.
Чӣ бошӣ дар ин дашт бо ин гурӯҳ?
Шаҳи Чину Мочин ҳамехонадат,
Бад-он то аз ин ранҷ бирҳонадат.
**Барзу.** Кист ӯ, ки ман намедонамаш?
**Руин.** Ҷаҳондор – Афросиёби далер,

Ки рӯбаҳ рабояд зи дандони шер.

Барзу бо шунидани номи Афросиёб чун гулбарг меафрӯзад ва бо надомат мегӯяд:

**Барзу.** Эй бехирад,
Наёяд туро ханда з-ин гуфти худ,
Ҷаҳондори додору додовар ӯст,
Ки рӯзидеҳи бандагон яксар ӯст!
Чи гӯӣ кунун, кист пури Пашанг,
Чаро омадаст ӯ бад-ин роҳи танг?
Наёям ба гуфтори ту пеши ӯй,
Ки оям зи ҳар бадгумон пеши ӯй.

**Рӯин** *(хурӯшида ва ба ғазаб омада).*
Беҳурматӣ кардӣ дар ҳаққи олампаноҳ!

**Барзу.** Барои туст олампаноҳ, вале барои ман – хаси сари роҳ!

**Руин.** Зи яздон магар рӯй бартофтӣ,
К-аз ин гуна гуфторҳо бофтӣ.
Зи фармони шаҳ барматобон сарат,
Ки шамшер ёбӣ ту андархӯрат!
Зи доно шунидам ба ҳар рӯзгор,
Ки фармони шоҳро мадоред хор!

**Барзу.** Эй марди беобу арз!
Ҳар он шоҳ, к-ӯ додгустар бувад,
Ба ҳар ду ҷаҳон шоҳи сарвар бувад.
На ин бехирад, к-аз хирад дур шуд,
Равонаш бари деви муздур шуд.
Чи дониш бувад бо чунин тоҷвар,
Ки бошад ҳамасола бедодгар?!
Маро бахт ёр асту шоҳам худоӣ,
Надорам ҷуз ӯ шаҳ дар ин ду сарой!

**Руин.** Шаккокӣ мекунӣ!

**Барзу.** На, ин шаккокӣ нест. Беҳтараш бираву ба шоҳи гурезаат бигӯй, ки зуд тарки ин манзилу диёр бикунад.

**Руин** *(дар ғазаб).* На, ман ин тур назди ӯ нахоҳам баргашт. Ё туро мебарам ё каллаатро!

**Барзу.** Биозмой!

**Руин.** Худоё, мадад!

Даст ба наём бурда ханҷар мекашад. Ва ба Барзу ҳуҷум меку-

над. Барзу бо як чолокӣ худро ба канор мегирад. Руин мувозинатро гум карда сарозер меафтад. Шамшер як тараф, вай як тараф. Мехоҳад чолокона бихезад, лекин бо зарби лагади Барзу боз нақши замин мегирад. Барзу шамшери ӯро гирифта ба ду қисм ҷудо мекунад. Ин дам Афросиёб аз хайма берун омада, шоҳиди ин манзара мешавад. Паҳлавон Пирон ҳам аз қафо ин манзараро тамошо мекунад ва ба ваҳм меафтад.

**Афросиёб** *(ба Пирон).* Эй паҳлавон!
На аз мардум аст ин, зи Аҳриман аст!
Ман, эдун, гумонам, ки бахти ман аст!
Аз ин марди ҷангӣ намояд чунон,
Ки дар дидаи Рустам орад синон.
*(Ба Гарсеваз хитоб мекунад):*
Ба нармӣ биёвар ба назди манаш,
Ба чарбӣ ба дом оварӣ гарданаш.
Магардон забонро ба тундӣ бар ӯй,
Мабодо, к-аз ӯ ранҷат ояд ба рӯй.
**Гарсеваз.** Ба чашм! *(Назди Барзу меояд)*
Дуруд бар ту, эй номҷӯй,
Чаро барфурӯзӣ ба беҳуда рӯй?
Биё, то туро назди шоҳат барам,
Бад-он пурҳунар ҷойгоҳат барам.
Ҳаме роҳ ҷӯем аз ту кунун,
Наҷӯем кину нарезем хун.
Наберай Фаридуну пури Пашанг,
Ҳаме роҳ ҷӯяд аз ин хорасанг.
**Барзу.** Майлат, назди шоҳат меравам.
Роҳ пеш гир!

*(Ҳар ду назди Афросиёб меоянд. Барзу ба ӯ таъзим мекунад).*

**Афросиёб.** Эй марди борою ком!
Нажодат кадому чӣ мардӣ ба ном?
Зи тухми кий в-аз кадомин гуҳар?
Ки дорӣ дар ин ҷо зи мому падар?
Накардем бар кишту варзат зиён,
Дижамрӯй гаштӣ чу шери жаён?
**Барзу.** Эй номҷӯй,
Дилат шод боду фурӯзанда рӯй.

Падарро надидам ба чашм аз буна,
Ҳама сол эдар будам яктана.
Ману модарам эдару чанд зан,
Ниёи кӯҳан бозмонда ба ман.
Ниёи маро ном Шерӯи гурд,
Ба нахчири шераш будӣ дастбурд.
Кунун пир гаштасту бисёрсол,
Варо чанбарӣ шуд ҳама бурзу ёл.
**Афросиёб.** Эй гурди паҳлавнажод,
Замона туро доди давлат бидод.
Биёбӣ зи ман давлату ком ту,
Ба шоҳӣ расад ин саранҷом ту.
Ҳамон кишвару духтарам они туст,
Ҳамон лашкарам зери фармони туст,
Яке кор пеш аст, гар он кунӣ,
Ҷаҳон сар ба сар зер фармон кунӣ.
Ҷавонию мардӣ ба ҷо оварӣ,
Сари душманон зери по оварӣ.
Яке мард аз Эрон падид омадаст,
Ки банди ялонро калид омадаст.
Зи Туронзамин номдоре намонд,
Ки маншури теғи варо барнахонд.
Дили ҷангҷӯён аз ӯ шуд бадард,
Наёрад касе разми ӯ ёд кард.
Кунун гар ту бо ӯ набард оварӣ,
Сарашро зи гардун ба гард оварӣ.
Худои ҷаҳон бар забонам гувост,
Ки ранҷу сарою сипоҳам туност!
**Барзу.** Бигӯедам, эй шаҳриёр!
Чӣ ном аст номи гави номдор?
**Афросиёб.** Таҳамтан-ш хонанду Рустам ба ном,
Падар Золу аз пушти Дастони Сом.
Ҳамеша нишасташ бувад Систон,
Ки бодо ҳамеша куноми дадон!
**Барзу.** Шоҳо, аз ин кор чандин матоб!
Чу аз як тан ин ранҷ шояд туро.
Пас ин подшоҳӣ чӣ бояд туро?
Чу ҷангӣ набошад дил андар барат,

Чаро тоҷи шоҳӣ ниҳӣ бар сарат?
Ба яздони додору рӯзи сафед,
Ба гардуни гардону тобанда шед.
Ба фархунда фаррух маҳи Фарвадин,
Ба оини базму ба майдони кин,
Ки гар дил бар ин кор пуркин кунам,
Мар-он мардро хишт болин кунам.
Ситонам эй Кайхусрав он тоҷу тахт,
Намонам ба он бум шохи дарахт.
Ҳама бумашон ҷумла вайрон кунам,
Ку номи палангону шерон кунам!
**Афросиёб** *(рӯ ба ганҷур гардонда)*
... Даҳ бадра зар,
Ҳамон тоҷу он ёраи богуҳар,
Зи дебои зарбафти румӣ се тахт,
Зи ёқуту пирӯза тобон се лахт,
Дусад хубрӯёни тотору чин,
Зи дебо саропардаву аспу зин!
**Ганҷур.** Сар ба фармонатон ҳастам, олампаноҳ!
*(Меравад).*
**Барзу** *(ба Афросиёб).* Тайёрам ба набарди Рустам!
**Афросиёб** *(рӯ ба осмон оварда).*
Шукрат, эй яздони пок, ки дили ин ҷавони бебокро ромам кардӣ! (*Ба Барзу).*
Аҳсант, эй яли номдор!
Зафар ёрат бод!

2.

Ҳавлии модари Барзу Шаҳрӯ. Модар чашм дар роҳи писар аст. Ниҳоят дар кушода ва Барзу хушҳол ворид мешавад.
**Барзу**. *(тӯҳфаҳои Афросиёбро пеши пои модар партофта).*
Бигир, модарҷон, ин ҳамаро!
**Шаҳрӯ** *(ҳайрон).*
Ин чист ва аз куҷо бар ту расида?
**Барзу** *(даст ба ҳаво бардошта)*
Албатта, аз ҳаво не! Тӯҳфаҳои Афросиёб аст ин!

**Шаҳрӯ.** Бар ивази тӯҳфа шоҳ аз ту чӣ таманно дорад?
**Барзу.** Бад-он то ману Рустами Золи Зар,
Бикӯшем дар ҷанг бо якдигар.
Сари Рустам аз тан бибуррам ба зор,
Бад-он то шавад шоддил шаҳриёр.

*(Ин суханҳоро шунида, модар фиғон аз дили ҷӯшон мекашад, оби дидагонаш ҷорӣ мешавад, ҷома ба бар медарад, даст ба ҳам зада, сару мӯй меканад).*

**Шаҳрӯ.** Ҳаме орзу размн шерон кунӣ,
Маро хоксори ду кайҳон кунӣ?
Ба рӯзи ҷавонӣ ба зарру дирам,
Машав ғарра, ҷонро магардон дижам.
Ба динору дебову аспу каниз,
Макун хор, эй пур, ҷони азиз.
Ки ин шоҳи Тӯрон фиребанда аст,
Бадиро ҳама сол кӯшанда аст.
Басе бепадар кард фарзандро,
Басе кард вайрон барӯмандро.
Басо кас, ки гашташ ҷудо сар зи тан,
Ба гуфтори ин деви нараҳриман.
Ба дигар, ки он шердил некмард,
Ки бо вай ҳаме кард хоҳӣ набард.
Ба мардӣ зи хуршед пайдотар аст,
Ба пайкор аз шер шайдотар аст...
Басе дев дар дасти ӯ кушта шуд,
Зи кушта басе дашт чун пушта шуд.
**Барзу.** Эй моми некӯсухун,
Маро аз ялон низ нангӣ макун!
Ки ҷуз хост яздон наёбад ҳаме,
Сар аз ҳукми ӯ кас натобад ҳаме.

3.

Қароргоҳи Афросиёб. Ҳамон манзара. Афросиёб болои тахтасанг даст ба сари зону ниҳода, ғарқи фикр аст. Барзу меояд.

**Афросиёб** *(сар аз домони тафаккур бурун карда).*
Хуш омадӣ, шерафкано!
**Барзу.** Эй номвар, пешгоҳ!

Мубориз гузин кун зи лашкар ҳамин.
Зи ҷанговарону саворони кин.
Инонпечу гурдафкану найзазан,
Ба бозу қавипайкару пилтан.
**Афросиёб.** Аҳсант, туро шерафкан!
*(Даст ба даст кӯфта бонг мезанад).*
Пирон!
**Пирон** *(аз хайма зуд берун шуда).*
Гӯш ба фармони шумо, аълоҳазрат!
**Афросиёб** ... ҷанговарон аз сипаҳ баргузин,
Далерони найзавару дурбин.

*(Саҳна торик мешавад. Як гӯша рӯшан шуда чеҳраи ровӣ намудор мегардад).*

**Ровӣ.** Чу бишнид Пирон зи шоҳ ин сухун,
Яке нома фармуду афканд бун.
Ба ҳар гӯшае – бар, ба ҳар паҳлаве,
Куҷо буд дар подшоҳӣ гаве,
Ки лашкар фиристанд наздики шоҳ.
Ҷаҳонпаҳлавони бодастгоҳ.
Ки шаҳ кард дар кӯҳи Шунгон диранг,
Ҳам аз баҳри тадбиру пайкори ҷанг.
Ба ҷашни Фаридун, сари меҳрмоҳ.
Чунон сохт бояд, ки яксар сипоҳ.
Биёянд тозон ба Шунгонзамин,
Чӣ кеҳтар, чӣ боафсару бонигин.

**Ровӣ.** Бад-он даҳ нафар паҳлавон муддати шаш моҳ Барзуро тарзи набард кардан омӯхтанд. Ва чун ӯ дар кори ҳарб варзида гашт, ба назди шоҳ омад ва афзори ҷанг талабид.

Сари моҳи ҳафтум, гаҳи бомдод,
Биёмад бари шаҳ забон баркушод:
**Барзу.** Эй шаҳриёри замин,
Ба фармони ту шоҳи Мочину Чин,
Бифармой, то созу олоти ҷанг,
Биёранд пешам кунун бедиранг!
**Афросиёб** *(ба ганҷур):*
Зи тиру камону зи гурзу зи теғ,
Биёру зи Барзу мадораш дареғ!

*(Ганҷур ҳамоно фармудаҳои шоҳро муҳаё месозад).*

**Барзу** *(ба он чизҳо нигариста):*

Эй шоҳи Мочину Чин,
Сарафрози Эрону Тӯронзамин.
Наёяд, ба кори ман ин сози ҷанг,
Ба сӯзан надӯзанд чарми паланг.
Чу ҷома на дархӯрди мардум бувад,
Ҳамон мард андар миён гум бувад.
Маро бозу эзид қавӣ офарид,
Ба нерӯи ман даҳр марде надид.
Маро дархӯри зӯр бояд камон,
Ситабрии гурзам дучандон ҳамон.
Аз ин даҳгазӣ найзаам бештар,
Ҳамонаш ситабри дучандон дигар.

**Афросиёб** *(ба Ҳумон):*

Биёр он камоне, ки Тӯри далер,
Бад-ӯ ҷуст пайваста пайкори шер.
Ҳамон гурзу ҳам найзаи мо биёр,
Бад-ин номвар марди ҷангӣ супор.

*(Ганҷур батакрор супориши шоҳро фаврӣ баҷо меорад).*

**Барзу.** Берун хиромед пешам кунун,
Маро озмоеду резед хун.
Ба тиру ба найза, ба гурзу ба теғ,
Мадоред захме зи ҷонам дареғ!

**Афросиёб.** Ку, Ҳумон, Гулбеди Гурд, Гарсеваз, Гуром, Тарзон! Ба ҷанг дароед! Бубинам, ки дар муқобили ин шермард чӣ сон истодагарӣ мекунед.

*(Байни паҳлавонони шоҳ ва Барзу ҷанги тан ба тан оғоз меёбад. Паҳлавонон ба зарбаҳои Барзу тоб наоварда, саҳнаро тарк мекунанд ва назди шоҳ омада, ба зону мезананд).*

**Паҳлавони 1.** Аз ӯ зӯртар нест кас дар ҷаҳон!

**Паҳлавони 2.** Зи бегона зот аст, дорам гумон!

**Паҳлавони 3.** Надорад каси хокӣ ин сон тавон!

**Пирон** *(пеши шоҳ зону зада):*

На мардумнажод аст, к-Охарман аст,
Ба ӯ кӯҳи Албурз дар ҷавшан аст!
Ҳумон. Шоҳо! Ба яздони тобанда моҳ!
Ба рӯзи сапеду шабони сиёҳ,

Ки ҳаргиз надидам бад-ин сон далер,
На бабри жаёну на ошуфта шер.
Аз он номдорон, ки ман дидаам,
Диловар бад-ин гуна нашнидаам.
Басе рамзу пайкор дар дашти ҷанг,
Бикардем бо Рустами тезҷанг.
Бад-ин гуна бар дашти кин пойдор,
Надидем шоҳо, ба ҳангоми кор.
**Афросиёб** *(чун гул шукуфта)*.
Солор! Пеш ор хон! Ҷавонону озодагонро
бихон! Сарони сипаҳро саросар бихон!
Муғаннӣ, бинавоз! Шароб биёред!
Гулгун созед маъракаи моро!
Аё пурҳунар номдорони ҷанг,
Чӣ созем аз ин беш эдар диранг?!
Ба осудагӣ рӯз бартар кашид,
Басе лашкар аз ҳар сӯе даррасид.
Фароз омад онрӯза овехтан,
Ҳамон хун зи баҳри падар рехтан.
**Пирон.** Ҳар он гаҳ, ки фармон диҳад шаҳриёр,
Миёнро бибандем дар корзор.
Бибандем доман ба доман дарун,
Ба ханҷар зи душман барорем хун.
Ба Эронзамин оташ андар занем,
Зи сар дидаи душманон барканем.
**Барзу.** *(Ба Афросиёб)*
Ту дилро бад-ин кор ғамгин мадор,
Миёни ду абрӯ пур аз чин мадор,
Ки ман – чун сипаҳ рӯй орад ба рӯй,
Занам яксара сангро бар сабӯй.
Дили ту аз ин кор беғам кунам,
Ҳамон пушти бадхоҳи ту хам кунам.
Бибуррам сари Рустами Золи Зар,
Бадандеши шоҳро бидаррам ҷигар.
Намонам ба Эронзамин, бору барг,
Бар эшон вазонам яке боди марг.
На Рустам бимонад, на шоҳу на бахт,
Супорам ба Тӯрон ҳама тоҷу тахт...

Шаҳо, май хӯр акнуну дил шод дор,
Ҳама кори нобударо бод дор.
**Афросиёб.** Майи ноб биёред! Бинӯш, паҳлавон!
Бинӯшед, ҳабибон!
**Барзу.** Чу дӣ рафт, фардо наёмад ба пеш,
Мадеҳ хира барбод авқоти хеш.

**Афросиёб** *(қарсак зада)*
Ганҷур!
**Ганҷур.** Гӯш ба фармони шумоям, аълоҳазрат!
**Афросиёб.** Рав, биёр!
Ҳамон тоҷ бо тавқу бо гӯшвор,
Ки аз Тӯр мондаст он ёдгор.
Яке тахти дебои рӯминазар,
Ҳамон тоҷи заррину теғу камар!
*(Ба паҳлавонон)*
Аё номдорони пайкорҷӯй,
Кунун ҳар касе дархӯри бахти хеш,
Бубахшед чизеш з-андоза беш!
*(Ҳозирин чизҳои қиматбаҳоро нисори пои Барзу мекунанд).*
Битасфонед ин базмро!

*(Ҳама менӯшанд, рақсу бозӣ мекунанд. Барзу маст мешавад).* Нарасонед халал ба Барзу! Шерафкани ман қабл аз азми роҳ бояд дам бигирад. Хизматгорон! Ҳар он чиро ки пеши пои Барзу нисор гардид, ба манзили моми ӯ бубаред! Бигӯед, ба ӯ, хавотир нашавад. Барзу дар паноҳи худост! *(Хизматгорон мераванд. Баъди чанде Барзу бедор мешавад).*

**Барзу.** Шоҳо! Ман кунун омода ҳастам ба набард!
Бифармо лашкар омода созанд!
**Афросиёб** *(каф ба каф кӯфта).*
Саф кашед! *(Ба Барзу):*
Сипаҳро ту бош ин замон пешрав,
Тӯйи номдору сипаҳдори нав.
Шабу рӯз дар ҷанг ҳушёр бош,
Сипаҳро зи душман нигаҳдор бош!
Бурун кун талоя зи пеши сипоҳ,
Ба рӯзи сапеду шабони сиёҳ.
Туро ёр Ҳумон басу Бормон,

Нигаҳбон – худованди ҳафтосмон.
Ман инак, паси ту ҳам андар замон,
Биёрам сипоҳе чу абри дамон.
Аз ин марз то марзи Эронзамин,
Кунам рӯйи ҳомун ҳама оҳанин.
Зи Чину зи Мочин сипоҳ оварам,
Ҷаҳон пеши Хусрав табоҳ оварам!
**Барзу** *(шамшер аз наём бароварда бонг мезанад).*
Лашкар, ба пеш, ба ҷанги Рустам!

*Мусиқии мутантан, садои сум ва шиҳаи аспон...*

**П а р д а**

## ҚИСМАТИ ДУВВУМ

**Ровӣ.** Ба ҳамин тариқ Барзу бо даҳ ҳазор лашкар сӯи Эрон, ба ҷанги Рустам равон мешавад. Ин хабарро шунида, Кайхусрав ба Зобулистон, ба Рустам нома менависад. То омадани Рустам байни ду лашкар – сипоҳи Эрон ва Тӯрон ҷанги шадиде ба амал меояд, ки дар натиҷа сипоҳи Эрон шикаст мехӯрад.

1.

Набардгоҳ. Хусрав Тӯс ва писараш Фарибурзро назди худ мехонад.
**Хусрав.** ...Фардо пагоҳ.
Чу хуршеди тобон бароярд зи чоҳ,
Шумо ҳар ду бар сони шери жаён,
Ба кина бибандед яксар миён.
Пазира ҳаме пеши Тӯронпаноҳ,
Шаведу баоред гардан ба моҳ.
Гузинед з-ин лашкарам даҳ ҳазор,
Далерони шоистаи корзор.
Бароред ҳам теғи кин аз наём,
Ба жӯпину найза бароред ком.
Ман аз пас ба зудӣ биёрам сипоҳ,

Сипоҳе ба кирдори абри сиёҳ.
*(Ҳарду таъзим мекунанд.)*

**Тус.** Эй пурҳунар, Хусрави комгор,
Ба пирӯзии бахту аз фарри шоҳ.
Кунам рӯзи бадхоҳ чун шаб сиёҳ.
Намонам, ки як тан аз эшон ба ҷон,
Раҳо ёбад, эй Хусрави комрон!
*(Мераванд. Саҳна торик ва баъди лаҳзае боз рӯшан мешавад. Набардгоҳ. Падару писар омодаи ҷанг.)*
**Тус.** Эдар бидон,
Ман инак шавам ҳамчу боди дамон,
Бубинам сипаҳро, ки чанд асту чун,
Чӣ гуна тавонем кардан фузун.
Зи ман бишнав акнун якояк сухун,
Зи тан ҷомаи разм берун макун!
**Фаромурз.** Ман бо ту оям ба ҳам,
Дили ман макун з-ин сухан пур зи ғам.
Ту танҳо ба Тӯронсипоҳ чун шавӣ,
Ба вижа надонам, ки дар хун шавӣ.
Сипоҳе чу дарёи ҷӯшон ба ҷанг,
Ҳама тез карда ба кина ду ҷанг.
Шикаст андар орӣ ба эронсипоҳ.
Кунӣ рӯзи фархунда бар мо сиёҳ.
*( Ин дам аз тарафи дашт хурӯше мебарояд, моҳ тира мешавад. Садои шиҳаи аспон баланд мегардад, ҷангу ғубор ба ҳаво мехезад. Аз як тарафи саҳна Барзу бо чанд тан ҳариф ҷангкунон ворид мешавад. Падару писар мебинанд, ки ҳама аз зарби шамшери Барзу нақши замин мешаванд).*
**Тӯс.** *(ба Фаромурз)*. Эй, писар!
Ҳамоно ки омад замонмон ба сар.
Бад-ин сон чи гуна тавон шуд ба пас,
Шикасте бад-ин сон надидаст кас.
Биё, то бикӯшем ҳарду ба ҷанг,
Магар бифканем аз тани хеш нанг.
Бибандем доман ба доман кунун,
Зи душман ба шамшер резем хун.
Кунун ман шавам сӯи Барзу ба ҷанг,

Ту шав сӯи Ҳумон чу шарза паланг!

**Фарибурз.** Эй номвар паҳлавон,

Ҳамеша бизӣ шоду равшанравон.

Маро бину ҷавлони гурзи маро!

Ба тарафи Ҳумон ҳамла мекунад. Ҷанги тан ба тан. Барзу ҳоли зори Ҳумонро дида, зуд назди онҳо ҳозир мешавад. Дар як зум падару писарро таги каш мегираду оварда пеши пои Ҳумон мепартояд.

**Барзу.** Асирони туянд инҳо!

Чӣ ҷазоеро раво бинӣ, бубин!

*Саҳна торик мешавад.*

2.

Дарбори Хусрав. Қосид медарояд.

**Қосид** *(ба зону афтода).*

Шоҳам! Фарибурзу Тӯс асир афтоданд!

**Хусрав** *(аз ҷо ҷаста).* Чӣ?

**Қосид.** Гурзбардоронат бандӣ шуданд, бандии Ҳумон!

**Хусрав** *(даст ба пешонӣ зада).*

Оҳ қисмати талх! *(Каф ба ҳам мезанад)* Дабир!

**Дабир.** Гӯш ба фармони шумоям!

**Хусрав.** Нома иншо кун, ба номи Рустам,

Ки эй шери шарза, гави некном,

Агар ту наёзӣ бад-ин кор ҷанг,

Кӣ дорад мар-иро дилу ҳушу санг?!

Ба зудӣ бар ин кин миёнро убанд,

Мабодо ки ин кор гардад баланд.

Саҳна торик ва лаҳзае пас рӯшан мешавад. Рустам саросема ба хаймаи Хусрав ворид мешавад.

**Рустам** *(таъзим карда).* Эй шаҳриёр!

Чӣ гуна фитодаст, баргӯй кор?

Кӣ будаст ин ҷангро пешрав?

Кӣ будаст ин кинаро боз нав?

Кучо дид Ҳумон чунон рӯзгор,

Ки Тусу Фарибурз гирад шикор,

На Тӯру Пашангу на Афросиёб,

Надиданд ин рӯз ҳаргиз ба хоб!
**Хусрав.** Эй паҳлавони замин!
Зи Ҳумону аз Бормон бок нест,
Дили мо аз эшон чунин чок нест.
Саворе падид омад андар набард,
К-аз осеби аспаш ҷаҳон шуд ба дард.
Аз ин пеш дидем бисёр кас,
Надидем чун ӯ ба пайкор кас.
Зи Тӯрон наёмад дар ин солиён,
Ки дар ҷанг з-ин сон бибандад миён.
Аз ин беш дигар шигифтӣ шунуд,
Мар-он ҳар ду танро зи зин даррабуд.
Ҳаме бурд тозон ба зери бағал,
Ки гурги даранда рабояд ҳамал.
**Рустам** *(баъди лаҳзае андеша, ба Густаҳм)*
Эй гави некбахт!
Ҳамоно набошад ба Тӯронзамин,
Чу ӯ номдоре ба Мочину Чин,
Зи баҳри бародар миёнро бибанд,
Набояд, ки бар ҷон-ш ояд газанд.
Ҳарду, шамшер аз наём бароварда, мераванд.

3.

Қароргоҳи Афросиёб. Шаб. Дар ду тараф Барзу ва Пирон. Дар поён Фарибурзу Тусӣ дастýпобаста. Афросиёб аз ғалаба сармаст аст.

Аз дили торикӣ чеҳраи Рустам намудор мешавад. Чашми вай ба Барзу меафтад. Худ ба худ мегӯяд:
**Рустам.** Ин нест аз тухми тур!
Ба Эрону Тӯрон чунин номдор,
Надиданд гурдон гаҳи корзор.
Рустам нопадид мешавад.
**Афросиёб** *(ба Тӯсу Фарибурз).*
Кунун то барорад сипеҳр офтоб,
Бишӯяд ҷаҳонро ба зарроби ноб.
Шавад рӯи ҳомун пур аз гуфтугӯй,
Ду лашкар ба рӯй андар оранд рӯй.

Бигӯям, ки то пеши лашкар ду дор,
Зананд ин далерони ханҷаргузор.
Ҳам он гаҳ кунам зинда бар доратон,
Сар орам ҳаме кину пайкоратон.
*(Ишора мекунад, ки онҳоро бубаранд).*
**Рустам** *(боз дар гӯшае пайдо шуда ба Густаҳм).*
Ҳам аз бахри ному ҳам аз баҳри кин,
Зи туркон бипардоз рӯи замин.
Паси ман нигаҳ дору ҳушёр бош,
Далеру дилорою бедор бош!

*(Инро гуфта, ба хаймае, ки Тӯсу Фарибурз маҳбусанд, ҳамла меоварад. Посбонҳоро мекушад ва чолокона Тӯсу Фарибурзро аз банд раҳо мекунад. Ба Густаҳм)*

Ту бардор Тӯс,
Ки шуд дашт баргунаи обнӯс.
Ки ман ҳам Фарибурз бардорамо,
Ба наздики Эронсипоҳ орамо.

Ғайб мезананд. Афросиёб сар аз хоб мебардорад. Пирон дартоз медарояд.

**Пирон.** Ҳол хароб аст, шоҳам!
**Афросиёб.** Бепарда бигӯ, чӣ шуда?
**Пирон.** Яке гург омад миёни рама.
Мар он бастагонро кушода ду даст,
Бибурду якеро зи лашкар бихаст.
**Афросиёб** *(ба ғазаб).*
Ин кори Рустам аст! *(Каф ба ҳам мекӯбад)* Барзу!
Барзу меояд.
Эй сарфароз!
Бибурданд Тӯсу Фарибурз боз!
**Барзу.** Эй шаҳриёр!
Аз ин ҳеҷ андӯҳ бар дил мадор,
Ки фардо дароям ба майдони чанг,
Бибандам мар-ин зобулиро ду ҷанг!
**Афросиёб.** Лашкарро омода созед!
**Барзу.** Эй шоҳи бодонишу ҷоҳу об!
Равам ман ба майдони кина далер,
Ки аз тарси ман афканад ҷанг шер.
Кунам рӯз торик бар пури зол,

Ки гӯи набошад мар-ӯро ҳамол.

**Афросиёб.** Эй яли номдор!

Зи Рустам ту андеша дар дил мадор.

Ҷаҳонофаринанда ёри ту бод!

Дилу теғу бозу ҳисори ту бод!

4.

Набардгоҳ. Барзу дар саҳна. Бо ғурур сӯи лашкари Рустам нидо дорад.

**Барзу.** Барзу манам!

Ҷаҳонро яке паҳлавон нав манам.

Нахоҳам касеро ба ҷуз пури Зол,

Ки гӯянд: кас нест ӯро ҳамол!

Овози Рустам.

Ман омодаам бар набард, эй далер!

Инак, гурзу инак, майдон!

Ҳарду ба ҷанг медароянд. Бо гурзҳои гарон ба сару рӯи ҳамдигар мекӯбанд. Гурзу найза мешиканад, ба ҷанги тан ба тан меоғозанд. Каме дам мегиранд, боз ба набард мехезанд. Барзу наъраи шерона кашида, ба *Рустам* ҳамлавар мешаваду ба шонаи ӯ сахт мекӯбад. *Рустам* аз зӯрии дард ба худ мепечад.

**Рустам** *(худ ба худ)*. Худовандо, баргашт бахт!

*(Сир бой надода, боз роҳи фиребро пеш мегирад).*

Эй паҳлавон!

Сарафрозтар кас миёни гавон,

Шаб омад, дигар ҷанг кардан чӣ суд,

Гумонам, ба ту ин қадарҳо набуд.

Чу фардо биёӣ бад-ин дашту ҷанг,

Ба пас бозбандам туро ҳар ду ҷанг!

**Барзу** *(хандида)* . Эй сарфароз!

Чу фардо барояд баланд офтоб,

Биёям ба майдони ту бошитоб.

Барзу меравад. Наздикони Рустам гирдаш ҷамъ мешаванд. Рустам аз дард менолад.

**Рустам** *(ба Завора)*. Эй паҳлавон, гурди гарданфароз,

Аморӣ биёвар, маро барнишон,

Ки дигар наёбӣ худ аз ман нишон.

Раҳи Систонро баророй кор,
Ки Барзу барорад аз Эрон димор.
Ба гурзи гарон ёли ман баршикаст,
Чу деве, ки бар кӯҳпайкар нишаст.
Хомӯшии гарон.
Фардо, чу Барзу биёяд савор,
Зи Эрон кӣ бо ӯ кунад корзор?
*(Шиҳаи асп ба гӯш мерасад).*
**Завора.** Омад Фаромарз наздики мо,
Ки равшан шавад ҷони торики мо.

Фаромарз ба сари болини Рустам меояд ва дасту пои ӯро мебӯсад.

**Рустам.** Кунун чашм доранд эрониён,
Ки бандӣ мар-ин размгаҳро миён...
**Фаромарз.** Эй номдор,
Зи Барзу ту андеша дар дил мадор,
Ки имрӯз дар разм коре кунам,
Ки андар ҷаҳон ёдгоре кунам.
Бибандам ду дасташ ба кирдори санг,
Дарорам ба горданш дар полаҳанг.
**Рустам.** ... Бар Рахши ман шав савор,
Ба майдони кин дар раҳи корзор.

*(Ба хизматгорон).* Либосҳои ҷангии маро ба ӯ диҳед! *(Ба Фаромарз).* Ин сару либосро ончунон ба бар кун, ки Барзу ба дидан манат гумон кунад.

**Фаромарз.** Дуоям кун, падар!
**Рустам.** Нигаҳ дорадат дар паноҳаш худо!

5.

Набарди ду лашкар. Садоҳои «Бидор!», «Бибанд!», «Бигир!» ба гӯш мерасанд. Барзу ба размгоҳ ворид мешавад.

**Барзу.** Эй паҳлавонони Эронзамин,
Биёеду аз ман биҷӯед кин!
**Гургин** *(ба Фаромарз).*
Аз Эрон ба майдони Барзу ту рав,
Ба майдон рав, ӯро яке баргирой,
Бубинам, ки дар разм дорӣ ту пой.

**Фаромарз** *(аз гуфтори Гургин баланд хандида).*
Эй гурди фирӯзбахт,
Ту рав пеши ӯ, пой дор андаке,
Ки то ман гироям мар-ӯро яке.
Бубинам, ки то ҷанг чун оварад,
Чӣ созад, ки душман нагун оварад.
**Гургин.** Агар ман битобам зи роят инон,
Ба ман баркушояд гурдон забон.
Бирафтам ман акнун ба фармони ту...

Гургин вориди майдони набард мешавад. Ба Барзу рӯ ба рӯ меояд.

**Барзу.** Эй бехирад!
Барошуфт бар ту магар рӯзи бад!
Ҳамоно ки аз умр сер омадӣ,
Ки чунин ба чанголи шер омадӣ!

*(Ба Гургин ҳуҷум мекунад ва бо як зарба ӯро аз по меафканад. Ин ҳолро дида, Фаромарз ба майдон медарояд).*

**Фаромарз.** Эй паҳлавонзодаи некзод,
На дархӯрди чанги ту аст ин савор.
Ки марди ту омад кунун пойдор!
*(Ба Гургин).*
Эй паҳлавон!
Ба наздики Хусрав рав, эдар намон.
**Барзу.** Эй ҷангҷӯй!
Чаро омадӣ назди ман пуя-пӯй?
Ба пайкори шер аз чӣ дер омадӣ?
Ҳамоно, ки аз ҷанг сер омадӣ?
**Фаромарз.** Чӣ ошӯфтан аст?
Ҳама кори ман хӯрдану хуфтан аст.
Чу дӣ боз гаштам аз ин размгоҳ,
Ману Хусраву меҳтарони сипоҳ.
Чу хуршеди тобон ба бурҷи бара,
Ба хӯрдан ниҳодем сар яксара.
Ман аз шоҳ бисёр хӯрдам фузун,
Будам ман ба хоб – андарун то кунун.
**Барзу** *(худ ба худ)*. Ин савор
Чу ошуфташере ба дашти шикор,
На он марди ҷанг асту он дасти ҷанг,

Ки бо ман дар ин дашт вай кард ҷанг.
*(Ба Фаромарз).* Эй покзод!
Маро дар дил афтод дигар гумон,
Ба яздони додору гурзи гарон,
Ки он мард, к-ӯ дӣ зи пешам бирафт,
Ба пайкор бо ман ҳамегашт тафт,
Куҷо рафт, к-имрӯз н-омад бурун,
Чаро кард осоиш он ҷо кунун?
Ҳамин гурзу ин найзаву бодпой,
Ҳамин ҷавшану тарку румӣ қабой,
Ки бо туст, бо ӯ ҳамебуд дӣ,
Ба афсун сар аз ҷанг бирбуд дӣ.
Чӣ афтод, к-имрӯз н-омад ба ҷанг,
Чаро сахт ингуна найрангу ранг?
**Фаромарз**. Девонаӣ!
Чунин бо хирад аз чӣ бегонаӣ?
Ҳамонам, ки бо ту ман андар набард.
Ба гардун баровардаам тира гард.
Ҳамонам на имрӯз дигар шудам,
Зи дӣ беҳтарам ман, на бадтар шудам!
**Барзу.** Пас бигӯй,
Ки то худ чӣ номӣ ту, эй ҷангҷӯй?
**Фаромарз.** Рустамам!
Набинӣ, ки ту қохиву ман дамам?
Манам пури Дастони Соми савор.
Ту баргӯй, то худ нажоди ту кист?
Зи марги ту бар ту кӣ хоҳад гирист?
**Барзу.** Эй гурди пархошгар,
Туро чун саворон дилу шарм нест,
Ҷаҳонро ба наздикат озарм нест.
Ки чунон саворе або бурзу ёл,
Фаровон ба мардиву андак ба сол,
Дилат дод, кӯро бикуштӣ ҳаме,
Ба майдон або ӯ бигаштӣ ҳаме.
Дили ту бар – ӯ барнаёвард меҳр,
Чу чеҳра ту ӯро бидидӣ ба чеҳр!
**Фаромарз.** Чандин магӯй!
Зи баҳри тани хеш чора маҷӯй,

Ки ман бо ту пайкор чунон кунам,
Ки чашми ҷаҳон бар ту гирён кунам!

*(Вай бо гурзи говсар чун бод ҷониби Барзу медавад. Ҳарду ба ҷанг медароянд. Баногоҳ Барзу пешпо хӯрда ба зону меафтад. Фаромарз фурсатро ғанимат донуста, камандашро ба гардани Барзу меандозад ва чандкаса ӯро кашолакунон аз набардгоҳ берун мебаранд).*

6.

Қасри Хусрав. Рустаму Барзу низ онҷоянд. Рустам сарбаланд, Барзу – даступобаста.

**Хусрав** *(ба Рустам).* Эй паҳлавон,
Куҷоист ин паҳлавони ҷавон?
**Рустам** *(бо виқор).* Аз худаш бипурсед, шаҳриёро!
**Хусрав** *(ба Барзу).* Боз ор ҳуш,
Сухан бишнав аз мову бикшой гӯш,
Чӣ номиву аслу нажоди ту чист?
Ба Тӯрон туро хешу пайванд кист?
**Барзу.** Эй шаҳриёр.
Ҷаҳонро баровар дарахте ба бор,
Маро хона дар кӯҳи Шунгон бувад,
Бад-он рӯд – андар маро хон бувад.
Кишоварз будам дар он дашту бум,
Ба барзигарӣ санг пешам чу мум.
Яке рӯз будам дар он паҳндашт,
Яке лашкар аз пеши ман даргузашт.
Мар он дашт шуд ҳамчу дарёи об,
Сипаҳдорашон шоҳ, Афросиёб.
Маро диду овард эдар ба ҷанг,
Ҳам аз баҳри ному ҳам аз баҳри нанг.
**Рустам** *(ба Хусрав).*
Эй шоҳи пирӯзбахт,
Мабодо ҷуз аз ту бад-ин тоҷу тахт.
Бибахшад ба ман шоҳ ӯро ба ҷон,
Бидорам ман ӯро чу ҷону равон.
Ба Арк-андарун боз дорам варо,
Ба ҷуз некӯӣ пеш н-орам варо.

Фиристам ба Ҳиндустонаш ба ҷанг,
Бад-он ҷой созам ман ӯро диранг.
Ба чарбӣ дилашро ба ҷанг оварам,
Дигар солаш эдар ба ҷанг оварам.
Зи тухми бузургон супорам занаш,
Намонам, ки ранҷе расад бар танаш.
**Хусрав** *(шодона).* Додам ӯро ба ту !
**Рустам.** Ташаккур, шаҳриёр! *( ба Фаромарз)*
Бардор пой!
Мар-ӯро бибар то ба пардасарой.
В-аз он ҷо бисоз аз паи роҳ барг,
Мар-ӯро бибар то ба даргоҳи Арк.
Далерони Зобул саворе ҳазор,
Бурун кун зи лашкар ҳама номдор.
Зи ҷинси бузургону хешони гав,
Бад-он то набошад касе пешрав.
Мар-ӯро бад-он ҷо ба банди гарон,
Бибандам ба мисмори оҳангарон.
Бар ӯ бар нигаҳдору ҳушёр бош,
Сари худ зи душман нигаҳдор бош!
**Фаромарз.** Ба чашм, падар!

7.

Қароргоҳи Афросиёб дар Шуғнонзамин. Вай аз шикасти навбатӣ сахт ғамгину ошуфтаҳол аст. Хизматгор медарояд.

**Хизматгор.** Шаҳриёро!
Зане боисрор шуморо дидан мехоҳад.
**Афросиёб.** Бигӯ, дарояд.
Баъди лаҳзае Шаҳрӯ ворид мешавад. Таъзим мекунад.
Кистӣ? Аз куҷоӣ? Ва аз ман чӣ мехоҳӣ?
**Шаҳрӯ.** Куҷо рафт, эй шоҳ, Барзуи ман?
Зи дардаш харошида шуд рӯи ман!
*(Дасти дуо ба ҳаво мебардорад).*
Яло, шердил Барзуи паҳлавон!
Куҷо ёбам акнун, чӣ гӯям туро?
Чӣ гӯям ба мӯя, чӣ мӯям туро?
*(Боз рӯ ба Афросиёб мегардонад).*

Эй шоҳи туркони Лочину Чин,
Ҳамасола басти миёнро ба кин,
Чӣ кардӣ мар-он сарви нозандаро,
Чӣ кардӣ мар-он моҳи тобандаро?
**Афросиёб.** Эй зан, чӣ дорӣ хурӯш?
Сухан бишнаву боз овар ту ҳуш!
На кушта-ст Барзуву на хаста шуд,
Ба оварди Рустам ҳаме баста шуд.
**Шаҳрӯ.** Баҳри худоӣ,
Ба яздони рӯзидеҳи раҳнамоӣ,
Бигӯй маро ин замон ӯ куҷост?
Ба бад андарун ӯ, бигӯӣ, чарост?
**Афросиёб.** Бигуфтам, ки зинда-ст он номвар,
Аз ин беш чизе надонам дигар.
**Шаҳрӯ.** Пас ба ҷустуҷӯяш меравам.
**Афросиёб.** Хавфнок аст роҳ туро!
**Шаҳрӯ.** Барои ту хавфнок аст.
Барои модар фарқе надорад.
**Афросиёб.** Биист, эй зан!
Шаҳрӯ бошитоб меравад. Афросиёб ҳайрон мемонад.

**8.**

Қасри шоҳи Эрон. Пеши саҳна. Шаҳрӯ дар каноре истода мардумро наззора дорад. Ин дам Рустам бо дасти баста ва ба гардан ҳамоил дар иҳотаи чанд тан сарбоз мегузарад.
**Шаҳрӯ** *(ба раҳгузаре)*. Бигӯед!
Чӣ ном аст ин мард бар сони сарв,
Ба сурхӣ рухонаш чу хуни тазарв?
**Роҳгузар.** Ин номвар Рустам аст,
Сарафрозу аз тухмаи Найрам аст.
**Шаҳрӯ.** Дастбаста чарост?
**Раҳгузар.** Дар ҷанги Барзуи шер,
Биёзурд бозуи марди далер.
Ба овардгоҳ дасти ӯ хаста гашт,
Ба чашмаш ҳаме хира шуд рӯи дашт.
**Шаҳрӯ.** Эй номдор.
Чаро бошад акнун бари шаҳриёр,

Зи баҳри чӣ монд андар ин боргоҳ,
Суи Систон чун насозад ба роҳ?
**Роҳгузар.** Хусрав чу аз ҷанг боз,
Ба Эронзамин омад аз баҳри ноз.
Биёмад бари Хусрави номвар,
Бад-ӯ гуфт Кайхусрави пурҳунар,
Бимон пеши ман рӯзу шаб шоду маст,
Марав, то шавад беҳтар ин дарди даст,
Зи фармони Хусрав натобид сар,
Сарафарози гурдон-гави пурҳунар.
Ҳамедораш пеши худ рӯзу шаб,
Гиромиву майро гирифта ба лаб.
**Шаҳрӯ.** Чун дасти ӯй,
Шикастаст з-он пас ҳамон кинахоҳ,
Ба кина сипаҳдори Эронсипоҳ?
**Роҳгузар.** Барзуро баста бар сони шер,
Фаромарз бурда сӯи Систон.
Худу номдорони Зобулистон,
Ба жарбанди Арк андарун зору хор,
Ба банд андар аст он гави номдор,
Бад-он, то чу Рустам шавад боз ҷой,
Бигардонад он теғзанро зи пой.
**Шаҳрӯ.** Худоё, чиву чун кунам,
Ки пои вай аз банд берун кунам?
Чӣ чора-сту дармони ин кор чист?
Дар ин раҳнамунӣ маро ёр кист?

**9.**

Сиистон. Диёри Рустам. Арк. Растаи гавҳарфурӯшон. Дӯкончаи гавҳарфурӯш Баҳром. Шаҳрӯ, ба саҳна ворид шуда, назди Баҳром меояд.

**Шаҳрӯ.** Эй пурҳунар хубрӯй,
Нигаҳ кун
*(Аз ҷайб як панҷа гавҳар баровaрда, ба Баҳром нишон медиҳад)*
Бад-ин пораҳои гуҳар,
Касеро фурӯш ин ва ё худ бихар.

**Баҳром.** Эй номҷӯй,
Киро бошад ин, эй бути моҳрӯй?
**Шаҳрӯ.** Эй б-офарин,
Шунав, то бигӯям туро ҷои ин,
Маро шавҳаре буд бозоргон,
Гузида ҳаме дар миёни сарон,
Ҷавонмарду озодаву хубрӯй,
Ҷаҳонгӯю фарзонаву чарбгӯй.
Ба Омул фурӯ шуд ба ору бимурд,
Маро дар ғаму дарду шеван супурд.
Аз ӯ монд ин гавҳару симу зар,
Басе дурру ёқуту тавқу камар.
**Баҳром.** Агар дигарат ҳаст, фардо биёр,
Ки то ман барам назди ҳар шаҳриёр,
Ситонад, ҳар он кас, ки хоҳад зи ту,
Мапиндор, к-ин кас рабояд зи ту.
*(Саҳна торик мешавад. Фақат ровӣ менамояд).*
**Ровӣ.** Дар ин гуна ду моҳ он ҷо бимонд,
Ки он достон бар касе барнахонд,
Наёрист бо ҳеҷ кас гуфт роз,
Ҳамебуд рӯзу шаб андар гудоз.
Ҳаме шаб нахуфтӣ зи андӯҳу дард,
Ҳаме баркашидӣ зи дил оҳи сард.
Ба дарбанди Арк омада гоҳ-гоҳ.
Ҳаме кардӣ аз дур бар вай нигоҳ.
Саҳна равшан мешавад.
Шаҳрӯ дар назди арк. Чашм ба дарвоза. Баҳром меояд.

**Баҳром.** Дар хона нағнудаӣ?
Бад-ин вақт эдар куҷо будаӣ?
**Шаҳрӯ.** Дилам аз ғаму дард пажмурда шуд,
Бад-он омадам тозиён сӯи Арк,
Магар аз дилам гум шавад дарду марг.
**Баҳром.** Эй хуб зан,
Биё имшабе то ба айвони ман,
Баросой он ҷову дил шод дор,
Равонро зи андеша озод дор,
Ки ромишгаре дорам он ҷо ҷавон,

Навозандаи рӯду ороми ҷон.
На мард аст, ӯ низ чун ту зан аст,
Ба ромишгарӣ фитнаи барзан аст.
Ба наздики Барзу бувад рӯзу шаб,
Ба овози ӯ бошад ӯро тараб.
Мар-ӯро биёрам ба наздики ту,
Ки равшан кунад ҷони торики ту.
*(Аз шунидани ин хабар Шаҳрӯ хушҳол мешавад).*
**Шаҳрӯ.** Ташаккур, барои ҳидоят, вале
... тарсам, ки дарди сарат
Физояд зи ман, чун биёям барат.
**Баҳром.** На, эй шерзан,
Наёяд аз ин ҳеҷ ранҷе ба ман.
**Шаҳрӯ.** Пас меравем.

Саҳна торик, баъди фосилае рӯшан мешавад.
Қароргоҳи Барзу. Барзу ғарқи баҳри андеша. Ромишгар медарояд.

**Барзу.** Баргӯ, куҷо будаӣ?
Ки дар хонаи хеш нағнудаӣ?
**Ромишгар.** Эй паҳлавон!
Ба коми ту бодо замину замон!
Ба ҷону сари паҳлавони замин,
Ки чизе нагӯям дурӯғ андар ин.
Дар ин диж ҷавонест борою хуш,
Варо ном Баҳроми гавҳарфурӯш,
Маро гуфт: имшаб ба хони ман ой,
Бирафтем наздики он раҳнамой,
Зане буд меҳмони гавҳарфурӯш,
Ки чун ӯ надидам ба рою ба ҳӯш,
Ба боло чу сарву чу хуршед рӯй,
Харошида рӯю фурӯ канда мӯй.
Чу ман даст кардам ба барбат дароз,
Сиришкаш зи дида бурун ронд боз.
Хурӯше бароварду хуни ҷигар,
Биборид бар рӯи чун моҳу хур.
Басе кард зориву мӯягарӣ,

Ба ман охир ин дод-ангуштарӣ.

Барзу навиштаҷоти ангуштариро хонда сиришк аз дида равон мекунад. Ромишгар ҳайрон мемонад.

**Барзу.** Эй номвар, дилбари хубрӯй,
Чӣ гуна-ст болову дидори ӯй?
Чӣ мегӯяд имшаб дар ин ҷо, бигӯй?
**Ромишгар.** Эй шоҳи озодагон!
Чунин гуфт Баҳроми бозоргон,
Ки бозоргон аст ин шӯҳра зан,
Ба бозоргонӣ – сари анҷуман,
Накӯрӯй озодаи тезҳуш,
Варо ном – Шаҳрӯи гавҳарфурӯш.

Барзу ба худ мепечад, вале ҳаяҷонашро фурӯ менишонад.

Ба боло баланд асту зебо ба рӯй,
Шихудаст рӯю буридаст мӯй.
Ба Омул, – бигӯяд, ки шӯям бимурд,
Маро дар ғаму дарду меҳнат супурд.
Надонам, ки шаҳру нажодаш куҷост,
Бад-ин омадан сӯи Эрон чарост?
**Барзу.** Модар!
**Ромишгар** *(нафаҳмида).*
Чӣ ҳоле дастат дод, эй шаҳриёр?
**Барзу.** Наход? Наход ки...
**Ромишгар.** Эй паҳлавон!
Чӣ будаст, к-ин сон фурӯ рафтаӣ?
Бипажмурда рӯю ба дил тафтай?
Чӣ омад ба пешат зи ангуштарӣ,
Ба ман баркушо низ аз ин доварӣ.
Гуле будӣ, аз нозу шодӣ ба бор,
Чӣ уфтод, к-акнун шудӣ зору хор?
Нагӯӣ, ки ин нолаи зор чист?
Туро дарди ин дард аз баҳри кист?
**Барзу.** Битарсам, ки чун боз гӯям сухан,
Бад ояд ба рӯи ту, эй нек зан,

Кунун гар вафоро ту паймон кунӣ,
Дар ин хастагиам ту дармон кунӣ,
Ба савганду паймон бибандӣ ду даст,
Чӣ паймон, ки онро нашояд шикаст.
Ки бо кас нагӯӣ ту ин рози ман,
Бад-ин кор бошӣ ту дамсозӣ ман.
**Ромишгар.** Эй паҳлавон!
Ба гарданда гардуну меҳри равон,
Ки гар бар сарам теғи буррон бувад,
Танам дар кафи шери ғуррон бувад.
Нагӯям касеро ман ин рози ту,
Бибошам дар ин кор анбози ту.
**Барзу.** Он шӯҳра зан,
Ки ангуштарӣ оваридӣ ба ман,
Зи баҳри ман омад бад-ин шаҳр – дар,
Вагарна ниёзаш набуд бо гуҳар.
Маро гар зи эдар раҳоӣ бувад,
Туро дар ҷаҳон подшоӣ бувад.
Ҳам эдар ту акнун бирав боз ҷой,
Ҳамон роҳ барбат ба нармӣ сарой,
Замоне баросоӣ бо шӯҳра зан,
Чу холӣ шавад хона аз анҷуман,
Бад-ӯ гӯй: баргӯ, чӣ номӣ ба ном,
Нажодат кадом асту шаҳрат кадом?
Ҳамоно, ки Барзуйро модарӣ,
Ки рӯзу шаб аз дард бар озарӣ?
Агар модари вай туй, боз гӯй,
Ки то андар онат шавам роҳҷӯй.
**Ромишгар.** Ба чашм!
*Меравад.*
**Барзу** *(зери лаб).* Модар... Модар!

Саҳна торик ва лаҳзае пас боз рӯшан мешавад. Ромишгар шодон вориди саҳна мегардад.

**Ромишгар.** Шодиёна, номдоро! Вай моми туст!
**Барзу.** Дармони ин кор чист?
Дар ин кор дарди маро ёр кист?

Чӣ созам ба ину чӣ афсун кунам,
Ки пои худ аз банд берун кунам?
Мар-ӯро кӣ орад ба наздики ман?
Дурахшон кунад ҷони торики ман?
**Ромишгар.** Бисозам туро ман бад-ин рой кор,
Бад-он гаҳ, ки сар барзанад офтоб,
Шабаҳ гардад аз вай чу дурри хушоб,
Шавам назди он бонуи бонувон,
Бисозем тадбир мо ҳардувон,
Бигӯям, ки то асп бихрад чаҳор,
Таковар ба кирдори боди баҳор,
Силоҳи гаронмояву барги роҳ.
Каманди дарозу дирафши сиёҳ.
Биёрам камандеву сӯҳон барат,
Ки монанди ҷонанд ин дархурат...
**Барзу.** Маслиҳат оқилона аст. Ба ҷон ҳамкори туям!

## 10.

Саҳна торик. Мусиқӣ. Саҳна равшан мешавад. Аз ду тараф Барзу ва Шаҳрӯ рӯ ба рӯи ҳамдигар меоянд. Хурӯше аз дили синачоки ҳарду ба фалак мепечад.

**Шаҳрӯ.** Эй хушманд!
Чӣ гуна будӣ дар ғаму ранҷу банд?
Маро аз ғами ту ба шаб хоб нест,
Ба рӯзу ба шаб дида бе об нест.
**Барзу.** Эй раҳнамун!
Басе ранҷ донам, ки бардоштӣ,
Басе роҳи душвор бигзоштӣ,
Надонӣ, к-аз Эрон чӣ омад ба ман,
Аз он лашкари шоҳу з-он анҷуман,
Валекин кунун гоҳи гуфтор нест,
Беҳ аз рафтани раҳ дигар кор нест.

Бигир, модар, ин либоси гурдонро ба бар бикун, ки вақти сабр нест!

Шаҳрӯ зуд паси парда гузашта тағйири либос мекунад ва

баъди фосилае дар сурати мард вориди саҳна мегардад.

**Шаҳрӯ.** Омодаам, нури басар!
**Барзу.** Пас меравем ба Шуғнонзамин!
**Шаҳрӯ.** Меравем!

*Меравaнд. Мусиқӣ.*

## ҚИСМАТИ САВВУМ

### 1.

Дашт. Барзу ва ромишгар равонанд. Барзу, даст ба пешона лапар карда дурро наззора дорад.

**Барзу.** Ҳӯ, дар он ҷо чангу ғубор мебинам.
Лашкарест. Эй, ҳушёр!
Ба мо – бар дигаргуна шуд рӯзгор,
Ҳама ранҷу тимори ту бод гашт,
Ки Рустам падид омад аз паҳн дашт.
Бояд пинҳон шуд. *(Меравaнд. Рустаму ҳамроҳонаш меоянд).*
**Рустам** *(гирду атрофро аз назар гузаронда).*
Он ҳар се бераҳ шуданд,
Чу аз мову аз лашкар огаҳ шуданд.
Ҳамоно, ки ҷосуси Тӯрон буданд.
Ба наздикии шаҳри Эрон буданд.
Дирафшам бидиданду бигрехтанд,
Ба доми бало – дар наёвехтанд.
*(Ба Гургин)*
... Бора бирон!
Бад-он ҷо, ки гаштанд ҳар се ниҳон.
Нигоҳ кун, ки то кистанд он се тан,
Мар-он ҳар серо ор наздики ман!
*(Меравaнд. Баъдии фосилае Гургин ва Барзу ҷангкунон ворид мешаванд).*
**Гургин.** Эй номдори далер,
Чӣ мардӣ ба ном, аз куҷо омадӣ?

Ба берах̣ чунин рах̣ чаро омадӣ?
Чу дидӣ дирафши ҷаҳонпаҳлавон,
Чаро гаштӣ аз чашм эдар ниҳон?
**Барзу.** Ҳамоно зи ҷон сер омадӣ?
Ки з-он сон ба пайкори шер омадӣ!
**Гургин.** Магар номи Гургин ту нашнидай?
К-аз ин гуна худро писандидай?
Зи пайкори ман шер тарсон бувад,
Зи хашми камандам ҳаросон бувад.
Биё, то туро назди Рустам барам,
Пас он гаҳ ба гуфтори ту бингарам.
**Барзу.** Эй номвар!
Нагӯяд чунин марди пархошгар.
Ба-д он гаҳ, ки бетӯшу мурда шавам,
Чу шери жаён захмхӯрда шавам.
Ба даҳ мард чун ту маро сӯи гӯр,
Нашояд кашид, эй гави рӯзкӯр,
Чу зинда бувам, пас маро чун барӣ?
Ба зарку ба банда ба афсунгарӣ?!

*(Ба Гургин ҳамлавар мешавад. Гургин меафтад. Барзу ба гардани ӯ банд андохта мехоҳад сарашро аз тан ҷудо созад. Завора садди роҳ мешавад).*

**Завора.** Чӣ номӣ, чӣ мардӣ, маро боз гӯй,
Чӣ кардаст ин саркаш, ин ҷангҷӯй?
Зи Рустам ҳамоно надорӣ хабар,
Ки гетӣ аз ӯ гашта зеру забар.
Ҳама Систон сар ба сар они ӯст,
Ҳама даҳр яксар ба фармони ӯст.
Аз он номвар банд бикшоӣ зуд,
Биё назди Рустам ба кирдори худ.
Набояд, к-аз ин кор огаҳ шавад,
Зи хоҳиш маро даст кӯтоҳ шавад.
Туро ман бихоҳам аз ӯ ин гуноҳ,
Аз ин бештар кор дигар махоҳ.
**Барзу.** ... Боз ор ҳуш!
Ду чашми хирадро бад-ин сон мапӯш.
Магар менадонӣ, ки ман кистам?
Бад-ин дашти пайкор аз чистам?

Маро дидаӣ рӯзи нангу набард,
Ба майдони кин бо далерони мард.
На Рустам зи рӯй асту на з-оҳан аст,
На ӯ кӯҳи Албруз дар ҷавшан аст.
Агар нестам ман чун ӯ таҳмтан,
Маро дидаӣ бар сари анҷуман.
Ҳамон захми бозу гуноҳи ман аст,
Каманду камон раҳнамои ман аст!
**Завора** *(худ ба худ).*
Мар-ӯро ба дидор бишнохтам,
*(Ба Барзу)* Эй номвар, паҳлавон,
Чӣ гуна бичастӣ зи банди гарон?
**Барзу.** Намегӯям ин сирро пеши ту.
Хайр, бубар, паёмам ба Рустам!
*(Гургинро сари китф карда меравад. Осемасар Рустам меояд).*
**Рустам** *(ба Завора).* Баргӯй, то кор чист?
Рухи ту чу динор аз баҳри кист?
**Завора.** Эй номдор!
Барошуфт бар мо бади рӯзгор,
Раҳо шуд сару пои Барзу зи банд,
Бад-ин гуна гардид чархи баланд.
Ҳама банду зиндони ту кард паст,
Раҳо гашт аз банд чун пили маст,
Гирифтори ӯ гашт Гургини гав,
Надонам, ки чун хост ин кини нав?
**Рустам** *(ба як сӯ).* Чӣ гуна раҳо гашт ин девзод,
Тани хеш аз он банд чун баркушод?
*(Ба ҳамроҳонаш)* Эй мардон!
Бибандед доман ба доман дарун,
Ки аз душмани худ бирезем хун,
Агар мо бад-ин бар диранг оварем,
Ҳамон номи некӯ ба нанг оварем!
**Ҳама.** Ҳама пеши ту яксара бандаем,
Ба фармону роят сарафкандаем.
Бибандем доман якдигар дигар,
Намонем, к-ин турки пархошгар.
Аз ин дашти пайкор берун шавад,

Магар, к-афсари мо пур аз хун шавад!

*Саҳна торик. Мусиқӣ.*

## 2.

Қароргоҳи Барзу. Рустам меояд. Чашмаш ба Шаҳрӯ ва ромишгар меафтад.

**Рустам.** Занон кистанд?
Або ӯ дар ин ҷойгаҳ чистанд?
Чаро омадастанд бо ӯ ба ҳам?
*(Ромишгарро шинохта)*
Бигӯ, эй шӯхзан!
Чӣ кардӣ бар он банду зиндони ман?
Чӣ гуна раҳо гашт ин номдор?
Куҷо буд Дастони Соми савор?
*(Ромишгар хомӯш).*
Ин моҳрухсор кист?
Ситода бад-ин дашт аз баҳри чист?
**Ромишгар.** Эй паҳлавон!
Ту будӣ ҳамасола равшанравон,
Ҷаҳонҷӯй Барзӯйро модар аст,
Ҳам аз баҳри ӯ дар дилаш озар аст.

*Барзу меояд.*

**Барзу.** Эй сарви бошоху бун,
Туро бо занон чист ин гуфтугӯй?
Агар ҷангро омадӣ, ҷанг ҷӯй!
Ҳамоно, ки дасти ту беҳ шуд зи дард,
Ки ёд омадат боз дашти набард?!
Зи хунат ҳама хок гулгун кунам,
Равонат ба шамшер берун кунам!
**Рустам** *(барошӯфта).*
Эй турки баргаштабахт,
Туро чарх бифрефт он рӯзгор,
Ки пирӯз гаштӣ ту дар корзор.

Агарчанде ту марди мардонаӣ,
Ба ҳар донише сахт фарзонаӣ.
Басо шермандон, ки ман куштаам,
Заминро ба хуншон бароғӯштаам.
Ниҳеби ман ар сӯи Ҷайҳун шавад,
Ба Ҷайҳун – дарун об пурхун шавад.
Агарчанд ҳастӣ ту дар ҷанг чир,
На ман рӯбаҳам, низ ту шарза шер.
**Барзу.** Биозмой!
*(Гурзҳо ба кор медароянд, найзаҳо тарафи ҳамдигар рост мешаванд. Ташнагӣ бар Рустам ғолиб меояд).*
**Рустам.** ... Эй паҳлавон, шод бош!
Ҳамасола аз дард озод бош,
Ба яздон, ки бисёр дидам ҷаҳон,
Ҳам Эрону Тӯрон карон то карон.
Ба Мозандарон низ будам басе,
Або Аҳриман даст судам басе.
Басе номдорон, ки дар ҷанги ман,
Бидоданд ҷонро бар оҳанги ман.
Маро сол афзун шуд аз чорсад,
Ки рӯзе наёмад маро пеш бад.
Ҳам аз хун маро ҷавшан оғӯшта шуд,
Ҳамин бора аз ранҷи ман гашта шуд.
Туро низ донам, ки чунин бувад,
Дилат дар бар аз ранҷ хунин бувад,
Ба хӯрдан туро низ бошад ниёз,
Агарчанд ин ранҷ бошад дароз.
Ба наздики модар яке бозгард,
Замоне або ӯ ҳамовоз гард.
Баросою биншину чизе бихӯр,
В-аз он пас чу баргардад аз чарх хур.
Бибанд аз паи кина ҷустан миён,
Бубинем, то бар кӣ гардад замон.
Ба модар ҳама кардаат боз гӯй,
Магар ӯ аз ин кина печад-т рӯй.
Ки то кушта н-ой ту бар дасти ман,
Намонад ба ҳалқи ту – дар шасти ман...
**Барзу.** Эй паҳлавони далер!

Шигифт оядам кору кирдори ту,
Ки дидам чунин ҷангу пайкори ту.
Дареғ он далерону гарданкашон,
Дареғ он саворони мардумкушон.
Ки беҳуда бар дасти ту куштаанд,
Равонро ба хун – андар оғӯштаанд.
Равонро бидоданд бар дасти ту,
Ба моҳӣ гироянда шуд шасти ту.
Ба афсуну найрангашон куштаӣ,
Заминро ба хуншон дароғуштай.
Ду бор омадӣ ҷангро пеши ман,
Чу дидӣ ба майдон каму беши ман.
Ба чора зи ман рӯй баргоштӣ.
Чу дар ҷанг дандони ман гашт тез,
Гирифтӣ дигарбора роҳи гурез.
Бад-он гуфтам ин, то нагӯй, ки ман,
Фиреби ту хӯрдам, дар ин анҷуман.
Ҳамоно Фаромарз н-омад ҳанӯз,
Ки дар ҷанг орӣ баҳона чу юз,
Кунун бозгарду бирав боз ҷой,
Чу ҷанг орзу оядат-пешам ой!
Чунонат фиристам бари Зол боз,
Ки дигар ба ҷангат наёяд ниёз!
Бикӯбам ба гурзи гарон гарданат,
Ба хунат кунам лаъл пироҳанат.

Рустам пурандешаву хамӯш аз Барзу дур мешавад. Саҳна торик. Шаҳрӯ меояд.

**Барзу.** ... Эй меҳрубон!
Надидӣ, ки чун гашт бар ман замон?!
Дигарбора ин саркаши номвар
Чу дар ҷанги ман сахт баста камар,
Ба чора дигар бор аз ман биҷаст,
Чу дидаш, ки гаштам бар ӯ чирадаст.
Ҳамегӯяд ин саркаши ҷангҷӯй,
Чӣ бошӣ ба Турон чунин пуя-пӯй?
Биё, то туро паҳлавонӣ диҳам,
Ба Эронзамин комронӣ диҳам,
Фиребад маро, то ба Эрон равам,

Ба наздики шоҳи далерон равам.
Надонам ба фарҷом ин чун шавад,
Зи хун кӯҳи ин хок гулгун шавад.

Саҳна торик, сипас равшан мешавад. Дар саҳна Рустам ва паҳлавононаш.

**Рустам** *(ошуфтахотир.*
... Ҳаргиз паланг,
Надидам, ки бошад чунин тезҷанг.
Зи чандин саворон, ки ман куштаам,
Ҷаҳоне ба хуншон биёғуштаам.
Басе дев шуд кушта бар дасти ман,
Ба моҳӣ расида сари шасти ман.
Надидам ба мардӣ чунин комгор,
На деву на мардум, на шери шикор.
Ҷавоне, ки солаш набошад ду даҳ.
Ба ман дар чунин баст дар ҷанг раҳ.
Ба яздон, ки аз ҷон буридам умед,
Ҳаме шармам ояд, зи риши сафед.
Аз ӯ рӯй дар ҷанг бартофтан,
Сӯи Зол аз ин разм биштофтан,
Чӣ гӯеду дармони ин кор чист?
Бад-ин кор дарди маро ёр кист?

Дар ин лаҳза гурӯҳи паҳлавонон бо сардории Фаромарз ба саҳна ворид мешаванд. Вай назди падар омада гунаҳкорона сар хам мекунад.

**Рустам.** Нагуфтам, туро ман, ки ҳушёр бош,
Зи душман саратро нигаҳдор бош!
Бад-он гаҳ, ки буд баста дар дасти ту,
Ба ҳалқаш дарун монда буд шасти ту.
Надонистӣ ӯро нигаҳ доштан,
Худу номдорони он анҷуман.
Кунун чун раҳо гашт оҳу зи даст,
Чу боди хазоне ҳаме баргузашт,
Туро шарм н-ояд, ки акнун ҳазор,
Савор оварӣ аз паи як савор?
**Фаромарз.** ... Эй сари анҷуман,

Сари сарварон – гурди лашкаршикан,
Зи банди ман ин бачаи аждаҳо,
Ба афсӯну найранги зан шуд раҳо.
Зане омад аз шаҳри Тӯрон баҳуш,
Ба наздики Баҳроми гавҳарфурӯш,
Басе зарру гавҳар биёварда буд,
Бад-он рӯй ӯро зи раҳ бурда буд.
Ба чора раҳо кард вайро зи банд,
Наёмад аз он кор вайро газанд.
Кунун ҳаст дар банд гавҳарфурӯш,
Ниҳода ба фармони Рустам ду гӯш.
Бад-он, то чӣ фармон диҳад паҳлавон,
Агар бахшадаш в-ар ситонад равон.
**Рустам.** ... беҳуда бас,
Нагӯяд чунин носазо ҳеҷ кас!

Ба сари Фаромарз бо қамчин мезанад. Гев чолоконаву бо хашм тозиёнаро аз дасти ӯ мегирад.

**Гев.** На ҳангоми хашм аст, эй паҳлавон,
Ки ҳангоми гурз асту тиру камон,
Ки гӯянд: аз баҳри турке, ки ҷаст,
Сари мағзи фарзанди худро шикаст!
Биё, то нишинем бо якдигар,
Бисозем тадбири ин номвар,
Магар номи ӯро ба нанг оварем,
Ба майдони кинаш ба ҷанг оварем.

Гургин медарояд. Хушҳол аст, ки аз асирии Барзу раҳоӣ ёфтааст.

**Гургин.** Яке чора донам дар ин кор ман,
Бубинед ин ройи ҳушёри ман,
Ҳамоно надоранд хӯрдан ҳаме,
Аз эдар бибояд-ш бурдан ҳаме.
... бояд хӯришгар кунун,
Ки то хӯрданиро биёрад бурун.
Бимолем бар мурғи бирён шаранг,

Фиристем наздики он тезчанг.
Агар даст ёзад ба хӯрдан фароз,
Наёяд ба майдони ҷангаш ниёз.
**Рустам.** Тадбири олӣ! Омода созед!

Хизматгорон дар як они воҳид гуфтаҳои Гургинро баҷо меоранд. Гургин нуқлу навои бисёре, аз ҷумла мурғбирёни заҳрогинро гирифта баромада меравад.

### 3.

Қароргоҳи Барзу. Дастархони пур аз нуқлу наво омода. Барзу меояду хонро дида хушҳол мешавад. Ва азбаски гурусна аст, мехоҳад даст ба линги мурғ барад. Ин дам шиҳаи асп баланд мешаваду баъди фосилае Руин – писари Пирон меояд.

**Руин** *(ба Барзу).* Эй шери баргаштарӯз,
Чигуна-ст кори ту дар Нимрӯз?
Ба Тӯрон чунон аст акнун хабар,
Ки Рустам буридаст аз тан-т сар.
Магар хуфта бахти ту бедор гашт,
Ва ё банди Рустам чунин хор гашт?
**Барзу.** Эй номвар,
Чунин буд фармони пирӯзгар.
Касеро, ки яздон бувад посбон,
Зи Рустам наёяд мар-ӯро зиён!
Модар!
**Шаҳрӯ.** Чӣ мефармой, ҷони модар?
**Барзу.** Пеш ор он ҳадяи паҳлавон!
Зи хошок оташ фаровон кунед,
Бар ӯ гӯрхар зуд бирён кунед.
**Руин** *(бо шубҳа).* Эй пурманиш,
Куҷо оваридӣ аз ин сон хӯриш?
**Барзу.** Чу баргашт аз размгоҳ, паҳлавон,
Чунин гуфт гӯё ба солори хон:
Ки дар гуна чизе, ки дорӣ, биёр,
Бибар назди он паҳлави номдор.
Биёвард холигараш ин замон,

Ки ту омадӣ назди мо шодмон.
Кунун ҳеҷ кас даст бар вай накард,
Зи баҳри чӣ пурсӣ ту, эй шермард?
**Рӯин.** Ҳамоно туро сол бисёр нест,
Агарчанд чун ту ба пайкор нест.
Надонӣ ту оину расми ҷаҳон,
Ҳам афсӯну найранги нодӯстон.
Набояд, ки чизе дар он хӯрданин,
Фишонанд аз баҳри ошӯбу кин.
**Барзу** *(худ ба худ)* ... оре, раво бошад ин,
Надонам, чӣ ояд ба мо барбад ин.
Киро номадаш зиндагонӣ басар,
Намирад, варо гар барорӣ ҷигар.
Чу ояд замона ба тангӣ фароз,
Ба чора нагардад зи ту марг боз.
**Рӯин.** Як лаҳза!

*(Мурғи бирён ва ду пора нонро ба тарафе ҳавола медиҳад. Ба хизматгор).* Кӯ, рафта бубин. Ҷонвар ҷон ба саломат бурд ё на?

*(Хизматгор зуд рафта ҳамон замон мурдаи сагро оварда дар пеши пои Барзу мемонад).*

**Барзу.** Эй паҳлавон!
Зи ту дур бодо бади бадгумон,
Ба мо-бар бибахшуд яздони мо,
Ки ту будӣ акнун ба меҳмони мо.
Вагарна бад-ин ҷой мурда будем.
Ҳамон ҷони ширин супурда будем. *(Ба Шаҳрӯ).*
Модар, ҷавшанам биёр! *(Ба Рӯин).*
Бифармой, то аспро зин кунанд,
Савorони ту дил пур аз кин кунанд.
Ҳар он к-ӯ бизояд, бибояд-ш мурд,
Касе шахси зинда ба мину набурд.
Кунун он беҳ ояд, бад-ин ҷойгоҳ.
Ки кушта шавам ман ба овардгоҳ.
В-агар зинда баргардам аз ҷанг боз,
Бувад ҳадяи эзиди бониёз.
Дуоям деҳ, мом! Ин ҷанги охирини ману Рустам хоҳад шуд!

**Шаҳрӯ.** Худо дар паноҳаш нигоҳат дорад!

## 4.

Набардгоҳ. Дар рӯ ба рӯи Рустам Барзу бовиқор истодааст. Рустам, ӯро дида, оҳи сард аз дили пурдард мекашад.

**Рустам** *(худ ба худ)*... имрӯз боз
Дигарбора шуд ҷанги Барзу дароз.
Ба сад чора аз дасти ин аждаҳо,
Ба майдони кин ёфтам ман раҳо.
*(Ба Фаромарз)* ... бишнав сухун,
Бад-он чӣ бигӯям, накӯ гӯш кун,
Дил андар вафои замона мабанд,
Ки яксон нагардад сипеҳри баланд.
Ба некӯ ба бад, ҳарду хурсанд бош,
Ҳамеша чу шохи барӯманд бош!
Маро чарх бисёр ёрӣ намуд,
Ба фарҷом хоҳад кулоҳам рабуд.
Басе дев шуд кушта бар дасти ман,
Басе чанг кӯтаҳ шуд аз шасти ман.
Ниҳеби ман ар сӯи Ҷайҳун расид,
Наҳанг аз ниҳебам ба ҳомун расид.
Агар гурз бар кӯҳи оҳан задам,
Аз он кӯҳ коми дилам бистудам,
Кунун, чун сипеҳр аз сарам гашт суст,
Саворе чунин пешам омад дуруст.
Ман инак шудам сӯи он номдор,
Ба майдони ҷанг аз паи корзор.
Агар даст ёбам бар ӯ бар ба кин,
Ба хокаш дарандозам аз пушти зин.
Вагар ҷуз бад-ин гуна гардад замон,
Ту бора барангезу эдар намон!
Нигар, то наёӣ зи маргам ба ҷӯш,
Ба тан – бар силоҳи сабурӣ бипӯш!
*(Бонг мезанад)* Куҷостӣ, Барзу?! Баро ба ҷанги ман!

*Барзу пеш меояд.*

**Барзу.** ... Эй бехирад,
Аз озодагон ин кай андар хӯрад?
Ки кардаст бо ҳамнабарде бадӣ,
Магар он ки бар душмани эзидӣ?
Туро чун саворон дилу шарм нест,
Ҷаҳонро ба наздикат озарм нест.
Натарсидӣ аз нангу аз номи бад,
Ва ё сӯи эзид саранҷоми бад?
Чӣ кардам ба ту ё ба фарзанди ту?
Магар он ки ҷастам зи дарбанди ту?
Туро шарм н-ояд зи риши сафед,
Зи яздон ҳамоно шудӣ ноумед.
Надонӣ, агарчанд монӣ дароз,
Саранҷом кор андар ой ба ғоз.
Чу бо ман басанда набудӣ ба ҷанг,
Сӯи чора гаштӣ ба заҳри шаранг.
Кунун чун маро дошт яздон нигоҳ,
Зи рӯзи баду чораи зиштгоҳ.
Ту мардии ман дида будӣ нахуст,
Дилат боз ин орзу аз чӣ ҷӯст?
Ба яздон, ки гар ту накардӣ чунон,
Набастӣ ба пайкори ман-бар миён.
Чу ман сӯи Тӯрон шитобидаме,
Пас овози ту низ нашнидаме.
Надидӣ маро низ ҳаргиз ба ҷанг,
Ҳам аз баҳри шарму ҳам аз баҳри нанг.
Кунун чун шаранги ту н-ояд ба кор,
Ба подоши некӣ зи ман ёдгор.
Чунонат фиристам раҳи Систон,
Ки гирянд бар ту ҳама дӯстон!

Ба ҷанг медарояд. Баъди чанде хаста мешаванд, дам мегиранд, боз набардро идома медиҳанд. Шаҳрӯ дар гӯшае ин манзараро муоина мекунад.

**Шаҳрӯ.** Эй кирдигори ҷаҳон,
Ҷаҳондору дорои ҳафт осмон!

Бад-ин ҷой бар, эзиди додгар,
Насӯзӣ диламро ба дарди писар.
Аз ин ҷанг ӯро раҳоӣ диҳӣ,
Зи торикиям равшаноӣ диҳӣ!

*(Ин дам каманди ҳарифон канда мешавад).*

**Барзу.** Эй хушманд!
Чу созем акнун камарбанд сахт,
Бубинем, то бар кӣ ошуфт бахт,
Бигирем ҳарду даволи камар,
Битозем аспон абар якдигар.
Бубинем, то кӣ шавад хастадил,
Зи хуни кӣ бархезад имрӯз гил.
**Рустам.** ... Эй номдор,
Ба яздони додори парвардигор!
Ҳар он чӣ бипурсам, бигӯй ту рост,
Наёрӣ ба гуфтор – дар ҳеҷ кост,
Бигӯй, ки тухму нажоди ту чист?
Ба Тӯрон туро хешу пайванд кист?
Ҳамоно, ки аз тухми Тӯрон най,
Ки ҷуз аз нажоди бузургон най!
**Барзу.** Эй паҳлавон!
Сухангӯи доною чиразабон!
Чӣ пурсӣ аз ин баршуда номи ман,
Зи тухму нажоди ману анҷуман?
Туро бо нажоду таборам чӣ кор?
Чӣ дорӣ зи мардӣ? Ба майдон биёр!

Боз афтударафт. Дар ниҳоят онҳо хаста шуда дам мегиранд.

**Рустам** *(худ ба худ)...* Битарсам, ки ман,
Шавам кушта аз дастони Аҳриман.
Ба мардӣ шуда дар ҷаҳон номи ман,
Ба зиштӣ гирояд саранҷоми ман!
Чӣ гӯянд аз он пас-пас аз марги ман,
Чу бинанд дар хун сару тарги ман?
Ки Рустам ҷаҳонро ба мардӣ гирифт,

Ҳама шаҳриёрон аз ӯ дар шигифт.
Аз ӯ дар ниҳеб аз карон то карон,
Чӣ шоҳони Чину чӣ Мозандарон.
Ба дасти кӣ дар ҷанг ӯ кушта шуд?
Ки хокаш ба хун-андар оғӯшта шуд!?
**Барзу.** Кофист фароғат!
**Рустам.** Ман омодаам бар набард.

Ҷанги тан ба тан давом мекунад. Ногоҳ Барзу, пешпо хӯрда, дар банд мепечад. Рустам, фурсатро ғанимат дониста, худро болои ӯ мепартояду филфавр ханҷар аз миён бароварда, монанди шери жаён мехурӯшад. Ҳамоно бонги Шаҳру ба фалак мепечад.

**Шаҳрӯ.** Рустамо!
Ба ман ин замон гӯш дор,
Шавам, то бигӯям ба ту, ҳуш дор!
Туро шарм н-ояд зи яздони пок!
Ки чунин ҷавоне бар ин тира хок.
Ба зорӣ барорӣ равон аз танаш,
Ба хунаш кунӣ лаъл пироҳанаш?!
Туро ӯ набера, ту ҳастӣ ниё!
Бар ӯ дил чӣ дорӣ пур аз кимиё?

*Шасти Рустам мегардад. Суст мешавад. Ханҷар оҳиста поён мефарояд.*

Ҷаҳондор – фарзанди Сӯҳроби гурд ,
Бад-ин зӯру бозуву ин дастбурд.
Бихоҳиш куштан бад-ин дашт зор,
Натарсӣ зи яздони парвардигор,
Ки гоҳе набера кушӣ, гоҳ пур,
Баҳона туро кини Эрону Тӯр!
*(Рустам моту маҳбут)* ... Эй шӯҳра зан!
Маро андар ин достоне бизан!
Чӣ гӯй? Магар хоб гӯӣ ҳаме!
Бад – ин дашт чора чӣ ҷӯӣ ҳаме?
Нишоне чӣ дорӣ, маро он бигӯй,
Бигӯ пеши ман тез, махрош рӯй!

Зи Сӯҳроб чун аст инро нажод?
Бибояд маро рози ин баркушод!
Чу дорад зи Золу Наримон насаб,
Чаро пешам овард кину ғазаб?
**Шаҳрӯ.** Эй паҳлавон!
Забонам нагардад ҳаме дар ҷаҳон,
Магар ханҷар аз даст берун кунӣ,
Бар ин хаста ҷонам ту афсун кунӣ.
Битарсам, ки ҳар дам биҷунбӣ зи ҷой.
Бияндозӣ ин теғзанро зи пой.

*Рустам ҳанҷарро як тараф мепартояд. Шаҳрӯ ба суханаш идома медиҳад.*

Эй паҳлавони ҷаҳон!
Фурӯзанда чун ҳур миёни меҳон.
Бад-он гаҳ, ки Сӯҳроб шуд паҳлавон,
Сарафрозу номӣ миёни меҳон,
Фасила бар он кӯҳи мо доштӣ,
Шабу рӯз дар дашт бигзоштӣ.
Бад-он гаҳ, ки сар кард пуршӯру кин,
Зи кин кард оҳанги Эронзамин,
Биёмад ба назди фасила дамон,
Або ӯ сипоҳе чу шери жаён.
Зи фармони додори парвардигор,
Падар буд он рӯз андар шикор.
Дилаш гашт меҳри маро хостгор,
Якеро бифармуд «к-ӯро биёр!»
Маро чокаре бурд наздики ӯй,
Ба тан зӯрманду ба дил чораҷӯй.
Ба афсунгарӣ дида бешарм кард,
Ба ширинзабонӣ маро нарм кард.
Ба мардонагӣ коми дил баргирифт,
Ба чора маро танг дар бар гирифт.
Аз ӯ бар гирифтам, шудам борвар,
Ба андеша чанде фурӯ бурда сар,
Баровард сар он гоҳ, овоз дод,
Ки гардуни гардон туро соз дод.

Бидонӣ, ки аз ман шудӣ борвар,
Зи тухми чаҳонпаҳлавон – Золи зар.
Бурун кард з-ангушташ ангуштарӣ,
Нигинаш дурахшанда чун Муштарӣ,
Ба ман доду гуфтам, ки ҳин, гӯш дор,
Бад-он ч-ат бигӯям, накӯ ҳуш дор.
Нигаҳ дор ин, – чун писар оядат,
Ҳама ранҷи гетӣ ба сар оядат.
Ба ҳангоми он, к-ӯ шавад кинавар,
Бибандад ба пайкор ҷустан камар.
Бигӯяш, ки дорад мар-инро нигоҳ,
Ки бошад фурӯзанда чун меҳру моҳ.
Агар духтар ояд накӯ чун парӣ,
Дар ангушти ӯ бояд ангуштарӣ.
Бигуфт ину он гоҳ андар замон,
Ба асп андар омад чу боди дамон.
Биёмад ба пайкору худ кушта шуд,
Зи дардаш маро дида оғӯшта шуд.
Ҷаҳонҷӯй Барзу зи ман шуд ҷудо,
Ба монанди Сӯҳроб нараждаҳо.
Ҳама сол ӯ буд ҳамсози ман,
Нагуфта ба ӯ ҳеҷ ин роз ман.
Ба барзигарӣ гашт ҳам достон,
Ба кирдори фарзонаи бостон.
Аз он бим, к-аш н-оядаш сози ҷанг,
Ба барзиш медоштам зери санг.
Набояд, ки ҳамчун падар зору хор,
Шавад кушта бар дашти пайкор зор.
**Рустам** *( тоқаташ тоқ шуда).*
... бинмой ангуштарӣ,
Чӣ дорӣ ниҳон карда ҳамчун парӣ.

Шаҳрӯ ангуштариро ба Рустам пешкаш мекунад. Рустам, ба ангуштарӣ нигоҳ карда, наъраи шерона мекашад.

Шукрат, худовандо, поко парвардигоро!
*(Ба Барзу).*
Зи ҳомун бар афрози бора нишин,
Бирав то ба наздики шоҳи замин!

*(Ба ҳамроҳонаш).*
Гӯш кунед, ҳаммеҳанон!
Ин номвар!
Ки буд баста дар ҷанг бо мо камар,
Дили мо аз ӯ пурғаму тоб гашт,
Ба фарҷом фарзанди Сӯҳроб гашт!

Эрониён нидоҳои шодмонӣ бароварда шодиву рақс мекунанд.

Ба пеш, эй азизон, сӯи Систон!
Ки некӯ шуд анҷоми ин достон!

Рустам, даст ба гардани Барзу, ҳамроҳи Шаҳрӯ ва ромишгар, аз қафои онҳо дигарон аз саҳна берун мешаванд. Мусиқии мутантан онҳоро то аз саҳна берун шудан гусел мекунад.

**Парда**

*Душанбе-Теҳрон-Машҳад-Душанбе*
*январ-июни соли 1992.*

# БАРЗУ ВА РУСТАМ

## (Драмаи манзум)

*Қисмати дуввуми асари дугона дар асоси достони безаволи Абулқосими Фирдавсӣ «Саргузашти Барзу – писари Сӯҳроб».*

АМАЛ МЕКУНАНД:

БАРЗУ
РУСТАМ
АФРОСИЁБ
РУИН
САВСАН
ПИЛСАМ
ТУС
ГУДАРЗ
ФАРОМАРЗ
РУҲҲОМ
ГЕВ
ГУСТАҲМ
БЕЖАН
ҲУМОН
ШИДА
ПИРОН

Дар саҳнаҳои оммавӣ ҷанговарон, сарбозони ду тарафи муқобил ширкат меварзанд.

Дар саҳна ровиён. Онҳо дар даст асбобҳои гуногуни мусиқӣ аввал ба навозиш, сипас ба хониш шурӯъ мекунанд:

Чу баргашт Руин аз он размгоҳ,
Аз он кори Барзу шуда дил табоҳ.
Биёмад чунон то ба назди падар,

Чу пажмурда шоху фурӯ бурда сар.
Ҳама шаҳр дидаш чу дарё ба гӯш,
Ҳаме кар шуд аз бонги мардум ду гӯш.
Бипурсиду гуфташ: бигӯяд чист?
Ба айвони мо дар фузӯнӣ зи кист?
Яке гуфт: Афросиёб омадаст,
Ба меҳмонии паҳлави шаҳпараст.
Биёмад шитобон ба хони падар,
Пур аз дард ҷону пур аз дард сар.
Ба Пирон хабар бурд солори бор,
Ки Руин-т омад зи дашти шикор.
Хурӯше баромад зи тӯрониён,
Ки шод омад аз дашт шери жаён.
Чу Руин ба наздикии шаҳ расид,
Сиришкаш зи дида ба рух барчашид.
Заминро бибӯсиду омад ба пеш,
Ҳаме буд бар по ба оини хеш.

## 1.

Қароргоҳи Афросиёб**.** Вай сархам, андӯҳгин аст.

**Рӯин** башаст медарояд. Гард дар мижгон, ашк дар чашмон дорад.

**Руин** *(заминро бӯсида рӯ ба рӯи Афросиёб қарор мегирад)*.
Шоҳаншоҳо!
**Афросиёб.** Эй паҳлавони ҷаҳон,
Чӣ афтод, к-эдун фурӯ рафтай?
Ту гӯй, ки аз хоб ошӯфтай.
**Руин.** Эй шоҳи ҷаҳон!
Чӣ тадбир андешем, ки бахт аз мо рӯй тофт.

**Афросиёб** *(дар хашм)*.
Ба хайр аст? Бигӯ, чӣ воқеа рух дод?
**Руин.** ... сир ҳама фош шуд,
Ба фарҷом Барзу фарзанди Сӯҳроб шуд.
Сӯи Систон рафт шодону каш,

Ба наздики он паҳлави шерфаш.

**Афросиёб** *(бештар ба хашм омада, чашмонаш тоси хун мешаванд, даст ба зону зада ҷома дар тан медарад).* Ҳай дареғ! Ҳамааш ба боди фано рафт! *(Чун шери жаён меғурад, ришу мӯйлаб мекашад, сиришк мерезад).* Акнун ба гуфтан чӣ суд?

Ки душман баровард аз бахт дуд.
Бигӯед, тадбири ин кор чист?
Ба-д ин кор дарди маро ёр кист?
Ҳамоно, ки гардун маро баста кард,
Диламро ба доғ – андарун хаста кард.
Нахоҳем аз тухми Дастон бираст,
На аз тухми мо кас зи Эрон биҷаст.
Чӣ гӯям, яке рафту омад дигар,
Бибандем бар кина ҷустан камар.
Наёсуд теғи вай андар ниём,
Ки бо ӯ бипайваст Барзуву мом.
Ба Эрону Тӯрон чу Барзуй кист?
Бар ин кишвари мо бибояд гирист.
Надонам чӣ кардам бад-ин чархи пир,
Ки рӯзам сияҳ кард монанди қир.
Чу Барзу набера, чу Рустам – ниё,
Яке шергиру яке аждаҳо!
Пас акнун чу бошанд ду кинаҷӯй!
Зи хунам биренанд бар дашт ҷӯй.
Сазад, гар кунун ҷумла тӯрониён,
Гурезанд аз пеши Эрониён.

*(Баъди ин суханҳо Афросиёб тоҷи шоҳӣ аз сар гирифта ба замин мезанад).*

Хок бар сари ману шоҳии ман!
**Руин** *(ӯро дилбардорӣ карда):*
Эй шаҳриёр!
Набошад чу ту дар ҷаҳон номдор!
Наберайи Фаридуну пури Пашанг!
Ба дарё гурезон зи бимат наҳанг!
Ба кина чу шеру ба неру чу пил,

Ба дил – мавҷи дарё, ба каф – рӯди Нил,
Чу бар пушти шабранг бошӣ савор,
Чи як тан ба ҷангат – чӣ сесад ҳазор.
Кунун ин ҳама биму зорӣ чарост?
Чунин паҳлавӣ ёлу бозу кирост?

**Афросиёб.**
Намедонам! Намедонам! Ин сару савдоро ба куҷо занам? Дӯстон! Ҳамдилон! Қаринон! Маслиҳате, машварате! Чӣ бояд кард? Чӣ чора ҷӯст? Ба ҳам пайвастани Рустаму Барзу ин балоест азим!

Савсан аз байни ҳозирон берун шуда назди шоҳ меояд ва сари таъзим хам мекунад.

**Савсан.** Эй дархӯри тоҷу гоҳ!
Зи як тан фузӯнӣ чӣ ояд кунун?
Ки ду дида кардӣ чу дарёи хун?
Туро ин ҳама нола аз як танаст?
Ҳамоно, ки як тан на аз оҳан аст!
Кунун гар маро шоҳ ёвар бувад,
Ҳамон бахти фархунда чокар бувад.
Ба яздони додору бахту кулоҳ,
Ба рахшанда хуршеду тобанда моҳ!
К-аз эдар ба танҳо ба Эрон шавам,
Ба афсӯну найранги шерон шавам.
Чу Дастони Сому чу Барзу далер,
Чу Гударзу Геву чу Баҳроми шер.
Чу Рустам, чу Бежан, Завора дигар,
Фарибурзи Ковусу пархошгар.
Чу девона дар банд баста чу юз,
Биёрам ба пеши ту аз Нимрӯз.

**Афросиёб.** Ба ин бовар дорӣ?

**Савсан.** Шоҳам, фаромӯш накун, ки гуфтаанд: дарахти макри зан сад реша дорад, фалак аз дасти зан андеша дорад.

**Афросиёб.** ... пас биншину хомӯш бош,

Чу ромишгарон ҷоми май нӯш бош!
Ки дидаст ромишгаре ҷангҷӯй,
Набошад ба гетӣ чунин роҳу рӯй!
Зан арчанд дар кор доно бувад,
Чу мардӣ кунад – сахт расво бувад.
Туро кор ҷуз барбату чанг нест,
Ду чанги ту андар хӯри чанг нест.

**Савсан** *(ғамгин).* Эй шоҳи Мочину Чин!
Зи гуфтори ман дил мАкун пур зи кин.
Ки гуфтаст донои пешинзамон,
Мабошед эмин зи макри занон!
Ки ёрӣ нахоҳам зи мардони ҷанг,
Чу ман боз кардам ба чора ду чанг.
Валекин яке мард хоҳам далер,
Ки дар ҷанг бошад яке тунд шер.
Ки то буд ӯ, Рӯи Рустам надид,
На овози ӯро ба гетӣ шунид.
Ки бо ман бувад андар ин кор ёр,
Ба мардӣ напечад сар аз корзор.
Ки фармон бувад мар маро рӯзи ҷанг,
Бад-он гаҳ, ки гӯем, ки бикшой чанг.

**Афросиёб.** Эй ҳамчу дурри хушоб,
Агар он чи гуфтӣ, ба ҷо оварӣ,
Бадандешро зери по оварӣ.
Шавӣ бонуи бонувонам ҳама,
Шубон бошиву бонувонам рама.
Ба Эрону Турон шавӣ подшо,
Шавӣ бар ҳама кор дармонраво.
Валекин бигӯ, то чӣ дармон кунӣ?
Ки ҷони бадандеш бирён кунӣ?

**Савсан.** ... эй шаҳриёр!
Сухан бишнав аз ман, накӯ гӯш дор.
Ба ҳар ҷо, ки ин сафкашон сар ба сар.
Нишинанд дар базм бо якдигар.
Фузунӣ кунад ин бар он, он бар ин.

Яке шӯр бархезад охир аз ин,
Биёяд аз он пас ягона дугон,
Ҳам он пури Дастону он дигарон.
Ба пирӯзии шаҳ, ба ёрии бахт,
Бигирам бар Эрон ман ин роҳ сахт.
Валекин яке мард бояд далер,
Ки бошад ба ҳар вақт монанди шер.
Ки бо ман дар ин роҳ ҳамраҳ бувад,
Зи неку зи бад низ огаҳ бувад.

**Афросиёб.** ... дорам саворе ба-д ин сон дамон,
Ба боло баланду ба бозӯ қавӣ,
Ба сина чу шеру ба тан паҳлавӣ.
Зи Чин омадаст ӯ набудӣ барам,
Гаҳи кина гӯяд, ки «шери нарам»,
Набарди таҳамтан кунад орзӯй,
Бидонад ки бошад туро ҳамроҳ ӯй.
Надидаст пайкори Эрониён,
Ба-д ин орзу баста дорад миён.

**Савсан.** Эй шаҳриёр!
Бифармой, то ояд он номдор!

**Афросиёб** *( даст ба ҳам кӯфта):*
Оред мар Пилсамро барам,
Ба-д он то бад ин кор ман бингарам.
*(Хизматгор меравад ва лаҳзае пас бо Пилсам мебарояд. Вай болобаланд ва бо тану тӯш аст).*
**Савсан.** Эй номдор!
Ҷаҳонпаҳлавонро тӯй хостгор?
Агар бо ман ой, бибаста миён,
Бикушӣ ба монанди шери жаён.
Ҳама номдорони хусравпараст,
Супорам ба дасти ту – шон хуфта маст.

**Пилсам.** Ҷаҳонпаҳлавонро манам хостгор,
Агар бинад ӯро ҷаҳонбини ман,
Бибинӣ ба кин ҷӯстан оини ман.

Чунонаш бидӯзам ба пайкон ҷигар,
Ки симурғ гардад бар ӯ навҳагар.
Бибанд аз паи роҳ рафтан миён...
**Афросиёб** *(хурсанд ба Пирон).*
Бифармой, то уштур оранд чанд,
Супоранд яксар бад ин хушманд.
Яке хайма аз дибаҳи пурнигор,
Ҳама, ҳарчи бояд, бисозу биёр!
*(Ба Савсан)*
Эй номвар!
Бигӯ, то биёрам ҳам акнун ба пеш,
Ҳар он-чат бибояд ҳам аз камму беш.
**Савсан.** Эй паҳлавон!
Бимонӣ ту шодону равшанравон!
Ба холигарат гӯй, к-эй чарбадаст,
Зи матбаҳ бибар хӯрданӣ, ҳарчӣ ҳаст.
Зи мурғу зи ричору нону бара,
Бифармой, то оварад, яксара.
В-аз он пас бифармой к-андар замон,
Ду хики май оранд, эй паҳлавон.
Бифармой, то доруи ҳушбар,
Парастанда орад або нӯшбар.
**Афросиёб** *(даст ба ҳам кӯфта).*
Ҳозир кунед!
*(Хизматгорон аз паи кор мешаванд).*
**Савсан.** Ҳама кори ман гашт пардохта,
Кунун гашт кори дилам сохта.
*(Таъзим карда меравад).*
**Афросиёб** *(Ба Пирон).*
Ки биштоб аз эдар чу дарёи об,
Биёвар яке борагӣ кӯҳсурин,
Зи заррин ситому зи пирӯза зин.
Яке ҷавшани тарк бо вай дигар,
Ҳамон гурзаи говпайкар ба зар.
**Пирон.** ... эй номдори набард,
Агар ту барорӣ аз ин кор гард,
Ба яздони додору чархи баланд.
Ба хуршеди рахшону теғу каманд,

Ки Турон туро гашту Эрон турост,
Маро ном бас бод-фармон турост.
**Пилсам** *(ба Пирон)*.
К-эй паҳлавон!
Бимонӣ ту шодону равшанравон!
Ба бахти туву шоҳ Афросиёб,
Расонам сари хеш бар офтоб!
Чу Рустам ба чашми ман ояд яке,
Намонамш бар рахш – бар андаке.
Ба хамми камандаш рабоям зи зин,
Зи аспаш дарорам ба рӯи замин.
Ба Зобулситон оташ андар занам,
Ҳама бехи Дастон зи бун барканам!
Бидӯзам Фаромарзро чашми дил,
Зи хунаш кунам рӯи майдон чу гил.
Аз айвони Дастон барорам хурӯш,
Дили Зол орам зи Рустам ба ҷӯш!

Ин дам Савсан меояд. Ва Пилсам ба ӯ рӯ меорад:

Эй мояи рангу бӯй,
Бирон бора, то сӯи Эрон равем,
Сӯи он далерону шерон равем!
**Савсан.** Меравем!

Онҳо таҳти навои мусиқӣ аз саҳна мераванд.

## 2.

Гурӯҳи ровиён дар саҳна. Асбобҳои мухталифи мусиқӣ ба наво медароянд.

**Ровиён** *(месароянд)*.
В-аз он рӯй шерону гурдон тамом,
Расиданд наздики айвони Сом.
Ба хӯрдан ниҳоданд сар рӯзу шаб,
Зи ханда наёсудашон низ лаб.
Набуд корашон ҷуз ҳама хобу хӯрд,

Кас андешаи кори дигар накард.
Зи мастӣ чунон шуд ҷаҳонпаҳлавон,
Зи шодии Барзую Фарри каён,
Ки аз шаб ҳаме боз нашнохт рӯз,
Чи Барзу, чи он Рустами невсӯз.
Ҳаме ҳар касе гуфт: чун мо дигар,
Набандад ба майдони кина камар.
Яке гуфт: «ман шер гирам ба даст,
Шавад паст аз гурзи ман пили маст.
Ҳаме ҳар касе гуфт мардии хеш,
Яке гуфт камму яке гуфт пеш.

Ровиён аз саҳна мераванд. Ба саҳна гурӯҳи паҳлавонони эронӣ ворид мешаванд.

**Тус** *(даст бардошта).*
... чу ман далерон куҷост?
Набошад чу ман гав або фарру ёл,
На Гударзи Кимводу на пури Зол!
**Гударз.**
Аз ҳад нагузар! Фурӯтанӣ камоли мардӣ ва хирадмандист!
Чу бешӣ кунӣ пеши озодагон,
Ба вижа бузургони кишводгон.
Агарчанд аз мо туро шарм нест,
Касеро ба назди ту озарм нест.
Зи Барзуст худ шарм н-ояд кунун,
Ки дар хокат овард аз зин нагун!
**Тус** *(чун шери жаён аз ниём ханҷар мекашад).* Гапатро дониста зан! Ман аз касе кам нестам! *(Бо як зарба ханҷари Руххомро зада аз насташ меафтонад).* Ба зӯри ман қоил шавед!

**Руххом.** Эй баддили ёвагӯй!
Агар нестӣ шарми Рустам ба пеш,
Бидидӣ кунун ту сазовори хеш.
Зи гурдон туро пеша ҷуз нанг нест,
Чӣ суд аст к-ин хонаи ҷанг нест!
Аз ин суханҳо қаҳри Тус бештар мешавад.
**Тус.** Пас ман бирафтам аз ин ҷо!

Меравад. Рустам меояд.

**Рустам** *(ба Фаромарз).*
Тусат кучост?
Чи уфтод к-ошуфта гашта ҳама,
Чи аз гурги борон рамида рама?
Бигӯед к-ин доваритон чарост,
Ба беҳуда ин шӯратон аз чӣ хост?
**Барзу.** ... ки эй паҳлавон!
Бимонӣ ту човиду равшанравон!
Ба бедонишӣ Тусро ёр нест,
Ба чуз чангу шӯраш дигар кор нест!
Надонад ба гетӣ касеро ба мард,
Зи Гударзу Руххом чӯяд набард.
Ҳамон аз Фаридун сухан гуфту бас,
Чуз аз худ надонад дигар ҳеч кас.
**Гударз.** Хомӯш!
Чу бедонишон беҳуда мармачӯш!
Суханҳо ҳам аз хеш ронӣ ҳаме,
Магар хештанро надонӣ ҳаме?
*(Ба Рустам):*
Тус баровард бозуву ханчар кашид,
Ҳамехост аз тан сарашро бурид.
Зи дасташ бурун кард Руххоми гурд,
Ҳама панчаи дасти ӯ кард хурд.
Ба фарчом акнун бурун шуд зи хашм,
Зи кина чу ду тоси хун карда чашм.
Надонам, кучо рафт чун шуд бурун,
Бар онам, ки шуд сӯи Эрон кунун,
**Рустам** *(ба Фаромарз).* Эй бехирад,
Зи озодагон кай худ ин дархӯрад?
Агарчанд гардан бияфрохт ӯй,
Ва ё хештан нек нашнохт ӯй.
Нахоҳам, ки озода берун шавад,
Маро аз ғамаш дида пурхун шавад.
*(Ба Барзу)* *К*-эй меҳрубон!
Надонӣ ту оину расми чаҳон.

Ки бадномӣ ояд ба фарҷом аз ин,
Чунин гуфт донои Эронзамин.
Ки бар мизбон меҳмон подшост,
Ту он кун ки аз номдорон сазост.

Барзу замин мебӯсад. Рустам ба Гударз рӯй меорад:

Ки чун ту ба дониш надонем кас,
Ҷаҳонпаҳлавон Тус бедониш аст.
На ҳамчун ту борою бодониш аст.
Валекин зи тухми каён аст ӯ й,
Ҳам аз пушти шоҳи ҷаҳон аст ӯй.
Натобӣ зи фармони ман ҳеҷ сар,
Ба-д он сон, ки дорӣ нажоду гуҳар.
Шавӣ аз паси Тӯсу боз орияш,
Ба гуфтор з-ин беш н-озорияш.

**Гударз**. Ба чашм, паҳлавони дунё! Меравам ва ӯро дар куҷое, ки бошад, пайдо карда меорам.

Меравад.

**Гев.** ... к-эй гурди нев,
Ту донӣ, ки Гударз гаштаст пир.
Чу деваст он Тӯси нахчиргир.
Агарчанд Гударз фарзона аст,
Аз ӯ Тӯс пуркина девона аст.
Шавам, ҳардуро пешат ором кунун,
Бихонам бар эшон ҳазорон фусун.
**Рустам.** ... фармон турост,
Ба-д он роҳ рав, к-ат ҳаме рой рост.
**Гев.** Меравам.
Меравад.

**Густаҳм** *(бар пой хеста).*
Эй паҳлавон!
Дили корзору хирадро равон!
Ту донӣ, ки аз Навзари шаҳриёр,

Надорам ба ҷуз Тӯсро ёдгор.
Чу Гударзу чун Гев-ду ҷангҷӯй,
Аз эшон надонам, чӣ ояд бар ӯй.
Маро дил аз ин ҳар ду пурбим гашт,
Зи дарди бародар ба ду ним гашт.
Чӣ гӯяд ҷаҳонпаҳлавон ин замон,
Шавам аз паси ҳар ду гурдон дамон.
**Рустам.** Пас бирав. Шод бош,
Дар ин кор бодину бо дод бош!

Густаҳм меравад. Чашми Рустам ба Бежан меафтад, ки сиришк дар чашмон дорад.

*(Ба Бежан).* Эй паҳлавони ҷаҳон!
Чаро ношикебӣ ту бар ҷои хон?
Чӣ андешаат омад акнун ба пеш?
**Бежан.** Эй паҳлавон!
Пурандеша гаштам зи Геви ҷавон.
Надонам, ки рафтори ӯ чун бувад,
Зи хуни ки ин хок гулгун бувад?
Агар паҳлавон рой бинад, ки ман,
Равам сӯи он номдор анҷуман.
**Рустам.** Хез!
Барангез аз ҷой шабранги тез!
**Бежан.** Ба чашм пилтано!

Меравад.
Лаҳзае хомӯшӣ.

**Рустам** *(худ ба худ).* Ҳама рафт. Ку бубинам, ки чӣ коре ба сомон мерасонанд ва чӣ хабаре аз он ғурурмард меоранд.

Ин сӯ он сӯ қадам мезанад, ба атроф назар меандозад.

*(Худ ба худ).*
Моно, ки коре бад аст,
Ба-д ин номдорон баромад шикаст.
Замоне дар ин кор андеша кард,

Хирадмандиву меҳтарӣ пеша кард.
*(Ба Фаромарз).*
Эй бандҳоро калид,
Дили ман аз ин кор пурдард шуд.
Рухонам зи андешагон зард шуд,
Бибанд аз паи роҳ рафтан миён,
Сутурат битозон чу шери жаён.
Ба ҷавшан бипӯшон, нахустин барат,
Биёрой аз тарки рӯмӣ сарат.
Барафроз бозу бар гурзи гарон,
Чу ошуфта девони Мозандарон.
Ҳар он ки – ӯ зи фармон-т ояд бурун,
Фурӯ рез аз он мард бар арз хун.
**Фаромарз**. Ба чашм, падар. Гуфти туро мекунам.

Меравад.
**Рустам** *(ба Барзу).*
Чӣ созему дармони ин чун кунем?
Мар ин хастагиро чи афсун кунем?
**Барзу.** Ки эй ҷангҷӯй,
Баромад аз ин кор бас гуфтугӯй.
Набояд ҳаме дил дар ин кор баст,
Ва андеша аз марг ҳаргиз ки раст.
Чунин буд, то буд гардон сипеҳр,
Гаҳе заҳри кину гаҳе нӯши меҳр.
**Рустам.** Дуруст мегӯӣ, ҷигарам! Кӯ, ман боз лаҳзае берун шавам.
Чаро аз рафтагон дараке нест?
**Барзу.** Хавотир нашавед, ҷаҳонпаҳлавон!
**Рустам.** На. Дилам аз пешомади нохуше огаҳӣ дода истода-аст. *(Меравад. Барзу танҳо мемонад. Мусиқӣ).*

### 3.

Ровиён дар саҳна.
Кунун бозгардам ба оғози кор,
Бигӯям, ки чун рафт тӯи савор.
Нигар, то чӣ омад мар ӯро ба пеш,

Зи гардуни гардону кирдори хеш.
Чу Тӯс омад аз хони Рустам бадар,
Дил аз дард пурхуну хаста ҷигар.
Зи мастӣ чунон буд, ки огоҳ набуд,
Ҳамеронд аспаш ба кирдори дуд.
Ҳамерафт бо роҳи Эронзамин,
Саре пур зи боду диле пур зи кин...
Яке оташе дид карда зи дур,
Чӣ аз баҳри мотам, чӣ аз баҳри сур.
Ҳамеронд бора чу он ҷо расид,
Яке хайма дебои пирӯза дид.
Хаймаи Савсан. Канизон гирди ӯ нишаста барбат менавозанд.
Тус *( ба хайма наздик шуда худ ба худ).*
Ки ин з-они кист?
Бар ин ҷой ин хайма аз баҳри чист?
*(Овоз баланд мекунад).*
Худованди ин хайма, биномӣ рӯй,
Киро бошад ин хайма, бо ман бигӯй!
**Савсан** *(ба истиқболи ӯ бархоста).*
Эй меҳари пурҳунар,
Фуруд ой аз аспу биншин яке,
Баросою дам зан ҳам андаке.
Чу пурсидӣ, акнун бигӯям туро,
Ҳама комаи дил биҷӯям туро.
Ки то ман ба-д ин ҷо расидам ҳаме,
Ба ҷуз аз ту касро надидам ҳаме.
Бифармо, паҳлавони дунё. Нури дида, тоҷи сар!
*(Тус ба хайма ворид шуда ба курсии зар мешинад).*
**Тус** *(ба Савсан).* ... к-эй хубрӯй,
Аз эдар куҷо рафт хоҳӣ? Бигӯй?
**Савсан.** ...к-эй гурди пархошгар!
Ба ромишгарӣ чун ман андар ҷаҳон,
Набошад миёни кеҳону меҳон.
Шитобон ба Эрон чу дарёи об,
Гурезонам аз бими Афросиёб.
Ҳама шодии ӯ ба ман буд беш,
Маро дошт пайваста чун ҷони хеш.
**Тус** *(дар шигифт).* Чаро гурезонӣ аз бими Афросиёб?

**Савсан.** Барошуфт бо ман яке рӯз шоҳ,
Зи гуфтору беғораи зиштхоҳ.
Ба ман – бар зиштӣ гумон омадаш,
Зи гуфтори бадгӯ нишон омадаш.
Маро хост куштан – гурезон шудам,
Зи Турон ба-д ин роҳи Эрон шудам.
Ман аз баҳри Кайхусрави номҷӯй,
Зи Тӯрон кунун омадам пӯя-пӯй.
Кунун гар ҷаҳонпаҳлавон номи хеш,
Бигӯяд, биёбад ҳама коми хеш.
**Тус** *(худ ба худ).* Инро барам назди шоҳ.
Физояд маро назди ӯ пойгоҳ.
Зи Зобул або ҳадяи нав шавам,
Ба-д он гаҳ куҷо назди Хусрав шавам.
*(ба Савсан).* аз хӯрданӣ ҳарчӣ ҳаст,
Биёвар барам, эй бути чарбдаст.

**Савсан** ҳамин ишораро маҳтал буд, ки сабук бархоста пеши ӯ мурғу нону гӯшти барра мегузорад.

**Савсан.** Марҳамат, бифармоед, ҳузури ҷон шавад. Аввал таом, в-он гаҳ... *(Ба тарафи Тус чашмакӣ мезанад, ки вай маънои онро мефаҳмад. Тус ҳам чашмакӣ мезанад ва худро ҳарисона ба болои анвои хӯрданиҳо мепартояд. Баъди сер шудан ба Савсан мегӯяд).*
**Тус.** Ки гар ҳаст ҷоме зи бода, биёр!
Ба-д он то нагардам зи ғам сугвор.

Савсан ҳамин ишораро маҳтал буд. Зуд бархоста ба як гӯшаи хайма меравад. Ба ҷом аввал шароб, сипас аз ҷайбаш чизеро бароварда ба он меандозад ва ба назди Тус меояд.

**Савсан.** Марҳамат, нӯши ҷон шавад. Қуввати хеш зиёд кунед! Ман аноӣ нестам.
**Тус** *( чашмакӣ зада).* Ман ҳам...
Туси диловар манам,
Зи пушти ҷаҳондор Навзар манам.
Бидеҳ чанд хоҳӣ ба дастам шароб,

Чӣ пешам шаробу чи дарёи об!

**Савсан** *(бо нозу карашма).* О, агар беш нӯшед, маст хоҳед шуд, пас вай кор чӣ мешавад.

**Тус** *( бо ғурур).* Парво накун, фаришта. Зӯрии маро бад мефаҳмӣ.

**Савсан.** Хуб шудааст. *(Сабук бархоста ба ҷом аввал банг, сипас шароб рехта ва ба дасти Тус медиҳад. Тус ҳарисона ҷоми шаробро ба сар мекашад. Фосилае нагузашта маст шуда ба замин дароз меафтад. Савсан ба ҳоли вай механдад).*

– Ҳа-ҳа-ҳа!

Бубинед марди майдонро!

Ки ин номвар паҳлавони ҷаҳон,

Надорад ба тан-дар, тӯ гуй равон!

О, ин майли висол дошт-ку! Ҳа-ҳа-ҳа!

*(Даст ба ҳам мекӯбад. Пилсам медарояд).*

Бибандаш ба банди камар андарун,

Ҳаме баркашонаш ба раҳ сарнагун.

Пилсам зуд ба пои Тус полаҳанг мезанад ва кашон-кашон гирифта мебарад. Савсан боз ғолибона баланд-баланд механдад. Ин дам Гударз наздик меояд. Аз Савсан мепурсад:

**Гударз.** Ҳамин хайма бар дашти заррин кирост?

Худованди ин хайма баргӯ, куҷост?

Чӣ номи туву номи он мард чист?

Нажодаш кадом асту аз шаҳри кист?

**Савсан.** ... эй паҳлавони ҷаҳон!

Фурӯзанда чун шед андар меҳон!

Зи гарданкашон мар туро ном чист?

Ба-д ин тирашон мар туро ном чист?

**Гударз.** Манам пури Кишвод-Гударзи род,

Ҷавонмард чун ман зи модар назод.

Ба айвони Рустам ба меҳмон будам,

Ба наздикии пури Дастон будам.

Ба бехудагӣ Тус оғоз кард,

Дари ҷангу пайкорро боз кард.

Аз айвони Рустам биёмад бадар,

Барошуфтаву тираву хирасар.

Ҷаҳонпаҳлавон пури Дастони Сом,
Маро гуфт: «Эй паҳлавон некном!
Бирав аз паси Тус ӯ боз овараш,
Маёзор дар раҳ ба ноз овараш.
Кунун омадам аз паяш тозиён,
Туро дидам, эй бонуи бонувон.
Валекин чӣ дорӣ кунун хӯрданӣ?
Биёвар, гарат ҳаст оварданӣ?

**Савсан.** Омадӣ, хуш омадӣ. Иззати меҳмон фармони худост. Ман ҳозир!

Хурсанд аз ҷой бархоста мурғу нон ва шароб меорад. Гударз аввал як ҷом шароб нӯшида мехоҳад Савсанро ба оғӯш бигирад. Савсан ишора мекунад, ки «ҳоло барвақт». Ба ӯ ҷоми дуюмро дароз мекунад. Вай ҳарисона менӯшад ва боз даст дароз карданӣ мешавад. Савсан бо карашма худро дур мегирад. Гударз мувозинатро гум карда меафтад ва ҳамон тавр ба хоб меравад. Савсан хандида даст ба ҳам мекӯбад. Пилсам медарояд ва чолокона дасту пои Гударзро баста кашолакунон гирифта мебарад. Савсан боз механдад. Ин дам аз берун шиҳаи асп ба гӯш мерасад. Савсан ба берун нигоҳ мекунад.

Сайди дигар ба пои хеш меояд. Ку бинем, инаш ки бошад ва ба чӣ қодир?! Зуд худро ба ифоқа оварда барбат ба даст гирифта суруд мехонад.

**Гев** *(ғазаболуд ба хайма ворид мешавад).*
Ки эй симбар,
Чӣ номӣ ба ном, аз куҷо омадӣ?
Ба-д ин дашт пӯён чаро омадӣ?
**Савсан.** Туро номи худ бояд гуфт бояд нахуст,
Пас он гоҳ зи ман ёб посух дуруст.
**Гев.** Эй бонуи бонувон!
Манам Геви Гударзи Кишводгон.
Ба Тӯрон баромад басе коми ман,
Ба айвонҳо нақш шуд номи ман.
Кунун аз паси Тӯсу Гударзи пир,
Фиристод маро ёли шергир.
**Ровӣ** *(аз як гӯшаи саҳна падид омада).*
Чу бишнид Савсан ба кирдори бод,

Ба найрангу афсун забон баркушод.
Ба-д он сон, ки бо Тӯсу Гударз гуфт,
Бигуфташ ҳама розҳо дар нуҳуфт.
Дили паҳлавон гашт аз роҳи шарм,
Ба гуфтори ширини ӯ гашт нарм.
*(Ровӣ меравад).*
**Савсан.** Аввал таом, в-он гоҳ калом!
**Гев.** Пас биёр таомро, ки нӯши ҷон кунам!
**Савсан.** Ки эй номдор!
Фидои ту бодо тану ҷони ман,
Ки афрӯхтӣ ҷону айвони ман.
*(Зуд хӯрок, ҷому шароб меорад. Пайт ёфта ба шароб бангро ҳамроҳ месозад ва ба Гев дароз мекунад).*
**Гев.** Ки баргир барбат, навое бизан!
Фиғоне дарафкан, абар ҷони ман!
**Савсан.** Ба чашм, паҳлавоно!
*(Барбат менавозад. Гев ба як дам ҷоми шаробро менӯшад ва фосилае нагузашта меафтад).*
Пилсам!
Пилсам медарояд. Бо ишораи Савсан дасту пои Гевро баста сари китф карда мебарад. Густаҳм меояд. Чашмаш ба Савсан меафтад.

**Густаҳм.** Эй худованди хайма, биёи,
Ба ман ном гӯю рухатро намой.
Касоне, ки буданд дар пеши ман,
Ҳамон марди бегонаву хеши ман.
Маро бозгӯ, то куҷо рафтаанд?
Ба назди ту ё дуртар хуфтаанд?
**Савсан.** Эй номвар паҳлавон!
Чаро бардамидӣ чу шери жаён?
Надидам касеро ба-д ин роҳ ман,
Ки ин ҷо расидам ба бегоҳ ман.

**Густаҳм.** Пас дар ин ҷо сари танҳо чӣ кор мекунӣ? Чӣ дарде дорӣ ба қалб?
**Савсан.** Гурезонам аз пеши Афросиёб,
Шавам назди Хусрав ҳаме пуршитоб.

Чӣ номӣ, чӣ хоҳӣ, маро боз гӯй,
Сӯи равшанӣ ою бинмой рӯй.

**Густаҳм.** ... эй дилбари покзод!
Маро ном Густаҳми гурди далер,
Ки бигрезад аз пеши ман наррашер.
Маро Туси навзар бародар бувад,
Натарсам, агар душман озар бувад.
Агар ҳаст ҷоме биёвар зи май,
Ки ранҷӯрӣ афканд моро зи пай.

Савсан хандида чун гул шукуфта ҷоми шароб барои ӯ муҳаё месозад.

**Савсан.** Марҳамат, родмард! Нӯши ҷонат шавад!

**Густаҳм.** Ки обод бошад ҳамеша танат,
Мабодо ба гетӣ ҳама душманат.

*(Ҷоми майро дармекашад ва лаҳзае пас меафтад. Давон Пилсам меояд ва ӯро банд баста мебарад).*

**Ровӣ** *( аз як гӯшаи саҳна падид омада).*
Чу аз тирашаб нимае даргузашт,
Сипеҳру ситора дигаргуна гашт.
Хурӯш омад аз дашту овои мард,
Ки гуфтӣ бидаррид дашти набард.
Дурахшидани теғу бонги сутур,
Яке паҳлавоне чу тобанда хур.
Сарфароз Бежан буд он шергир,
Ки шер аз ниҳебаш шудӣ хира-хир.
Чу аз дур он равшаноӣ бидид,
Ҳамон хаймаву руду ово шунид.

**Бежан** *( ба саҳна ворид шуда).*
... ин чӣ шояд будан?
Набояд ба-д ин кор дам барзадан!
Ба-д ин дашт на ҷои ромиш бувад,
Чунин ҷойгаҳ ҷои дониш бувад.
Ба яздони додори парвардигор,
Ба майдони разму ба дашти шикор.
Ба ҷону сари шоху тахти баланд,
Ба хуршеди рахшону печон каманд.
Ки Афросиёб, он шаҳи бутпараст,

Дигар раҳ ба чора биёзид даст.
Чу сайёд дар роҳ дом оварид,
Бихоҳад паю бехи Эрон бурид.
*(Ба пасу пеш менигарад. Касе нест. Овоз баланд мекунад).*
Ки ин хаймаву ҷойгаҳ они кист?
Зи гурдони Эрон варо ном чист?
Аз эдар бурун ою бинмоӣ рӯй,
Аз оғозу анҷоми ӯ бозгӯй!

Савсан овози даҳшатбори Бежанро шунида бо тани ларзон берун меояд.

**Савсан** *(худ ба худ).*
Ки ин шери гарданкашон,
На онаст, ки – ояд дар ин доми ман.
Аз ин бар наёяд ҳаме коми ман.
Тарсону ларзон ба назди Бежан меояд.
**Бежан** *( бо кину адоват).*
Куҷо шуд Гударзи кишводгон?
Дигар номвар паҳлавон Тӯсу Гев?
Сарфароз Густаҳм – он гурди нев!
Ба пеши ман эдар буданд ин замон,
Ҷаҳонпаҳлавони равшанравон.
Чӣ гуна шуданду куҷо рафтаанд?
Ба назди ту, ё дуртар хуфтаанд?
Ба яздони додору фархунда тахт,
Ба ҷону сари шоҳи фирӯзбахт.
Ки посух наёбӣ, магар теғи тез,
Намоям туро тирашаб растхез.

**Савсан** сахт меҳаросад, танаш меларзад, забонаш мегардад.

**Савсан.** К-эй гурди паҳлавоннажод!
Ҳамоно надорӣ зи яздон хабар,
Ки бо ман ба-д ин сон шудӣ кинавар?
Касе тунд гӯяд ба ромишгарон,
Чунин аст оини озодагон?
Туро бо ман ошӯфтан аз бахри чист?

Чӣ донам, ки Гударзи Кишвод кист?
Ман андар кунун ин замон омадам,
На ин роҳро дидбон омадам.
Марҳамат бинмою биншин даме,
Ба-д он то бигӯям туро ҳар ғаме.

*(Бежан андешаманд вориди хайма мешавад ва бо ишораи Савсан ба курсии зар мешинад. Савсан ҳамон замон мурғи бирён, нон меорад ва назди Бежан ба зону мешинад).*

**Бежан** *(хурӯшида).*
Биёвар яке ҷоми рахшони май,
Ки нӯшам ба ёди сипаҳдори кай?

**Савсан.** Ана, ин гапи дигар, паҳлавон!

*(Зуд сари хикро кушода ҷомро лаболаби май мекунад. Бежан ба таги чашм мебинад, ки Савсан аз даруни сина чизеро баро-варда ба май ҳамроҳ мекунад. Вай худро нодида меангорад. Савсан ҷоми майро бо карашма ба Бежан дароз мекунад).*

**Бежан.** Ки ин ҷоми май,
Бихӯр ту абар ёди Ковуси кай!
Кӣ ҳар кас ки ӯ мизбонӣ кунад,
Касеро ба май меҳмонӣ кунад.
Аз аввал се ҷоми пайпай хӯрад,
Пас он гоҳ дар дасти меҳмон ниҳад.
Ба-д ин моя озори меҳмон маҷӯй,
Бихӯр ину ду дигар, эй моҳрӯй.
В-агар на саратро бибуррам зи тан,
Ба Эрон барам назди он анҷуман.
*(Савсан хамӯш).*
Бинӯш гуфтам ба ту, эй бадкирдор! Ҳиллагар!
*(Савсан ҳамоно хомӯш)*

Бежан ханҷар кашида мехоҳад сари Савсанро аз танаш ҷудо созад, вале ӯ бо як чолокӣ аз назди ӯ ғайб мезанад. Баъди фосилае Пилсам гурзи гарон дар даст медарояд.

**Пилсам.** К-эй бехирад!
Зи номоварон ин кай андар хӯрад?
Зи гурдони Эрон туро ном чист?
Ки зояндаро бар ту бояд гирист.

Ба-д ин ҷанги ман туро пой нест,
Ба дашт андарун мар туро ҷой нест.
Ҳамоно туро зиндагонӣ намонд,
Замона ба ҷояш касеро нишонд.
Сӯи равшанӣ ою бинмой рӯй,
Туро бо занон чист гуфтугӯй?
**Бежан** *(худ ба худ).*
Оё ин мард кист?
Мар инро ба Эрон ҳамовард кист?
*(Ба Пилсам).*
К-эй деви найрангсоз!
Ба найранг ой ба Эрон фароз,
Чунин аст оини Афросиёб,
Надорад ба дида дарун шарму об.
Чӣ кардӣ ба-д он номдорони шоҳ?
Сари номдорону пушти сипоҳ?
**Пилсам.** Ҳама баста гаштанд дар дасти ман,
Ба моҳӣ гироянда шуд шасти ман.
Сари паҳлавонон ба банд андараст,
В-аз он номдорон туро бадтар аст.
Бибандам туро ҳамчу эшон ду даст,
Аз ин пас набошӣ бари шоҳ маст.
Кунам баста Барзуи Сӯҳробро,
Кунам шодмон шоҳи Сақлобро.
Фиристам ба пушти ҳуюнони маст,
Ба оини гурдони Хусравпараст.
Ҳар он бад, ки кард ӯ ба Тӯрониён,
Ба Тӯрон кунам ман ба Эрониён.
Чунин аст оини чархи баланд,
Гаҳе нозу нуши гаҳе дарду банд.
**Бежан.** Ки эй сарфароз,
Ба кина ба чора насозанд соз!
Туро зиштномӣ шавад дар ҷаҳон,
Миёни кеҳону миёни меҳон.
Шабеҳун на оини мардон бувад,
Баду нек аз чархи гардон бувад.

**Пилсам.** Махон афсона, ки безорам зи он! Зӯр бошӣ, биозмой!

**Бежан.** Хуб! *(Ба Пилсам бо гурзи гарон ҳуҷум мекунад. Вале гурзи Бежан ба Пилсам кора намекунад. Теғ мебардорад, вале боз бе натиҷа. Пилсам чапғалат медиҳад, Бежан меафтад. Пилсам каманд гирифта Бежанро ба банд медарорад ва кашолакунон мебарад. Ба саҳна Фаромарз ворид мешавад. Аз дур шиҳаи асп ба гӯш мерасад).*

**Фаромарз.** Шиҳаи шинос! Аспи Бежан! Ба ӯ фалокате рух додааст. Эй ёли паҳлавон! Нигаҳ дор худро аз ин бадгумон!

Шиҳаи асп такрор меёбад. Вай боз ба овози асп зеҳн мемонад.

– Не, не, хато накардам. Ин аспи ӯст! Касе меояд. Кӣ бошад ӯ?

То ман бибастам камар,
Надидам чунин турки пархошгар.
Ба Тӯрону Эрон чун ӯ мард нест,
Ба мардӣ ҳам ӯро ҳамовард нест.
Надидам мар ӯро ба Туронзамин,

На аз номдорон шунидам чунин.

**Пилсам** *(ворид шуда омодаи набарди навбатист).*

**Фаромарз.** Эй, номдор, туро ном чист?

**Пилсам** *( бо ғурур).*
Аҷали ҷони туям!

**Фаромарз.** Оҳо, баланд рафтӣ! Фаромӯш накун, ки гуфтаанд:
Чу мори сиёҳро сар ояд замон,
Ба пеши кушанда шавад тозиён.

**Пилсам** *(худ ба худ).*
Моно, ки ин ҷангҷӯй,
Ҷаҳонпаҳлавон номвар Рустам аст,
Ки чунӯ набарда ба гетӣ кам аст!
*(Ба Фаромарз).*
Чӣ номиву аз тухмаи кистӣ?
Ба-д он сон хурӯшанда аз чистӣ?

**Фаромарз.** Набошад ҳаме номи ман дар ниҳон,

Манам шоҳӣ он паҳлавонӣ дарахт,
Ҷаҳонпаҳлавон – Рустами некбахт.
Фаромарз хонад маро Золи зар,
Сипаҳдори Эрон – гави номвар.
Дар ин ҷойгаҳ номи ман марги туст,
Кафан, бегумон, ҷавшану тарки туст.

Инро гуфта Фаромарз камонро ҷониби Пилсам рост мекунад ва сари таркаши тирро мекушояд. Пилсам ҷароҳат бардошта бо оҳу нола аз саҳна дур мешавад.

**4.**

Набардгоҳ. Пилсам танҳо. Рустаму Барзу меоянд.

**Рустам.** Шодӣ макун, ки паҳлавонони маро бандӣ кардаӣ. Бубинӣ кунун ҷанги мардони мард!
*(Ба Барзу).*
Бора бирон!
Дар он роҳи Турон ҳаме кун нигоҳ,
Нигаҳ дор беғораи зиштхоҳ
Гар ояд аз он роҳ лашкар падид,
Набояд абар ҷой беш орамид.
Маро кард бояд-т огоҳ аз он,
Маёсой бирбанд инро миён.
**Барзу.** Ба чашм, пилтано! (Меравад).
**Пилсам.** К-эй номвар наррашер,
Маро размi Рустам бувад базмгоҳ.
Натарсам, ки бинам чун ӯ сад сипоҳ,
Мапиндор, агар чархи вожун шавӣ,
Зи чангам ба пайкор берун шавӣ.
**Рустам.** Баргӯ, ки номи ту чист?
Ба Тӯрон абар ту кӣ хоҳад гирист?
Аз Эрон чӣ дорӣ ба дил дарду кин?
Чаро омадастӣ зи дарёи Чин?
Кафандуз буд он ки ҷавшан-т дӯхт,
Бар оташ ҳамоно туро ҷон бисӯхт.

Кунун гӯри ту коми шерон шудаст,
Ҳамон хоки ту дашти Эрон шудаст.
**Пилсам.** ... мардум наяксон бувад,
Агар чархи гарданда гардон бувад.
Маро аз шумори дигар кас магир,
Газофа магир инчунин хира-хир.
Чунонат фиристам ба наздики Зол,
Ки дигар нанозӣ ба бозуву ёл.
Ба хамми камандат барорам зи зин,
Зи хунат кунам сурх рӯи замин.
Фиристам аз он пас ба дарёи Чин,
Бигардонамат гирди Тӯронзамин.

Инро гуфта Пилсам гурзи гарон дар даст ба Рустам ҳамлавар мешавад. Рустам аз зарби вай аз ҷояш намеҷунбад. Ва ҳамлаи ҷавобӣ мекунад. Аз сару рӯи Пилсам арақ ва хун мешорад. Китфи Пилсам зарар мебинад. Вале сир бой намедиҳад. Онҳо дуру дароз набард мекунанд, вале касе ғолиб намеояд. Пилсам ниҳоят хаста шуда меравад. Фаромарз меояд.

**Фаромарз** *(ба Рустам)* Або!
Даҳ ҳазор сипоҳ овардам!
**Рустам.** Эй бачаи наррашер!
Чунин бошад оини марди далер!
Сипаҳро ҳаминҷо баробар бидор!
Нигаҳ кун, ки то чун бувад рӯзгор,
Ки то ман бибастам ба мардӣ камар.
Надидам чунин гурди пархошгар.
Басо деву мардум, ки ман куштаам,
Ба ҳар кишваре чанд раҳ гаштаам.
Чунин кас надидам ба майдони ҷанг,
Чӣ аз баҳри ному чӣ аз баҳри нанг.
Акнун бирав! Лашкарро ба ҷанг омода кун.
Ин набард набарди оддӣ нахоҳад буд.
*(Фаромарз меравад. Пилсам меояд).*
– К-эй баднишон!
Надидам чу ту ман зи гарданкашон,
Нажодат кадом асту шаҳрат куҷост?

Ки чун ту диловар ба Турон нахост.
**Пилсам.** Эй беҳунар!
Куҷо дидаӣ ҷанги шерони нар?
Ту ҷуз дуд з-оташ надидӣ ҳанӯз!
Бубинӣ кунун оташи мардсӯз!
Ҳамон Пилсам ном кардам падар,
Бидаррам ҷигаргоҳи шерони нар!
Кунун чун шунидӣ ту номам дуруст,
Туро даст аз ҷон бибоист шуст!

Инро гуфта гурзи гаронро ба тарафи Рустам меғуронад. Баъд ду чоғи камонро бар зеҳ баровարда тир мекушояд. Ҷанги тан ба тан муддате идома меёбад. Касе мағлуб намешавад. Ниҳоят ҳар ду ҷангкунон саҳнаро тарк менамоянд. Барзу меояд. Саҳна лаҳзае холӣ. Ҳумон меояд. Чашмам ба Барзу афтода дар дар ҷояш меистад.

**Ҳумон.** ... к-эй номвар,
Чунин аст оини пархошгар?
Зи Тӯрон чаро рӯй баргоштӣ?
Чунин ҷойгаҳ хор бигзоштӣ?
Зи туркон киро буд он пойгоҳ?
Ки мар паҳлавонро ба наздики шоҳ?
**Барзу.** Махон ҳарза, ки тоқати шунидани онро надорам.
**Ҳумон.** Ту курнамакӣ!

Барзу ба ғазаб омада ба ӯ ҳуҷум мекунад. Ҳумон аз зарбаҳои паи ҳами вай базӯр ҷон ба саломат бурда фирор мекунад. Барзу ҳам даст афшонда меравад. Баъди фосилае гапзанон ба саҳна Ҳумон ва Афросиёб ворид мешаванд.

Афросиёб. Чӣ шуд туро, паҳлавоно?! Дар рӯят хун намондааст?

Ҳумон. Аз ӯ бадзот базӯр ҷон ба саломат бурдам, олампаноҳо! кариб буд, ки ҷон ба ҷаббор супорам.

**Афросиёб** (*дар ғазаб) ...* ҷанг оваред!
Магар к-ин ҷавонро ба чанг оваред!
*(Ба ҷанговаронаш).*
Ҳой муттаҳамҳо!

Ки-ин дашти разм аст, на ҷои хоб!
Ҳар он кас, ки орад, мар ӯро барам,
Бибахшам, ду баҳра, варо кишварам!

Ҷанговарон ин амрро шунида бо шӯру қиём ба ҷанг медароянд. Афросиёб ба Рустаму Барзу, ки дар каноре истодаанд, ишора карда мегӯяд:

... агар ин ду тан,
Шавад зинда наздики анҷуман.
Аз ин бадтар андар ҷаҳон нанг нест,
Ҳамоно, шуморо дили ҷанг нест.

Задухӯрд идома меёбад. Фаромарз наздики Барзу меояд.

**Фаромарз.** Ки эй номвар гурди фирӯзбахт.
Тӯӣ шохи он паҳлавонӣ дарахт!
Набояд ки ин турки висанажод,
Ки номи падарро надорад ба ёд.
Аз ин дашти пайкор берун шавад,
Магар ёли ӯ ғарқаи хун шавад.

Ҳумон оҳиста омада ба Барзу ҳуҷум карданӣ мешавад. Вале вай чаққонӣ карда ӯро ба банд мегирад. Фаромарз ханҷар ба сари дили Ҳумон мехалад ва ӯро нобуд месозад.
– Сазои сари ту ҳамин аст, нобакор!
*(Ба Барзу).*
Биштоб, ҳин!
Бигардон инонро ба Эронзамин!
Ба Рустам намоям таргу сипар,
Дирафши сипаҳдору он тахти зар.
*(Меравад. Рустам ва Пилсам аз ду тараф вориди саҳна мешаванд).*
**Рустам** *(ба Пилсам).*
К-эй гурди лашкаршикан!
Нахезад чу ту гурд аз анҷуман.
Фурӯ монд аспи таковар зи кор,
Зи неруву пархоши ҷангӣ савор.

Забонҳо шуд аз ташнагӣ чок-чок,
Ҳама комҳо шуд пур аз гарду хок.
Дигар он ки шаб низ наздик шуд,
Ҳамон рӯзи рахшанда торик шуд.
Ҳама номдорони эрониён,
Ба найранг баста ба банди гарон.
Надонам, ки фарҷоми ин чун бувад,
Зи хуни кӣ ин дашт гулгун бувад?
**Пилсам.** ... эй тановар дарахт,
Мабинод бинандаат рӯи бахт.
Ҳама коми мо буд имрӯз кор,
Надонам, чӣ дорад ба дил рӯзгор.

*(Рустам меравад. Афросиёб меояд. Пилсам назди ӯ меояд. Пилсам ба ӯ рӯй меорад).*

К-эй шоҳи Сақлобу Чин!
Чаро дорӣ аз дард абрӯ ба чин?
Ман имрӯз бо РустамИ номвар,
Ба кина бибастам ба мардӣ камар.
Кунун чун шаби тира омад падид,
Ба чора сипаҳбуд ба лашкар расид.
Чу аз кӯҳ сар бар занад офтоб,
Ман аз бахти Тӯроншоҳ-Афросиёб,
Кунам рӯзи равшан бар ӯ – сиёҳ,
Барояд зи эрониён коми шоҳ!
**Афросиёб.** Эй ҷаҳонҷӯй мард!
Набинӣ, ки гардуни гардон чӣ кард?
Ду гурди диловар даромад ба кин,
Ба-д ин лашкари турку шерони Чин.
Ҳама лашкари турк барҳам заданд,
Дирафшу ҳам он пили ман бастаданд.
Ба хок андарун паст шуд з-он сарам,
Ба нанг андар олуда шуд гавҳарам.
Ҳамон тарки ҳумони зарринсипар,
Бибурданд гурдони пирӯзгар.
**Пилсам.** Надоранд гурдон магар рои ҷанг,
Зи Тӯрон ба Эрон ба ҷанг омадед,
Ба кина диловар наҳанг омадед.
Бибандед бар кина ҷустан миён,

Матарсед аз чораи бадгумон.
Ки ман чун барорад, сипеҳр офтоб,
Ба бахти ҷаҳондор Афросиёб.
Кунам рӯи ҳомун чу дарёи хун,
Ба киштӣ гузорам кӯҳи Бесутун.
**Афросиёб** *(даст ба ҳам кӯфта).*
Аҳсант! Аҳсант!

**Парда.**

## ҚИСМИ ДУВВУМ

### 5.

Қароргоҳи Рустам. Барзу онҷост.

**Рустам** *(ба Барзу).*
К-аз эдар бирав шоду равшанравон,
Зи лашкар гузин кун саворе дувист.
Мазан дам, ба раҳбар замоне маист,
Бурун кун ҳаме пои эрониён.
Зи банди сипаҳдори тӯрониён,
**Барзу.** Ба ҷон паҳлавоно!

Бонги хатар. Рустам меравад. Шида-паҳлавонӣ тӯронӣ рӯ ба рӯи Барзу.

**Шида.** К-эй номвар, киначӯй!
Хӯрушон чӣ пӯй ба-д ин тирашаб?
Ба наъра ҳаме баркушода ду лаб,
Аз эдар куҷо рафт хоҳӣ – Бигӯй?
**Барзу.** Надонӣ, ҳамоно, ки ман кистам?
Ба-д ин ҷойгаҳ аз паи чистам?
Манам мояи ҷанг – Барзуи шер,
Набераӣ ҷаҳонбахш гурди далер.
Зи коми наҳангон натарсам дар об,
На бар дашт аз теғи Афросиёб.

Гурезон ба-д онам дар ин тирашаб.
Ба шодӣ кушода ба раҳ – бар ду лаб.
К-аз эрониён банд берун кунам.
Зи хуни ту ин хок гулгун кунам.
**Шида** *(сахт барошуфта).*
Ки ҳар чат бибояд, ба туркон кунӣ,
Ҳама давраи мо ба ҳам барзанӣ.
Ба яздон, ки бар пой дорад сипеҳр,
Ба тобанда Барҷису Ноҳилу Меҳр.
Ки туркон ба дил – дар надоранд нанг,
К-аз ин сон бирафтӣ ту ҳамчун паланг.
Намондӣ, ки эшон шуданди раҳо,
В-агар нестӣ ту ба ҷуз аждаҳо.
Маро аз шумори дигар кас магир,

*(Инро гуфта ба Барзу ҳамлавар мешавад. Вале мувозинатро гум карда меафтад, вале боз чолокона бархоста набард мекунад. Рустам аз дур мебинад, ки Барзуро набард душвор аст, ба Фаромарз муроҷиат мекунад).*

**Рустам.** ...к-эй паҳлавон!
Аз эдар бирав шоду равшанравон.
Ба ҷавшан бипӯшон тани номвар,
Магар к-аз ту гардад раҳо шери нар.
Набояд ки ӯро ба ҷанг оваранд,
Баровварда номаш ба нанг оваранд.
Ба пайкор бо ӯ кунун ёр бош,
Танатро зи душман нигаҳдор бош!
**Фаромарз.** Ба чашм, падар!
Ба набард медарояд. Барзу рӯҳ гирифта ҷангро ба шиддат бо Шида идома медиҳад.
**Шида.** Ки чун диловар зи эрониён,
Набандад ба мардӣ камар бар миён.
Надонам, ки фарҷоми ин чун бувад,
Зи хуни ки ин хок гулгун бувад?
**Барзу** *(ба ҷанговарон).* Ҷанг оваред!
Ҳама номи душман ба нанг оваред.

Фаромарз, Барзу ва дигар паҳлавонон боз ба ҷанг медароянд.

Афросиёб пайдо шуда чашмаш ба Барзу меафтад, ки ҷасурона ба паҳлавонони ӯ набард дорад. Худ бахуд.

**Афросиёб.** ... ин аз ман омад нахуст,
Ки тухми бадӣ киштам, акнун бируст.
Вагарна кӣ донист, к-ин худ куҷост?
Дар он буми Шингон зи бахри чарост?
Чӣ гӯям зи кирдони чархи баланд,
К-аз ӯ нест бар ҷони ман ҷуз газанд.
*(Ба Шида).* К-эй номҷӯй!
Чу рӯз омад, аз ҷанг бартоб рӯй!
**Барзу** *(ба Фаромарз).* К-эдар бимон,
Нигаҳ кун ба-д ин гардиши осмон.
Ки то ман замоне ҳаме дам занам,
Зи сустӣ ҳаме дида барҳаМ занам,
Мар ин хастагиҳо бибандам яке,
Баросоям аз дарди тан андаке.
*(Меравад).*
**Афросиёб.** Куҷо шуд сарафрозиял, Пилсам?
Магар нашнавад нолаи говдум?
Ҳамоно шуд сараш зи мастӣ гарон,
Натарсад зи байғораи сарарон.

Пирон меояд. Вай хашмгин.

– К-ин хашм чист?
Ҳамоно нодонӣ, ки ин мард кист?
Агар мард онаст, ман дидаам.
Умед аз тани хеш бибридаам.
Ба пайкони Рустам маро тоб нест,
Шуморо ба дида дарун об нест.
Ҳама ном ҷӯеду ҷанг оваред,
Замоне ба пешаш диранг оваред.

Афросиёб овоз баланд мекунад.

Рустам куҷост?
Ки хоҳам ба майдон аз ӯ кина хост,

Ба майдон бигардем бо якдигар,
Ба кина бибандем ҳарду камар.
Бубинем, то бар чӣ гардад замон,
Ҳамоно сар бод якеро равон.
**Гударз.** Надонам, ки фарҷоми ин кор чист?
Ҳамон бахти рахшанда худ ёри кист?
Битарсам, мабодо ки чархи равон,
Нагардад ба коми дили паҳлавон.
**Рустам** *(пайдо шуда).*
Ин ҳама нолаи зор чист?
Туро ба ҷаҳондор пайкор чист?
Бимирад ҳар он-к зи модар бизод,
Намонад ба гетӣ касе роду шод!
Ба неку бади чарх хурсанд бош,
Ҳамеша маро аз дари панд бош.
*(Ба Барзу).*
Ки эй номвар гурди равшанравон,
Ба ҳар кор бояд, ки дар пеши шоҳ,
Миёнбаста бошӣ чу ман бо сипоҳ.
Натобӣ сар аз шаҳриёри чаҳон,
Ба фармони ӯ баста дорӣ миён.
Маро сол афзун шуд аз чорсад,
Надидам ба гетӣ яке рӯзи бад,
Кунун гар замона фароз омадаст,
Ба ту навбати ҷанг боз омадаст.
Агар кушта гардам ба овардгоҳ,
Набояд, ки печӣ зи хуршеду моҳ.
Миёнро бибанд аз паси кини ман,
Худу номдорони ин анҷуман.

Лавозимоти ҷангиро муҳаё созед! Пилсам, кучҷоӣ, баро ба ҷанги ман!

**Пилсам** *(баромада).*
К-эй паҳлавон!
Сарафрози гурдони равшанравон.
Ба ҳангоми кина чу бархостӣ,
Ба пайкор бар дил чӣ оростӣ?
Ки ман чун баровардам аз хоб сар,
Чунин кардам андеша, эй номвар

Ба гурзи гарон гарданат бишканам,
Ба Зобулситон оташ андар занам.
**Рустам** *(барошӯфта).*
К-эй марди шӯридабахт!
Наёяд зи харгӯр пайкори шер,
Бихандад бар ин гуфт марди далер,
Чаро ғарра гаштӣ ба бозуи хеш?
Ба-д ин бурзу болову неруи хеш?
Дар овардгаҳ мард чун ту ҳазор,
Гар оянд пешам набурду савор.
Чу ояд замона касеро ба сар,
Ба пайкори ман бар бибандад камар.
Туро он замон кушт Афросиёб,
Ки киштӣ фикандӣ бар ин рӯи об.
Фиребанда гаштӣ ба гуфтори ӯй,
Чӣ донӣ ту найрангу кирдори ӯй.
Бигиряд ба ту дидаву кишварат,
Нишинад ба мотам ҳаме модарат.
Чу бинӣ ба майдон ту кирдори ман,
Ҳаме рост донӣ ту гуфтори ман.
**Пилсам.** ... к-эй паҳлавон!
Дили корзору хирадро равон.
Бисояд сипеҳрат, агар з-оҳанӣ,
Зи гашти замона ҳаме бишканӣ.

Инро гуфта Пилсам ду зоғи камонро ба зеҳ монда ҷониби Рустам рост мекунад, Рустам ҳам чунин мекунад. Ҷанги байни ду паҳлавон шурӯъ мешавад. Баъди фосилае Пилсам мегӯяд.

Ки гардун зи тири ту будӣ ба хам,
Ту гуфтӣ, ки пайкони ман рӯзи ҷанг,
Зи бимаш бисӯзад ба дарё наҳанг.
Ҳама хом будаст гуфтори ту,
Чу дидам дар овард пайкори ту.
Чӣ ёзӣ ба чора, ба ҳар сӯй чанг,
Чӣ дорӣ, биё, аз набарди паланг?
Биёвар, ки бинанд тӯрониён,
Ҳамон номдорони эрониён.
На онӣ, ки гуфтӣ: «чу ман нест кас!

Ба мардӣ кунам бодро дар қафас!»

Рустам ба сони паланг меғуррад ва аз тасмаи зин камандро мебарорад. Пилсам ҳам чунин мекунад. Камандро ҷониби Рустам мепартояд, то ӯро ба банд дарорад, вале тираш хок мехӯрад. Онҳо боз ба ҳам дармеафтанд. Хеле ҷанг мекунанд, хаставу шалпар мешаванд.

**Рустам.** Ки эй номвар шери пархошҷӯй,
Ба майдон бибандем ҳар ду камар.
Ба пуштӣ бакӯшем бо якдигар.
В-агар на нишинем, то дигарон,
Намоянд мардӣ ба гурзи гарон.
Чӣ гӯй ту акнун, ки ҷанг оварем,
Ки то номи мардӣ ба ҷанг оварем.
**Пилсам.** Бале!
Ба киштӣ бибандем ҳар ду камар!

Инро гуфта чун бабр меғуррад ва ба Рустам ҳамлавар мешавад. Даст ба миёни ҳамдигар мезананд. Афту дарафт, кашмакашӣ. Рустам ӯро зӯр меорад. Маълум аст, ки Рустам нисбат ба Пилсам бартарӣ дорад. Пилсам ҳам мебинад, ки мағлуб шуда истодааст. Афросиёб ҳозир шуда ин манзараро мебинад. Ӯ ҳам эҳсос мекунад, ки Пилсам мағлуб мешавад.

**Рустам** *(ба Пилсам).* Эй турки баргашта бахт!
Ки бар ту бигиряд ҳаме тоҷу тахт.
Ба дил барнадорӣ ҳаме тоби ҷанг.
Чу ёзӣ ба чора зи ҳар сӯи ҷанг.
Ба гурзи гарону ба тиру камон,
Ба Зобулситонат кунам меҳмон.
Набинӣ дигар марзи Сақлобу Рум,
Бузургону гурдони он марзу бум.

Боз ба ҳам мечаспанд. Ду бозу ба гирди камари ҳамдигар печон мешаванд. Чашмҳо тоси хун, камарҳо канда мешаванд, вале ҳеҷ кадоме ба мағлубият тан доданӣ нест. Лаҳзае дам мегиранд. Барзу меояд.

**Барзу** *(ба Рустам).*К-эй паҳлавон!
Гарон кун рикобу сабук кун инон.
Бирав шодмон назди эрониён,
Баросой, то ман бибандам миён.
Ба куштӣ гирифтан чу шери жаён.
**Рустам.** К-эй номдор,
Ба хар кор яздон маро ҳаст ёр.
*(Инро гуфта боз ба майдон медарояд. Ба Пилсам).*
Биё, то бигардем дигар ба ҳам.
**Афросиёб** *(ба Пилсам).*
Эй номвар паҳлавон!
Чу боз ой аз дашт равшанравон.
Ҳама марзи Эрону Тӯрон турост,
Замона саросар ба фармон турост.
**Пилсам** *(шод гашта).* Сареҳ гуфтӣ, олампаноҳ! Худо хоҳад, Эрону Тӯрон азони мо хоҳад шуд! *(Ба Рустам):*
К-эй паҳлавони далер,
Биё, то бубинем к-ин кӯжпушт,
Ҳамон бар ки гардад ба кина дурушт.
**Рустам.** ... Дил шод дор!
Ҳамон ранҷи бигзаштаро бод дор.

Ҳуҷум мекунад. Боз ҷангу талош. Бартарии Рустам баръало ба мушоҳида мерасад. Пилсам ҳис мекунад, ки торафт мадор аз ӯ меравад. Танаш чун барги бед меларзад. Ногоҳ Рустам ӯро бо тамоми қувва бардошта ба замин мезанад. Пилсам хӯруше аз сина бадар карда хомӯш мемонад. Барзу меояд. Замин бӯсида ба Рустам таъзим менамояд. Пилсам ба худ омада хестанӣ мешавад, вале Барзу бо чолокӣ ӯро нақши замин месозад ва шамшер бароварда ба сари синаи Пилсам мехалонад. Вай як оҳе кашида ҷо ба ҷо мемирад. Ин дам Завора, Фаромарз ва дигар паҳлавонони Эрон омада аз шодӣ ба ваҷд меоянд ва изҳори хурсандӣ менамоянд.

**Рустам.** Акнун навбати Афросиёб!
Намонед то бинад он рӯи об! *(Рӯй ба хок молида ва ба осмон муроҷиат карда).*

К-эй кирдигори ҷаҳон!
Шиносандаи ошкору ниҳон.
Ту кардӣ маро шоду равшанравон,
Ту додӣ ба ман боз пури ҷавон.
Ба гетӣ нигаҳ дораш аз бадкуниш,
Мабодо, ки ёбад зи кас сарзаниш.
Ба ҳар кор пушту паноҳаш ту бош!
Нигаҳдори аврангу гоҳаш ту бош!

**Афросиёб** *(даст ба гурзи гарон бурда ба Пирон мурочиат мекунад.* Ҷанг оваред!
Ҳама роҳи Рустам паланг оваред!
Ки ман бо сипаҳдор ҷанг оварам,
Ҳамон номи ӯро ба нанг оварам.
Бикӯшам ба-д ин дашт бо ӯ ба кин,
Зи хунаш кунам сурх рӯи замин.

**Пирон** *(бо андӯҳи гарон).*
К-эй хусрави роҳнамун,
Ҳамон аст Рустам, ки дидаӣ,
Зи гарданкашон низ бишнидаӣ.
На ӯ пир гашта, ту аз сар ҷавон,
Нагӯяд чунин шоҳи равшанравон.
Агар ту шавӣ кушта бо дасти ӯй,
Ба моҳӣ гироянда шуд шасти ӯй.
Ки бошад ба Турон ҳаме шаҳриёр,
Зи туркон баророанд аз он пас димор.
Ту бигзор, то ман саворон бурун,
Фиристам ба-д ин дашт ҷӯёи хун.

Ин дам касе аз тарафи Тӯрон омада ба **Пирон** чунин хабар медиҳад.

К-эй номвар,
Сияҳ шуд зи лашкар ҷаҳон сар ба сар.
Ҷаҳондор Кайхусрав омад ба кин,
Сияҳ карда аз сумми аспон замин.

**Пирон.** К-эй довар раҳнамун,
Ба-д ин ҷой моро нигаҳбон бош!
Макун рози моро ба-д ин дашт фош!

*(Ба Афросиёб).*
Ки эй шоҳи Тӯрон, чӣ дармон кунам?
Ба навъӣ магар боз паймон кунам?
Ба гуфтори зан сар бидодӣ ба бод,
Чунин рӯзи бад ҷуз ба душман мабод!
Зи паҳлуи чап офаридаст зан,
Ки дидаст ҳаргиз зани ройзан?!
Чунин гуфт шоҳи ҷаҳон Кайкубод,
Ки нафрини бад бар зани нек бод!
Кунун гарди кина барангехтӣ,
Ба доми бало андар овехтӣ.
Чу Кайхусрав омад ба-д ин размгоҳ,
Бароранд Эрониён сар ба моҳ.
**Афросиёб** *(аз хашм биҷӯшида).*
К-эй хирасар!
Паноҳаш ба ҳар кор пирӯзгар!
Наберайи Фариддуну пури Пашанг,
Ба дарё зи бимам гурезад наҳанг.
Ба яздони додору чархи баланд,
Ба рахшанда хуршеди гурзи каманд.
Ки бо Хусрав андар набард он кунам,
Ки чашмаш зи андӯҳ гирён кунам.
Ба ханҷар бибурам сарашро зи тан,
Ба мардум намоям сараш бе бадан.
Бибуррам сари Золу Барзу ба ҳам,
Занам оташ андар дили Густаҳам.
Ту лашкар баророю бар сози ҷанг,
Чунон чун бувад сози ҷангӣ паланг!
Садои шайпур ва мусиқӣ баланд мешавад.

**6.**

**Ровиён дар саҳна.**
В-аз он рӯй Кайхусрав омад падид,
Ҷаҳондор Дастон бар ӯ кашид.
Сарафроз Барзую Рустам ба ҳам,
Бузургони Зобул ҳама бешу кам.
Ситоишкунон пеши Хусрав замин,

Бибӯсид ҳар як бар он дашти кин.
Бипурсид Хусрав зи озодагон,
Зи Тӯсу зи Гударзи кишводгон.
Ба-д ӯ гуфт Рустам ду дида пуроб,
Чӣ донӣ ту найранги Афросиёб.
Яке доми чора бигустурд ӯй,
Фитод андар-он ҳар ки буд, номҷӯй.
Бифармуд, то лашкар оростанд,
Мар он размро базм пиндоштанд.
Зи гурдони Эрон сипаҳ сӣ ҳазор,
Ҳама номдорони ханҷаргузор.
Пиёда сипардор дар пеши саф,
Ба сони ҳуюн бар лаб оварда каф.
Ҷаҳондор Кайхусрав аз пушти пил,
Замин кард монанди дарёи Нил,
Барафрохта ковиёнӣ дирафш,
Ҷаҳоне шуда сурху зарду бунафш.
Ҷаҳонҷӯй Барзӯӣ бар маймана,
Фаробурзу Ковус бар майсара.
Ҷаҳондор Достон ба қалб андарун,
Ба кина шуда ҳар яке раҳнамун.

Майдони набард. Афросиёб ғарқи андӯҳ. Вай аз шуҷоати лашкари Кайхусрав, ки дам ба дам лашкари ӯро нобуд карда истодааст, дар тааҷҷуб аст.

**Афросиёб** *(ба Пирон).*
К-эй паҳлавон!
Мабош андар ин кор хастаравон.
Биёроӣ бар дашти Эрон сипоҳ,
Ки ман рафт хоҳам ба овардгоҳ.
*(Ба Шида).*
Ки эй номвар пури озодмард,
Ба оин бидор ин дирафши сиёҳ,
Чунон чун ҳаме доштам ман нигоҳ!
**Шида.** Ба чашм, алоҳазрат!

Меравад.

**Афросиёб** *(хӯрушида бонг мезанад).*
Кайхусрав, эй шаҳриёр,
Натарсӣ зи яздони парвардигор.
Ки аз он ба назди ман орӣ сипоҳ?
Набудаст кас бо ниё кинахоҳ!
Биё, то ману ту ба овардгоҳ,
Бикӯшем бо якдигар бе сипоҳ,
Агар ту шавӣ кушта бар дасти ман,
Ба моҳӣ гироянда шуд шасти ман.
Баросояд Эрону Тӯрон зи кин,
Шавад эмин аз кина рӯи замин.
Агар ман шавам кушта бар дашти ҷанг,
Ту макшоӣ з-он пас ба кина ду чанг.
Ҳама марзи Эрону Тӯрон туровст,
Набошад ҷуз он к-ат ҳаме рой хост.
**Кайхусрав** *(пайдо шуда худ ба худ).*
К-эй довари раҳнамун!
Ту донӣ, ки ин марди пайкорҷӯй,
Ки бо ман ҳаме ҷанг кард орзӯй.
Ба бедодӣ кӯшад ҳамеша ба кин,
Зи нафрин наяндешаду офарин.
Ба кина падар дил пур аз кимиё,
Ба майдон чу оям ба пеши ниё.
Шикаст андар оину кеш оварам,
Чу ман бо ниё кина пеш оварам.

Мехоҳад ба ҷанг дарояд, вале **Рустам** пеши роҳи ӯро медорад.

**Рустам.** К-эй шаҳриёр!
Ба яздони додору парвардигор,
Маранҷон танатро ба пайкори ҷанг,
Сари номдорон маёвар ба нанг!
Ту нашнудӣ он достони шигифт,
Ба дасти касон мор шояд гирифт.
Бимон, то ки Барзӯй берун шавад,
Ба-д ин разм бо ӯ ба ҳомун шавад.

Ту бар тахти заррин бар он пушти пил,
Нишин, то кунам дашт чун рӯди Нил.
Кунам рӯзи рахшон бар ӯ – бар сиёҳ,
Намонам ба-д ин дашт шоҳу сипоҳ!
**Хусрав.** К-эй паҳлавон!
Набол андар ин кор хастаравон.
Маро хост – Барзӯй берун шавад,
Ба вижа равонам пур аз хун шавад.
Агарчанд эрониён ҷанги ман,
Ба майдон надиданд оҳанги ман.
Зи пушти Сиёвахши номӣ манам,
Баланд осмон бар замин барзанам.
Маро назди ӯ рафт бояд ба ҷанг,
Ба пайкори ӯ ҳамчу шарза паланг.
**Рустам.** Ба яздони додору чархи баланд,
Ба ҷону сари шоҳу гурзи каманд.
Ба хоки Сиёваш ба Тӯронзамин,
Ба хуршеди рахшандаву дашти кин.
Ки бахшӣ ба ман ҷанги пури Пашанг,
Бибинӣ ба пирӣ маро рӯзи ҷанг.
**Хусрав.** Ки эй номвар марди фархунданом!
Ба мардӣ кас аз ҷанги гардун нараст,
Надонам беҳ аз гурди Хусравпараст.
Ба Тӯрон Сиёвахши рад кушта шуд,
Замона ба хуни вай оғӯшта шуд.
Ба дасти Дамуру Каруи Зиреҳ.
На бар сар-ш хӯду на бар тан зиреҳ.
Ту донӣ, ки ман чунам аз дарди ӯй,
Ниҳода зи кина ба рух – бар ду ҷӯй.
Надонад беҳ аз ту кас ин розро,
Бар ин роҳ набояд задан созро.

**Рустам.** Мефаҳмам садои дили шуморо олампаноҳо. Лекин...

**Афросиёб.** Ба давомаш гӯш бидеҳ!
Нахоҳам, ки печи дили ман зи тоб,
Зи кин ар бувад сад чу Афросиёб!
Маро ҳамчу ӯ мард бояд ҳазор,

Ба майдони кина гаҳи корзор.
Ба кини падар хуни ӯ бар замин,
Ба ҷуз ман нарезад касе рӯзи кин.
Маро уфтодааст бо ӯ набард,
Шуморо чаро гашт рухсора зард?
**Рустам.** Шоҳо! Таҳаммул пеша кун!
Ба ҷону сари шоҳу оини кеш,
К-аз эдар н аёрӣ ҳаме пой пеш.
Ҳамоно чу ёд оварӣ кори ман,
Натобӣ саратро зи гуфтори ман.
Ман истода бар дашту ту ҷангҷӯй,
Набошад маро назди додор рӯй.
Ба додори гетӣ, ки то зиндаам,
Ба фармону роят сарафканам.
**Барзу** *(назди шоҳ омада дар як даст ханҷар, дар дасти дигар мушти хок дорад).*
К-эй шаҳриёр!
Тӯи аз каёни ҷаҳон ёдгор.
Ба яздони додору чархи баланд,
Ба ҷону сари шоҳу теғи каманд.
Ки дастур бошад маро шаҳриёр,
Ки то як сухан з-ӯ кунам хостор.
Чу посух биёбам зи шоҳи ҷаҳон,
Сарафроз гардам миёни меҳон.
**Хусрав.** К-аз ин орзӯй,
Натобам, ба додори доранда, рӯй!
**Барзӯ.** К-эй номвар!
Ту донӣ, ки ман то бибастам камар.
Зи ҳангоми Афросиёби далер,
Ки аз ман ҳамеҷӯст пайкори шер.
Ба ҷуз гурзу шамшеру майдони кин,
Надидам дигар ҳеҷ з-Эронзамин.
Дигар банду зиндону торик гоҳ,
Ҳама нек донад ҷаҳондор шоҳ.
Ниёгони ман Рустаму Золи зар,
Басе ёфтанд аз каён тоҷи зар.
Чӣ дар рӯзи разму чӣ дар гоҳи ном,
Зи шоҳон басе ёфтастанд ком.

Ҳамон кун ту бо ман ба-д ин ҷой дод,
Ки бо Рустами номвар Кайкубод.
Ту шоҳи навоину ман чун раҳӣ,
Ту он кун, ки зебад зи шоҳон шаҳӣ.
**Хусрав.** Эй номвар паҳлавон,
Туро орзу чист андар ҷаҳон?
Бигӯ, то барорам ҳама коми ту,
Ба гардун барорам ҳама номи ту.
**Барзу.** К-эй шаҳриёри далер.
Агар шоҳ бо банда паймон кунад,
Ба паймон дили банда хандон кунад.
Бихоҳам зи шоҳи ҷаҳон орзӯй,
Ки донам, зи паймон натобӣ рӯй.
**Хусрав.** Гӯш дорам туро!
**Барзу.** К-эй шаҳриёр,
Ба ман бахш имрӯз ин корзор!
Диламро зи пайкору кин барматоб,
Бимон, то шавам назди Афросиёб!
В-агар кушта гардам ба-д ин дашти ҷанг,
Ба дасти ҷаҳондор пури Пашанг.
Маро дар замона ҳаме ном бас!
Нахоҳам ҷуз ин худ зи фарёдрас!

Хусрав сар хам карда ба фикр фурӯ меравад. Баъди фосилае.

**Хусрав** *(ба Рустам)*. К-эй паҳлавон!
Фиреб аз ту омӯхтаст ин ҷавон!
Зи тухми туву пури Сӯҳроби род,
Ки чун ӯ ба мардӣ зи модар назод.
Ба гуфтори ширин чунонам бибаст,
Ки паймони ӯро нашояд шикаст.
Маро ин замин гашт бар дил дуруст,
Ки ин номвар гурд аз тухми туст.
Гумонам чунин буд, ки ин номвар,
Зӣ дониш надорад ҳаме болу пар.
Ба чора зи пирони Виса беҳ аст,
Ба дониш зи донанда Дастон меҳ аст.
Нашояд зи паймон кунун боз гашт,

Ки паймон чунин буд бар паҳндашт.

Барзу бо аломати миннатдорӣ замин мебӯсад.

**Рустам низ** *(Ба Барзӯ).*
Миёнро бибанд аз паи корзор!
Ба ҷанги сипаҳдор ҳушёр бош!
Саратро зи душман нигаҳдор бош!
**Барзу.** Эй шаҳриёри далер!
Ба бахти ту акнун ба майдони кин,
Кунам дашт монанди дарёи Чин.
Ба пайкон бипӯшам рухи офтоб,
Кунам рӯз тира бар Афросиёб!
*(Ба Рустам).*
Дуоям деҳ, паҳлавони дунё!
**Рустам.** Худо, дар паноҳаш нигаҳбон бошад туро!
*(Барзуро ба оғӯш мегирад. Барзу заминро бӯсида чолокона меравад).*

**7.**

**Ровиён дар саҳна:**
Барзӯ бипӯшид ҷавшан ба кирдори бод,
Яке тарки чинӣ ба сар биниҳод.
Чу ошӯфта шере баромад ба асп,
Ҳаме тохт бар сони Озаргушасп.
Каманде ба фитроку гурзе ба даст,
Зи шодӣ набуд ба зин – бар нишаст.
Хӯрушону ҷӯшон чу дарёи об,
Биёмад ба наздики Афросиёб.

Майдони набард. Аз як сӯ Барзу, тарафи дигар Афросиёб ворид мешаванд.

**Барзу.** Ки эй турки баргаштабахт,
Ки гиряд ҳаме бар ту бар тоҷу тахт?
Ба найранги дастон ба ҷанг омадӣ,
Ба кирдор бар дуда нанг омадӣ!

**Афросиёб.** К-эй девзод!
Ки номи падарро надорӣ ба ёд!
Кунун разм ҷӯӣ ба овардгоҳ?
Туро шарм н-ояд зи шоҳу сипоҳ?
Куҷо рафт Хусрав, ки-номад ба ҷанг?
Битарсид, гӯй, зи чанги паланг?
Ҳамоно надорад ба дил дарду кин,
Варо аз чӣ хонанд шоҳи замин?
Маро нанг бошад зи пайкори ту,
Чӣ гӯям ба майдон зи кирдори ту.
Ту баргард, то Хусрав ояд ба разм,
Начӯянд шоҳон ҳама ҷои базм.
Чу Хусрав кунад чангро орзӯй,
Намонад ба гетӣ бадандеш ӯй.

**Барзу.** Найранг ба кор набар, эй бадандеш! Туро кор ба Хусрав набошад.

**Афросиёб.** Ман ӯро ба набард хонда будам. Бигузор ӯ ояд.

**Барзу.** Ба ҷои ӯ ман омадам!
Ба-д ин чора аз ман наёбӣ раҳо,
Агар гардӣ аз ҷодуи аждаҳо!

*(Инро гуфта Барзу гурзи гаронашро бардошта ба Афросиёб ҳуҷум мекунад).*

**Афросиёб** *(чун шери жаён ғуррида).*
... чун пил мастӣ кунӣ,
Набарди маро пешдастӣ кунӣ?
Набошӣ ба як захми ман пойдор,
Ба майдон чу ту мард хоҳам ҳазор.

*(Вай сари таркаши тирро баркушода ҷониби Барзу равон мекунад. Захми пайкон ба паҳлӯи Барзу мерасад. Вай захмин мешавад. Афросиёб гирд-гирди ӯ чарх мезанад. Ва худ ба худ мегӯяд).*

Набояд, ки бо ин гави номҷӯй,
Ба майдони кина дарорӣ ту рӯй.
Ба чора магар хаста гардад ба тир,
Ба ногоҳ гардад ба бандам асир.

**Барзу.** Хаёли хом мекунӣ, эй бадкуниш!

Ки чун ман набошад ба гетӣ далер,

Инро гуфта Афросиёбро тирборон мекунад. Боз афту дарафт. Набард дуру дароз тӯл мекашад. Тирашон ниҳоят тамом мешавад, вале каси мағлуб муайян намешавад. Ҳарду хаста шуда рӯи замин дароз мекашанд. Лаҳзае дам гирифта боз ба набард мехезанд.

**Ҳумон** *(ҳозир шуда ба Афросиёб).*
К-эй шаҳриёри далер,
Туро нанг н-ояд зи пайкори ӯй?
Ки ту шаҳриёриву ӯ ҷангҷӯй!
Набошад туро дар ҷаҳон ҳеҷ ком,
Ки ин бепадар мешавад зинданом.
В-агар ту шавӣ кушта бар дасти ӯй,
Ба моҳӣ гиронда шавад шасти ӯй.
Зи Тӯрон баборанд аз он пас димор,
Намонанд бар дашти кин як савор.
Бихандад бар ин рой Дастони Сом,
Зи Барзу ба майдон чӣ ҷӯй ту ном?
**Афросиёб**. Ки аз кин дорам ду дида пуроб,
Маро дарди ин бадтар аз Хусрав аст,
Ки дар пеши ман кинахоҳи нав аст.
*(Ба Барзу).*
К-эй бепадар!
Чӣ дорӣ ба майдон зи мардӣ дигар?

Бандро мепартояд, то Барзуро ба он печонад. Барзу гурзи гаронро гирифта ба сари Афросиёб ҳуҷум мекунад, гурз меафтад. Афросиёб бо банд болои сари ӯ меояд. Барзу чапғалат медиҳад. Боз афту дарафт. Қувваи Афросиёб кам мешавад. Инро дида Шида фиғон мебардорад.

**Шида** *(ба ҳамнабардонаш).*
Ҷанг оваред!
Ки ин бепадарро ба чанг оваред!
Мамонед, то назди Хусрав шавад,

Зи кин пеши лашкар ҳаме нав шавад.

**Рустам** *(ворид шуда ба ҷанговарони эронӣ муроҷиат мекунад).*

... андар диҳед!
Ба-д ин размгоҳ дархӯреду диҳед.
Набояд, ки бар дашт Барзуи шер,
Ба ногаҳ шавад кушта марди далер!
Ба пеш, ба набард!

Аз ду тараф ду гурӯҳ ба ҷанг медароянд. Чанд тан аз ҳар ду тараф кушта мешаванд. Бартарии лашкари Рустам эҳсос мешавад. Рустам чусту чолок шамшер мезанад, гурз меғурронад. Ғалабаро дарк намуда Рустам ба як гурӯҳ фармон медиҳад:

Акнун бираведа, бандиёни моро раҳо созед!
Аз он пас ба наздики Хусрав шавем,
Ҳама пок бо ҳадяи нав шавем.

Чанд тан паҳлавонҳои ӯ мераванд. Ҷанги тан ба тан идома меёбад. Баъди фосилае бандиён ба саҳна ворид мешаванд. Ҷанговарони Афросиёб рӯ ба гурез мениҳанд. Ҷанговарони Рустам нидои ғолибият баланд мекунанд.

**Рустам** *(Ба Бежан).* К-эй номвар!
Ба мардӣ надорад чу ту чарх ёд,
Туро ин зи Тӯрон дубора фитод.
**Бежан.** ... Ки эй паҳлавон,
Надорам ба тан – дар ту гӯй, равон.
Чӣ гӯям аз ин гунбади лоҷвард,
Ки аз ман, ту гуфтӣ, баровард гард.
**Рустам** *(ба Фаромарз).*
Ки эрониёнро чӣ омад ба рӯй?
Чаро ту аз он ҷой бартофтӣ?
Ба-д ин размгоҳ тез биштофтӣ?
**Фаромарз.** Эй сарфароз шер,
Ба ҷоянд гурдони шоҳи далер.
Сипаҳдор Гударзи Рустаму Гев,
Ҳама зинда орам бари шоҳи нев.
**Рустам.** Пас бирав ва биёвар ононро ба ин ҷо!

**Фаромарз.** Ба чашм!

Меравад. Афросиёб пайдо мешавад. Вай аз ғазаб меларзад. Базӯр дар по рост меистад.

**Афросиёб.** Ту барвақт табли шодиёна мезанӣ,
Ман ҳоло зиндаам!
**Рустам.** Пас биозмой!

Боз набард. Ба ёрии Афросиёб Ҳумон меояд. Вай аз як зарби Рустам нақши замин мешавад. Афросиёб танҳо мемонад. Ва фурсат ёфта рӯ ба гурез мениҳад.

**Фаромарз** (ворид шуда) аз паси **Афросиёби** гурезон нигоҳкунон бо ханда мегӯяд:

К-он турки пархошҷӯй,
Ба тӯрон сипоҳ андар овард рӯй.
Гурезон шуд аз бими марди далер,
Чу нахчир аз ҷанги дарранда шер!
**Хусрав** *(ворид шуда)*.
Ки душман гурезон ба гетӣ беҳ аст,
Агарчи ба ҳар ҳафт кишвар меҳ аст.
Ба Эрон биронем аз эдар кунун,
Ки бахти накӯ гаштамон раҳнамун.
Бисозем аз баҳри Барзӯй кор,
Чунон чун бувад дархӯри номдор.
**Рустам** *(замин бӯсида)*.
К-эй шахриёр!
Ба яздони додори парвардигор!
Ки аз орзу барнатобӣ сарам,
К-аз ин кор аз меҳру маҳ бигзарам.
Аз эдар ба айвони банда хиром,
Ба ҷони сипаҳдори фархунда Сом.
Бибошем як моҳ пирӯзу шод,
Ба дидори Кайхусрави покзод!

**Хусрав** *(даст ба ҳам зада)*. Базми тараб ороед! Бари ман руду ромишгар биёваред!

*(Садом мусиқӣ, хушнудӣ. Ба Барзу).*

Ба мардӣ набошад ба гетӣ-т ҷуфт,

*(Барзу бо арзи эҳтиром сар хам мекунад ва замин мебӯсад. Хусрав ба Рустам):*

Ки эй номвар гурди равшанравон,
Биё, то кунун сози Барзу кунем!
Ба Эрон варо паҳлави нав кунем!

**Рустам** *(пояи тахтро бӯсида).*

К-эй шоҳи фархундабахт,
Ҷаҳонҷӯй Барзу туро банда аст!
Ба фармону роят сарафканда аст!
Ба кини Сиёвахш баста миён,
Бикӯшад ба Тӯрон чу шери жаён,
Ту шоҳиву ӯ паҳлавони нав аст,
Чу ман бандаи шоҳ Кайхусрав аст!
Маро барфи пирӣ ба сар барнишаст,
Наёрам ба кина ҳаме сохт даст.
Маро сол аз чорсад баргузашт,
Басе бар сарам чархи гардун бигашт.
Кунун рӯзи Барзуст пайкору ҷанг,
Ба ҳар ҷойгаҳ – бар биёзид чанг.

**Хусрав** *(шод шуда даст ба ҳам мекӯбад).* Тоҷи зар ва заррин камар биёред!

Хидматгорон фармудаи шоҳро филфавр ба ҷо меоранд. Шоҳ тоҷи зар ва зарринкамарро ба Барзу пӯшонда эълон мекунад:

– Бишнавед нидои қалби маро, эй ҳаммеҳанон! Аз имрӯз Барзуро паҳлавони нави Эрон эълон менамоям!

Садои таҳсину офарин баланд мешавад. Хусрав ба Барзу мурочиат мекунад:

– Даҳ аспи гаронмоя ва зарринаттом, дусад тахта ҷома аз дебои Чин ва ин диравшеро, ки ба пайкори он уқоб асту ва аз нахуст они Афросиёб буд, даҳ ҳазор номдорони шамшерзан, номдорони ханҷаргузорро ба ту месупорам! Бигир! Майдон ҳам аз туву ҷавлон ҳам аз ту!

Боз садои аҳсанту офарин ба фалак мепечад. Хусрав боз ба Барзу мурочиат мекунад:

– К-он кишвар обод дор!
Кишоварз пайваста бо дод дор!
Ба-д он марзи хуррам ҳаме бош шод!
Набояд, ки печӣ саратро зи дод!

Барзу замин бӯса мекунад ва ба шоҳ офаринҳо мегӯяд.

**Барзу.** Барои ободии кишвар, барои осудагии мардуми меҳан то ҷон дар рамақ дорам, мекӯшам!

**Хусрав.** Аҳсант! Кунун ба Эрон меравем!

**Рустам.** Шоҳаншоҳо! Агар иҷоза бошад, банда охири умри хешро ин ҷо, дар Зобул бигзаронам.

**Хусрав.** Иҷоза ҳаст, паҳлавоно! Ман бо дили пур меравам, чаро ки Барзу – паҳлавони нави Эронзамин бо манаст, бо ҳаммеҳанони хеш аст!

**Рустам** *(Барзуро ба оғӯш гирифта)*. Худо туро нигаҳбон бошад!

Садои мусиқӣ. Хусрав, Барзу ва дигар ҷанговарони Эронзамин таҳти садои мусиқии мутантан аз саҳна дур мешаванд. Рустам дастафшон танҳо мемонад ва ба тамошобинон рӯй оварда мегӯяд:

Маро бардавом аст чун достон,
Надорам ба дунё дигар ормон!

**Поёни намоиш.**

***Октябр-ноябри соли 1993.***

МУНДАРИҶА

Ҳолномаи адиб 2

ҲИКОЯҲО
Ёди дил 3
Ҳайкали хотира 4
Сулгун 3
Сақичфурӯш 3
Номаҳои меҳр 3
«Дӯсти дерина» 3
Ғӯссамарг 3
«Дурусттар навис» 3
«Мӯранд ин ҳол ҷӯраҳо» 3
Овози «ягона» 3
Муаммо 3
«Сарату равғанат» 3
Даъвогари зӯр 3
Кори савоб 3
«Аз мурдаҳо натарсед» 3
«Очаат мурдааст» 3

ҚИССАҲО

Қунғузи сиёҳ 3
Фиғон 3
Масхарабоз 3

ДРАМАҲО

Барзуи шуғнонӣ 3
Барзу ва Рустам 3

АТО ҲАМДАМ

ФИҒОН
(Ҳикоя, қисса, драма).

Муҳаррири ороиш
А.Муҳаммадиев

Муҳаррири саҳифабандӣ
М.Саидова

Ба матбаа 21.05.2003 супурда шуд. Ба чопаш 08.07.2003 иҷозат дода шуд. Коғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60х841/16. Ҷузъи чопии шартӣ 16,0. ... Ҷузъи нашрию ҳисобӣ .... Адади нашр 500 нусха. Супориши ...

Нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 37.

Иттиҳодияи табъу нашри Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.